***Калидвожаҳо**: ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, сайри инфрасохтор, саноат, бахши хидматрасонӣ, тағйироти институтсионалӣ, рақобат.*

## PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP AS A BASIS FOR DEVELOPMENT OF MARKET INSTITUTIONS

**ABDUKODIROV KHAIRULLO ABDUSALOMOVICH,**
Doctor in Economics, Associate Professor,
Department of Economic Theory of the
Tajik State University of Law, Business and Politics,
Sogd region, Khujand; 17 microdistrict, apt. 1,
Phone: (+992) 92 974-00-93. E-mail: khon1974@mail.ru
**GADOEV DAVRONZHON RAMAZONOVICH,**
Candidate in Economics,
Associate Professor, Department of State Financial Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 927-96-96-77. E-mail: gadoev-8181@mail.ru

*The article analyses theoretical and practical approaches to the definition of public and private partnerships in the development of social and industrial infrastructure of the national economy. In particular, the author consider the experience of developed countries, which proves that there are appropriate rules and conditions for competitiveness in corporate governance and how it is possible to guarantee the operation of open joint stock companies on terms of responsibility.*

*It was revealed that the reform of property relations in one separate sector of the economy will not give successful results. It is necessary a coordinated comprehensive program of privatization and denationalization, as well as supporting not only private entrepreneurship, but also collective and mixed economies.*

*When analyzing the sphere of specific growth of industry of the Republic of Tajikistan, it is concluded that in recent years of the post-crisis stage it has significantly decreased and it is necessary to improve a number of regulatory legal acts in this direction.*

*It is proposed that the activation of the activity of private and state enterprises will be determined by the development of cooperation between the subjects of this process.*

***Key words:** public-private partnership, infrastructure, industry, service sector, institutional transformation, competitiveness.*

УДК: 368.024.1

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТӢ ДАР СОҲАИ СУҒУРТАИ ХАВФҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ШАМСУЛЛОЗОДА ШУКРУЛЛО,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mai.ru

*Дар мақолаи илмии мазкур шарҳ дода шудааст, ки маҳз эҳсоси хавфу хатар ва мавҷудияти робитаи байни хатару зарар соҳибкоронро маҷбур месозад аз эҳтимоли ҷараёни номатлуби вазъият, ки талафоти воқеи меорад, суғурта кунанд. Муаллифи мақола дар таҳқиқи худ меорад, ки объекти суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ арзишҳои молумулкӣ мебошанд, ки бо амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд ҳастанд. Суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ аз ҳар гуна хавфу зарарҳо, хароҷоти иловагӣ ва нагирифтани фоидаи нақшавӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ё бо сабаби вайрон намудани уҳдадориҳо дар шартномаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ вобастагӣ надорад. Хавфи соҳибкорӣ дар ҳолати пеш бурдани шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар якчанд мавридҳо ба вуқуъ мепайвандад. Дар шароити муосир, яке аз усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо ин таъмини иттилоотии бозори суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Ба хулосаи муҳаққиқ суғуртаи хавфҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ перспективаи инкишофи минбаъда дорад. Татбиқи технологияҳои навини суғуртавӣ дар системаи суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ имконияти амалигардонии ҳамаи чорабиниҳое, ки ба самаранокии фаъолияти бозори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, фароҳам меорад.*

***Калидвожаҳо:*** *хавф, зарар, таъмини иттилоотӣ, хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти суғуртавӣ, суғуртакунонӣ, подоши суғурта.*

Рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, ба вуҷуд омадани намудҳои гуногуни моликияти шахсӣ, пайдошавии намудҳои гуногуни ташкилӣ - ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, амалӣ намудани суғуртаи хавфҳои соҳибкориро талаб менамоянд.

Фаъолияти соҳибкорӣ ба овардани фоида равона карда шуда, бо ҳолатҳои пешгӯинашаванда, ки дараҷаашон аз вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад, алоқаманд мебошад. Мутобиқи моддаи 1019 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон он фаъолияте соҳибкорӣ номида мешавад, ки ба овардани фоидаи доимӣ аз истифодаи моликият, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз тарафи шахсе, ки ҳамчун соҳибкор бақайдгирӣ карда шудааст, равона карда шудааст. Тарзи муҳофизати суғуртавӣ аз хавфҳои гуногун дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ суғуртакунӣ мебошад.

Объекти суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ арзишҳои молумулкӣ мебошанд, ки бо амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд ҳастанд. Суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ аз ҳар гунна хавфу зарарҳо, хароҷоти иловагӣ ва нагирифтани фоидаи нақшавӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ё бо сабаби вайрон намудани уҳдадориҳо дар шартномаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ вобастагӣ надорад.

Ба объектҳои суғуртаи хавфҳои фаъолияти соҳибкорӣ инҳо мансубанд:

• моликияти корхона, ширкат, ташкилот, соҳибкори инфиродӣ, ки дар равандҳои таъсис ва фаъолияти сохтори соҳибкорӣ ташаккул ёфтааст;

• масъулияти шаҳрвандии соҳибкор ба бемаврид ё нопурра бозгардонидани қарзҳо (бо фоизҳо), заём ба насупоридани облигатсияҳои баровардашуда ё пардохт накардани

фоизҳои он, дивидендҳои қоғазҳои қимматноки имтиёзнок, ки ҳангоми ташкили сохтори соҳибкорӣ ба сифати сарчашмаи сармоя истифода намуда шудаанд, ва тибқи қонунгузорӣ ҷуброни зарар ба онҳо;

• масъулияти соҳибкор, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё моликияти ашхоси дигар дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолотӣ, ё дигар фаъолият ва инчунин садамаҳои руҳдода, партовҳои зараровар, воқеаҳои роҳу нақлиёт, дигар ҳодисаҳо, ва ҷуброни зарар ба онҳо;

• масъулияти шаҳрвандии соҳибкор барои иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ оиди пардохти молҳои ба ӯ таъминшуда, корҳои иҷрошуда, хизматрасониҳои расонидашуда ба истеъмолкунандагон (иҷрокунандагон, фурӯшандагон) ва зараре ки тибқи қонун бояд ҷуброн карда шавад;

• зарарҳои аз қатъи истеҳсолот (дигар намуди фаъолият);

• маблағҳои пулӣ дар саҳмҳои амонатии муҳлатдор ва дигар суратҳисобҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин дар фондҳои сармоягузорӣ ва институтҳои молиявӣ;

• лоиҳаҳои сармоявӣ ва инноватсионӣ ва/ё натиҷаҳои ниҳоии онҳо;

• пастшавии ҳаҷми фурӯш дар натиҷаи камшавии ҳаҷми истеҳсолот, тағйирёбии талабот ба молҳои муайян (корҳо, хизматрасониҳо) ва қобилияти пардохткунии истифодабарандагон, афзоиши рақобат, тағйирёбии сатҳи воқеии нархҳои объектҳои фурӯш;

• хароҷоти иловагӣ ва зарарҳо аз фаъолияти шахсӣ, аз қабили зарарҳо аз амалиёти ғайриамалӣ (аз ҷумла аз тағйирёбии фарқияти қурб дар суратҳисобҳои асъорӣ ва амалиёт бо асъори хориҷӣ, иҷрои уҳдадориҳо оиди кафолатҳо ва амонатҳои ба ашхоси дигар додашуда);

• ҳуқуқҳои молумулкӣ (ҳуқуқ ба моликият, хоҷагидорӣ, идоракунии оперативӣ, ҳуқуқ ба иҷора ва ғ.) ва ҳуқуқҳои ғайриамволӣ (ҳуқуқи муаллиф ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ва ҳуқуқ ба тамғаи молӣ ва хизматрасонӣ).

• номгӯи зарарҳое, ки ҳангоми фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртакунӣ ҷуброн карда мешавад, бо аҳдномаи ҷонибҳо муайян гардида, дар шартномаи суғурта қайд мегардад. Ташкилоти суғуртавӣ зарарҳои зеринро ҷуброн метавонад намояд:

• зарари воқеии бевоситаи суғурташаванда ҳангоми талафот ё зиён дидани моликият;

• хароҷотеро, ки суғурташаванда дар ҳолати риоя накардани ҳуқуқҳояш барои барқарорсозии он кардааст ё хоҳад кард, яъне хароҷоте, ки бо барҳам додани зарар, фоидаи бадастнаомада, ки суғурташаванда, агар ҳуқуқи ӯ риоя гардида бошад, метавонист дар шароити муқаррарии гардиши шаҳрвандӣ ба даст орад (фоидаи аздастрафта), алоқаманд мебошанд;

• фоидаҳои бадастнаомадаеро, ки суғурташаванда метавонист дар ҳолати тағйирнопазирии шароити фаъолияти соҳибкорӣ (фоидаи аздастрафта) ба даст орад;

• хароҷоти оқилонаеро, ки суғурташаванда барои пешакӣ муайян кардани ҳолатҳои иҷро нагардидани уҳдадориҳои шартномавӣ (иҷрои номатлуб) аз ҷониби аҳли шартнома ва дараҷаи айбдории ӯ, кардааст;

• хароҷоти оқилонаеро, ки суғурташаванда бо мақсади пасткунии зарарҳои дар натиҷаи амалишавии ҳодисаи суғуртавӣ бавуҷудомада, кардааст;

• тамоми ҳаҷми маблағи хароҷоти судии суғурташаванда.




•

**Расми 1. Сармояи оинномавӣ**

Хавфи соҳибкорӣ ҳамчун хавфе, ки дар ҳолати амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми истеҳсоли молҳо, фурӯши онҳо, амалиёти молию пулӣ, амалиёти молиявӣ, фаъолияти тиҷоратӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмӣ - техникӣ ба вуқӯъ меояд, фаҳмида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки на ҳама хавфҳое, ки ба фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии ширкат хосанд, суғурта карда мешаванд. Меъёрҳои арзёбии хавф барои имконияти суғуртакунӣ аз моҳияти суғурта бармеоянд. Ҳодисае, ки ба сифати хавфи соҳибкорӣ дида мешавад, бояд дорои аломатҳои эҳтимолият ва тасодуфнокии фарорасии он бошад, инчунин бояд имконияти ченкунии андозаҳои миқдории зарари эҳтимолиро вуҷуд дошта бошад.

Аз рӯи меъёрҳои зерин хавф ба чунин гуруҳҳои фаъолияти суғуртавӣ шомил мегардад:

• хавф бояд эҳтимолӣ бошад ва хусусияти тасодуфнокӣ дошта бошад;

• далели фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ дар вақт ва фазо маълум нест;

• тасодуфнокии пайдошавии хавфи воқеӣ бо маҷмӯи якхелаи хавфҳои ҳаммонанд робита дошта бошад;

• оқибатҳои хавфҳо бояд ба таври объективӣ ченшаванда буда, ифодаи молиявӣ (пулӣ) дошта бошанд;

• фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ, ки дар воқеӣ будани хавф инъикос шудааст, набояд бо амалҳои суғурташаванда ё дигар шахси манфиатдор робита дошта бошад;

• хавф бояд холис бошад, яъне барои расонидани зарар тамоили имконпазир дошта бошад;

• хавф бештар бояд субъективӣ (амиқ) бошад, яъне ҳам нисбати сарчашмаи худ ва ҳам нисбати оқибатҳо, хусусияти шахсӣ дошта бошад;

• ҳодисаи суғуртавӣ набояд андозаи офати ҳалокатоварро доро бошад;

• муҳофизати суғуртавӣ аз хавфҳо бояд ба манфиати ҷомеа бошад.

Имконияти суғуртаи хавфи соҳибкорӣ инчунин бо қобили қабул будани арзиши хизматрасониҳои суғурта алоқаманд бошад, ки сатҳи хароҷоти ташкили муҳофизати суғуртавиро муайян намояд.

Дар асоси мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ тибқи моддаи 1019 КГ ҶТ ба қатори хавфҳои тиҷоратӣ дохил намудани хавфҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Хафҳои иҷро накардан (иҷрои номатлуб) - и уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби аҳли шартномаи суғурташаванда;

2. Хавфи қатъ шудани фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ бо сабаби вайрон шудани таҷҳизот, инчунин дар натиҷаи хатогиҳои кормандон ё амалҳои зиддиқонунии ашхоси сеюм;

3. Хавфҳои пастшавии ҳаҷми фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар натиҷаи баландашавии пешгӯинашавандаи рақобат, пастшавии қобилияти пардохткунии талаботи истифодабарандагон;

4. Хавфҳои талафоти маблағҳи пулие, ки дар ташкилоти молиявӣ - қарзӣ вуҷуд доранд;

5. Хавфҳои талафоти қисмӣ ё пурраи сармояҳо ва даромадҳои портфелӣ бо сабабҳои зерин: офатҳои табиӣ, ки ба объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, хатогиҳои бизнес - лоиҳа, ки объекти сармоягузорӣ мебошад, ва амалҳои зиддиқонунии ашхоси сеюм ва бад шудани ҳолати молиявӣ - иқтисодӣ;

6. Хавфҳои инноватсионӣ - хавфҳо аз татбиқи тамоми раванди тадқиқот, корҳои таҳияи лоиҳавӣ - конструкторӣ;

7. Хавфҳои зиёдшавии хароҷоти истеҳсолот ва татбиқи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар натиҷаи инкишофи бекурбшавии нархҳо, пайдошавии хароҷоти пушгӯинашаванда дар натиҷаи офатҳои табиӣ, хароҷоти судӣ ва ғ.;

8. Хавфи зарарҳо бо сабаби аз эътибор соқит шудани ҳуқуқҳои соҳибкор ба моликият ва ҳуқуқҳои ғайриамволии ӯ ба моликияти зеҳнӣ, тамғаи молӣ ва ғ.;

9. Хавфи аз ҷониби соҳибкорон қарздор гардидан, ва беэътинои дар иҷрои уҳдадориҳояш дар назди қарздиҳанда табқи шартномаи қарзӣ дар натиҷаи бадшавии қобилияти пардохткунӣ ё муфлисии зомин ва кафил;

10. Хавфи зарарҳои соҳибкор бо сабаби аз ҷониби кормандон риоя нагардидани иҷроиши қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ;

11. Хавфи муфлисшавии соҳибкор.

Тибқи шартномаи суғуртаи молумулкӣ хавфи зарарҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ бо сабаби уҳдадориҳояшонро вайрон кардани аҳли шартномаи соҳибкор ё тағйирёбии шароити ин фаъолият бо сабабҳои ҳолатҳои ба соҳибкор вабастанабуда, аз ҷумла хавфи нагирифтани фоидаи нақшавӣ - хавфи соҳибкор (моддаи 1015 КГ ҶТ) метавонад суғурта намуда шавад.

Хавфҳое, ки аз онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ суғураткунӣ амалӣ намуда мешавад, аз рӯи аломатҳои зерин ба синфҳо ҷудо намуда мешаванд:

1. Вобаста аз хусусияти оқибатҳо - холис ва ҷаллобӣ. Мафҳуми хавфҳои холис эҳтимолияти зарар ё фоидаовар набудани вазъро мефаҳмонад. Хусусияти хавфҳои холис дар он аст, ки онҳо қариб ҳамеша барои соҳибкор ва баъзан барои тамоми ҷомеа зарар мерасонанд;

2. Мутобиқи соҳаи пайдошавӣ - беруна ва дохилӣ. Ба хавфҳои беруна хавфҳое дохил мешаванд, ки бевосита бо фаъолияти соҳибкор алоқаманд нестанд. Масалан, тағйирот дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи сиёсии кишвар ва ғ. Онҳо ба фаъолияти бевоситаи соҳибкор алоқаманд ҳастанд, ва аз сатҳи касбӣ, дараҷаи муҷаҳҳаз гардидани корхона бо таҷҳизоти муосир вобаста мебошанд;

3. Аз рӯи давомнокии вақт - кӯтоҳмуддат ва доимӣ. Хавфҳои кӯтоҳмуддат метавонанд дар муддати кӯтоҳ ба вуқуъ оянд. Масалан, ҳангоми интиқоли мол, ҳангоми нигоҳ доштани мол ва ғ. Он хафҳоеро доимӣ меноманд, ки пайваста бо баъзе

ҳолатҳо дар робита мебошанд (масалан, бо мавқеи ҷуғрофии корхона ё хусусиятҳои бахши амиқи иқтисодиёт);

4. Вобаста аз хусусияти пайдошавӣ дар раванди фаъолияти худ соҳибкор метавонад бо хавфҳои зерин рӯ ба рӯ гардад, аз он ҷумла: сиёсӣ, техникӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва ғ.;

Хавфи соҳибкориро метавон ҳамчун ҳодисаи тасодуфӣ муайян намуд, ки дар натиҷаи он соҳибкор зарар мебинад, хароҷоти иловагӣ менамояд, даромади бадастомадааш, ки дар вазъияти номуайянӣ ба вуҷуд меоянд, хусусияти субъективӣ ва объективӣ доранд (садамаҳо, офатҳои табиӣ, амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шартномаҳо ва ғ.).

Дар асоси моддаи 1016 КГ ҶТ, тибқи шартномаи суғуртаи хавфи соҳибкорӣ танҳо хавфи худи суғурташаванда ва танҳо ба манфиати ӯ метавонад, суғурта карда шавад.




**Расми 2. Таносуби пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти (ҳаққи) суғуртавӣ**

Масъулияти ташкилоти суғуртавӣ аз намуди фаъолияти соҳибкорӣ вобастагӣ дорад. Дар асоси самти фаъолияти соҳибкорӣ ва объекти сармоягузорӣ, намудҳои зерини фаъолияти соҳибкориро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Соҳибкории саноатӣ – яъне, фаъолият оиди истеҳсоли маҳсулот, татбиқи корҳо ва иҷрои хизматрасониҳо барои фурӯши минбаъдаи онҳо ба истеъмолкунандагон мебошад. Ин намуди соҳибкорӣ дар бахши истеҳсолоти моддӣ амалӣ карда мешавад, бинобар ин, он вобаста ба соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ ба саноатӣ, сохтмонӣ, кишоварзӣ ва ғайра ҷудо карда мешавад.

2. Соҳибкории тиҷоратӣ - дар ин ҳолат, соҳибкор ҳамчун як тоҷири алоҳида амал менамояд, истеъмолкунандаи охиринро бо маҳсулоти тайёр таъмин намуда, ба сифати миёнарав байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда баромад мекунад.

3. Соҳибкории молиявӣ ва қарзӣ - хусусиятҳои хоси ин фаъолият аз он иборат аст, ки предмети хариду фурӯш пул, коғазҳои қиматнок, асъор ва ғайра мебошанд. Барои амалигардонии ин фаъолият бояд системаи махсуси ташкилотҳо таъсис дода шавад, аз он ҷумла: бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, гурӯҳҳои молиявӣ - қарзӣ, биржаҳои асъор ва ғ. Фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ - қарзӣ ҳам аз ҷониби қонунгузориҳои давлатӣ, ва ҳам аз ҷониби қонунҳои махсуси Бонки миллии

Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

4. Фаъолияти соҳибкории миёнаравӣ. Дар раванди ташкили он, худи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ бевосита молро истеҳсол намекунанд, ё намефурӯшанд, балки ҳамчун миёнарав байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон баромад менамоянд. Миёнаравҳо метавонанд тиҷоратро мустақилона пеш баранд, ва дар бозор аз номи истеҳсолкунандагон ё истеъмолкунандагон фаъолият кунанд. Брокерҳо, дилерҳо, дистрибюторҳо, биржаҳо ба сифати ташкилотҳои тиҷоратии миёнарав фаъолият менамоянд.

Вобаста аз муҳити тиҷорат, метавон хусусиятҳои падидаи хавф муайян намуда шаванд. Бояд қайд намуд, ки намудҳои муайяни хавфҳо мавҷуданд, ки дар тамоми намудҳои соҳибкорӣ бе истисно ба вуқуъ оянд, масалан хавфи гум кардани қобилияти пардохткунӣ, нуқсонҳо дар шартномаҳои суғуртавӣ, хавфи муфлисӣ, хавфи таваррум, хавфҳои марбут ба форс – мажор ва ғ. Дар баробари хавфҳои умумӣ, намудҳои хоси хавфҳое вуҷуд доранд, ки барои намудҳои муайяни фаъолият хос мебошанд: хавфи истеҳсолотӣ, хавфи экологӣ, хавфи асъорӣ ва ғ.

Шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ имконият намедиҳанд, ки ҳамаи намудҳои хавфҳои соҳибкорӣ муайян ва тавсиф карда шаванд. Бинобар ин, айни замон номгӯи пурраи онҳо маҷуд нест. Лекин, муайянкунии хавфҳои калидии тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ муқаррар карда шуда, барои коҳиши дараҷаи таъсири ин хавфҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ механизми суғурта истифода шавад.

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамеша бо проблемаҳои дохили ширкат, ва ҳам бо бастани шартномаҳои гуногун алоқамандӣ дорад.

Дар раванди фаъолияти муштараки субъектҳои бозори суғуртавӣ дар маҷмӯъ ва аҳдномаи суғуртавӣ, ба таври ҷудогона, сабабҳои системавӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба дараҷаи хавфи иштирокчиёни муносибатҳои суғуртавӣ ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Ин зарурати ҷустуҷӯи тарзҳо ва усулҳои иловагии кам намудани онҳоро талаб менамояд.

Дар шароити муосир, яке аз усулҳои аҳамиятноки танзим ва идоракунии хавфҳо таъмини иттилоотии фаъолияти суғуртавӣ мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

- ҷамъоварӣ, интиқол ва маълумотҳои вурудӣ;
- табдилдиҳии додашудаҳо ба иттилоот (формалӣ, мантиқӣ ва таҳияи пурмазмун);
- пешниҳоди иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоид;
- интиқоли қарорҳои идоракунӣ ба иҷрокунандагон.

Ҳамин тариқ, таъмини иттилоотии кори суғуртавӣ тариқи сохтани зерсистемаи иттилоотӣ, ки сохти худро дорад (расми 1), амалӣ намуда мешавад.




***Расми 1. Сохти зерсистемаи иттилоотӣ [9]***

Тавре ки аз диаграммаи пешниҳодшуда дида мешавад, унсури марказии таъмини иттилоотии фаъолияти ширкат ташкили пойгоҳи иттилоотӣ ё пойгоҳҳои додашудаҳо мебошад, ки иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин менамоянд:

• таҳлили роҳҳои фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ;

• пасткунии хавфҳо тавассути таъмини саривақтии ошкоркунии ҳолатҳои вайронкунии шароити шартномаи суғуртавӣ;

• таъсиси иттилоот барои тартиби омори ва таҳлили дохилӣ;

• асоснокии зарурати таҳияи маҳсулоти суғуртавӣ барои фарогирии самтҳои нав.

Аз нигоҳи муосир, пойгоҳҳои иттилоотӣ маҷмӯи маълумотҳои муташаккили таркибӣ мебошанд. Ба истифодаи дастовардҳои мубрам дар соҳаи воситаҳои иттилоотӣ ва электронӣ - техникӣ барои ташкили самаранок ва мавриди истифода қарор додани пойгоҳҳои додашудаҳо тавассути муттаҳидкунӣ дар шабакаи маҳаллӣ зарур аст.

Таъсиси пойгоҳҳои иттилоотӣ бо мақсади пешниҳоди маълумот барои омӯзиши ибтидоии далелҳо, инчунин барои корҳои минбаъда оиди ташкили пойгоҳҳои оморӣ, ки барои ҳисобҳои математикӣ дар суғурта асос мебошанд, амалӣ намуда мешавад. Ин раванд дар якчанд марҳила амалӣ намуда мешавад (расми 2).




***Расми 2. Марҳилаҳои сохтани пойгоҳҳои иттилоотӣ [4]***

•Тарроҳии консептуалӣ аз ҷамъоварӣ, таҳлил ва таҳрири иттилоот тавассути амалигардонии чорабиниҳои зерин иборат мебошад:

• муоина ва омӯзиши сохтори иттилоотии системаи суғуртаи гаравӣ;

• ошкоркунии порчаҳои дохилӣ, ки фаҳмиши истифодабари ва робитаи мутақобилаи худро доранд;

• моделсозӣ ва интегратсияи додашудаҳои бадастоварда.

•Тарроҳии мантиқӣ - ташаккули талабот ба ошкоркунии меъёрҳои табдили иттилоотӣ ва марҳилаи навбатӣ.

•Тарроҳии физикӣ - марҳилае мебошад, ки дар он хусусиятҳои нигоҳдорӣ ва пешниҳоди маълумот муайян карда мешаванд. Дар сатҳи модели физикӣ, модели электронии иттилоот иборат аз файл ё маҷмӯи онҳо дар формати TXT , CSV , MS Excel , MS Access , DBF , XML ё дар формати махсусгаронидашудаи системаи идоракунии пойгоҳи додашудаҳо амиқ мебошад.

Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот аз ҳама қисми меҳнатталаби ташкили пойгоҳҳои иттилоотӣ мебошад. Дар доираи намудҳои гуногуни суғурта, истифодаи сарчашмаҳои гуногуни ба даст овардани маълумот, ҳам дохилӣ (шартномаҳои басташуда, омор ва таҳлил мавҷудаи дохилӣ, натиҷаҳои раъйпурсӣ ва ғ.) ва ҳам берунӣ (таҳлили бозор, санадҳои меъёрӣ, ҳисоботи ширкатҳои тадқиқотӣ ва ғ.) мувофиқи мақсад аст. Пас аз он маълумоте, ки аз манбаъҳои гуногун ворид мешаванд, бо мақсади ташаккули муҳити иттилоотии ширкати суғуртавӣ таҳия ва таҳлил намуда мешавад.

Муҳити оддии иттилоотӣ барои ширкати суғурта аз маҷмӯи системаҳое иборат аст, ки аз рӯи бизнес - функсияҳо ташкил карда шудаанд. Имрӯз онҳоро аксар вақт системаҳои "кӯҳна ё анъанавӣ" ( legacy ) меноманд , зеро онҳо то андозае аз гузашта ба мерос мондаанд (ҷадвали. 1) [5].

***Муҳити иттилоотии ширкати суғуртавӣ***

***Ҷадвали 1.***

| Системаи амудӣ | Истифодакунӣ |
|---|---|
| Системаи идоракунии ҳамкорӣ бо мизоҷон | Нигоҳдории иттилоот оиди мизоҷон ва ҳамкорӣ бо онҳо. Менеҷер (роҳбар) барои банақшагирии кори агент истифода менамояд |

| | |
|---|---|
| Системаҳои тасвирӣ | Барои ба мизоҷ додани тасвир ва шарҳи муносиб аз ҷониби агент истифода намуда мешавад |
| Системаи имзо ва баҳоҳо | Барои ворид намудани шартнома, арзёбии мукофот ва полиси суғуртавӣ истифода намуда мешавад |
| Системаи идоракунӣ | Барои идоракунии шартномаҳои амалкунанда истифода намуда мешавад |
| Системаи идоракунии аннуитет | Барои идоракунии шартномаҳо ба аннуитет истифода намуда мешавад. Метавонад аз ду ҷузъ иборад бошад: барои идораи шартномаҳо ва портфели активҳо |
| Системаи идоракунии даъвоҳо ва пардохтҳо | Барои идоракунии давъоҳо оиди шартномаҳо истифода намуда мешавад |
| Системаи бақайдгирии мукофотҳои агентӣ | Барои ба агентҳо ва брокерҳо пардохта намудани мукофот истифода намуда мешавад. Бо системаи мизоҷ ва бақйдгирии шартномаҳо алоқамандӣ надорад (полисҳо ва аннуитетҳо) |

Ҳангоми таҳияи пойгоҳҳои иттилоотӣ бояд чунин далелро ба назар гирифт, ки ширкати суғуртавӣ бо шумораи зиёди мизоҷон кор мекунад, ва ин хизмати фаврӣ ва инфиродиро бо гирифтани маълумот оиди маҳсулоти суғуртавии ширкат, шароити бастани шартномаҳо, кор оиди ҳолатҳои суғуртавӣ талаб менамояд. Бинобар ин, ба IT - бозорҳо, бисёртар стратегияи сохтани системаҳои суғуртавӣ ба мизоҷ нигаронидашуда паҳн мегарданд, ки CRM номида мешаванд (Customer Relationship Management - Идоракунии Муносибатҳои Мизоҷон). Мубрам будани ин модел пеш аз ҳама бо имконияти ба даст овардан чунин ҳадафҳои стратегӣ ба монанди нигоҳ доштан ва васеъшавии микдори мизоҷон, афзоиши фоида аз ҳисоби пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии ояндадор, ки дар ҳадди аксар ниёзҳои мизоҷонро қонеъ мегардонанд, алоқаманд мебошад. Модели CRM ба иҷрои омилҳои зерин асос ёфтааст [6]:

- стандартизатсияи ҳамкорӣ бо мизоҷон;
- назоратшавандагӣ ва андоза кардашавандании чунин равандҳо;
- ухдабароии бизнес - равандҳо нисбат ба шароити тағйирёбанда;
- муносибгардонии кори таҳлилӣ бо пойгоҳи мизоҷон.

Истифодаи системаҳои CRM махсусан барои ширкатҳои суғуртавӣ бо номгӯи васеи маҳсулот ва пойгоҳи мизоҷон самаранок мебошад. Бо назардошти арзиши баланди ҷорикунии технологияҳои навини иттилоотӣ, дар марҳилаи пешакӣ омодагии тамоми сохтори ташкилоти суғуртакуниро таъмин намудан зарур мебошад. Бо ин мақсад, кори таҳлилӣ, омӯзиши кормандон, азнавтақсимкунӣ ва иҷрои возеҳи вазифаҳои худ аз ҷониби кормандон, анҷом дода мешаванд.

Бояд кайд намуд, ки дар айни замон, бисёр ширкатҳои суғуртавӣ роҳҳои муносибкунии ҳароҷотӣ ба технологияҳои иттитилотиро ҷустуҷӯ менамоянд, яке аз онҳо ҳариди анбори тайёри иттилоот мебошад, ки системаи интегратсия ва мутамарказгардонии нигоҳдории додашудаҳои ба предмет нигаронидашударо аз системаҳои таҳияи транзаксияҳо таъмин менамоянд (ниг. ҷадвали 2). Дар анбор иттилооте, нигоҳдорӣ мешавад, ки дар марҳилаҳои қаблии фаъолият ба даст оварда шудааст, ва онро метавон гирифт ва барои анҷом додани таҳлил ва қабули қарор истифода намуд. Дар шароити муосир бисёре аз ташкилотҳои суғуртавӣ чунин нигаҳдории иттилоотро муносиб мешуморанд.

***Афзалиятҳои анбори тайёр*** [7]

***Ҷадвали 2.***

| Афзалият | Шарҳ |
|---|---|
| Вақти таҳия | Вақти таҳия хеле кӯтоҳ мегардад, зеро ки бисёр ҷузъҳо аллакай насб намуда шудаанд ва ба истифодакунӣ тайёр мебошанд. |
| Ихтисори хавф | Бисёр лоиҳаҳои иттилоотӣ бебарор мешаванд, зеро ки таҳиягарон таҷрибаи кофӣ надоранд. Хавфе, ки бо таҳия ва татбиқи анбор алоқаманд аст, ҳангоми истифодаи замимаи тайёр, ба таври назаррас коҳиш меёбад, ки аллакай дар ҳолатҳои гуногун санҷида шудааст. |
| Боваринокии модели додашудаҳо | Модели додашудаҳо қисми муҳими муҳити анбор мебошад. Моделе, ки нишондиҳандаҳои муайян надоранд, ба саволҳои асосӣ ҷавоб дода наметавонад, модели якчанд маротиба татбиқгардида бошад боэътимод мебошад, ва аз ин рӯ, эҳтимоли дар он доираи васеъи замимаҳо кор карданашон зиёд мебошад |
| Самаранокии сармоягузорӣ | Сармоягузорӣ бо ду сабаб тезтар натиҷа медиҳад: якум, бинобар кам шудани ҳаҷми сармоягузорӣ, дар муқоиса бо лоиҳае, ки аз сифр шурӯъ мешавад; дуюм, давраи рушд кӯтоҳ мегардад, яъне истифодабаранда, ҳамаи бартариҳои ҳалли худро хеле барвақт хоҳад гирифт. |

Ҳангоми ташкили пойгоҳи иттилоотӣ дар системаи суғурта иҷрои шароити зерин талаб намуда мешавад:

• дастрасии иттилоот, яъне барои сохтани пойгоҳи маълумотҳои вурудӣ бояд манбаъҳои иттилоотӣ истифода бурда шаванд, ки ба шароити асоснокии хароҷот оиди ҷамъоварии онҳо ҷавобгӯ бошанд;

• интегратсияи додашудаҳо қобилияти якҷоя кардани намунаҳои гуногунро ба тасвири ягонаи иттилоотӣ дар назар дорад;

• осонии тафсири додашудаҳо, ки истифодаи муносиби онҳоро мефаҳмонад масалан (тасвир, навигатсия, ҷустуҷӯ);

• фаъолнокии маълумотҳои вурудӣ, ва иттилоотҳои мавҷуда.

• истифодаи муштараки иттилоот паҳншавии он байни истифодабарандагон дар дохили тамоми ширкат, аз ҷумла дар шуъбаҳо.

Азбаски муҳити ҳозираи иттилоотӣ бо сатҳи баланди шикаст ва дуздии маълумотҳои вурудӣ тавсиф карда мешавад, ҳангоми сохтани пойгоҳи иттилоотӣ ба самаранокии системаи бехатарӣ бо мақсади зиддият ба ин таҳдидҳо, бояд диққати махсус дода шавад. Муҳофизати пойгоҳи маълумотҳои вурудӣ маънои ҳифзи шабакаи маҳаллӣ аз ҳамлаҳои берунаи хакерҳо, мубориза бо вирусҳо, ихроҷи иттилоот аз ҷониби кормандон ва дигар намудҳои дастрасии беиҷозатро дорад [8].

Зарар аз таҳдидҳои шикаст иборат аст, аз ифодаи моддӣ ва ҳам ифодаи ғайримоддӣ. Зарари моддӣ дар асоси хароҷоти ташкилоти суғуртавӣ ба барқарорсозии иттилоот, тақвияти ҳифзи он, инчунин бо андозаи таҳримҳои ҷаримавӣ барои қонуншиканӣ, муайян намуда мешавад. Зарари ғайримоддиро муайян кардан хеле душвор мебошад, зеро ки он аз пайдошавии обрӯи манфии ширкати суғуртавӣ дар бозор иборат аст.

Ҳамин тариқ, бехатарии системаи иттилоотӣ на танҳо ба манфиати ташкилоти суғуртавӣ балки ба суғурташавандагон низ дахл дорад, зерро ҳангоми бастани шартномаи суғуртавӣ маълумоти шахсиро пешниход мекунанд.

Барои муҳофизати пойгоҳҳои иттилоотии ташкилотҳои суғуртакунӣ усули ягонаи ҳалли комплекӣ вуҷуд надорад, лекин, дар шакли умумӣ ин раванд дар се марҳила иҷро мегардад (расми 3).




***Расми 3. Раванди ташаккули системаи бехатарии иттилоотии пойгоҳҳои додашудаҳои ширкати суғуртавӣ***

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули пойгоҳҳои самароноки додашудаҳо хароҷоти зиёди моддӣ, меҳнатӣ ва вақтро талаб менамояд, лекин чунин иқдом барои муносибкунии фаъолияти ташкилоти суғуртакунӣ аз рӯи самтҳои алоҳида, инчунин кам кардани хароҷот аз рӯи далелҳои қаллобии суғуртавӣ, зарур аст.

Суғуртаи хавфҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ перспективаи инкишофи минбаъда дорад. Татбиқи технологияҳои навини суғуртавӣ дар системаи суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ имконияти амалигардонии ҳамаи чорабиниҳое, ки ба самаранокии фаъолияти бозори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, фароҳам меорад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”.// - Душанбе, 23 июли соли 2016, №1349.
2. Қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1019) // - Душанбе, 2011. - С. 586.
3. Шаропов Н. Страховой рынок Республики Таджикистан: Состояние и перспективы развития // Монография: Душанбе, 2017. - 249 с.
4. Дейт К. Дж. Введение в систему базы данных // 8 изд. М.: Вильямс, 2006.
5. Страхование: проблема доступа к информации // Подготовлено по материалам зарубежных сайтов. Перевод: Intersoft Lab // Источник: www.citforum.ru

6. Косарев А. В. Новые информационные технологии в страховании // ОСАО «Ингосстрах», Косарев В.П. ФГОУ ВПО «Финансовая академия при Правительстве Российской Федерации».
7. Страхование: проблема доступа к информации / Подготовлено: по материалам зарубежных сайтов. Перевод: Intersoft Lab // Источник: www.citforum.ru
8. Сабанов А. Безопасность базы данных // «Connect! Мир Связи», № 4. 2006. (www.connect.ru).
9. Милых Ф. Г. Методы и средства создания информационной базы для решения задач стратегического планирования // Региональная экономика: теория и практика. 2007. № 14.

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В СФЕРЕ СТРАХОВАНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКИХ РИСКОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ШАМСУЛЛОЗОДА ШУКРУЛЛО,**
кандидат экономических наук,
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992) 934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mail.ru

*В этой статье объясняется, что именно чувство риска и наличие связи между риском и убытком заставляет предпринимателей страховаться от возможности возникновения неблагоприятной ситуации, которая может привести к реальным убыткам. Автор в своем исследовании констатирует, что объектом страхования предпринимательских рисков являются имущественные ценности, связанные с осуществлением предпринимательской деятельности. Страхование бизнес-рисков не зависит от каких-либо рисков и убытков, дополнительных затрат и неполучения запланированных выгод от хозяйственной деятельности или из-за нарушения обязательств в хозяйственной деятельности. Предпринимательский риск возникает при различных формах предпринимательской деятельности в нескольких случаях. В современных условиях одним из методов регулирования и управления рисками является информационное обеспечение страхового рынка. По мнению исследователя, страхование рисков в сфере бизнеса имеет перспективы дальнейшего развития. Внедрение новых страховых технологий в систему страхования бизнес-рисков дает возможность реализовать все меры, направленные на повышение эффективности страхового рынка Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *риск, ущерб, информационная поддержка, бизнес-риски, страховая деятельность, страхование, страховая премия.*

## SOME ASPECTS OF INFORMATION SUPPORT IN THE FIELD OF INSURANCE OF ENTREPRENEURIAL RISKS IN TAJIKISTAN

**SHAMSULLOZODA SHUKRULLO,**
Candidate in Economics,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 934-52-66-66. E-mail: shamsullozoda81@mail.ru

*This scientific article explains that it is the sense of risk and the existence of a link between*

*risk and harm that forces entrepreneurs to insure against the possibility of an unfavorable situation, which can lead to real losses. The author of the article in his research states that the object of business risk insurance are property values that are associated with the implementation of business activities. Insurance of business risks does not depend on any risks and losses, additional costs and non-receipt of the planned profit from business activity or due to breach of contractual obligations in business activities. Entrepreneurial risk occurs in the case of various forms of business activity in several cases. In modern conditions, one of the ways to regulate and manage risks is information support of the insurance market. According to the researcher's conclusion, risk insurance in the field of business has prospects for further development. Implementation of new insurance technologies in the system of business risk insurance provides an opportunity to implement all measures aimed at improving the efficiency of the insurance market in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *risk, damage, information support, business risks, insurance activity, insurance, insurance rewards.*

УДК: 657.1

# РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**КАРИМОВ БАХОДУР ХАСАНОВИЧ**,
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий кафедрой бухгалтерского учета и аудита
Института туризма, предпринимательства и сервиса
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5.
Тел.: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru
**КОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий кафедрой менеджмента
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Под влиянием процессов глобализации экономики возникают актуальные задачи в области бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности, которые требуют серьезного изучения.*

*В научных публикациях последних лет исследованиям охвачены различные аспекты глобализации экономики. Однако публикаций, непосредственно связанных с изучением вопросов развития системы бухгалтерского учета в условиях глобализации и влияния процессов экономической глобализации на ведение бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности, в национальных изданиях незначительны.*

*В данной статье исследуются актуальные вопросы развития национальной системы бухгалтерского учета в условиях глобализации и внедрения в ней международных стандартов финансовой отчетности. Анализирован ход реформ системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан, исследовано влияние глобализации на процессы этих реформ.*

*Выявлены недостатки и препятствия, встречающиеся в ходе осуществления реформ национальной системы бухгалтерского учета, а также дана их оценка. Проведен анализ основных положений некоторых нормативных документов по регулированию бухгалтерского учета и составлению финансовой отчетности. Изучены особенности проведения реформы национальной системы бухгалтерского учета.*

*На основе проведенного исследования подтверждено, что сложившиеся в стране методы и приемы ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности теперь не в состоянии отвечать требованиям мирового уровня. Необходим новый взгляд на ведение бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности в условиях глобализации.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, глобализация экономики, экономические субъекты, национальная система бухгалтерского учета, международные стандарты финансовой отчетности, реформа системы бухгалтерского учета, план счетов, национальные традиции бухгалтерского учета.*

Сегодня глобализация как новое экономическое явление воздействует на все сферы деятельности экономических субъектов. Бухгалтерский учет как часть информационной среды хозяйственной деятельности, и национальная система бухгалтерского учета также подверглись воздействию процессов глобализации.

Под воздействием процессов глобализации в мировой системе сформировано совершенно новое общество, в котором информация является ключевым ресурсом.

Теперь информация, созданная в рамках системы бухгалтерского учета играет ведущую роль в системе управления экономическими субъектами. Используя данную информацию в системе управления хозяйственной деятельности экономических субъектов разрабатываются и принимаются надлежащие управленческие решения.

Разработку надлежащих управленческих решений сопутствует обработка больших объемов данных, сложные операции их сравнения, анализа и интерпретаци. Развитие международных экономических отношений, рост поступления иностранных инвестиций в предприятия Республики Таджикистан, увеличение количества предприятий, занимающиеся внешнеэкономической деятельностью, - все это предъявляет новые требования к информации, создаваемой в системе бухгалтерского учета экономических субъектов и повышения уровня достоверности информации, содержащейся в финансовой отчетности данных субъектов.

Развитие международных экономических отношений в среде глобализации считается одним из реальных условий происходящих желательных перемен в национальной системе бухгалтерского учета и финансовой отчетности. Под воздействием глобализационных процессов возникают актуальные задачи в отношении систем бухгалтерского учета, требующие серьезного исследования.

В условиях глобализации экономики система бухгалтерского учета и финансовой отчетности выступает средством общения между экономическими субъектами, функционирующими на межнациональных рынках. С образованием мировых финансовых рынков национальные методы учета и составления финансовой отчетности из-за несоответствия друг с другом систем бухгалтерского учета в отдельных странах претерпивают серьёзные изменения. Под воздействием процессов глобализации экономические отношения отдельных предприятий развываются до мирового уровня, что требует применения единных международных правил бухгалтерского учета хозяйственной деятельности экономических субъектов.

Как показывают исследования, вопросы связанные с глобализацией экономики в последние годы стали предметом обширного изучения отечественных ученых. В публикациях исследователей М.Т. Ашуровой [2], М.Ч. Буриевой [4], Х.М. Давлатова [6], А.М. Ишонхонова [9], Б.Г. Сафарова [21] и других исследованы различные стороны вопроса глобализации экономики. Тем не менее в отечественной научной литературе существует не очень большое количество публикаций, непосредственно связанные с изучением влияния глобализационных процессов на систему бухгалтерского учета и финансовой отчетности. К ним можно отнести работы К.Х. Хушвахтзода [22], М.У. Бобоева [3], Б.Х. Каримова [10], С.Ф. Низомова [17] и других. При этом, отражение процессов глобализации экономики в национальных системах бухгалтерского учета являсь очень сложным делом, выдвыгает все новые проблемы для исследования.

В зарубежной научной литературе в рамках изучения общих проблем бухгалтерского учета в условиях глобализации особое внимание уделяется вопросам развития бухгалтерского учета и внедрения международных стандартов финансовой отчетности (МСФО). В этом направлении можно отметить труды авторов А.Б. Высотской [5], Н.А. Илюхиной [8], С.В. Ключникова [11], П.Н. Майданевича [13], С.Н. Поленовой [19], Е.А. Шароватовой [23] и других.

В действительности глобализация экономики в первую очередь связано с ориентацией национальных систем бухгалтерского учета и финансовой отчетности к международным правилам ведения бухгалтерского учета и МСФО. Исходя из этого

некоторые авторы в зарубежных публикациях поддерживают идею о включении МСФО в состав норм, регулирующих бухгалтерский учет на законодательном уровне [19].

Особенности систем бухгалтерского учета определяются уровнем развития национальной экономики каждой страны. В странах с развитой экономики системы бухгалтерского учета являются сложными, одновременно более точно отражают экономическую действительность. В развывающихся странах, к которым относится и Республика Таджикистан, наоборот, системы бухгалтерского учета являются сравнительно простыми и невсегда отражают реальное состояние хозяйственной жизни в стране.

Национальные системы бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности складивавшись постепенно, исторически принимают к себе все особенности государственного развития. Поэтому каждой системе бухгалтерского учета, сформировавшейся в отдельной стране соответствуют свойственные ей отличительные черты. Здесь ключевым фактором прежде всего является то, к какому кругу пользователей ориентирована информационная система бухгалтерского учета [1, с. 113]. При определении целей, концепций и основополагающих принципов финансовой отчетности, уточнении методик и приемов регистрации и оценки отдельных объектов бухгалтерского учета важнейшим является фактор, к какой группе пользователей относится основной поставщик капитала предприятия [8, с. 50].

Несомненно глобализация сильно воздействует на национальные системы бухгалтерского учета в развывающихся странах, и это воздействие отличается в каждой отдельной стране. В общем оно связано со степенью участия той или иной национальной экономики в мировую экономику [5, с. 112].

Как нам стало известно при проведении исследования, вопросы внедрения МСФО в системе бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности в Республике Таджикистан вот уже более 20 лет обсуждаются в кругах регулирующих органов и ученых отрасли. Впервые в стране начали применять МСФО банковские учреждения. Они еще с 1999 года при составлении своей финансовой отчетности начали применяять международные стандарты. Как отмечает исследователь М.У. Бобоев, переход на МСФО активизировал развитию банковского сектора и международных связей банков страны с другими банками мира [3, с. 127].

В целях приведения национальной системы бухгалтерского учета в соответствие с требованиями МСФО 14 ноября 2002 года Правительством Республики Таджикистан было принято Постановление № 428 «О международных стандартах финансовой отчетности». Этим и официально началась реформа системы бухгалтерского учета в стране. Цель реформы – приведение правил ведения бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности в соответствие международным правилам совпадает с целями формирования систем бухгалтерского учета в условиях глобализации экономики.

Практически в стране реформа системы бухгалтерского учета превратилась в достаточно сложную и длительно решаемую задачу. На пути стали появляться различные теоретические и методологические трудности, препятствия финансового, кадрового, психологического и т.п. характера.

Приказом Министерства финансов Республики Таджикистан от 5 марта 2004 года, № 28 были утверждены План счетов бухгалтерского учета финансово-хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов Республики Таджикистан и

инструкция по его применению. Также были разработаны формы финансовой отчетности, выпущены методические рекомендации по некоторым вопросам ведения учета и составления отчетности.

Казалось, все условия для реализации правительственного постановления о переходе хозяйствующих субъектов на МСФО и проведения реформы бухгалтерского учета в стране созданы. Но ощутимых практических результатов в этом направлении на предприятиях и в организациях не были замечены.

В научных и практических кругах возникали дискуссии и споры о проблемах реформ и перехода на МСФО. В средствах массовой информации и научной литературе появились многие публикации критического характера. Большинство бухгалтеры-практики недооценивали значения проблем перехода бухгалтерской системы на МСФО. Запутывались в своих решениях даже и ответственные на проведение бухгалтерской реформы лица. Имели место даже случаи, когда данные лица не умели отстаивать свои мнения и идеи в дискуссиях и спорах на круглых столах, конференциях и других мероприятиях, организованных в соответствии с поставленными целями по реформированию системы бухгалтерского учета.

Для решения задач реформирования в первую очередь стране необходимы были достаточно подготовленные и грамотные кадры-специалисты. В программах высших и средних специальных учебных заведениях учетного профиля были ведены новые специальные дисциплины – МСФО, финансовый учет, управленческий учет, налоговый учет, аудит и т.п.

В некоторых учебных заведениях сами преподаватели не имели достаточных знаний по международным принципам и правилам ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности. Впоследствии выпускники данных учебных заведений приходили в бухгалтерские службы предприятия и организация без владения навыков учетной работы и с отсутствием у них необходимых профессиональных знаний. Были случаи, когда на предприятиях принимали на бухгалтерскую работу выпускников учебных заведений не учетного профиля, но проходившие краткосрочные курсы по МСФО, финансовому и управленческому учету. В большинстве случаев такие специалисты показывали себя намного лучше по своей профессиональной пригодности, чем выпускников учетных специальностей высших учебных заведений.

Курсы по подготовке и переподготовке бухгалтеров в соответствии с требованиями реформ были организованы, в том числе при Общественном институте профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан. С начала реформ бухгалтерского учета в стране и вплоть до 2014 года свой заметный вклад внесла данная организация в подготовке профессиональных бухгалтеров и разработке методических и других материалов по реализации задач реформирования системы бухгалтерского учета.

Сотрудничество правительственных структур, ответственных за проведения реформ бухгалтерского учета в стране с международными организациями и учетных кругах страны в какой-то мере разрешило возникшие спорные вопросы. По резолюциям на круглых столах, организованных Общественным институтом профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан было принято решение о непригодности вышеназванного плана счетов бухгалтерского учета для применения.

На критические публикации и рекомендации ученых и специалистов стали реагировать и в правительственных структурах. В результате начались определенные положительные сдвиги в ходе осуществления реформ и внедрения МСФО.

30 августа 2006 года между Попечительским Советом Комитета по Международным стандартам финансовой отчетности и Министерством финансов Республики Таджикистан был подписан «Договор-отказ от авторского права в пределах ограниченной территории», в соответствии с которым Республике Таджикистан было предоставлено право использования официального русского перевода МСФО.

Правительством Республики Таджикистан 3 октября 2006 года было принято Постановление № 465 «О дополнительных мерах по внедрению МСФО в Республике Таджикистан», придавшее новый импульс ходу реформ. Согласно данному постановлению значительная часть предприятий должны были завершить переход на МСФО в 2008 году, а к концу 2010 года все хозяйствующие субъекты страны должны были перейти на МСФО.

На основе данного постановления в Министерстве финансов Республики Таджикистан была создана Правительственная комиссия по внедрению Международных стандартов финансовой отчетности. При данной комиссии начал функционировать Методологический совет по бухгалтерскому учету и аудиту, включающий в свой состав специалистов, ученых и практикующих бухгалтеров.

В рамках мероприятий по реализации правительственного постановления № 465 по переходу на МСФО были достигнуты определенные успехи в части подготовки кадров для проведения реформ. Были изданы учебники и учебные пособия, разработаны методические рекомендации и инструкции по МСФО, была подготовлена программа сертификации бухгалтеров по линии сертификации по международным программам, совершенствовались программы подготовки специалистов в учебных заведениях.

Для успешного осуществления реформ бухгалтерского учета и перехода на МСФО возникла необходимость пересмотра законодательной и нормативной базы. В этой связи 25 марта 2011 года был принят Закон Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» в новой редакции [7].

Сразу же после принятия нового закона о бухгалтерском учете Министерство финансов Республики Таджикистан своим Распоряжением от 27 мая 2011 года, № 41 утвердил новый План счетов бухгалтерского учета финансово-хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов и Методические указания по применению плана счетов бухгалтерского учета финансово-хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов [18].

Новый план счетов по сравнению со старым (2004 года) претерпел существенных изменений, тем не менее, как мы считаем, еще не соответствует в полной мере требованиям составления финансовых отчетов по МСФО (бухгалтерского баланса и отчета о прибылях или убытках) и ведения хозяйственной деятельности экономических субъектов Республики Таджикистан в условиях глобализации.

Разработчики плана счетов и методических указаний по его применению старались делать вид, что формально данный документ и другие нормативные правовые документы, разработанные ими в рамках мероприятий по реализации реформ бухгалтерского учета способствуют согласованию национальной системы бухгалтерского учета с МСФО и условиям глобализации экономики. Однако

проведенный нами анализ содержания данных документов подтверждает, что разработчики в своей работе допустили множества погрешностей.

Видимо план счетов, а также методические указания по его применению были приняты спонтанно, без подготовительных работ и привлечения специалистов, практикующих бухгалтеров и ученых. Видно, что они были скопированы где-то в готовом виде. Если бы данные документы были действительно разработаны и составлены, и в процессы их разработки и составления были бы привлечены знающие правила ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности специалисты, то не были бы в них допущены множество явных погрешностей.

В большинстве случаев в нормативных правовых документах, регулирующие бухгалтерский учет в стране не учтены особенности национального законодательства, реальные условия функционирования экономических субъектов и национальные традиции ведения хозяйственной деятельности. Чтоб убедиться в правильности наших высказываний достаточно ссылаться на некоторые положения из содержания, например, действующего плана счетов.

В соответствии со статьей 13 Конституции Республики Таджикистан земля, ее недра являются исключительной собственностью государства [12]. Это значит, что природные ресурсы, месторождения минеральных руд, углеводородов и т.п. природные ресурсы не являются собственностью экономических субъектов, и не могут быть представлены как активы в их бухгалтерском балансе. Однако данным элементам выделены соответствующие счета в разделе долгосрочных активов плана счетов: группа счетов 11200 «Природные ресурсы» включает счета 11210 «Месторождения минеральных руд», 11220 «Месторождения углеводородов».

Как известно, одним из основополагающих принципов бухгалтерского учета и отчетности является принцип стоимостного измерения, на который указывают также статьи 10 и 23 Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» [7]. Из этого принципа следует, что все объекты бухгалтерского учета выражаются в стоимостной форме. А то, что нельзя измерять в деньгах, не может стать объектом бухгалтерского учета, и нет необходимости для него открывать бухгалтерский счет. Значит, вышеназванные счета природных ресурсов для хозяйствующих субъектов Республики Таджикистан – лишние.

Таким образом, в методических указаниях к плану счетов, в части разъяснений по счету 10530 «Налоги, оплаченные авансом» приводятся названия некоторых счетов (налогов), например, счет 10533 «Минимальный налог на доходы, оплаченный авансом» [18]. Такие налоги в системе налогообложения страны не существуют и в действующем Налоговом кодексе Республики Таджикистан [16] также они не указаны. Значит, эти счета и их разъяснения также являются лишними и ставят читателя в заблуждение. Счет 22220 «Пенсионный налог к выплате» тоже является ненужным, исходя из того, что в статье 6 Налогового кодекса Республики Таджикистан такой налог не предусмотрен. Это говорит о том, что составители плана счетов не были знакомы и с налоговым законодательством страны.

В плане счетов счет 11900 «Долгосрочные активы прекращенной деятельности» указан в разделе долгосрочных активов. Однако, как вытекает из содержания параграфа 66 МСФО IAS 1«Представление финансовой отчетности» [14] и параграфа 6 МСФО IFRS 5 «Долгосрочные активы, предназначенные для продажи, и прекращенная деятельность» [15], такие активы относятся к краткосрочным активам.

Напомним, что согласно МСФО долгосрочные активы прекращенной деятельности (предназначенные для продажи) – это долгосрочные активы, которые предприятие держит (приобретает) их для последующей продажи в краткосрочном периоде до 12 месяцев. Значит, согласно указаниям МСФО IAS 1 такие активы должны представляться в бухгалтерском балансе в составе краткосрочных активов.

Для доказательства своих суждений опять же ссылаемся на параграф 66 МСФО IAS 1 «Представление финансовой отчетности», который гласит: «Предприятие должно классифицировать актив как краткосрочный, если он удовлетворяет любому из перечисленных ниже критериев:

- его предполагается реализовать или он предназначен для продажи или потребления в рамках обычного операционного цикла предприятия;
- он предназначен в основном для продажи;
- его предполагается продать в течение двенадцати месяцев по истечении отчетного периода;
- актив представляет собой денежные средства или их эквиваленты.

Экономический субъект должен классифицировать все прочие активы как долгосрочные» [14].

Активы в действующем плане счетов расположены в порядке убывания своей ликвидности (превращения в денежную наличность). Подобный порядок соблюдается также в большинстве национальных систем бухгалтерского учета в других странах, и это значит, что более ликвидные активы (например, денежные средства, счета к получению, товарно-материальные ценности) должны расположится раньше, чем те, которые менее ликвидны (основные средства, нематериальные активы). Долгосрочные активы прекращенной деятельности, а также долгосрочные активы, предназначенные для продажи, по замыслу МСФО превращаются в деньги в сроке до 12 месяцев после отчетной даты. Исходя из этого, они должны указываться в плане счетов раньше, чем основных средств и прочих долгосрочных активов. Однако в указанном плане счетов, наоборот они следуют после всех долгосрочных активов в конце раздела, что это противоречит правилам МСФО.

Можно констатировать, что содержание большинства нормативных документов, методических и учебных материалов, изданных в рамках реализации реформ системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан идентично содержанию материалов, изданных в других странах СНГ. Ответственные в проведении реформ лица и разработчики учебно-методических материалов приняли совершенно легкий путь. Они хотят применить изданные материалы и принятые в других странах (в основном Российской Федерации, Украины и Республики Казахстан) нормативные документы без соответствующих редакций и адаптации их к реальным условиям хозяйствования в Республике Таджикистан. Однако такие материалы в полной мере не приемлемы к условиям хозяйствования экономических субъектов в нашей стране, так как законодательство Республики Таджикистан, условия развития национальной экономики, национальные традиции бухгалтерского учета здесь имеют свои отличия. Важной отличительной особенностью является то, что, например, в Российской Федерации принят путь гармонизации и адаптации МСФО, а Республика Таджикистан в этом направлении следует другим путем, - МСФО приняты полностью для применения. Этому свидетельствуют нормативные правовые акты, принятые Правительством Республики Таджикистан в рамках проведения реформ системы бухгалтерского учета.

Внедрение МСФО в отдельных странах приводит к утрате традиционных ценностей в организации бухгалтерского учета и составлении финансовой отчетности. Глобализация диктует свои правила в экономике, нарушает сложившиеся в стране национальные традиции бухгалтерского учета, в результате чего утрачиваются некоторые его важные аспекты. Например, в годы Советской власти, когда Таджикистан входил в ее состав, основной целью бухгалтерского учета являлась сохранение собственности предприятия, выявление отклонений от запланированных показателей, что реализовалась посредством соблюдения требований научно-обоснованных методик, предусмотренных в соответствующих нормативных документах. Подобные методики разрабатывались специальными научно-исследовательскими институтами, которые функционировали в управленческо-организационных структурах отдельных отраслей производства и услуг. Данные институты обеспечивали предприятиям отраслевыми методическими указаниями и инструкциями по ведению бухгалтерского учета и исчислению себестоимости продукции (работ, услуг). Однако сегодня ни в одной отрасли экономики Республики Таджикистан такие научно-исследовательские институты не осуществляют надлежащую деятельность в направлении разработки методических указаний, инструкций и положений по ведению бухгалтерского учета и исчислению себестоимости продукции и услуг. Только Министерством финансов Республики Таджикистан разработаны (в основном в период 1999-2002 гг.) некоторые нормативные документы в сфере регулирования бухгалтерского учета и финансовой отчетности. Впрочем данные нормативные документы своим содержанием не соответствуют требованиям, предъявляемым глобализацией к бухгалтерскому учету и условиям реализации МСФО, хотя в предисловиях к ним присутствует напоминание об их соответствия международным стандартам.

Одной из таких нормативных документов является Положение по калькулированию себестоимости продукции (работ, услуг) на предприятиях и в организациях Республики Таджикистан, принятой Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 12 мая 1999 года, № 210 [20], которое сегодня не отвечает требованиям Налогового кодекса Республики Таджикистан, Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности», другим законам и нормативными документам, действующим в стране, не соответствует условиям деятельности экономических субъектов на рынке, и важнее всего – не способствует реализацию МСФО и успешной деятельности предприятий в условиях глобализации экономики. Данное положение нуждается в новой серьезной редакции. На базе новой редакции данного документа и с учетом особенностей состава и учета затрат в отдельных отраслях экономики, соответствующими министерствами и хозяйственными объединениями (корпорациями, концернами, ассоциациями) в согласовании с Министерством финансов и Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан для предприятий соответствующих отраслей должны разрабатываться и утверждаться отраслевые инструкции (методические указания) по учету затрат на производства и реализацию продукции (работ, услуг) и исчислению себестоимости. На их основе хозяйствующие субъекты в своем бухгалтерском учете осуществляют учет затрат, разрабатывают положения, инструкции и другие внутренние организационно-распорядительные документы, необходимые для организации надлежащего учета производственных затрат и исчисления себестоимости продукции (работ, услуг).

Этих нескольких приведенных примеров достаточно для доказательства факта о допущении ошибок при разработке нормативных правовых документов, регулирующих систему бухгалтерского учета в Республике Таджикистан и их не соответствие условиям глобализации экономики.

Очевидно, один из важнейших факторов для доступа отечественных предприятий к иностранному капиталу – это ведение бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности по правилам МСФО. Условия действия в открытом мировом рынке заставляют предприятия обратиться к иностранному капиталу, сотрудничать с зарубежными предприятиями, принять и внедрять в свою деятельность новые методы управления, имеющие место в международной практике. Практика подтверждает, что предприятия, привлекающие иностранный капитал укрепляют свои позиции на рынке, улучшается их финансовое состояние. Однако не все руководители отечественных предприятий способны понять важность данной задачи. Наблюдаются случаи, когда для привлечения дополнительных финансовых источников бухгалтера и руководители предприятия стремятся путем искажения и подмены показателей привести свою финансовую отчетность в соответствие с МСФО и представлять ее пользователям. В этом также «оказывают услуги» им аудиторские организации. В результате финансовое состояние предприятия представляется недостоверным, что для него не приведет к хорошим последствиям.

**Литература**

1. Ашихмина Л.В., Ноздрина Е.Н. Особенности национальных систем бухгалтерского учета [Текст] / Л.В. Ашихмина, Е.Н. Ноздрина // Успехи в химии и химической технологии. – 2007. – Том 21. - № 10 (78). – С. 112-115

2. Ашурова М.Т., Олифтаева М.А. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ ба иқтисоди миллӣ [Матн] / М.Т. Ашурова, М.А. Олифтаева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 4/2 (34). – С. 62-67

3. Бобоев М.У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан [Текст] / М.У. Бобоев // Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики / Сборник статей VI Международной конференции (Екатеринбург, 24 апреля 2015 года). – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет. – 165 с. - С. 126-133

4. Буриева М.Ч., Мамадризоева Н.М. Таджикистан и его регионы в условиях глобализации экономики [Текст] / М.Ч. Буриева, Н.М. Мамадризоева // Финансово-экономический вестник. – 2019. - № 3 (19). – С. 173-178

5. Высотская А.Б. Влияние глобализации на национальные учетные системы развивающихся стран в условиях информационной экономики [Текст] / Terra Economicus. – 2015. - № 2014. – Том 12. - № 2. – С. 109-116

6. Давлатов Х.М. Рушди низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва буҳрони иқтисодиёти ҷаҳонӣ [Матн] / Х.М. Давлатов, Э. Одинаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2019. - № 1 (17). – С. 28-35

7. Закон Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» / Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2011. - № 3 [Электронный ресурс] / URL:http://mmk.tj/content/

8. Илюхина Н.А. Приоритетные направления развития национальной учетной системы в условиях модернизации российской экономики [Текст] / Н.А. Илюхина // Международный бухгалтерский учет. – 2012. - № 17 (215). – С. 50-55

9. Ишонхонов А.М., Шарипов Б.М. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти миллӣ [Матн] / А.М. Ишонхонов, Б.М. Шарипов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2019. - № 2. – С. 18-21
10. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (27 марти соли 2021, ш. Душанбе). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 324 с. – С. 26-29
11. Ключников С.В. Регулирующие процессы глобализации и тенденции корпоративной отчетности [Текст] / С.В. Ключников // Международный бухгалтерский учет. – 2011. - № 27 (177). – С. 24-30
12. Конституция Республики Таджикистан [Электронный ресурс] / URL:http://base.mmk.tj/content/
13. Майданевич П.Н. Формирование учетной системы в условиях глобализации экономики [Текст] / С.Н. Майданевич // Вестник РУДН, серия Экономика. – 2015. - № 3. – С. 66-73
14. МСФО IAS 1 "Представление финансовой отчетности" [Электронный ресурс] / URL: https://finotchet.ru/articles/132/
15. МСФО IFRS 5 "Долгосрочные активы, предназначенные для продажи, и прекращенная деятельность" [Электронный ресурс] / URL:https://finotchet.ru/articles/84/
16. Налоговый кодекс Республики Таджикистан / Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2012. - № 9 [Электронный ресурс] / URL:http://base.mmk.tj/content/
17. Низомов С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития [Текст] / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. - № 2. – С. 73-76
18. План счетов бухгалтерского учета финансово-хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов и Методические указания по применению плана счетов бухгалтерского учета финансово-хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 27 мая 2011 года, № 41 [Электронный ресурс] / URL:http://minfin.tj/
19. Поленова С.Н. Глобализация мировой экономики и тенденции бухгалтерского учета [Текст] / С.Н. Поленова // Международный бухгалтерский учет. – 2008. - № 8 (116) – С. 7-11
20. Положение по калькулированию себестоимости продукции (работ, услуг) на предприятиях и в организациях Республики Таджикистан. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 12 мая 1999 года, № 210 [Электронный ресурс] / URL:http://minfin.tj
21. Сафаров Б.Г. Развитие экономики Таджикистана в условиях глобализации [Текст] / Б.Г. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. - № 2/4 (169). – С. 176-182
22. Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирӣ дар олами ислом [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. – Қисми 2. - С. 66-71
23. Шароватова Е.А. Влияние глобализации мировой экономики на развитие бухгалтерского учета: плюсы и минусы [Текст] / Е.А. Шароватова // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Том 7. - № 4. – С. 25-32

# РУШДИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**КАРИМОВ БАХОДУР ҲАСАНОВИЧ**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Тел.: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru
**ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт масъалаҳои мубрам дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ ба миён меоянд, ки омӯзиши ҷидиро талаб мекунанд.*

*Дар интишороти илмии солҳои охир ҷиҳатҳои гуногуни ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Вале дар нашрияҳои миллӣ интишороти бевосита ба омӯзиши масъалаҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд камшумор мебошанд.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дар он татбиқ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ карда мешаванд. Рафти ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил, таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои ин ислоҳот таҳқиқ карда шудааст.*

*Камбудиҳо ва монеаҳои дар рафти баҷоории ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дучоршаванда таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд. Таҳлили нуктаҳои асосии ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ба ҷо оварда шудааст. Хусусиятҳои гузаронидани ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ошкор карда шудаанд.*

*Дар асоси таҳлили гузаронидашуда тасдиқ карда шудааст, ки усулҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ки дар мамлакат пойдор шудаанд, акнун барои ҷавобгӯ будан ба талаботи сатҳи ҷаҳонӣ қодир нестанд. Нигоҳи нав ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт зарур аст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт, субъектҳои иқтисодӣ, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи ҳисобҳо, анъанаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ.*

# DEVELOPMENT OF ACCOUNTING SYSTEM IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION

**KARIMOV BAHODUR HASANOVICH,**
candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Accounting and Auditing of the
Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5.

Phone: (+992) 907-90-82-10. E-mail: bahodurkarim@mail.ru
**QODIROVA GULMO TOLIBOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Management of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 33.
Phone: (+992) 918-22-29-01. E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Under the influence of the processes of globalization of the economy, urgent problems arise in the field of accounting and financial reporting, which require serious study.*

*In scientific publications of recent years, studies have covered various aspects of the globalization of the economy. However, publications directly related to the study of the development of the accounting system in the context of globalization and the impact of economic globalization on accounting and financial reporting are insignificant in national publications.*

*This article examines topical issues of the development of the national accounting system in the context of globalization and the implementation of international financial reporting standards in it. The course of reforms in the accounting system in the Republic of Tajikistan is analyzed, the influence of globalization on the processes of these reforms is investigated.*

*The drawbacks and obstacles encountered in the implementation of reforms of the national accounting system are identified, and their assessment is given. The analysis of the main provisions of some regulatory documents on the regulation of accounting and financial reporting is carried out. The features of the reform of the national accounting system have been studied.*

*Based on the study, it was confirmed that the existing methods and techniques of accounting and financial reporting in the country are now unable to meet world-class requirements. A new perspective on accounting and financial reporting is needed in the context of globalization.*

***Key words:*** *globalization, globalization of the economy, economic entities, national accounting system, international financial reporting standards, reform of the accounting system, chart of accounts, national accounting traditions.*

УДК: 339.1

# МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ НИҲОНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ГУНОГУНИ ИҚТИСОДӢ

**УБАЙДОВ ФАХРИДДИН САЙФИДДИНОВИЧ**,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734045, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 907-62-25-62. E-mail: f_ubaidov@mail.ru
**АМАКҶОНОВ САРФАРОЗ МАНСУРҶОНОВИЧ**
докторант (PhD)-и кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734045, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 98-777-55-44. E-mail: admin@infopage.tj

*Дар ин мақола баъзе масъалаҳои механизми иқтисодиёти ниҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Иқтисоди ниҳонӣ шакли мавҷудияти беназорат ва мухолифати фаъоли меъёрҳои муқарраршуда ва ҳам ҷорӣ кардашудаи ҳуқуқӣ ва бозории фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Инро он далел тасдиқ мекунад, ки иқтисодиёти ниҳонӣ, сарфи назар аз муқовимати шадиди давлатҳо, ҳатто дар кишварҳои пешрафта бо низоми самарабахши институтҳои танзими ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва бозории фаъолияти иқтисодӣ боқӣ монда, майл ба афзоиш дорад. Имрӯзҳо вазъи иқтисоди ниҳонӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ташвишовар аст. Вазъи номусоид бо субъектҳои фаъолияти ниҳонӣ яке аз сабабҳои асосии бад шудани иқтисодиёт дар баъзе кишварҳои ҷаҳон мебошад. Вазъ дар иқтисоди ниҳонӣ бо маҷмӯи мушкилоте алоқаманд аст, ки дар ҳама марҳилаҳои фаъолият ба амал меоянд. Паст кардани иқтисоди ниҳонӣ вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳам давлат ҳам ҷомеа ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди ниҳонӣ, иқтисоди пинҳонӣ, иқтисоди ғайрирасмӣ, иқтисоди сояги, қонунгузорӣ, иқтисодиёти ғайриқонунӣ, иқтисоди ҷиноятӣ.*

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, паҳншавии иқтисодиёти ниҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки ин шаклҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии аз назорати ҷамъият ва давлат пинҳоншуда мебошад.

Иқтисоди ниҳонӣ ин фаъолияти иқтисодие мебошад, ки аз назорати шакли мавҷудияти беназорат ва мухолифати фаъоли меъёрҳои муқарраршуда ва ҳам ҷорӣ кардашудаи ҳуқуқӣ ва бозории фаъолияти иқтисодӣ мебошад [1, С.58]. Инро он далел тасдиқ мекунад, ки иқтисодиёти ниҳонӣ, сарфи назар аз муқовимати шадиди давлатҳо, ҳатто дар кишварҳои пешрафта бо низоми самарабахши институтҳои танзими ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва бозории фаъолияти иқтисодӣ боқӣ монда, майл ба афзоиш дорад.

Дар бисёр кишварҳо, дар ҷараёни ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, иқтисодиёти ниҳонӣ дар шароити ноустувории ташкилӣ, низомҳои номуташакил ва номукаммали танзими ҳуқуқии иқтисодиёт дар ҳолати таназзул заминаи мусоид пайдо мекунад. Хавфи мушаххаси рушди иқтисодиёти ниҳонӣ аз вайроншавӣ (деморализация) ва таназзули идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани шароит барои барпо гардидан ба фасодкорӣ дар хизматчиёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин васеъ намудани заминаи фаъолияти ҷиноятӣ иборат аст. Афзоиши иқтисодиёти ниҳонӣ боиси хориҷ шудани маблағҳои аз гардиши қонунӣ, ғасби қувваҳои истеҳсолкунанда ва кам шудани даромадҳо, ки боиси коҳиш ёфтани хароҷотҳои иҷтимоӣ ва камбизоат

гардидани қисми асосии аҳолӣ, ба буҷаи давлат мегардад. Мушкилоти иқтисодиёти ниҳонӣ диққати муҳаққиқонро ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XIX ҷалб карда буд.

Сарфи назар аз ҷиддият ва аҳамияти бениҳоят калони ин мушкилот дар Тоҷикистони муосир, ҳанӯз ҳам адабиётҳои махсус хеле кам мавҷуданд, ки фаъолияти иқтисодиёти ниҳониро ҳамчун таҳдид ба амнияти иқтисодии кишвар дар давраи иқтисоди гузариш баррасӣ намоянд. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи иқтисодиёти ниҳонӣ дар кишварҳои Ғарб ва дар кишварҳои фазои пасошӯравӣ, алалхусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан ба наздикӣ оғоз ёфт. Назарияи иқтисодии асрҳои XVIII-XIX паҳлӯҳои ҳаёти иқтисодиёти ниҳониро нодида гирифта, омӯзиши он танҳо дар асри XX таҳти таъсири институтсионализм-тамоюли афкори иқтисодӣ, ки намояндагони онҳо ба ҷанбаҳои иҷтимоии иқтисоди воқеӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карданд, таҳия карда шудааст.

Яке аз аввалин корҳо дар ин соҳа асари П.Гутман (ИМА) «Иқтисодиёти ниҳонии махфӣ ва пинҳонӣ» (дар солҳои 1997) мебошад, ки диққати у ба роҳ надодани миқёс ва нақши он ҷалб карда шудааст. Қадами ҷиддӣ ва намунаи барҷастаи омӯзиши ин падида аввалин бор дар конфронси байналмилалӣ оид ба иқтисоди ниҳонӣ мебошад, ки соли 1983 дар шаҳри Белфелди Олмон баргузор гардида дар он тақрибан 40 маърӯза пешниҳод карда шуд. Яъне ба мушкилоти иқтисодиёти ниҳонӣ дар низомҳои гуногуни иқтисодӣ дахл карданд [2, С.5].

Қадамҳои ҷиддӣ бошад дар роҳи омузиш ва тадқиқоти иқтисодиёти ниҳонӣ ин дар таҷрибаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ), ки таҳти сарпарастии Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шуд, муҳим арзёбӣ гардиданд. Азбаски дар шароити иқтисоди давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли ғайриқонунии молҳо ва хизматрасонӣ, пинҳон кардани даромадҳо, гардиши пули нақдии ҳисобнашуда, шустушӯи пулҳои ифлос, ришва ва сӯиистифода аз мансаб-ин ва дигар зухуроти фаъолияти ниҳонӣ доимо дар таваҷҷухи ҳамагон ҳастанд. Ва дар ин замина зиддияти амалияи воқеии иқтисодӣ ва қонуни амалкунанда хусусияти низомӣ пайдо кард.

Аз ҳамин ҷиҳат, олимони русс И.Клямкин ва Л.Тимофеев изҳор медоранд, ки имрӯз «ҷузъи ниҳонӣ» ҳатман на танҳо дар муносибатҳои корӣ, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як инсон ҳузур дорад. Чӣ дар чорроҳа, дар корхонаҳо, судҳо дар беморхонаҳо ва донишгоҳҳо, дар калисоҳҳо ва қабристонҳо мубодилаи ғайриқонунии иқтисодӣ дар ҳама ҷо сурат мегирад, ки гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ва касбҳои гуногуни шаҳрвандонро фаро мегиранд [3, С.7-8]. Ба ибораи дигар, ояндаи мо на танҳо дар он ҷое амал мекунад, ки қонун ҳукмрон аст, балки ба андозаи камтар ва дар он ҷое, ки ҳар рӯз ва ҳар соат вайрон карда мешавад.

Ҷомеашиноси англис К.Харт, ки ҳаёти иқтисодияшро дар шаҳри Гана омӯхтааст, мафҳуми «бахши ғайрирасмӣ»-ро ба муомилоти илмӣ ворид кард [4]. Эрнардо Де Сото муҳаққиқи барҷастаи иқтисодиёти ниҳонӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ шуд. Дар асари худ "Роҳи дигар", ки соли 1989 нашр шудааст, ӯ иқтисоди ниҳониро ҳамчун вокуниши табиӣ мардум ба ноустувории ҳокимияти фасодзадаи давлатӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии оммаи камбизоатон муайян кардааст [5].

Гузариш ба шакли бозории идоракунии иқтисодӣ дар давлатҳои пасошуравӣ ва кишварҳои дигари минтақа иқтисодиёти ниҳониро ба омили ҳамбастагии дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фаъолшавӣ ва ҷамъшавии ибтидоии сармоя ва барпо кардани ҳукмронии моликияти хусусӣ оварда расонид. Иқтисодиёти ниҳонӣ дар доираи маҷмӯи умумии муносибатҳои иқтисодии институтҳои ба вуҷуд омада хусусияти низоми ягонаи муносибатҳои иқтисодиро касб кардааст. Вай самти

равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигари дорои иқтисоди гузариш дар фазои пасошӯравиро муайян кард.

Барои эҷоди ғояи умумии ин падида, мо метавонем мисоли овардаи С.Черновро истифода намоем, ки дар он қайд карда мешавад: “Баъзан вақт дар мағоза, дар ҷои пардохт барои хариди ягон мол, дар хазина, фурӯшанда пули додашударо зери миз мегузорад”, ин маънои онро дорад, ки аллакай як микро-зуҳуроти иқтисодиёти ниҳонӣ иҷро гардид. Хазина давлатест, ки бояд ҳама гуна санади иқтисодиро назорат кунад ва ба назар гирад. Ҳама чизҳое, ки аз ӯ мегузаштанд, ба таъхир гузошта намешуданд, ҳисоб намекарданд (пас аз он, фурӯшанда метавонад пулро рахна накунад, балки онро мувофиқа кунад), он ба паҳлӯ, ба сояҳо, ба иқтисодиёти ниҳонӣ меравад [5]. Аз ин рӯ, ришва ба шахси мансабдор, пардохти хидматҳои сохта низ унсурҳои иқтисодиёти ниҳонӣ мебошанд, зеро дар ин ҳолатҳо давлат ба он рабте надорад. Ҳамин тавр, ҳама гуна муносибатҳое, ки дар соҳаи истеҳсолот, мубодила, тақсимот ё истеъмоли манфиатҳои иқтисодӣ ба амал меоянд, ва ба ҷомеаву давлат зарар расонида, шахсро нобуд мекунанд, бо мафҳуми иқтисодиёти ниҳонӣ-пинҳонӣ муттаҳид мешаванд ва ба назари мо ин омил ба коста гаштани боварии мардум ба фаъолияти иқтисодии мансабдорон ва гуруҳи алоҳидаи одамон оварда мерасонад.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир таҳияи якчанд нигоҳҳо, муносибатҳо барои муайян кардани иқтисоди ниҳонӣ ба назар мерасад. Вобаста аз меъёрҳои дар адабиёти иқтисодӣ истифодашуда, равишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иқтисодӣ-сотсиологӣ, оморӣ ва амалиётӣ-иқтисодиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

**- муносибати ҳуқуқӣ** аз нигоҳи (Корягина Т.И., Яковлева А.М., Сергеев А.А., Шохин А.Н., ва берун аз соҳаи ҳуқуқӣ - О. Корп ва В. Куликов) [6, С.23] - иқтисодиёти ниҳонӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодии берун аз доираи қонунгузорӣ амалишаванда фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, ин равиш пеш аз ҳама ба нақши муайянкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои иқтисодиёти пинҳонӣ асос ёфтааст;

**- муносибати иқтисодӣ** аз нигоҳи (Герасимов П.А., Песчанских Г., Смирнов А.А., Улибин К.А.) - онҳо ба омӯзиши иқтисодиёти ниҳонӣ ҳамчун хусусияти таъсири манфидошта назар менамоянд, ки ба ҷомеа ва давлат зарар расонида, меъёрҳои ҳуқуқиро поймол менамояд;

**- равиши иқтисодӣ ва сотсиологӣ** (Латов Ю.В., Барсукова С.Ю., Радаев В.В. ва дигарон) - онҳо иқтисодиёти ниҳониро як мафҳуми васеътаре меҳисобанд, ки якчанд бахшҳоро дарбар мегирад, ки аз рӯи дараҷаи қонунии амалиёти иқтисодӣ фарқ мекунанд;

**- муносибати институтсионалӣ** олимон (Д. Норт, Э. Фейг, А. Олейник, А. Тамбовсев ва дигарон) - мафҳуми иқтисодиёти ниҳониро ҳамчун кӯшиши ҳаракатҳо агентҳои иқтисодӣ бо мақсади азхудкунии моликият ва ҳуқуқ ба он, ташкил намудани мубодилаи ғайрирасмӣ, яъне бидуни иштироки давлатро дар назар доранд;

**- равиши оморӣ** (Корягина Т.И., Степанов Б.Т., Рябушкин Б.Т., Чурилов Е.Ю. ва дигарон) - онҳо иқтисодиёти ниҳониро ҳамчун фаъолияте, ки аз омори расмӣ пинҳон аст, яъне фаъолиятест, ки берун аз низомҳои баҳисобгирии расмӣ мебошад. Ин самтро мутахассисон дар доираи низоми суратҳисобҳои миллӣ бо мақсади дурустар сабт кардани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ таҳия мекунанд;

**- равиши амалиётӣ-иқтисодӣ** олимон (Бокун Н.Ч., Иванов Ю.Н., Кремлев Н.Д., Суринов А.Е. ва дигарон) намунаи зуҳури равиши амалиётӣ-иқтисодӣ дар амалияи консепсияи баҳисобгирӣ ва оморӣ мебошад, ки меъёри асосии инъикоси падидаҳои

иқтисодиёти ниҳониро надонистани онҳост, яъне аз ҷониби мақомоти расмии омори давлатӣ сабт нашудани онҳоро меҳисобанд [7, С.8-9].

Бо истифода аз равишҳои гуногун барои муайян кардани моҳияти ин падида аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ё иқтисодӣ, ҳамаи ин равишҳо ҳадди ақал як хусусияти умумӣ доранд: онҳо дар омори расмӣ инъикос намешаванд [8, С.203-213] ва аз андозбандӣ канорагирӣ мекунанд. Ҳамзамон, дар Ғарб то ҳол мавқеи муштарак вуҷуд надорад, ки кадом соҳаҳои фаъолиятҳои иқтисодӣ ба мафҳуми иқтисодиёти ниҳонӣ шомил карда шаванд.

Равишҳои номбаршуда барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси тадқиқотӣ созанда мебошанд, аммо онҳоро наметавон ҳамчун заминаи таҳияи таърифи универсалии иқтисоди ниҳонӣ баррасӣ кард, чунки имрӯз қариб ҳама намудҳои бозорҳо ва захираҳои иқтисодиро фаро мегирад.

Дар мавриди мафҳум ва моҳияти "иқтисодиёти ниҳонӣ" бояд қайд намуд, ки нуқтаи назари ягонаи муаллифон ҳанӯз ташаккул наёфтааст ва дар адабиётҳои иқтисодӣ метавон доираи васеи таърифҳоро бо тарзҳои мухталиф шарҳ дод. Масалан, дар луғати калони энсиклопедӣ таърифи зерин дода шудааст: **Иқтисодиёти ниҳонӣ** - истилоҳест, ки тамоми намудҳои фаъолияти иқтисодиро, ки ба омори расмӣ дохил намешаванд, аз ҷумла ба ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) ворид намешаванд, ифода мекунад [9, С.69].

Коршиносони Ғарб иқтисодиёти ниҳониро бо истилоҳҳои мухталиф таъриф мекунанд: "иқтисодиёти пинҳоӣ", "иқтисодиёти ниҳонӣ", "иқтисодиёти ғайриқонунӣ", "иқтисодиёти соягӣ", "иқтисодиёти сиёҳ", "иқтисодиёти параллелӣ", "иқтисодиёти махфӣ", "иқтисодиёти ғайрирасмӣ", "иқтисодиёти сиррӣ", "иқтисоди дуввум". Тафсири васеи ин мафҳум беҳтар аз он маълум аст, ки: иқтисодиёти ниҳонӣ (ғайрирасмӣ) ҳамчун ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ, ки аз ҷониби мақомоти расмии омор бо ягон сабаб ба инобат гирифта намешавад ва ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дохил карда намешавад, дарк карда мешавад.

Баръакси муаллифони қаблӣ, Ҷ.Блэк иқтисоди ниҳониро ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ, ки ба мақомотҳои давлатӣ, аз ҷумла ба мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои давлатӣ гузориш намедиҳанд, қайд мекунанд.

Яке аз дурахшонтарин намояндагони институтсионализм Эрнардо Де Сото истилоҳи "ғайрирасмӣ" (extralegal) -ро истифода мебарад, ки аз ҷиҳати маъно наздиктар аст ва иҷрои амалиётҳои иқтисодиро бидуни истинод ба меъёрҳои қонун тавсиф мекунад (DeSoto, 1994). Ӯ дар асари худ чунин мешуморад, ки ҳама амалиётҳои ҷиноӣ ва ҳама фаъолиятҳо дар бахши иқтисодиёти ниҳонӣ бояд эътироф карда шаванд, зеро ҳарду на бар эҳтироми қонун, балки ба принсипҳои дигар такя мекунанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳоди Ш.Б.Ҷонмамадов дар ин мавзуъ ҷолибтар аст, ки: Ба ақидаи ӯ падидаи иқтисодиёти ниҳонӣ дар шароити муосир метавонад тафсирҳои мухталиф дошта бошад, вобаста аз заминае, ки он истифода мешавад, яъне иқтисодиёти ниҳонӣ барои тадқиқот як мавзӯи хеле душвор аст - ин як падидаи "виртуалӣ" аст, ки муайян кардани он нисбатан осон аст, аммо дақиқ чен кардан ғайриимкон мебошад [10, С.81-85].

Ба назари мо, мафҳуми иқтисодиёти ниҳонӣ дар маҷмӯъ амалиётҳои молиявию хоҷагидориро, ки барои ба даст овардани фоидаҳои моддӣ равона шудаанд, ки дар мақомотҳои давлатӣ сабт нашудаанд ва намешаванд, дар назар дорад.*

* Дар доираи мақолаи мазкур мо мушкилоти фаъолияти ҷиноятии иқтисодиро баррасӣ намекунем.

Таърифҳои “соягӣ”, “ниҳонӣ” “пинҳонӣ” баъзан бо мафҳуми “ғайриқонунӣ” равшан карда мешаванд. Ҳамин тариқ, зарур аст, ки мафҳумҳои фаъолияти қонунӣ ва ғайриқонунӣ ба таври возеҳ фарқ карда шаванд. Гарчанде ки ҳадафи онҳо дар ҳама ҳолатҳо ба даст овардани даромад аст. Дар робита ба фаъолияти ғайриқонунӣ, ин даромадест, ки қонунӣ ба даст овардан ғайриимкон мебошад. Усули ба даст овардани ин даромадҳо яке аз шаклҳои ҳалли зиддияти байни манфиатҳои иқтисодии давлат ҳамчун нишондиҳандаи фазои ягонаи иқтисодӣ мебошад ва агентҳои алоҳидаи иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани даромади пинҳонӣ аз ин фазо истифода мебаранд. Ин субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ фаъолияти худро дар шакли нинҳон соягии давлат амалӣ мекунанд.

Аммо, бидуни муболиға кардани мавзӯи таҳқиқшуда ҳамчун падидаи беназир, метавон гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди таваҷҷӯҳи диораи васеъ набуда тақрибан камтар омӯхташуда боқӣ мондааст. Ва гап на танҳо дар он аст, ки ин равишҳо маҷмӯи тамоми бозорҳои ғайриқонуниро, ки дар шароити хоси иқтисоди давраи гузариш фаъолият мекунанд, дарбар намегирад. Таваҷҷӯҳи олимон асосан ба ҳалли масъалаҳои татбиқшаванда, пеш аз ҳама, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда равона карда шудааст, ки ба кам шудани соҳаи иқтисодиёти ниҳонӣ ва мувофиқан, ба муносиб кардан (оптимизатсия)-и сиёсати андози давлат мусоидат мекунад. Дар натиҷа, иқтисоди ниҳонӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ба як қисми органикии ҷомеа табдил ёфт ва дар муносибатҳои иқтисодӣ самтҳои гуногун дорад. Ин вазъ ба оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ  пеш аз ҳама ба коҳиш ёфтани идоракунии иқтисодиёт оварда расонид. Чунин ҳолат ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити муосир барои амиқтар омӯхтани ин падида зарурати таҳлили сохтори иқтисоди ниҳониро тақозо мекунад.

Субъектҳои асосии сохтори иқтисодиёти ниҳонӣ бо ном соҳибкорон мебошанд, ки пеш аз ҳама ҳадафи ба даст овардани фоидаи иқтисодиро бо усулҳои хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи рақобати солим ва асосҳои ахлоқии ҷомеа равона мекунанд. Дар асоси истифодаи иқтисодии шаклҳои гуногуни моликият (давлатӣ, хусусӣ, омехта), фаъолияти иқтисодёти ниҳонӣ даромади дар ин соҳа гирифташударо ба тиҷорати ғайриқонунӣ ё пас аз механизмҳои муайяни “азхудкунӣ” - ба намудҳои қонунии фаъолияти иктисодӣ сармоягузорӣ мекунад.

Яке аз аввалин кӯшиши муваффақонаи таснифи равандҳои иқтисодиёти ниҳонӣ ин сохтори иқтисодиёти пинҳонӣ буд, ки онро Т.И. Карягина [11, С.111] иборат аз се категорияи зерини сохторӣ муайян кард:

- **иқтисодиёти ғайрирасмӣ:** ҳама намудҳои қонунии иҷозатдодашудаи фаъолияти иқтисодӣ, ки дар доираи он оморҳо истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳоро, ки аз андозбандӣ пинҳон шудаанд ва ғайра ба назар намегиранд;
- **иқтисодиёти бофта:** сабти ном, азхудкунӣ, амалиёти тахминӣ, ришва ва намудҳои гуногуни қаллобӣ (танҳо бо қабул ва интиқоли пул алоқаманд аст);
- **иқтисодиёти махфӣ ва пинҳонӣ**: намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки аз тарафи қонун манъшудаанд, аз ҷумла ҷинояти муташаккили иқтисодӣ.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ имконоти дигари таснифотро пайдо кардан мумкин аст, ки тамоми падидаҳои иқтисодиёти ниҳониро амиқтар ва муфассалтар нишон медиҳанд.

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки фаҳмиши анъанавии сохтор ва моҳияти иқтисоди ниҳониро аз нуқтаи назари гуногун муайян кардан мумкин аст. Инчунин бояд қайд кард, ки сарфи назар аз бархӯрдҳо ва

таснифоти мухталиф, тафовути мавҷудаи ночиз дар таърифҳои иқтисоди ниҳонӣ, ҳамаи коршиносон хусусияти асосии онро хусусияти пинҳонии он медонанд ва розӣ ҳастанд, ки он, пеш аз ҳама, фаъолиятҳоеро дарбар мегирад, ки ба назорати мустақим ва омори расмӣ дода намешаванд.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан зарурати омӯзиши иқтисоди ниҳонӣ, ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи давраи гузариш, сабабҳои рушд ва миқёси он ба амал омадааст, то чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати пешгирии ҳама гуна таҳдидҳои иқтисодӣ, ки дар иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳидаи ҷаҳон аст, бояд нигаронида шавад.

Таъсири муносибатҳои иқтисодиёти ниҳонӣ дар Тоҷикистон ба андозае муҳим мебошад, ки ба амнияти иқтисодӣ ва истиқлолияти давлат дар маҷмӯъ таҳдид мекунад. Аз баррасии дар боло овардашудаи асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки то имрӯз консепсияи ягонаи умумиҷаҳонии қабулшудаи чунин падида, ба монанди иқтисодиёти ниҳонӣ таҳия нашудааст. Шумораи зиёди равишҳо барои муайян кардани моҳияти иқтисодиёти ниҳонӣ мавҷуданд, ки вақтҳои охир паҳн шудаанд. Мавқеъҳои гуногун, одатан, ба фарқияти табиати мушкилоти назариявӣ ва амалии ҳалнамудаи муаллифон, инчунин усулҳо ва унсурҳои тадқиқот вобастаанд.

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои таърифи мафҳуми иқтисодиёти ниҳонӣ, ки дар адабиёти ватанию хориҷӣ пайдо мешаванд, бештар аз сохтори интихобкардаи ин падида ва усули баҳодиҳии миқдории он вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, барои баррасии минбаъдаи моҳият ва сохтори муносибатҳои ниҳонӣ, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд ва хусусиятҳои унсурҳои онҳо, ба назари мо, таърифи зерини корӣ комилан мувофиқ ба назар мерасад.

Иқтисодиёти ниҳонӣ дар шароити муосир хусусияти сегона мегирад, ки он пеш аз ҳама дар характери ниҳонӣ, ғайрирасмӣ ва ғайриқонунии худ зоҳир мешавад.

1. Хусусияти вайроншуда - дар фаъолияти иқтисодии ҳуқуқӣ зоҳир мешавад, вале аз андозбандӣ пинҳон аст (масалан, ҳангоми гузаронидани амалиёти воруди дукарата молиявию иқтисодӣ аз ҷониби бахши муҳосибот);

2. Хусусияти ғайрирасмӣ - дар шароити иқтисоди давраи гузариши Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар фаъолияти меҳнатӣ, ки қонунгузории амалкунанда иҷозат додааст, зоҳир мешавад, аммо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи бисёр намудҳои касбҳо (масалан, ҳангоми хизматрасонӣ тавассути таксиҳои инфиродии маршрутӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба расмият даровардa нашудаанд ва ӯҳдадориҳои андозро иҷро намекунанд);

3. Хусусияти ғайриқонунӣ - фаъолиятҳое, ки қонунҳои амалкунанда манъ кардаанд (масалан, хариду фурӯши силоҳ ё маводи мухаддир, қочоқ, танфурӯшӣ ва ғайра).

Ҳамин тариқ, дар чаҳорчӯби ин тадқиқот мо ба консепсияи иқтисодиёти ниҳонӣ пайравӣ хоҳем кард, ки чунин маъно дорад: фаъолияти субъектҳои соҳибкории қонунӣ ва ғайриқонунӣ, ки дар муомилот ба назар гирифта намешаванд ва аз мадди назари мақомоти танзимкунандаи давлат дуранд, ки пояҳои муқарраршудаи иҷтимоии зиндагиро дар ҷаҳони муосир халалдор мекунанд ва ба истихроҷи фоидаҳои барзиёд равона карда шудаанд.

Истифода намудани ҳар яке аз ин маҳфумҳо, барои муайян намудани моҳият ва маҳфуми иқтисодиёти ниҳонӣ, чӣ аз нигоҳи иқтисодӣ бамаврид буда, хусусияти пинҳонӣ дошта, аз нишон додани баҳисобгирии расмӣ ва супоридани андозҳо саркашӣ

менамоянд. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ фарогирии иқтисодиёти ниҳонӣ зиёд шуда, муносибатҳои ғайриқонунӣ низ афзоиш ёфта, дар ҷараёни таҳлилҳои илмӣ омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои нави муқовимат бар зидди он мавриди баррасӣ бояд қарор гирад.

**Адабиёт**


1. Латов Ю.В. Экономика вне закона. (Очерки по теории и истории теневой экономики). М.: Московский общественный научный фонд. - 2001с. - С.58
2. Бокун Н., Кулибаба И. Теневая экономика: понятие классификации, информационное обеспечение.//Вопросы статистики. - 1997с. - № 7. - С.5
3. И. Клямкин, Л. Тимофеев. Теневая Россия. Экономико-социологическое исследование. М.: - 2000с. - С.7-8
4. А. В. Маркова Теневая экономика в России Томск. - 2005г.
5. Ю. С. Гудий. Понятие, виды и влияние теневой экономики научного исследования. - М., - 2007 с.
6. Эрнардо Де Сото Загадка капитала Москва, - 2004 - С.17.
7. Корягин Т.И. Теневая экономика СССР. Вопросы экономики. - 1990г. - №3. - С.23.
8. Мамадалиев Ф.С. Теоретические вопросы и особенности функционирования теневой экономики в переходной экономики Республики Таджикистан. Автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01-экономическая теория. - Душанбе. - 2011 с. - С.8-9
9. Райг И. Х. Нелегальная экономическая деятельность. Постижение: социология, социальная политика. Экономическая реформа/муаллиф ва тартибдиҳанда Ф. Бородкин, Л. Косалс, Р. Ривкина. - М.: - 1989с. - С.203-213
10. Богомолова В.А. Экономическая безопасность «Профессиональный учебник» Москва. - 2009с. - С.69
11. Джонмамадов Ш.Б. «Проблемы определения и оценки масштабов неформальной экономики», Вестник таджикского государственного национального университета (научный журнал). - №6. - 2007с. - С.81-85
12. Корягина Т. И. Теневая экономика в СССР: анализ, оценки прогнозы// Вопросы экономики -1990 с. - №3. - С.111


# СУЩНОСТЬ И СТРУКТУРА ТЕНЕВОЙ ЭКОНОМИКИ В РАЗЛИЧНЫХ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ СИСТЕМАХ


**УБАЙДОВ ФАХРИДДИН САЙФИДДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории
Таджикского государственного финансово-экономического университета,
734045, г. Душанбе улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 907-62-25-62. E-mail: f_ubaidov@mail.ru
**АМАКДЖОНОВ САРФАРОЗ МАНСУРДЖОНОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры экономической теории
Таджикского государственного финансово-экономического университета,
734018, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 98-777-55-44. E-mail: admin@infopage.tj



*В статье рассматриваются некоторые вопросы экономических механизмов теневой экономики в Республике Таджикистан. Теневая экономика является формой неуправляемого существования и активного противодействия как установившимся, так и вновь вводимым правовым и рыночным нормам экономической деятельности. Подтверждается это тем, что*

*теневая экономика, несмотря на мощное государственное противодействие, сохраняется и имеет тенденции к росту даже в развитых странах с эффективной системой институтов правового, гражданского и рыночного регулирования экономической деятельности. На сегодняшний день ситуация с теневой экономикой во всех странах мира продолжает оставаться тревожной. Неблагополучное положение с субъектами теневой деятельности является одной из основных причин ухудшения экономики в отдельных странах мира. Обстановка, сложившаяся в сфере теневой экономики, связана с комплексом проблем, имеющих место на всех стадиях деятельности. Снижение теневой экономики - ключевая и важная задача, как для государства, так и для общественных организаций.*

***Ключевые слова**: теневая экономика, внелегальная экономика, фиктивная экономика, законодательство, нелегальная экономика, криминальная экономика, неофициальная экономика, подпольная экономика*

## NATURE AND STRUCTURE OF SHADOW ECONOMY IN VARIOUS ECONOMIC SYSTEMS

**UBAIDOV FAKHRIDDIN SAIFIDDINOVICH,**
candidate in Economics, Associate Professor of Economic Theory Department,
Tajik State University of Finance and Economics,
734045, Dushanbe, 64/14, Nakhimov Str.,
Phone: (+992) 907-62-25-62. E-mail: f_ubaidov@mail.ru
**AMAKJONOV SARFAROZ MANSURJONOVICH,**
PhD Doctoral student of Economic Theory Department,
Tajik State University of Finance and Economics,
734018, Dushanbe, 64/14, Nakhimov Str.,
Phone: (+992) 987-77-55-44. E-mail: admin@infopage.tj

*This article deals with some issues of economic mechanisms of the shadow economy in the Republic of Tajikistan. The shadow economy is a form of uncontrolled existence and active opposition to both established and newly introduced legal and market norms of economic activity. This is confirmed by the fact that the shadow economy, despite strong state struggle, continues and has an upward trend even in developed countries with an effective system of institutions of legal, civil and market regulation of economic activity. Today, the situation with the shadow economy in all countries of the world is alarming. Unfavorable situation with shadow actors is one of the main reasons for the deterioration of the economy in certain countries of the world. The current situation in the shadow economy is connected with a complex of problems that occur at all stages of activity. Reducing the shadow economy is a key and important objective for both the state and society and public organizations.*

***Key words:** shadow economy, outside legal economy, informal economy, legislation, illegal economy, criminal economy, unofficial economy, underground economy.*

УДК: 658.5

# РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

**ФАСЕҲЗОДА ИСЛОМ САЙМИРЗО,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 918-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**НАЗАРЗОДА АЛИШЕР САФАР,**
унвонҷӯи кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 900-72-75-75. E-mail: alisher.nazarzoda@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявию таҳлилии рушди истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъминоти аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар ба шумор рафта аз сатҳи иҷрои талаботи мардум бо маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ ба шумор меравад. Ислоҳоти сохтори институтсионалии низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ дар самтҳои гуногун иҷро карда мешаванд ва онҳоро марҳила ба марҳила гузаронидан лозим мебошад.*

*Самти аввал бо ислоҳоти низоми давлатдорӣ вобаста мебошад. Иштироки давлат дар низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ зарур мебошад, аммо дар натиҷаи ташаккули бозори пешрафтаи озуқаворӣ, бешубҳа нақши давлат иваз шуда, он танҳо вазифаи танзими иқтисодиро иҷро мекунад. Чунин стратегия тавассути ҳамкории давлат ва корхонаҳои хусусӣ метавонад иҷро шавад, яъне давлат дар раванди коркарди баъзе маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, дастрас кардани таҷҳизот ва монанди ин метавонад ҳиссагузор бошад.*

***Калидважаҳо:*** *бехатарии озуқаворӣ, истеъмоли озуқаворӣ, сиёсати давлатии иқтисодӣ, сифатии маҳсулоти хӯрокворӣ, субъектҳои хоҷагидор, механизмҳо, дастрасии воқеии озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар доираи иҷрои сиёсати давлатии иқтисодӣ ин масъала самтии афзалиятнок мебошад.

Истеъмоли озуқаворӣ муҳимтарин нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ ва беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ ба шумор меравад. Таъмини кафолатноки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ дар микёси тамоми ҷаҳон хосияти аввлиндараҷаро доро гашта, дар доираи «масоили озуқаворӣ» баҳо дода мешавад.

Дар натиҷаи кам шудани ҳаҷми маҳсулот дар солҳои ислоҳот дар минтақаҳои вилояти Хатлон ва инфрасохтори таъминоти озуқаворӣ, воридот ва нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, дар натиҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабгори барзиёдии сунъии озуқаворӣ ҳангоми коҳиши истеъмол ба сари аҳолӣ гаштааст.

Вазъи таъминоти озуқаворӣ дар мамлакат бо дараҷаи пасти ухдадории ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор, мавҷуд набудани инфрасохтори зарурӣ, дараҷаи баланди инҳисори савдо аз ҷониби гурӯҳҳои муайян дар бозорҳо, вайрон кардани тавсифоти сифатии маҳсулоти хӯрокворӣи фурӯхташаванда, дараҷаи пасти маданияти муносибатҳои бозорӣ муайян мешавад. Дар ҳолати наандешидани чораҳои таъхирнопазир соҳаи иҷтимоии деҳот вайрон гардида, ҳавасмандгардонии меҳнат аз байн меравад, тамоюли манфии рафторӣ меафзояд, ки бунёд ва

афзалиятҳои муайяни аҳолинишини деҳотро ҳамчун мавзеи зиндагӣ ва маданияти қисми назарраси аҳолии мамлакат аз байн мебарад.

Таъминоти аҳолии кишвар бо маводи озуқаворӣ аз сатҳи иҷрои талаботи мардум бо маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ муайян карда мешавад. Албатта дар ин ҷода маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқа, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд, мадди назар гирифта шудааст. Таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ тавассути саноати хоҷагӣ ва қисми муҳими он–кишоварзӣ роҳандозӣ мегардад. Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи муҳимтарин ба шумор рафта, он дар таъминоти мардум бо маҳсулоти тару тоза нақши ҳалкунанда дошта, он корхонаҳои саноатии ватаниро бо ашёи хоми хушсифат таъмин менамояд. Соҳаи кишоварзӣ дар навбати худ ду соҳаи алоқамандро дар бар мегирад: растанипарварӣ ва чорводорӣ ва дар ин замина коркарди аввалияи маҳсулоти бахши чорводорӣ ва растанипарварӣ низ ба ҳамин соҳа талуқ доранд.

Аз рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи зиндагии мардум беҳбудӣ пайдо менамояд: ҳаҷм ва сифати хуби озуқаворӣ, даромад ба сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ. Дар ҳамаи давру замон соҳаи кишоварзӣ дар рушди босуботи кишвар нақши муҳим дошта, барои роҳандозӣ гардидани нақшаҳои давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Соҳаи кишоварзӣ на танҳо соҳаи иқтисодӣ, балки омили ҷойгиршавии аҳолии кишвар дар манотиқи гуногун буда, дар ин замина фарҳанги маънавӣ, руҳияи миллӣ, хотираҳои таърихии халқ шакл мегирад. Дар бахши кишоварзӣ ба монанди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ қонуниятҳои муайяни иқтисодӣ амал менамояд. Ин қонуниятҳои иқтисодӣ дар асоси хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Ҳангоми баҳогузории вазъи рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар шароити таҳаввули коргузориҳои аграрӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, ба монанди мақсади истифодаи замин ба сифати манбаи асосии истеҳсолот, мадди назар гирифтани хусусияти мавсимии истеҳсолот ва дар ин асос истифодаи захираҳои моддӣ, қувваи корӣ ва маблағҳои муайян, гардиши сармоя, нигаҳдошти давраи корӣ, давраи фурӯхти маҳсулот, таваккал намудан ҳангоми номусоид ба иқлим, корбурди ҷанбаҳои биологӣ ва табиӣ ҳангоми истеҳсолот муҳим ба шумор меравад.

Дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсоли ашёи хом барои коркарди саноатӣ муҳим буда, тавозуни ин раванд натиҷаи дилхоҳи иқтисодӣ медиҳад. Ба ақидаи мо самарабахшии комплекси агросаноатӣ натанҳо аз фаъолияти бахши кишоварзӣ, балки аз сифати кори ҳамаи гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи маҳсулот вобастагӣ дорад. Маҳсулоти ҳадди охири комплекси агросаноатӣ бо гузашти вақт коркард мешавад ва дар шакли тайёр ба бозор бароварда мешавад. Маҳсулоти нотайёри соҳаи кишоварзӣ бевосита аз ҷониби аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, он дар шакли ашёи хом ба соҳаи саноатӣ ворид мегардад. Арзишмандии маҳсулоти ҳадди охир комплекси агросаноатӣ аз фоизи умумии арзиши маҳсулоти соҳаи алоҳида бо маблағи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда муайян карда мешавад. Ивазшавии арзиши маҳсулоти комплекси агросаноатӣ вобаста ба талабот ва тақозои бозорӣ ба амал меояд.

Вобаста ба ин дар солҳои охир дар сатҳи давлатӣ миқдори хеле зиёди қарорҳои дорои сатҳи гуногун, ки бо рушди устувори ҳудудҳои деҳот алоқаманданд, қабул карда шуданд. Аз он ҷумла як қатор ҳуҷҷатҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки пойгоҳи зарурии меъёрию ҳуқуқиро ба вуҷуд оварданд. Инҳо: «Барномаи ислоҳоти хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2020», «Барномаи амнияти озуқаворӣ то давраи соли 2015», «Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020», Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи таҷдиди хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳияи Барномаҳои ислоҳоти сектори аграрӣ», «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хоҷагии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ва консепсия, тавсиянома ва стратегияҳои «Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 31 декабри соли 2008, «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Тавсияномаҳо доир ба самтҳои асосии сиёсати буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва дурнамои нишондодҳои макроиқтисодӣ дар солҳои 2018-2020», «Барномаи амнияти озуқаворӣ то давраи соли 2015», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030», «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 дар вилояти Хатлон» ва ғайра мебошанд.

Ҳамин тавр, метавон дар бораи низоми ташаккулёфтаи қоидавии рушди устувори ҳудудҳои деҳот дар ҷумҳурӣ ҳарф зад. Низоми мазкур имконият медиҳад, ки се сохтори ба сари худ мустақил ҷудо карда шаванд.

Яъне, механизмҳо, методҳо ва институтҳо. Ҳамчун методи асосӣ барномаи давлатии мақсаднок баромад мекунад. Дар сатҳи давлатӣ ин аз: «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» иборат аст.

Дар асоси барномаи мазкур ҷиҳатҳои зерин дар назар дошта шудаанд:

- сатҳи таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ;
- суръати зарурии рушди иқтисодӣ;
- таносубҳои иқтисоди миллиро ташаккулдиҳанда;
- самтҳои афзалиятнок ва самаранокии сармоягузориҳои асосӣ;
- самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникии давлатӣ;
- истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва суботи экологӣ;
- риояи нишондиҳандаҳои асосии рушди устувор;
- саҳми бахши хусусӣ дар пешрафти иқтисоди миллӣ ва рушди мутавозини минтақаҳои кишвар [9, с.112 ].

Бояд қайд кард, ки соҳаи кишоварзӣ истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти саноатӣ ба шумор рафта, дараҷаи пасти даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва нархҳои баланди маҳсулоти саноатӣ имконият намедиҳад, ки корхонаҳои доираи кишоварзӣ маҳсулоташонро дар дараҷаи шиддатнокии оқилона ба амал дароранд ва дар охир миқдори зиёди воридоти озуқаворӣ нисбатан арзон ва рақобатнопазирии истеҳсолоти ватанӣ сабаби асосии пастшавии истеҳсолоти худӣ дар солҳои охир, ташкили хатари ҷиддӣ барои бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад [8, саҳ 21].

Тиҷорати илман асоснокшуда ва самаранок ташкилшудаи суғуртакунӣ ба андозаи муайяне ба рушди устувори сохторҳои соҳибкории соҳаи кишоварзӣ дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои бехатарии озуқавориро метавон ба самтҳои зерин ҷудо намуд:

-дастрасии воқеии озуқаворӣ
-дастрасии иқтисодии озуқаворӣ
-воридоти озуқа ба мамлакат

Ба устувории дараҷаи талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ ва истеъмоли он ҳамчунин таъсир мерасонанд:

-шароитҳои иқлимӣ ва экологӣ;

-шароитҳои хароҷотӣ (сармояи инсонӣ ва истеҳсолот);

-инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ;

-шароитҳои иқтисодӣ (бо кор таъмин будан ва даромад);

-шароитҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ (бехатарӣ, боигарӣ);

-шароитҳои институтсионалӣ (сарчашмаҳои эътимодноки маблағҳо, самарабахшии истифодаи захираҳо, маърифати аҳолиро баланд бардоштан ва ғайра).

Аз рушди соҳаи кишоварзӣ сатҳи зиндагии мардум хусусан аҳолии куҳистон беҳбудӣ пайдо менамояд. Масалан: ҳаҷм ва сифати хуби озуқаворӣ, даромад ба сари аҳолӣ, таъминот ва хизматрасонии хуб, беҳбудии вазъи иҷтимоӣ ва ғайраҳо. Дар ҳамаи давру замон соҳаи кишоварзӣ дар рушди босуботи кишвар нақши муҳим дошта, барои роҳандозӣ гардидани нақшаҳои давлатӣ дар соҳаи иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Ҳалли амалии масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои камзаминӣ ва барзиёдии қувваи корӣ бе эътирофи нақши нави қувваҳои миллии истеҳсолӣ, хулоса ҳамаи омилҳои истеҳсолот, аз он ҷумла, нақши иқтидори табиӣ-захиравӣ ва қобилияти аҳолӣ дар берун шудан аз минтақаи ёрии гуманитарӣ ва ҳалли мустақилонаи масоили таъмини хӯрокворӣ амалӣ шуда наметавонад [6, с.14].

Унсури якумини низоми таъминоти аҳолии минтақаҳо бо озуқаворӣ маводи иттилоотие ба шумор меравад, ки аз маълумотҳои дар натиҷаи таҳлил ва пешгӯйии фаъолияти ин бозор бадастомада иборат мебошад. Барои таҳлил ва пешгӯии фаъолияти бозор бояд дар бораи он маълумоти ибтидоие мавҷуд бошад, ки он метавонад аз бахшҳои зерин иборат бошад (нигаред ба расми 1).

**Расми 1.**

**Нишондиҳандаҳо барои таҳлил ва пешгӯии фаъолияти бозори маҳсулоти озуқаворӣ**




*Таҳияи муаллифон.*

Унсури дигари низоми таъминоти аҳолии минтақаҳо бо озуқаворӣ ташаккули захираҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар асоси ташкили инфрасохтори дорои таҷҳизоти ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Захираҳои озуқаворӣ бо мақсади ба таври самаранок

истифода кардани системаҳои нақлиётӣ-коммуникатсионӣ бояд бевосита дар минтақаҳо ташкил карда шаванд.

Истифодаи самараноки обу замин ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бе ворид намудани технологияи нав ва риояи қоидаҳои муосири агротехникии парвариши зироатҳо ғайриимкон мебошад.

Таҳлилҳои гузаронидаи мо нишон доданд, ки ҳангоми мавҷудияти буҷетҳои пурраи ҳокимиятҳои маҳаллӣ, баробари имтиёзҳои андозии пешниҳодшуда метавонанд аз дигар усулҳои ҳавасмандкунонии рушди КАС ва ҳудудҳои ба онҳо дахлдор истифода баранд, масалан сармоягузориҳои мақсаднокро ба кор баранд.

Чунене, ки Адукова А.Н. қайд намудаанд муносибатҳои шарикии барқароршуда дар байни мақомоти худ идораи маҳаллӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар деҳот ҷавобгӯйи манфиатҳои тарафҳост, ба рушди истеҳсолоти агросаноатӣ ва пуршавии буҷетҳои маҳаллӣ муосидат мекунад. Аз ин рӯ, сиёсати ҳокимияти маҳаллӣ дар соҳаи рушди солҳибкории деҳот дар навбати аввал ба ташкили шароити муносиб барои фаъолияти соҳибкорӣ бояд равона карда шавад [1, с.13].

Тибқи ақидаи мо, масъалаи танзими бозори озуқаворӣ барои таъмини муносиби аҳолӣ бо маҳсулоти муҳими ҳаётӣ дар шароитҳои зиёдшавии ин мушкилӣ дар миқёси ҷаҳон вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Инкишофи иқтисодӣ на ҳама вақт хусусиятҳои сифатии инкишофи ҷамъиятро инъикос мекунад, балки ҳадафи охирини танзими давлатии иқтисод, таъмини сатҳи баланд ва арзандаи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад.

Ислоҳоти сохтори институтсионалии низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ дар самтҳои гуногун иҷро карда мешаванд ва онҳоро марҳила ба марҳила гузаронидан лозим аст. Самти аввал бо ислоҳоти нақши давлат вобаста мебошад. Иштироки давлат дар низоми таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ зарур мебошад, аммо дар натиҷаи ташаккули бозори пешрафтаи озуқаворӣ, бешубҳа нақши давлат иваз шуда, он танҳо вазифаи танзими иқтисодиро иҷро мекунад. Вале дар ҷамъияти анъанавӣ дасти тавонои давлат дар рушди низом нақши муҳим дорад.

Вазъи ҳозираи бозори дохилии озуқаворӣ (аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ зиёдтар вобаста шудан, дорои қобилияти сусти харидории истеъмолкунандагон, нодуруст истеъмол кардани озуқаворӣ ва дигар ҷиҳатҳои манфӣ) масъулони ҳамаи дараҷаҳоро тақозо мекунад, ки барои таъмини аҳолии мамлакат бо озуқавории ватанӣ стратегияи мураттаби ба баланд кардани сатҳи истеҳсолоти ватанӣ равонашударо тартиб дода барои татбиқ пешниҳод намоянд. Чунин стратегия тавассути ҳамкории давлат ва корхонаҳои хусусӣ метавонад иҷро шавад, яъне давлат дар раванди коркарди баъзе маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, дастрас кардани таҷҳизот ва монанди ин метавонад ҳиссагузор бошад. Дар баробари ин, мақсади асосии идораи давлатӣ ташаккули қонунгузорӣ мебошад, чунки субъектҳои бозори озуқаворӣ бояд шарти ҳуқуқии фаъолият дошта бошанд.

**Адабиёт**

1. Адукова А.Н. Миниципиальная составляюшая в развитии АПК и сельских территорий // Вестник университета (Государственный унверситет управления), 2015 г. с.13.

2. Ашуров И.С. Амнияти озуқавории Тоҷикистон /И.С. Ашуров // Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ – омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфренсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ (12 – 13 майи соли 2017) - Қӯрғонтеппа – 2017. – С.21-34.

3. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2019. – 170 С.

4. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – декабр. Душанбе – 2020. – С. 24-25.

5. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2020

6. Кудратов Р.Р. Проблемы обеспечения продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности. - М.: МАКС Пресс, 2005 г. - С. 14

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», Душанбе, 2014 с., саҳ. 21.

9. Мирзоев С.А. Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат / Васоити таълимӣ // 2016 с., саҳ. 112.

10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018.

11. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.

12. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворин Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд// Х.А.Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе– 2019,с., саҳ.94-99.

13. Фасеҳзода И.С. Роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳоли маҳсулоти озуқаворӣ / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷаъмиятӣ 2018, №10, сах 113-119.

14. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаъҳои назаривӣ-методологии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон // И.С.Фасеҳзода, С.Н.Ҳакимов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе– 2019, №8, С. 111-119.

15. Шарифов З.Р. Основы рыночной экономики и формирование хозяйственного комплекса АПК.- Душанбе: «Ирфон», 2008, 444с.

## РОСТ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ РЕГИОНА

**ФАСЕХЗОДА ИСЛОМ САЙМИРЗО,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий кафедры экономического анализа
Таджикского государственного
финансово-экономического университета,
734067. Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 918-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**НАЗАРЗОДА АЛИШЕР САФАР,**
соискатель кафедры менеджмента,
Таджикского государственный
финансово-экономического университета,
734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.

Тел.: (+992) 900-72-75-75. E-mail: alisher.nazarzoda@bk.ru

*В статье рассматриваются теоретические и аналитические аспекты развития производства продуктов питания и его влияние на экономику региона. Обеспечение населения продовольствием является одной из стратегических целей Правительства страны и одним из уровней удовлетворения потребностей населения продовольствием собственного производства. Реформы институциональной структуры системы снабжения продовольствием осуществляются в различных областях, и их необходимо постепенно свернуть. Первое направление связано с реформированием государственного устройства. Государственное участие в системе продовольственного снабжения необходимо, но в результате формирования развитого продовольственного рынка роль государства, несомненно, изменится, и оно будет выполнять только функцию экономического регулирования. Такая стратегия может быть реализована через государственно-частное партнерство, т.е. государство может способствовать переработке некоторых сельскохозяйственных продуктов, доступу к оборудованию и тому подобное.*

***Ключевые слова***: *продовольственная безопасность, потребление продуктов питания, государственная экономическая политика, качество продовольствием, хозяйствующие субъекты, механизмы, реальный доступ к продовольствию и безопасность населения.*

## DEVELOPMENT OF FOOD PRODUCTION AND ITS IMPACT ON THE REGIONAL ECONOMY

**FASEHZODA ISLOM SAYMIRZO,**
Candidate in Economics, Associate Professor,
Head of the Department Economic Analysis of
Tajik State University of Finance and Economics.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimova Str.
Phone: (+992) 918-71-97-19. E-mail: fasikhov83@mail.ru
**NAZARZODA ALISHER SAFAR,**
Applicant of Management Department,
Tajik State University of Finance and Economics,
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimov street,
Phone: (+992) 900-72-75-75. E-mail: alisher.nazarzoda@bk.ru

*This article considers the theoretical and analytical aspects of the development of food production and its impact on the regional economy. Provision of the population with food is one of the strategic goals of the Government of the country and considers as the level of fulfillment of food needs of the population within the framework of domestic production. Reforms in the institutional structure of the food supply system are being implemented in various areas and need to be phased out.*

*The first direction is related to the reform of the system of government. State participation is necessary in the food supply system, but due to the formation of a developed food market, the role of the state will undoubtedly change, and it only performs the function of economic regulation. Such a strategy can be implemented through public-private partnership, that is, the government can contribute to the processing of some agricultural products, the acquisition of equipment and the like.*

***Key words:*** *food security, food consumption, state economic policy, quality of food products, economic entities, mechanisms*, real access to food and supplying the population.

УДК: 342.951

# ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ

**МИРБОБОЕВ РАҲМАТУЛО МАДАЮБОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, шахраки донишҷӯён “Бунихисорак”.
Тел.: (+992)903-44-70-00
**САИДОВА ХИСНИЯ МАҲМАДУЛОЕВНА,**
ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии умумиҷаҳонии
ДонишгоҳимиллииТоҷикистон,
734025, ҶумҳурииТоҷикистон, Душанбе, шахраки донишҷӯён “Бунихисорак”.
Тел.: (+992) 934-53-33-55

*Дар мақола хизматрасонии иҷтимои ҳамчун категорияи иқтисодӣ таҳқиқ гардидааст. Асоснок карда шудааст, ки раванди доимо қонеъгардонии талаботҳои гуногуну беинтиҳои инсон дар асоси қонунҳои объективии зиёдшавии тақозо заминаи ибтидоии роҳандозии хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи намудҳо ва шаклҳои гуногуни ташкили фаъолият ба мақсади ҳифзи солимии инсон, дастрасии баробар барои дарёфти таҳсилот дар зинаҳои гуногун ва таъмини рушди фарҳангии аҳолӣ муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасонӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, соҳаи иҷтимоӣ, тақозо, рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сатҳи зиндагӣ, арзиш, арзиши истеъмолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шароитҳои иҷтимоӣ-маишӣ.*

Дар шароити муосир байни масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бештар ба масъалаи соҳаи хизматрасонӣ, махсусан хизматрасонии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии он диққати махсус дода мешавад.

Яке аз категорияҳои асосии назарияи иқтисодӣ мафҳуми тақозо ба ҳисоб меравад. Зарурати доимо қонеъсозии талаботҳои гуногуни аҳолӣ вобаста ба дархости қонуни объективии афзоиши тақозо заминаи ибтидоии ташкили хизматрасонӣ мебошад.

Дар низоми талаботҳо ҷои махсусро талаботҳои шахсӣ ё инфиродӣ ишғол менамояд, яъне талаботи ҳар як фард ҳамчун субъекти иҷтимоии ибтидоӣ (аввалия). Талаботҳои инфиродӣ ҳамчун муносибати инсон ба шароити фаъолияти зист, ба табиат, воситаҳои мавҷудаи зист, ҷамъият, инчунин муносибати инсон нисбати фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Тавассути қонеъсозии талабот алоқаи инсон бо дигар объектҳои иҷтимоӣ пайдо мегардад ва ба воситаи ин алоқа талабот шакли манфиатро мегирад ва сабаби асосии тамоми муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилию техникӣ мегардад. Раванди рушди тамаддун раванди доимо навшавандаи рушд ва қонеъгардонии талаботҳои гуногун ва номаҳдуди инсонӣ мебошад. Маҳз инсон дар он ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва интиҳоӣ, ки талаботро ташаккул медиҳад, баромад менамояд, ки ибтидои тамоми шаклҳои фаъолияти инсонӣ мегардад.

К. Маркс категорияи хизматрасониро таҳлил намуда, хулоса намудааст, ки вай хусусияти молро доро мебошад. Мувофиқи ақидаи К. Маркс, мафҳуми хизматрасонӣ: «дар умум чизеро ифода менамояд, ки арзиши истеъмолии махсусро доро мебошад..., аммо арзиши истеъмолии меҳнат дар инҷо номи махсуси «хизматрасониро» дорад,

барои он ки меҳнат хизматрасониро на дар сифати ашё, балки ба сифати фаъолият мерасонад». [1, с.413]

Ҳамзамон, мазмуни ин муқарраротро кам нанамуда, мушоҳида намудан мумкин аст, ки на ҳамаи гуфтаҳои К.Маркс оид ба хизматрасонӣ дар шароити имрӯза мавриди истифода қарор дода мешаванд. Дар баробари рушдипрогресси илмӣ-техникӣ хизматрасонӣ ҳамчун маҳсулоти махсуси фаъолияти инсонӣ ба як қатор тағйиротҳои назаррас дучор шуда, мазмуни нав касбкардааст. Дар шароити имрӯза натиҷаи меҳнати одамон дар соҳаи хизматрасонӣ, метавонад дар шакли моли мушаххас зуҳур меёбад. Гузашта аз ин, натиҷаи ниҳоиихизматрасонӣ метавонад худи фаъолият оид ба хизматрасониро дошта бошад. Масалан, зери мафҳуми хизматрасонии тиббӣ натиҷаи хизматрасонӣ ҳамчун гузоштани дандон, ё ин ки доругузаронӣ барои бартараф намудани ҳаргуна бемориҳо фаҳмида шавад. Новобаста аз ин ки хизматрасонии тиббӣ шакли молиро соҳиб мегардад ё не, ин мафҳум ҳамчун хизматрасонии тиббӣ ном бурда мешавад.

Аз ҷониби мактаби классикии муосир хизматрасонӣ дар шакли неъмати истеъмолӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар шакли фаъолияти мақсадноки одамон пешниҳод гардидааст, ки натиҷаи он самараи манфиатнок мебошад, ки талаботи одамонро қонеъ месозад.

Дар адабиёти муосири илмӣ нисбат ба категорияи хизматрасонӣ нигоҳи гуногун вуҷуд дорад. Масалан, мувофиқи ақидаи Агабабян Э.М., «Зери мафҳуми хизматрасонӣ бояд самараи манфиатнок фаҳмида шавад, ки дар натиҷаи раванди меҳнат ҳамчун фаъолияти мақсаднок ба вуҷуд меояд» .[2,с.52]. Ба ақидаи мо, ин нуқтаи назар ҷолиб аст, чунки хизматрасонӣ дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мегардад ва дар алоқаи бевоситаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда оид ба истеъмоли натиҷаи меҳнати ба сифати моли махсус ба дастовардашуда асос меёбад.

Пайдоиши хизматрасонӣ хусусияти таърихӣ дошта, раванди пайдоиш ва рушди зинаи муайяни ҷамъияти инсониро ифода менамояд. Хизматрасониро ҳамчун фаъолияти манфиатнок баррасӣ намуда, мо чунин меҳисобем, ки манфиатнокии хизматрасонӣ ба воситаи хислати мушаххаси меҳнат, ки арзиши истеъмолии мазкурро ба вуҷуд меорад, муайян карда мешавад. Дар ин ҷо сухан на дар бораи манфиатнокии намуди махсуси меҳнат, балки доир ба пайдоиш ва фаъолияти шаклҳои муайяни муносибатҳои иқтисодӣ меравад. Дар навбати худ ин таърифи хизматрасонӣ ақидаи М.С. Солодков, Т.Г.Поляков, Л.Н. Овсяниковро асоснок менамояд, ки чунин мешуморанд: «Хизматрасонӣ ин муносибати ҷамъиятӣ оид ба ҳаракати манфиатноки меҳнат аст, ки ҳамчун фаъолият истифода мегардад».[3,с.107].

Мувофиқи ақидаи Шарипов А.Ю. «хизматрасонӣ ин ҳаракати манфиатноки ин ё он арзиши истеъмолӣ- мол ё меҳнат мебошад».[4,с.80]. Мазмуни хизматрасонӣ ҳамчун арзиши истеъмолии махсус дар он зоҳир мегардад, ки меҳнат хизматро на дар шакли мол, балки дар шакли фаъолият иҷро мекунад. Дар ҳамин ҳол раванди истеҳсол ва истеъмоли хизматрасонӣ дар як вақт сурат мегирад.

Ҳамин тавр, хизматрасонӣ дар бисёри мавридҳо аз худи раванди меҳнат ҷудонашаванда мебошад ва дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар бисёри мавридҳо бо қатъ гардидани фаъолияти хизматрасонанда, масалан, хизматрасонии тиббӣ, соҳаи маориф ва ғайра, хизмат низ аз байн меравад. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки меҳнати одамоне, ки хизматрасонӣ менамоянд, масалан, хизматрасонии суратгирхона ё ателе, ба мол табдил меёбад. Дар соҳаи хизматрасонӣ

меҳнат ҳамчун миёнарав байни фармоишгар ва хизматрасон баромад менамояд (расми 1).

Самараи манфиатноки фаъолияти инсон оид ба хизматрасонӣ талаботҳои гуногуни инсонро қонеъ мегардонад, ки замина барои муайян намудани хизматрасонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ мегардад ва имкон медиҳад, ки хулоса намоем: арзиши истеъмолии хизматрасонӣ баҳодиҳии нисбии манфиатнокиинатиҷаи меҳнати муайяни фарди мушаххас мебошад. Манфиатнокии хизматрасонӣ дар худи истеъмолкунандаи хизмат муайян мегардад.




**Расми 1. Сохториумумиита лаботҳоиаҳолӣ ба хизматрасониҳоииҷтимоӣ**

***Манбаъ: таҳияи муаллифон.***

Самараи маҷмӯии манфиатнокии ҳамаи хизматрасониҳо бо таъсири муайян ба ташаккулёбӣ ва рушди инсон ва ҷомеа дар маҷмӯъ намудор мегардад.

Исботи арзиши хизматрасонӣ бошад дар он зоҳир мегардад, ки истеҳсоли хизматрасонӣ хароҷоти ҷамъиятиро талаб менамояд ва хусусияти он аз хусусияти хароҷотҳои зарурии ҷамъиятӣ барои истеҳсолоти моддӣ тафовут надорад.

Арзиши хизматрасонӣ дар низоми хоҷагидории тараққикарда характери ҷамъиятӣ дорад. Хизматрасонӣ дар шароити истеҳсолоти молӣ неъмати истеъмолӣ мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии инсон ба вуҷуд омада, барои мубодила ҳамчун мол пешбинӣ мешавад. Дар ин хусусияти худ хизматрасонӣ арзиши мубодилавиро соҳиб мегардад.

Ба хизматрасонӣ ҳамчун маҳсули меҳнат мазмуни махсус хос аст ва он хусусияти духела дорад:якум,ҳамчун арзиши истеъмолӣ, ки дар шакли самараи манфиатнок, дуюм, ҳамчун арзиш дар шаклипулӣ, ки бе гирифтани шакли ашёӣ, ба таври хоса намудор мегардад.

Мушкилии таҳлили истеҳсол ва мубодилаи хизматрасонӣ бо мувофиқати ду раванд - истеҳсол ва истеъмол фаҳмонда мешавад, ки пурракунандаи якдигар мебошанд. Вақте ки пардохти маблағ ба расонидани хизмат дар шакли пешпардохт мусоидат менамояд, хизматрасонӣ, пеш аз он, ки арзиши истеъмолии худро зоҳир намояд, ҳамчун маҳсули меҳнати ҷамъиятӣ дар шакли арзиши пулӣ намудор мешавад. Дар раванди истифодаи хизматрасонӣ,ки бо истеҳсолот якҷо меравад, арзиши истеъмолии он низ истифода мешавад. Аммо қайд намудан ба маврид аст, ки дар охир баъди гирифтани шакли пулӣ, аз байн меравад. Азбаски хизматрасонӣ дар раванди истеҳсол истеъмол мегардад, чунин ба назар мерасад, ки дар равандимубодилаиштирок карда наметавонад. Дар воқеият низ хизматрасонӣ ба муомилот дар шакли молӣмахсус ё ашёпешниҳод намегардад. Аммо арзиши истеҳсоли ин ё он хизматрасонӣ чӣ қадар аст, ба ҷамъият маълум аст, аз инрӯ, далели пардохти хизматрасонӣ то ё баъди истеҳсолу истеъмоли он исботи мавҷудияти мубодила мебошад. Арзиши хизматрасонӣ ифодакунандаи меҳнати истеҳсолӣ мебошад, яъне хизматрасонӣ бо пул мубодиламешавад, ки дар он арзиши хизматрасонӣ шакли ашёӣ мегирад. Ба ғайр аз хизматрасониҳои бевоситаи дар шакли фаъолият мавҷудбуда, инчунин шаклҳои хизматрасоние вуҷуд дорад, ки самараи манфиатнокии онҳо дар мутобиқсозии маҳсулоти аллакай истеҳсолшуда зоҳир мегардад, масалан таъмиру барқарорсозии соатҳо, яхдону телевизорҳо, либосу пойафзолв дигарҳо. Хусусияти ин шакли меҳнат дар он зуҳур меёбад, ки шакли молӣ дорад.

Дар луғати муосири иқтисодӣ хизматрасонӣ ҳамчун: «шакли фаъолият ё кор муайян карда мешавад, ки дар раванди иҷроиши он моли нави пештар мавҷуд набуда, маҳсулоти моддӣ-ашёии пештар истеҳсол нагардида истеҳсол намегардад, аммо сифати молу маҳсулоти мавҷуд будаи истеҳсол гашта тағйир меёбад». Ин неъматест, ки на дар шакли ашёҳо, балки дар шакли фаъолияте, ки натиҷаи дилхоҳ медиҳад, пешниҳод мегардад [5, с.412].

Дар адабиёти илмӣ як қатор шаклҳои гурӯҳбандии хизматрасонӣ ҷой дорад. Масалан, Хомелянский Б.Н. хизматрасониҳоро ба «истеҳсолӣ», расонидани хизмат ба истеҳсолот(хизматрасонии истеҳсолоти моддӣ) ва «хизматрасониҳои иҷтимоӣ» (тиббӣ, маориф, нақлиётӣ, хизматрасонии алоқа ва савдо) ҷудо намудааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ, инчунин хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба хизматрасониҳои моддӣ хизматрасониҳои коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ, алоқа, савдо, таъминот, фурӯш ва ғайра дохил мешаванд. Яъне хизматрасониҳое, ки дар раванди истеҳсоли онҳо меҳнати ба ҳайси фаъолият истифодашаванда дар як вақт дар объекти худ ба мол табдил меёбад. Ба хизматрасониҳои ғайримоддӣ хизматрасониҳои тиббӣ, маориф, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки бо ташкил ё барқарорсозии арзиши истеъмолии ашёҳо алоқаманд нест, яъне онҳо шакли молӣ намегиранд ва дар раванди истеҳсол истеъмол мегарданд.

Хизматрасониҳо вобаста ба сатҳи марказонӣ ба ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ аз низоми буҷет ба буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ,аз рӯйи аломати ҳуқуқӣ бошад ба қонунӣ ва ғайриқонунӣҷудо мешаванд. Ба хизматрасониҳои буҷетӣ хизматрасониҳое дохил мешаванд, ки аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷавии дар шакли хароҷотбарои чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва хоҷагии манзилӣ равона гаштаанд.

Ба хизматрасониҳои ғайрибуҷавӣ хизматрасониҳое дохил мешаванд, ки аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ, фондҳои хайриявӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷро карда мешаванд.

То имрӯз дар адабиёти иқтисодӣ ақидаи ягона оид ба фаҳмиши категорияи «хизматрасонии иҷтимоӣ» вуҷуд надорад. Мувофиқи ақидаи Терешенко Л.К. хизматрасонии иҷтимоӣ ин хизматрасониҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва илм мебошад, ки худ ба худ самти барои ҷамъият муҳимро ифода менамояд ва онро дар як қатор бо дигар намуди хизматрасониҳо мегузорад.[6, с.112].

Мувофиқи ақидаи Т.Парсонс, хизматрасонии иҷтимоӣ - ин қисми ҷудонашавандаи низоми хизматрасониҳои давлатӣ–боҳамалоқамандии байни одамон дар ҳолати бавуҷудомадаи худташкилшаванда ва худтанзимшавандаи зернизом барои дастгирии на танҳо шахсони алоҳида, ё ин ки гурӯҳи одамон, балки фаъолияти тамоми ҷамъият дар маҷмӯъ мебошад.

Чунин маънидодкуниҳо хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун яке аз қисми таркибии алоқамандии ташкилотҳои иҷтимоӣ оид ба расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба истеъмолкунанда дар шакли кумаки иҷтимоӣ ифода менамояд. Моҳияти хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо фаъолияти худро ба қонеъсозии талаботи одамони имконияти маҳдуддошта равона месозанд. Гузашта аз ин, низоми хизматрасонии давлатӣ чунин шакли хизматрасониҳоро ба монанди таъминоти нафақа, ҷубронпулӣ, кумаки иҷтимоӣ ва ғайра дар бар мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ карда мешавад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон кафолати хизматрасонии иҷтимоиро дар низоми хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ дар шаклҳои асосии он кафолат медиҳад».Дар моддаи 5қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» мафҳуми «хизматрасонии иҷтимоӣ» чунин маънидод карда мешавад: «хизматрасонии иҷтимоӣ – иншакли фаъолият ё коре мебошад, ки ба қонеъсозии талаботи шаҳрвандон ба манфиати онҳо анҷом додашаванда оид ба расонидани кумак дар ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ, оид ба пешгирии онҳо ба ҳисоб меравад».

Дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дода мешавад. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шакли ҳифзи иҷтимоии чунин гурӯҳи аҳолӣрасонида мешаванд, ки мустақилона ҳадди ақалли зисти худро таъмин намуда наметавонанд (пиронсолон, оилаҳои серфарзанд, кӯдакон, маюбон ва ғ.). Ба шакли дигари хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастгирии иҷтимоии аҳолии нисбатан фаъол дохил мешавад, ки ба дастгирии давлат барои бартараф намудани мушкилот ниёз доранд. Дар ин ҳолат аз ҷониби давлат дар чунин шаклҳо метавонад хизматрасонӣ анҷом дода шавад: пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, имтиёз дар самти андозбандӣ, субсидияҳо ва шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ. Дар ин самт мақсади сиёсати давлатӣ ташкил намудани синфи миёна мебошад, ки муътадилии сиёсию иқтисодиро дар ҷамъият таъмин таъмин карда метавонад.

Дар адабиёти иқтисодӣ одатан ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ чунин хизматрасониҳоро дар шакли кумаки иҷтимоӣ ба оилаҳо ва кӯдакон, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар шакли дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, расонидани кумаки иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-хуқуқӣ, психологӣ-педагогӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ-маишӣ, кумаки моддӣ, гузаронидани мутобиқшавии иҷтимоӣ ва барқарорсозии аҳолии ба шароити вазнин дучоргардида (эҳёгарӣ) дохил менамоянд. Инчунин ба

хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар баъзе мавридҳо дастгирии иҷтимоии давлатро ба соҳибкорони инфиродӣ дар шакли пешниҳоди ҳаргуна имтиёзҳо аз фондҳои ғайрибуҷетӣ дохил менамоянд.

Як қисми муаллифон ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба ғайр аз таъминоти иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа, инчунин хароҷоти давлатро барои соҳаи тандурустӣ ва маориф, кумак ба аҳолӣ тавассути пардохтҳо аз фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, шуғли аҳолиро дохил менамоянд. Аз ҷумла, мувофиқи ақидаи Раҷабов Р.К., «хизматрасонии иҷтимоӣ ин мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти мудофиа ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муассисаҳои молиявӣ, суғуртавӣ ва иттифоқҳои касаба мебошанд» [8, с.36].Гарчанде ки як қатор муаллифони ватанӣ чунин таърифро ҷонибдорӣ менамоянд ва чунин меҳисобанд, ки ин таъриф нақш ва мақоми хизматрасонии иҷтимоӣ ва манфиатнокии онро барои истеъмолкунанда ифода менамояд, аммо ба ақидаи мо, ин таъриф тавсифи хизматрасониҳои иҷтимоиро пурра ифода накардааст. Ба андешаи мо, муаллиф танҳо як қатор муасиссаҳои хизматрасониҳои иҷтимоиро номбар карда, нақши онҳоро дар ташаккулёбии рушди нерӯи инсонӣ нишон надодааст. Гузашта аз ин, хизматрасониҳои иҷтимоӣ муносибати объективӣ ва субъективӣ мебошанд, ки дар ин таъриф худи хизматрасонӣ ҳамчун муносибати иқтисодии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда нишон дода нашудааст.

Ба ақидаи мо, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамон шаклҳои хизматрасониҳои ғайримоддии истеъмолӣ дохил мешаванд, ки тараққиёти прогрессивии сохти иҷтимоии ҷамъиятро таъмину нигоҳ дошта метавонанд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, хизматрасониҳои тиббӣ, маориф, хизматрасониҳо дар самти фарҳангу маданият, хизматрасонии идоракунии давлат дохил мешаванд ва истеъмолкунандаи ин навъи хизматрасониҳо аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Хизматрасонии иҷтимоӣ аз тарафи давлат метавонад ройгон ё дар асоси имтиёз, инчунин бо пардохти маблағ аз ҷониби давлат ё ташкилотҳои дигари ғайридавлатӣ расонида шавад.

Қайд намудан мумкин аст, ки ҳамон хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба онҳо дар сохтори иқтисоди миллӣ аҳамияти бештар зоҳир карда мешавад, барои рушди иҷтимоии қисми зиёди аҳолӣ аҳамияти бештар доранд. Гузашта аз ин, ҳангоми коркарди сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва барномаҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ дар мавриди аввал ба он хизматрасониҳое таваҷҷуҳ зоҳир карда мешаванд, ки шумораи бештари истеъмолкунанда доранд. Бо дарназардошти нақш ва мақоми соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, гуфтан мумкин аст, ки ба хизматрасониҳои иҷтимоии зарурӣ дар минтақаҳо ва деҳот хизматрасонӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳангро дохил намудан мумкин аст. Инчунин, бояд қайд намуд, ки хизматрасонии иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мувофиқи ақидаи Ковалева Г.А., «хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ зарур» он хизматрасониҳое мебошанд, ки тибқи қонунҳои амалкунанда ба таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон равона гардидаанд»[9,с.41].

Дар илми муосир барои муайяннамоӣ ва гурӯҳбандии шаклҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути мазмун ва нишонаҳои он кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудааст. Ҳамин тавр, Малофеев И.В. хизматрасониҳои иҷтимоиро вобаста ба самти равонашавии онҳо гурӯҳбандӣ намуда, ба иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намудааст. [10,с.14].

Дар луғати иқтисодии муосир соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи соҳаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳое фаҳмида мешавад, ки бевосита бо муайянсозии тарзи ҳаёт ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, некуаҳволии онҳо алоқаманд мебошанд. Ба соҳаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, тарбияи ҷисмонӣ, хизматҳои коммуналӣ, нақлиёт ва алоқа дохил карда мешавад.

Ба ақидаи мо, соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун унсури сохтории иқтисодиёт дар асоси хусусиятҳои ба вай хос муайян намудан мумкин аст. Сатҳи тараққиёти он бо ҳолати комплекси амалкунандаи шабакаи муассисаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъминоти захиравии онҳо тавсиф дода мешавад. Ин соҳаҳо вобаста ба характер ва натиҷаи меҳнат, ташкили раванди меҳнат ва истеҳсолот, шакли тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва бо хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ фарқ мекунанд. Вазифаи асосии фаъолиятнамоии ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ қонеъсозии талаботҳои инсон мебошад.

Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ хизматҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳимро расонида, шароитҳои мусоиди иҷтимоӣ-маиширо ба вуҷуд меоварад ва солимии аҳолиро таъмин менамояд.Инчунин ба афзоиши сатҳи таҳсилот ва фарҳанг мусоидат намуда, ҷойҳои кориро таъсис медиҳад ва маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ-техникӣ ва иҷтимоиро ифода намуда, зинаи пайвандкунандаи ҷамъият мебошад. Мавҷудияти муносибатҳои иҷтимоӣ асоси объективии фаъолияти соҳаи махсуси иқтисодӣ - соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ буда, дар зери махсусияти таъсири қонунҳои иқтисодӣ амал мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ақидаи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар истилоҳи «соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ»-ро барои тавсифи соҳаи мустақили низоми иқтисодӣ истифода намоем, ки барои фаъолияти зист ва рушди инсон, афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад.

Асоси объективии мавҷудияти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи мустақил мавҷудияти муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон оид ба қонеъсозии талаботҳо ба хизматрасониҳо мебошад. Дар ин асос, ба ақидаи мо, соҳаи хизматрасонии иҷтимоиро ҳамчун соҳаи бозтавлиди сармояи инсонии барои афзоиши самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ шароит фароҳамоваранда тавсиф додан мумкин аст.

Ҳамзамон, соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ соҳаи фаъолияти илмӣ ва хоҷагидориро низ ифода менамояд, ки мавзӯи он инсон бо талаботҳои худ мебошад. Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар худ маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият, вазифаҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад, ки мақсади асосии онҳо ҳифзи солимӣ ва ҳаёти инсон, фароҳам овардани ҳуқуқи баробари гирифтани таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо, кори мувофиқ ва музди кори арзанда, беҳтарсозии сифати шароити манзилӣ ва маишӣ, инчунин, мутобиқ сохтан ба воситаҳои муосири рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Агабабьян Э.М. Экономический анализ сферы услуг. Экономика, 1968. -С. 52.

2. Дмитриев М. Социальная сфера в условиях финансовых кризисов: проблемы адаптации//Вопросы экономики. –М. 1999. - № 2. - С. 57.

3. Ковалева Г.А. Реформирование ситемы финансирования государственного и муниципального секторов экономики/Г.А.Ковалева, Э.В.Пешина// Екатеринбург.Институт экономики УрО РАН, - Екатеринбург, 2008. -С.41.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,моддаи 5.

5. ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз

05.01.2008.№359//Ахбори маҷлиси олии ҶТ. 2008.№1Ч.2.М.24.
6. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. - М.: Госполитиздат, 1955. Т.2. - С. 413-414.
7. МалофеевИ.В. Социальные услуги в рыночной экономике:опыт и проблемы/И.В. Малофеев//Сервис плюс: Экономика и экономические науки. - М., 2011. -№3. -С.-14-19.
8. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики: монография/Р.К.Раджабов. -Душанбе, 2013. -С. 36.
9. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - М.: ИНФРА- М. – М., 2001. -С. 385.
10. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - М.: ИНФРА-М", 2001.-С. 412.
11. Солодков М.В. Полякова В.Д. Овсянников Л.Н. Теоретические проблемы услуг и непроизводственной сферы при социализме. - М.: МГУ, 1972. - С. 107.
12. Терешенко Л.К.Услуги: государственые, публичные, социальные /Л.К.Терешенко//Российкое право. – М., 2004.-№10. - С.3-5.
13. Хомелянский Б.Н. Социалистическое воспроизводство. Воспроизводственный потенциал социальной инфраструктуры.-М.: Экономика, 1989.-С. 112.
14. Шарипов А.Ю. Сфера услуг сибирского региона (политэкономический анализ). - Новосибирск: Наука, 1979.-С.80.

## СОЦИАЛЬНЫЕ УСЛУГИ КАК ЭКОНОМИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ

**МИРБОБОЕВ РАХМАТУЛО МАДАЮБОВИЧ,**
кандидат экономических наук,
доцент кафедры мировой экономики,
Таджикский национальный университет,
г. Душанбе, студентческий городок “Бунихисорак”.
Тел.: (+992) 903-44-70-00.
**САИДОВА ХИСНИЯ МАХМАДУЛОЕВНА,**
ассистент общеуниверситетской кафедры экономической теории,
Таджикский национальный университет,
734025, г. Душанбе, студентческий городок “Бунихисорак”.
Тел: (+992) 934-53-33-55.

*В статье социальные услуги рассматриваются как экономическая категория. Утверждается, что постоянный процесс удовлетворения разнообразных и бесконечных потребностей человека, на основе объективного закона возрастающего спроса, является первичной основой для предоставления социальных услуг. Социальные услуги определяются как совокупность различных видов и форм организации деятельности, направленных на охрану здоровья человека, доступность образования на разных уровнях и обеспечение культурного развития населения.*

***Ключевые слова:*** *услуга, социальные услуги, социальная сфера, спрос, социокультурное развитие, уровень жизни, потребительская стоимость, социальная защита, социально-экономические условия.*

## SOCIAL SERVICES AS AN ECONOMIC CATEGORY

**MIRBOBOEV RAHMATULO MADAYUBOVICH,**
Candidate in Economics,

Associate Professor, Department of World Economy
Tajik National University,
734025, Dushanbe, "Bunikhisorak" campus.
Phone: (+992) 903-44-70-00.
**SAIDOVA KHISNIYA MAHMADULOEVNA,**
assistant of the Department of World Economic Theory,
Tajik National University,
734025, Dushanbe, "Bunikhisorak" campus.
Phone: (+992) 934-53-33-55.

*The article considers social services as an economic category. It is justified that the constant process of satisfying various and endless human needs which based on the objective law of increasing demand is the primary basis for the provision of social services. Social services are defined as a set of various types and forms of organizing activities aimed at protecting human health, equal access to education at different levels and ensuring the cultural development of the population.*

***Key words:*** *service, social services, social sphere, demand, socio-cultural development, standard of living,value, consumer value, social protection, socio-economic conditions.*

УДК: 331 (575.3)

# СУБЪЕКТЫ ЛИЗИНГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В СИСТЕМЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**ЗИЁЕВ ЗУЛФИКОР МАХМАДЁКУБОВИЧ,**
кандидат экономических наук,
кафедра финансов Таджикского государственного
финансово-экономического университета,
г. Душанбе ул; Нахимова 64/7.
Тел.: (+992) 908-33-89-72. E-mail: Zulfikor2018@mail.ru

*Необходимость лизинга в системе рыночных отношений можно рассматривать как особый вид инвестиционной деятельности новых рыночных субъектов, его применение в их деятельности может повысить уровень производства. В Республике Таджикистан на сегодняшний день функционируют 14 лизинговых субъектов, из них 5 субъектов являются лизинговыми фирмами, которые непосредственно осуществляют только лизинговые сделки. Остальные 9 субъектов, это банки, которые предоставляют кредит для лизингополучателей. Здесь главный элемент в принципе получения лизинга или кредита, является уровень процентной ставки.*

***Ключевые слова:*** *лизинг, инвестиционная деятельность, оборудование, финансовая аренда, национальная экономика.*

На сегодняшний день лизинг можно рассматривать как особый вид инвестиционной деятельности, за счёт которого можно повысить уровень производства хозяйственным субъектам. Лизинг позволяет взять в аренду оборудование, транспорт и прочие подобные активы. Само слово лизинг образовано от английского глагола «to lease», что и переводится как сдача в аренду какого-либо имущества. Можно отметить, что лизинг является разновидностью аренды. Однако с экономической точки зрения, лизинг представляет собой куплю-продажу имущества, ввиду того, что арендатор эксплуатирует его на протяжении всего срока службы [1, с.2].

В целом, лизинг – это финансовая аренда, в которой осуществляются взаимоотношения лизингодателя (т.е. арендодателя), покупающего у производителя какое-либо конкретное имущество с целью его передачи в платное пользование лизингополучателю (т.е. арендатору). Подобное взаимодействие происходит путём заключения нескольких договоров, представляющих собой отдельный комплект, между сторонами: производителем арендуемого имущества, лизингодателем и лизингополучателем [2, с.3].

В ракурсе рыночных отношений в системе национальной экономики Республики Таджикистан функционируют 14 лизинговых субъектов. Из них 5 субъектов является лизинговыми фирмами, которые непосредственно осуществляют только лизинговые сделки. Остальные 9 субъектов это не лизинговые фирмы, что касается других банков, которые предоставляют кредит для лизингополучателей. Здесь главный элемент при получении лизинга или кредита является принцип уровня процентной ставки предоставления лизинга или кредита. Принцип предоставления лизинга во всех банках совсем не отличается от уровня получения кредита.

Если посмотреть на процесс осуществления лизинговых отношений в зарубежных странах, то можно обнаружить отличительные особенности лизинга от кредита. Здесь стимулирующими индикаторами выступают рыночные льготы, способствующие форсированию лизинговых процессов со стороны банков в реальном

секторе экономики, которые в дальнейшем смогли обеспечить конкурентоспособность на рынке.

В Республике Таджикистан только 5 компаний считаются перспективными лизинговыми компаниями: ООО «Глобал Лизинг», ООО «Аср-Лизинг», АОЗТ «Агротехсервис», ООО «Лизинг-файнэнс», РГУП «Таджикагролизинг».

На сегодняшний день ООО «Глобал Лизинг» является одной из перспективных лизинговых фирм в Республике Таджикистан. Данная фирма было организована в 2011 году, посредством привлечения иностранных инвестиций. Фирма имеет зарубежные контракты с такими компаниями как Xinjian Sanbao Industry Group Co., Ltd, Guangxi Liugong Machinery Co., Ltd, Сп Ооо «Jv Man Auto-Uzbekistan», Экспортно-Импортной Компанией с Ограниченной Ответственностью «Тяжелые Автомобили ШААНЬСИ». Правила предоставления лизинга осуществляются следующим образом: процент лизинга у этой компании составляет 18%; предоплата имущества составляет 30% и срок лизинга составляет до 12 месяцев.

Следует отметить, что срок лизинга составляет 12 месяцев, это срок хайринга у лизинга (от 3 и более лет), но в условиях турбулентности экономики лизинговые компании имеют право уменьшить срок лизинга до минимального уровня или могут продлить до самого максимального срока лизинга. Осуществление данного процесса выстраивается на договорной основе.

Таблица 1.

**Предметы лизинга, которые ООО «Глобал-лизинг» предоставила с 2016 по 2019 годы**

| Наименование | Годы | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2016г. | 2017г. | 2018г. | 2019г. | 2019/2016 (+/-) |
| Самосвал Хово | 16 | 23 | 15 | 0 | 54 |
| Самосвал Шакман | 9 | 17 | 43 | 57 | 128 |
| Самосвал Шакман сборка РТ | 0 | 0 | 0 | 24 | 24 |
| Погрузчик Синомач | 0 | 8 | 11 | 6 | 25 |
| Погрузчик Синомач сборка РТ | 0 | 0 | 0 | 2 | 2 |
| Погрузчик Луигонг | 0 | 0 | 0 | 3 | 3 |
| Экскаватор Синомач | 0 | 0 | 5 | 8 | 13 |
| Экскаватор Синомач сборка РТ | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Бульдозер | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Автокран | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Стационарное помпа Зумлион | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Итого | 26 | 48 | 74 | 103 | 251 |

*Источник: таблица составлена автором, по материалам ООО «Глобал-лизинг».*

Как видно из таблицы 1, в течение 4 лет компания ООО «Глобал-лизинг» предоставила в лизинг 251 единиц техники из них: самосвалы всех видов и погрузчики 206 единиц, 30 единиц экскаваторов, 14 единиц бульдозеров, 1 автокран, 1 стационарная помпа. Кроме этой техники, которая компания предоставила в качестве лизинга, можно заказать другие виды техники в этой компании и они, в качестве поставщика и лизингодателя, предоставят их лизингополучателю.

Компания ООО «Аср-Лизинг» имеет возможности и условия для предоставления финансовых средств и выкупа оборудования. Данная компания имеет возможность продавать не только товары, но и крупное оборудование лизингополучателю, который хочет приобрести его в свою собственность. Преимущества этой лизинговой компании сводится к тому, что данная компания ведет расчет с лизингополучателем на различных условиях. Все расчеты по поводу выкупа и оплаты осуществляются в электронном формате, выполняемые по современным стандартам.

Многофункциональность данной лизинговой компании в системе национальной экономики предоставляет возможность конкурировать с другими компаниями. На основе заявки, компания будет продолжать переработку заказа потребителям для получения лизинга. Компания ООО «Аср лизинг» основана в 2013 году и начала финансовую деятельность в 2015 году. Её официальными партнёрами являются «ICD Исламский банк развития», и «Eurasia Group»- это вертикально-интегрированная группа компаний, включающая в себя подразделения, специализирующиеся на международной логистике или на отдельных категориях импортных товаров. Предметами лизинга в компании ООО «Аср лизинг» могут быть: сельскохозяйственная техника, медицинское оборудование, полиграфическое оборудование, строительная техника, производственное оборудование, коммерческие автомобили, текстильное оборудование, офисное оборудование и другая существующая техника и, технологическое оборудование.

Следует отметить, что компания имеет огромное преимущество в предоставлении лизинга. Главные отличия в основном в размере процента от других финансовых компаний и в предоплате, срок договора лизинга от 12 до 48 месяцев, а процент лизинга от 10% до 12%, что почти в два раза меньше, чем банковский кредит, а предоплата 20% от стоимости имущества.[1]

Таблица 2.

**Предметы, которые лизинговая компания ООО «Аср лизинг» предоставила в лизинг**

| Наименование | Годы | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/2015 |

[1] Первичный материал ООО «Аср лизинг»

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Оборудование (термопласт) | 4 | 8 | | 4 | 9 | 25 |
| экскаватор, автокран | 3 | | 2 | | | 5 |
| Грузовые автомобили (дулан) | 7 | | 2 | 10 | 5 | 24 |
| Прицеп | 7 | | | | | 7 |
| Бетонзавод | | | 1 | | | 1 |
| Производственная линия | | | 1 | 3 | | 4 |
| Машины с холодильником | | | | 9 | | 9 |
| Оборудование для птицефабрики | | | | | 1 | 1 |
| Всего | 21 | 8 | 6 | 26 | 15 | 76 |

*Источник: таблица составлена автором по первичным материалам ООО «Аср лизинг»*

Как видно из таблицы 2, в анализируемом периоде данная компания независимо от того, что она функционирует на рынке сравнительно недолгое время, потребность на представляемые ими товары отвечает и удовлетворяет требованиям потребителей. Так, до настоящего времени, компания предоставила оборудование и технику для различных отраслей национальной экономики Республики Таджикистан, из которых: оборудование -25 единиц, экскаваторы -5 единиц, грузовые автомобили -24 единицы, прицепы- 7 единиц, бетон-завод -1 единица, производственная линия - 4 единицы, машины с холодильником -9 единиц, оборудование для птицефабрики - 1 единица.

Нам представляется, что данная лизинговая компания по существу с начала функционирования, в основном предоставляет необходимое оборудование для птицеводческой отрасли сельского хозяйства и благодаря данной компании за последние 5 лет заметно увеличилась продукция данной отрасли.

Еще одной перспективной лизинговой компанией является АОЗТ «Агротехсервис», которая поддерживает агропромышленный комплекс Таджикистана. Компания АОЗТ «Агротехсервис», основана в 2003 году и на протяжении длительного времени занимается поставкой качественной и надежной техники для агропромышленного комплекса республики. На сегодняшний день завод поставляет в республику большую часть из модельного ряда тракторов марки «Беларус» - Минского тракторного завода, в том числе малогабаритные трактора для работы в садах и на полях малых дехканских хозяйств, а также гусеничные трактора марки «ХТЗ» - Харьковского тракторного завода.

Вышеупомянутые заводы поставляют для уборки зерновых культуры в аграрном секторе экономики республики различные виды комбайнов одной из наиболее мощных марок комбайнов NIVA – 1500 и VECTOR-410. Для заготовки кормовых культур рекомендуются мощные комбайны ДОН-680, при помощи которых можно заготовить корма, как из травяных культур, так и из кукурузы различных видов кормов. Было бы приемлемо для заготовки кормов использовать кормоуборочные комбайны STERH и пресс-подборщики TUKAN торговой марки «Ростсельмаш», они являются наиболее удобной техникой, которая оснащена современной инновационной системой.

Большой ассортимент прицепных и навесных машин для обработки почвы, уборки и обмолота зерновых, оборудование для внесения химических и минеральных удобрений, распылители и опрыскиватели для химической защиты растений, машины для измельчения и раздачи кормов для крупного рогатого скота на фермах, а также прицепных самосвальных транспортных средств, таких крупных производителей, как ОАО «Бобруйскагромаш», турецкая компания «Bozkurt Agricultural Machinery», и др.

Представленная продукция сочетает в себе новейшие тенденции развития сельскохозяйственной техники, соответствует требованиям условий эксплуатации и имеет доступные ценовые параметры. Все трактора и машины имеют соответствующие сертификаты. Компания постоянно расширяет ассортимент и географию поставок, улучшает сервисную базу. Особое внимание во время подбора техники для поставок в республику уделяется сочетанию качества, техническим возможностям и экономичности техники при применении в сельскохозяйственном производстве.

Сервисная служба АОЗТ «Агротехсервис» проводит гарантийное и сервисное обслуживание техники. Для проведения сервисных работ, выделены две специально оборудованные машины, увеличен штат отдела по сервисному и гарантийному обслуживанию, которые с выездом на места, обслуживают клиентов.

АОЗТ «Агротехсервис» имеет:

1) Контракты с отечественной компанией - ГУП «Точикагролизинг»;

2) Контракты с зарубежными компаниями.

АОЗТ «Агротехсервис» осуществляет импорт из нижеследующих стран:

- Россия «Ростсельмаш»;
- Беларусь МТЗ (Минский тракторный завод);
- Беларусь ОАО «Бобруйскагромаш»;
- Турция «BozkurtAgriculturalMachinery»;

АОЗТ «Агротехсервис» экспортирует в такие страны как:

- Афганистан «Jawad Afghan Ltd.»;
- Узбекистан ООО «Global Urban Transportation»;
- Узбекистан ООО «ABC OQQO RG ON AGRO CLASSTER».

Таблица 3.

**Уровень предоставления лизинга в компании АОЗТ «Агротехсервис»**

| Наименование | Годы | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2018г | 2019г | 2020г | 2020/2018гг |
| Прицеп 2ПТС-4,5-1 | 0 | 5 | 6 | 11 |
| Прицеп ПСТ-1,5 | 0 | 3 | 1 | 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Трактор МТЗ-82,1 | 0 | 4 | 7 | 11 |
| Трактор МТЗ-80Х | 0 | 3 | 2 | 5 |
| Трактор МТЗ-80.1 | 0 | 1 | 6 | 7 |
| Трактор МТЗ-512 | 1 | 0 | 2 | 3 |
| Трактор 892,2 | 1 | 1 | 3 | 5 |
| Трактор 1025,2 | 0 | 1 | 2 | 3 |
| Всего | 2 | 18 | 29 | 49 |

*Источник: таблица составлена автором по первичным материалам АОЗТ «Агротехсервис»,*

Как видно из таблицы 3, завод по производству аграрной техники кроме того производит современное оборудование для аграрного сектора и соответственно он и поддерживает аграрные предприятия. Он, в качестве поставщика и лизингодателя, предоставляет технику по лизингу, начиная с 2018 года до сегодняшнего дня, предоставил в лизинг прицепы всех видов своего производства 15 единиц, тракторов всех марок 34 единицы. Это свидетельствует о том, что если такое сотрудничество будет осуществлено со всеми отраслями экономики, то экономика республики будет быстро развиваться.

Еще одна компания, деятельность которой была проанализирована нами, является лизинг ООО «Файненс», она считается одной из эффективных лизинговых компаний в Республике Таджикистан. На рынке лизинга нашей республики она работает с 25 мая 2007 года и имеет лизинговые контракты со многими зарубежными и отечественными компаниями. К их числу относятся лизинговых компании таких стран как: Германия, Россия, Индия, Китай, Беларусь, США, Корея, и Нидерланды. Преимущества этой компании сводятся к тому, что любая техника или оборудование, которые не запрещены законодательством Республики Таджикистан, компания может предложить в качестве лизинга или аренды, компания вносит весомый вклад в развитие капиталовложений в промышленные предприятия национальной экономики.

Таблица 4.

**Динамика предоставления техники и оборудования ООО «Лизинг-Файненс» в 2013-2019гг**

| Наименование | Годы | | | | | | | Сумма проекта |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Оборудование (всех видов) | 4 | 3 | 3 | 2 | 4 | 5 | 2 | 3925056 |
| Грузовые машины | 13 | 6 | 6 | 3 | 9 | 14 | 13 | 2219350 |
| Легковые машины | 9 | 3 | 1 | 4 | 2 | - | - | 210954 |
| Экскаватор | 7 | 2 | | 3 | 1 | - | 1 | 1005767 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Трактор | 1 | 1 | - | 2 | - | - | - | 231277 |
| Самосвал | 6 | 2 | 1 | 2 | - | - | - | 424946 |
| Микроавтобус | - | 2 | 4 | 2 | 1 | - | - | 274323 |
| Недвижимость | 1 | - | - | - | - | - | - | 87200 |
| Комбайн | - | - | - | 1 | - | - | - | 100000 |
| Всего | 41 | 19 | 15 | 19 | 17 | 19 | 16 | 8478873 |

*Источник: таблица составлена автором по первичным материалам ООО «Лизинг-Файнэнс»*

Таблица 4 свидетельствуют, что данная лизинг- группа предоставляет различные виды техники и оборудования для организаций, предприятий и медицинских учреждений. Данная компания в свой период функционирования предоставила оборудование на общую сумму 8478873 сомони. Из различных финансовых средств оборудование на сумму 3925056 сомони. Грузовые машины на общую сумму 2219350 сомони, легковые машины на общую сумму 210954 сомони, экскаваторы на общую сумму 1005767 сомони, трактора на общую сумму 231277 сомони, самосвалы на общую сумму 424946, микроавтобусы на общую сумму 274323 сомони, недвижимость на общую сумму 87200 сомони, комбайны на общую сумму 100000 сомони.

Разумеется, что данная компания помимо того, что работает по всем направлениям экономической деятельности, она поддерживает медицинские организации. В анализируемом периоде предоставлено оборудования на общую сумму 3925056 млн. сомони, из них на 1525636 млн. сомони, с целью поддержки отрасли здравоохранения, они предоставили в лизинг медицинское оборудование.

В настоящее время число лизинговых компаний в Республике Таджикистан динамично увеличивается, как число компаний, арендованного оборудования, так и пользователей лизинговых услуг. Преимущество лизинга заключается в том, что приобретение арендованного актива проще, чем взыскание залога из обеспеченного займа. Это подразумевает, что лизинг имеет более высокую долговую способность, чем обеспеченный кредит.

Здесь можно отметить, что благодаря подобным лизинговым компаниям, впервые в Таджикистане была зафиксирована сдача в аренду недвижимости, что до этого не было зафиксировано ни в одной финансовой компании.

Таким образом, в системе национальной экономики поэтапно формируются и специализируются лизинговые компании, что такой подход способствует развитию лизинга и соответственно будет в дальнейшем обеспечивать темпы роста экономики.

**Литература**

1. Коренкова О.А. Экспертиза рынка лизинга. М.: Экспертиза, 2018. 27 с.
2. Герасимова Л.Н. Бухгалтерская (финансовая) отчетность в свете РСБУ и МСФО // Международный бухгалтерский учет. 2012. № 18 (216). С. 43-49.
3. Макеева В.Г. Лизинг. М.: Инфра-М, 2016. 323 с. 4
4. Бобоев Ш. К. Государственное регулирование производственного процесса в АПК на основе лизинга. Доклады ТАСХН, Душанбе, 2010-с.
5. Финансы Таджикистана. Статистический сборник. 2019.-С.113.

# СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ЛИЗИНГӢ ДАР СИСТЕМАИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**ЗИЁЕВ ЗУЛФИҚОР МАҲМАДЁҚУБОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/7.
Тел.: (+992) 908-33-89-72. E-mail: Zulfikor2018@mail.ru

*Зарурати лизинг дар низоми муносибатҳои бозаргонӣ метавонад ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти сармоягузории субъектҳои нави бозорӣ баррасӣ карда шавад, истифодаи он дар фаъолияти онҳо метавонад сатҳи маҳсулотро афзоиш диҳад. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 адад корхонаҳои лизингӣ фаъолият менамояд, ки аз онҳо 5 корхона ширкатҳои лизингӣ мебошанд, ки танҳо амалиёти лизингиро мустақиман анҷом медиҳанд. 9 ташкилоти он бонкҳое мебошанд, ки ҳам ба додани қарзҳои бонки ва ҳам ба фаъолияти лизинги машғуланд.*

***Калидвожаҳо:*** *лизинг, фаъолияти сармоягузорӣ, таҷҳизот, лизинги молиявӣ, иқтисодиёти миллӣ.*

# SUBJECTS OF LEASING RELATIONS IN THE SYSTEM OF NATIONAL ECONOMY

**ZIYOYEV ZULFIKOR MAHMADYOKUBOVICH,**
Candidate in Economics, Department of Finances of
Tajik State University of Finance and Economics
Dushanbe, 64/7, Nakhimov str.
Phone: (+992) 908-33-89-72. E-mail: Zulfikor2018@mail.ru

*The need for leasing in the system of market relations can be considered as a special type of investment activity of new market entities, its implementation in their activities can increase the level of production. There are currently 14 leasing entities operating in the Republic of Tajikistan, of which 5 entities are leasing companies that directly carry out only leasing transactions. The other 9 entities are banks that provide credit to lessees. Here, the main element in the principle of obtaining a lease or loan is the level of interest rate.*

***Key words****: leasing, investment activity, equipment, financial lease, national economy.*

УДК:338.43.:63(575.3)

# ПРИНСИПҲО ВА ОМИЛҲОИ БА БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ТАЪСИРБАХШ

**ҲИСАЙНОВ НАВРӮЗ АБДУРАҲМОНОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва сайёҳии
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб,
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон., ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад.
Тел.: (+992) 918-95-70-57. E-mail: navruz.hisainov@mail.ru

*Дар марҳилаи кунунии тараққиёти кишоварзӣ истифодаи самаранокии иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ аҳамияти муҳим дорад, чунки дар асоси он азнавбарқароркунӣ ва такмилу таҷдиди базаи моддӣ-техникии (БМТ) истеҳсолот сурат мегирад. Дар ин радиф, мавриди зикр аст, ки барои аҳолии кишварро бо маводи озуқаворӣ ва як қатор соҳаҳои саноатро бо ашёи хом таъмин намудан зарур аст, ки соҳаи кишоварзии муосир дорои базаи моддию техникии рушдёфта бошад. Муҳимияти базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозори нав мустақиман бо принсипҳо ва омилҳои он вобаста аст.*

*Дар мақолаи мазкур принсипҳо ва омилҳои базаи моддӣ-техникӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла, андешаҳои иқтисодчиён ва олимони соҳаи кишоварзии хориҷ ва дохили ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Муаллиф байён намудааст, ки принсипҳо ва омилҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои муҳими қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад, ки суръати прогресси илмӣ-техникиро дар соҳаи мазкур таъмин мекунанд ва дар баробари ин дорои хусусиятҳои ба худ хос, принсипҳои ташаккулу равнақ ва омилҳои таъсирасон мебошад.*

*Аз нигоҳи коршиносон принсипҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро чунин гурӯҳбандӣ намудаанд:*

- *таъмини самаранокии иқтисодии истифодаи базаи моддӣ-техникӣ;*
- *баҳисобгирӣ ва риояи ҳуқуқи моликият;*
- *ҳавасмандии моддӣ ва масъулият дар ташаккули базаи моддӣ-техникӣ;*
- *бамеъёрдарорӣ ва буҷетикунонии базаи моддӣ-техникӣ;*
- *омилҳои тавозунии рушди базаи моддӣ-техникӣ;*
- *дигаргун ва маҳдуд кардани захираҳои ташкилӣ - технологӣ тавассути қонунҳои табиӣ.*

*Ҳамин тариқ, принсипҳо ва омилҳои базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи дороиҳои истеҳсолӣ, қисми асосии сармояи гардони таъиноти кишоварзидоштаро дар бар мегирад. Ҳамаи ин принсипҳо ва омилҳо қобилияти истеҳсолиро муайян мекунанд ва дар ҳамбастагӣ кор мегиранд.*

***Калидвожаҳо:*** *принсипҳо, омилҳо, базаи моддию техникӣ, воситаҳои моддию техникии истеҳсолот, истеҳсолоти кишоварзӣ, маҳсулотҳои кишоварзӣ, соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолот, қувваҳои истеҳсолкунанда, самаранокии иқтисодӣ, равандҳои технологӣ.*

Дар марҳилаи кунунии тараққиёти кишоварзӣ, истифодаи самаранокии иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, чунки дар асоси он азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди базаи моддӣ-техникии (БМТ) истеҳсолот сурат мегирад.

Чи тавре, ки таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои дунё нишон медиҳад, тараққиёти иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодабарии принсипҳо ва омилҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Барои ҳамин, кор карда баромадани принсипҳо ва омилҳои базаи моддӣ-техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Оид ба принсипҳои базаи моддӣ-техникӣ олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронидаанд, аз он ҷумла иқтисодчии рус Индюков А.И. дар

мақолаи илмии худ бо номи “Моҳият ва мазмуни иқтисодии базаи моддию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ” принсипҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро чунин тасниф намудааст.

- таъмини самаранокии иқтисодии истифодаи базаи моддӣ-техникӣ;
- баҳисобгирӣ ва риояи ҳуқуқи моликият;
- ҳавасмандии моддӣ ва масъулият дар ташаккули базаи моддӣ-техникӣ;
- бамеъёрдарорӣ ва буҷетикунонии базаи моддӣ-техникӣ;
- омилҳои тавозунии рушди базаи моддӣ-техникӣ;
- дигаргун ва маҳдуд кардани захираҳои ташкилӣ - технологӣ тавассути қонунҳои табиӣ[1, с.44-49].

Ҳамзамон Белайц Д.С. қайд менамояд, ки таъминоти моддию техникии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо истифодаи принсипи trade-in (хариду фуруш) асоснок карда шудааст, ки принсипи мазкур аз таъсиси парки захиравии таҷҳизот, хизматрасонии пурра, кӯмаки молиявӣ барои хариди таҷҳизот аз ҳисоби буҷети давлатӣ, тамғагузории маҳсулот ва риояи пурраи равандҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад [2, с.103].

Тавлуева Н.Н. гуфтааст, ки стратегияи рушди базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ бояд аз принсипҳои зерин таркиб ёбад:

-самтгирии истеҳсоли маҳсулоти трактории ватанӣ ва мошинсозии кишоварзӣ асосан ба бозори дохилии техникаи кишоварзӣ, инчунин мутобиқ гардонидани конструксия ба истеҳсолот, истифодаи тарофаи техникӣ ва нархҳои мошинҳо ба шароити дохилӣ равона карда шудааст;

- таҷдиди мошинсозии миллии кишоварзӣ, ҳамгироии он ба системаи байналмилалӣ дар асоси таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ бо ширкатҳои пешсафи хориҷӣ, ҷорӣ намудани технология ва таҷҳизоти навтарини мошинсозӣ ва дигар дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ;

- васеъ кардани моделҳои номгӯи маҳсулоти баровардашуда ва маҷмӯи таҷҳизоти ватанӣ (аз ҷумла модели соддакардашуда ва аз ҳама арзон), бо назардошти он, ки сохтани парки мошину трактории истеҳсолкунандагони деҳот ба роҳҳои гуногун – истеҳсоли оқилонаи маҳсулот дар корхонаҳои калон, стансияҳои мошинӣ-технологӣ, фермаҳо ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, самти истеҳсолии онҳо, вазъи иқтисодӣ, шароити минтақавии истеҳсолот ба даст меояд.

-ташкили сохторҳои амудӣ-якҷояшуда дар соҳаи тракторсозӣ ва техникаи кишоварзӣ, ки қобилияти тобоварии ширкатҳои фаромиллиро дар бозори техникаи кишоварзиро доранд, инчунин сиёсати ягонаи илмӣ, техникӣ, сармоягузорӣ ва кадрҳо зарур аст.

- рушди бозори таҷҳизоти нав, истифодашуда ва барқароршуда, хизматрасонӣ оид ба таъмири техникӣ, ҷорӣ намудани механизмҳое, ки нархгузории объективӣ ва баробарии иқтисодии иштирокчиёни амалиёти хариду фурӯшро таъмин мекунанд.

- рушд ва мукаммалгардонии сохтори ташкилӣ, заминаи истеҳсолӣ, шаклҳо ва усулҳои ҳаракати техникаи соҳаи кишоварзӣ аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда.

- рушд ва мукаммалгардонии сохтори ташкилӣ, заминаи истеҳсолӣ, шаклҳо ва усулҳои хизматрасонии техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

- таъмини самаранокии баланди корҳои механизатсияи соҳаи кишоварзӣ дар заминаи такмил додани корҳои ташкилӣ ва татбиқи технологияҳо, шаклҳои ташкилии истифодаи парки мошину трактор, такмили ихтисос ва ҳавасмандкунии иқтисодии кори механизаторон;

- рушди консентратсия ва истифодаи марказонидашудаи парки мошину трактор дар заминаи ҳамгироии агросаноатӣ ва кооператсияи кишоварзӣ[3, с.110].

Расулов Д.Т. дар рисолаи илмии худ ба масъалаи принсипҳои базаи моддӣ-техникӣ дахл намуда, қайд мекунад, ки ҳиссаи бештари хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар зинаи ибтидоии ташаккулёбӣ бо роҳи стихиявии таъсисёбӣ бе назардошти шароитҳои табиию иқлим, баҳодиҳии хок, тахассус ва марказонидани истеҳсолоти кишоварзӣ, принсипҳои оқилона ҷойгиркунии базаи моддӣ-техникӣ, инфрасохторҳо фаъолияти худро оғоз намуданд[4, с.124].

Ба ақидаи олими тоҷик Исрофилов Х.Б. яке аз принсипҳои асосии базаи моддӣ-техникӣ аз он иборат аст, ки дигар аъзоёни ассотсиатсия ё ин ки хоҷагии деҳқонӣ дар истифодаи техникаи кишоварзӣ озод мебошанд. Ҳамчунин, дар тақсимоти техникаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои мушаххас ва идоракунии онҳо озодӣ доранд. Онҳо метавонад таҷҳизоти вазнини кишоварзиро (трактор, экскватор, мехлапат ва ғ.) ба иҷора гиранд ё ин ки аз хоҷагиҳои дигар қарз гиранд[5, с.121].




**Расми 1. Принсипҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ**
**Сарчашма:** Расм дар асоси таҳлилу омӯзиш аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Оид ба омилҳои таъсиррасон ба базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронидаанд, аз он ҷумла Водяников В.Т., Мысюк А.И., Зимин Н.Е. омилҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро шарҳ дода менависанд, ки замин дар соҳаи кишоварзӣ воситаи фаъоли истеҳсолот мебошад, ки шарти зарурии моддии раванди меҳнат ва омили муҳимтарини базаи моддӣ-техникии истеҳсолотро ба миён меоварад[6, с.56].

Тавлуева Н.Н. дар рисолаи илмиашон оид ба омилҳои базаи моддӣ-техникӣ чунин қайд намудааст, ки механизми иқтисодии ташаккул ва такрористеҳсоли базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ бо амали ду гурӯҳи омилҳо тавсиф карда мешавад[7, с.18].

Гурӯҳи якуми ин омилҳо бо истифодаи робитаҳои уфуқии иқтисодии кишоварзӣ бо соҳаҳои иқтисодиёт, ба монанди мошинсозӣ, энергетика, саноати химия, сохтмон ва ғайра алоқаманд мебошанд. Таркиби базаи моддию техникии дар ин асос ташаккулёфта, дар худ меҳнати таҷассумёфтаи саноат ва сохтмони асосӣ дар шакли қувваи истеҳсолиро ифода мекунад.

Гурӯҳи дуввуми омилҳо бо робитаҳои амудии иқтисодӣ дар дохили соҳаи кишоварзӣ алоқамананд, ки ҳамбастагии меҳнат ва ҳамаи унсурҳои пойгоҳи моддию техникиро таъмин мекунанд. Чунин компонентҳои базаи моддӣ-техникӣ ба монанди заминҳои кишоварзӣ ва воситаҳои биологии истеҳсол ҳар сол дар корхонаҳои кишоварзӣ таҷдид карда мешаванд. Моҳияти такрористеҳсолкунии васеъ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти истеҳсолии организмҳои зинда ва хок аст.

Индюков А.И. омилҳои базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро чунин гуруҳбандӣ намудааст:

- омилҳои табиӣ. Ба омилҳои табиӣ дохил мешаванд: таркиби сифатии хокҳо, хусусиятҳои биологӣ, шароити иқлимӣ - ҳудудӣ, конфигуратсияи релефӣ, таркиби механикӣ ва намнокии хок, истеҳсолоти мавсимӣ;

- омилҳои техникию технологӣ. Ба омилҳои техникию технологӣ дохил мешаванд: сатҳи технологияи истеҳсолотӣ, таҷҳизоти асосӣ, ташкили равандҳои истеҳсолӣ, ҳолат ва синну соли иншооти энергетикӣ, меъёри амортизатсияи фондҳои асосӣ, сиёсати амартизатсионӣ, сатҳи рушди техникаи кишоварзӣ, интихоб ва гурӯҳбандии таҷҳизотҳои мошинҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва таъмини базаи таъмиршуда, талабот ба гардиши маблағҳо;

- омилҳои ташкилию иқтисодӣ. Ба омилҳои ташкилию иқтисодӣ дохил мешаванд: андозаи фермаҳо, ихтисоси пӯшида, иқтидори бозор ва мавҷудияти он, дастрасӣ ва нархи захираҳо, ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтидори инноватсионии сармоягузорӣ, сатҳи фаъолияти сармоягузорӣ, воҳиди сатҳи малакаи кормандон, системаҳои идоракунии фермаҳои кишоварзӣ, таъминкунандагони захираҳо, вазъи молиявӣ истеҳсолкунан- дагони кишоварзӣ;

- омилҳои берунаи макромуҳити атроф. Ба омилҳои берунаи макромуҳити атроф дохил мешаванд: танзими меъёрии ҳуқуқӣ, муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, сиёсати андози, системаи агролизингӣ, дастгирии давлатӣ, сиёсати молия ва қарз, шароити бозор, баробарии нархҳо, муҳити рақобат[8, с.34].

Наҷмиддинов А.М. дар рисолаи илмии худ бо номи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани устувории иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ» оид ба омилҳои базаи моддӣ-техники андешарони намудааст. Ба андешаи ӯ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ислоҳоти муносибатҳои аграрӣ, таҷдиди сифатию миқдории базаи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ, такмили ихтисоси кормандони соҳа ва таъмини некӯаҳволии онҳо асоси рушди устувори базаи моддӣ-техники истеҳсолоти кишоварзии хоҷагии қишлоқ мебошанд[10, с.40].

Расулов Д.Т. андешаронӣ намудааст, ки ба таркиби омилҳои ташаккулёбии рақобатпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ омилҳои муҳити дохилӣ (микроиқтисодӣ)-и функсионалӣ ва таъминкунада дохил мегарданд. Ин омилҳо фаъолияти чараёнҳои истеҳсолиро дар хоҷагӣ дар мутобиқат бо мақсадҳои онҳо ё давраҳои дарозмуддат таъмин менамоянд[11, с.44].

Аз татқиқотҳои олимони номбурда хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ дорои чунин омилҳо мебошад, ки дар расми 2. оварда шудааст.




**Расми 2. Омилҳои базаи моддӣ-техникӣ ба соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонанда**
**Сарчашма.** Расм дар асоси таҳлилу омӯзиш аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, баъд аз таҳлилу хулосабарориҳои коршиносон чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

1. Базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои муҳими қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад, ки суръати прогресси илмӣ-техникиро дар соҳаи мазкур таъмин мекунанд ва дар баробари ин дорои хусусиятҳои ба худ хос, принсипҳои ташаккулу равнақ ва омилҳои таъсирасон мебошад.

2. Муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ аз корхонаҳои кишоварзӣ тақозо менамояд, ки захираҳои моддии худ, аз он ҷумла, нерӯи истеҳсолии дар ихтиёрашон бударо самаранок истифода намуда, таҷҳизоту техникаи нав харид карда, таҷдиди мунтазами базаи моддӣ-техникии худро таъмин намоянд ва дар ин раванд ба хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба ташаккулу равнақи он таъсирбахш диққати ҷиддӣ диҳанд.

3. Дар марҳилаи кунунии тараққиёти кишоварзӣ истифодаи самараноки нерӯи мавҷудаи истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, чунки дар асоси он азнавбарқароркунӣ ва таҷдиди базаи моддӣ-техникии (БМТ) истеҳсолот сурат мегирад.

4. Рушди минбаъдаи базаи моддӣ-техникӣ дар шароити тараққиёти босуръати илму техника бунёди чунин қувваҳои истеҳсолкунандаро тақозо дорад, ки тавассути онҳо ҳар як коргар имконоти худро дар истеҳсолот ба таври васеъ истифода карда тавонад. Ҳамчунон қувваҳои истеҳсолкунанда мундариҷаи меҳнатро дар кишоварзӣ тағйир дода, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат бояд мусоидат намоянд.

5. Рушду такомули базаи моддӣ-техникии кишоварзӣ афзоиши сармоягузориҳо, дастгирии давлатӣ, фаъолгардонии ҷорисозии инноватсияҳо, нархгузорӣ, такмили заминаҳои ҳуқуқию меъёриро тақозо дорад, ки зимни амалигардонии онҳо хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба ташаккулу равнақи БМТ таъсирбахшро ба инобат гирифтан лозим меояд.

**Адабиёт**

1. Индюков А.И. Сущность и экономическое содержание материально-технической базы сельскохозяйственного производства // Журнал инноваций. №3 (12), 2014. - С. 44-49.
2. Белайц Д.С. Развитие механизма материально-технического обеспечения сельхозтоваропроизводителей в регионе (на материалах Новосибирской области) / Дисс. к-та экон. наук: 08.00.05. - Новосибирск, 2018. - С.103
3. Тавлуева Н.Н. Развитие материально-технической базы сельского хозяйства в регионе (на примере Республики Дагестан) / Дисс. к-та экон. наук: 08.00.05. – Махачкала, 2008г. – С. 110.
4. Расулов Д.Т. Такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқаворӣ минтақавӣ (дар мисоли хоҷагиҳои деҳконӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон) / Дисс. н.и.и. 08.00.05 – Душанбе, 2019. - С. 124.
5. Исрофилова Х.Б. Роль материально-технической базы сельского хозяйства в достижении продовольственной безопасности страны (на материалах сельхозпредприятий АПК Таджикистана) / Дисс – к.э.н. 08.00.05. Душанбе, 2009. - С. 121.
6. Водяников В.Т., Мысюк А.И., Зимин Н.Е. Организация и управление производством сельскохозяйственных предприятий — М.: Издательство «Колосс» Издательство СтГАУ «АРГУС», 2005 г. - С. 56.
7. Тавлуева Н.Н. Развитие материально-технической базы сельского хозяйства в регионе (на примере Республики Дагестан) / Дисс. к-та экон. наук: 08.00.05. – Махачкала, 2008г. – С. 18
8. Индюков А.И. Развитие материально-технической базы сельскохозяйственного производства на инновационной основе. / Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. - Ставрополь – 2014 г. – С. 34.

9. Дадобоев А.Т. Факторы устойчивого развития плодоовощного подкомплекса региона // Паёми кишоварз №2(82) 2019. – С. 218-221.
10. Наҷмиддинов А.М. рисолаи илмии бо номи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани устувории иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ \ Дисс - н.и.и. 08.00.05. Душанбе, 2020. – С. 40.
11. Расулов Д.Т. Такмилдиҳии идоракунии механизми рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқаворechoии минтақавӣ (дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон) / Дисс. н.и.и. 08.00.05 – Душанбе, 2019. – С. 44
12. Насыров Р., Кабиров Н.Ш. Особенности формирования агропромышленной интеграции //Кишоварз, ТАУ им. Ш. Шотемур.- Душанбе, 2016.- №4. – С. 85.

# ПРИНЦИПЫ И ФАКТОРЫ ВЛИЯЮЩИЕ НА МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКУЮ БАЗУ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**ХИСАЙНОВ НАВРУЗ АБДУРАХМОНОВИЧ,**
Старший преподаватель кафедры экономики и туризма
института технологий и инновационного менеджмента г. Куляб.
735140, Республика Таджикистан, Хатлонская обл.,
г. Куляб, проспект Борбад.
Тел.: (+992) 918-95-70-57. E-mail: navruz.hisainov@mail.ru

*На современном этапе развития сельского хозяйства важно эффективно использовать существующие производственные мощности, так как в его основе лежит реконструкция и модернизация материально-технической базы (НБТ). При этом следует отметить, что необходимо обеспечить население страны продуктами питания, а ряд производств - сырьем, а современное сельское хозяйство имеет развитую материально-техническую базу. Важность материально-технической базы аграрного сектора в условиях нового рынка напрямую связана с его принципами и факторами.*

*В статье исследуются принципы и факторы материально-технической базы в сельскохозяйственных предприятиях. А так же, рассматриваются мнения зарубежных и местных экономистов и ученых сельскохозяйственной области. Автор излагает, что принципы и факторы материально-технической базы сельского хозяйства являются совокупностью важных элементов производственных мощностей, что обеспечивает темп научно-технического прогресса в данной области, имеющий в свою очередь свои отличительные черты, принципы развития и процветания, а так же факторы влияния.*

*Согласно мнению экспертов принципы материально-технической базы сельскохозяйственной области разделяются на следующие группы:*

*- обеспечение экономически эффективное использование материально-технической базы;*

*- учёт и соблюдение прав собственности;*

*- материальная заинтересованность и ответственность за формирование материально-технической базы;*

*- нормирование и составление бюджета материально-технической базы;*

*- факторы устойчивого развития материально-технической базы;*

*- преобразование и ограничение организационно – технологических ресурсов посредством естественных законов;*

*Таким образом, принципы и факторы материально-технической базы сельскохозяйственной области состоят из совокупности производственных активов и основной части оборотных средств сельскохозяйственного назначения. Всё эти принципы и факторы определяют производственные потенциалы и взаимодействуют друг с другом.*

***Ключевые слова:*** *принципы, факторы, материально-техническая база, производственные материально-технические средства, сельскохозяйственные производства, сельскохозяйственные продукты, сельскохозяйственная сфера, производство, производственные мощности, экономическая эффективность, технологические процессы.*

## PRINCIPLES AND FACTORS INFLUENCING ON MATERIAL AND TECHNICAL BASE OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

**HISAINOV NAVRUZ ABDURAHMONOVICH,**
Senior Lecturer of Economics and Tourism Department,
Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab,
735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, Borbad district.
Phone: (+992) 918-95-70-57. E-mail: navruz.hisainov@mail.ru.

*At the present stage of agricultural development, it is important to effectively use the existing production capacity, as so, on this base the reconstruction and modernization of the material and technical base (NBT) is take place. It should be noted that in order to provide the population of the country with food, and a number of industries - with raw materials, it is necessary a modern agriculture has a developed material and technical base. The importance of the material and technical base of the agricultural sector in the new market conditions is directly related to its principles and factors.*

*The article examines the principles and factors of material and technical base in the agricultural enterprises, as well as studies the thoughts of foreign and local economists and scientists on the agricultural field. The author states that principles and factors of agricultural material and technical base are set of the significant components of productive capacity providing rate of the scientific and technological progress in the current sphere, and in the same time has its own distinctive feature, development and flourishing principles as well as impact factors.*

*According to the experts' opinions, the principles of agricultural material and technical base classified into the following groups:*

- *ensuring economically effective use of the material and technical base;*
- *recording and observation of the property right*
- *material motivation and responsibility in the formation of material and technical base;*
- *standardization and budgeting of material and technical base;*
- *balancing factors of development of material and technical base;*
- *conversion and limitation of the structural and technological resources through natural laws;*

*Thus, the principles and factors of agricultural material and technical base include set of the productive assets and the main part of working capital within agricultural function. All of these principles and factors determine the productive capacities and interact with each other.*

***Key words:*** *principles, factors, material and technical base, material and technical means of production, agricultural production, agricultural products, agricultural sphere, production, productive capacity, economic efficiency, technological processes.*

УДК: 338.45

# РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ КИШВАР

**АЗИЗОВ САФАРҶОН АХМЕДШОЕВИЧ,**
муалими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 900-56-36-35. E-mail: Safariaziz@mail.ru
**МАҲАМАДИЕВА ГУЛНОРА АБДУҶАЛИЛОВНА,**
муалими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 909-00-61-51. E-mail: Mahmadieva2012@mail.ru
**ОЛИМХОНОВ САЛИМҶОН МУРОДАЛИЕВИЧ,**
асисстенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-64-64-43. E-mail: Osalimchon@.bk.ru

*Маҳсулоти саноатӣ, умуман ва соҳаҳои алоҳидаи он ҳамчун маҷмӯи маълумоти ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешавад. Маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ҷамъи арзиши ҳамаи маҳсулоти тайёри дар давраи ҳисобот истеҳсолкардашудаи корхонаҳо ва маҳсулоти нимтайёри ба хориҷ ирсол кардаи онҳо, инчунин арзиши кори иҷрокардаи дорои хусусияти саноатӣ дошта иборат аст. Ба маҳсулоти корхонаи саноатӣ маҳсулоти истеҳсоли худӣ, ки ба эҳтиёҷоти истеҳсолӣ – саноатии дохили ҳамон корхона сарф карда шудааст, дохил намешавад. Читавре, ки маълум мебошад, соҳаҳои иқтисодӣ нишонаи рушди кишвар мебошад ва соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи рушди истеҳсолот мебошад, солҳои охир ҳукумати кишвар тасмим гирифт, ки коркарди маҳсулоти соҳаи саноат афзалиятнок донисташавад. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур самти муҳимияти соҳаи саноат ва нақши он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода, аз ҷумла нишондодҳои оморӣ дар солҳои охир таҳлил гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *саноат, соҳаи истихроҷ, соҳаи коркард, корхонаҳои истеҳсолӣ, саноатикунонии босурат ҳадафҳои асосӣ, рушди иқтисодиёт ва механизмҳои тадбиқ.*

Бо икдоми Пешвои миллат Призиденти Ҷумҳурии тоҷикистон мухтарам Эмомали Раҳмон соли 2014-2020 давраи дастгири соҳибкори истеҳсоли ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватани ва инчунин маҳсулоти кишоварзи ва тадриҷан аз зинаи агросаноати ба индустриаливу аграри табдил додани мамлакатамон эълон гардидааст. Саноат яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба шумор рафта, ба рушди дигар соҳаҳои хоҷагии мамлакат, ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ вобаста аз сатҳи рушди худ мусоидат менамояд.

Чӣ тавре ки маълум аст, саноати Тоҷикистонро зиёда аз 90 самтҳои истеҳсолӣ муаррифи менамоянд, ки онҳо ба соҳаи зерин мансуб мебошанд: соҳаи истихроҷ, соҳаи коркард, корхонаҳои коркарди маҳсулоти истихроҷ саноат маҳсулоти ним тайёр, коркарди маҳсулоти кишоварзи ва ашёҳои дигар.

Дар паёми хеш Президенти мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат мухтарам Эмалӣ Раҳмон қайд намуданд, баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷӯҳи

асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав истифодаи ҳарчи бештари манбаҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи ва истифодаи васеъи захираҳои меҳнатӣ равона карда шудааст. [1]

Воқеан, ҳам Тоҷикистон масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисоди, пешрафти бахшҳои воқеи иқтисодиётро дар мади аввали ҳадафи стратегии худ қарор додааст. Саноат муҳимтарин соҳаи бахши воқеии иқтисодиёт буда имконияти имконниятҳои содиротии он ва сатҳи рақобатпазирии миллиро таъмин месозад. Дар замони муосир давлат эҳёи раванди индустриаликунони ва раушди он назари стратегӣ дорад ва барои он заминаҳои объективии заруриро дороcт ва ноил гаштан ба ин ҳадаф бояд ба ғояи муҳими милли дар давраи оянда табдил ёбад.

Давлат тасмим гирифтааст, ки тавасути ташакул додани саноати милли рақобатпазиру самаранок бунёди корхонаҳои саноати, навсози техникаю технологии корхонаҳои фаъолият дошта фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкори саноати ба коркарди ҳарчи пурраи ашёи хоми ватани имкониятҳо фароҳам оварад. Бинобар он таҳияи сиёсати ягонаи соҳаи саноати ва механизмҳои тадбиқи он коркард шудааст ва мавриди амал қарор гирифта истодааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ сол то сол рушд карда истодааст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат ба соли 2014 20,3 млрд сомони зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳандахо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ, яъне саноатикунонии босуръат айни ҳол дар ҳолати рушд мебошад, ки дар расми 1. нишон дода шудааст.

**Расми 1.**

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млрд. сомонӣ) [2]**




Дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои такмили минбадаи сохтори саноат ва рушди истеҳсоли маҳсулоти тайёр гузаронидани истеҳсолоти саноати ва истифодаи ашёи хоми маҳали диқати калон додашудааст.

Дар шароити муосир дар минтақаҳо, системаи саноатӣ ҳамчун меҳвари рушди ичтимоию иқтисодии ҳудудҳои муайяни мамлакат ташкил ва рушд меёбад.

Дар ин робита, саноат ҳамчун малакаи ҷомеа ё ҷомеаи минтақа барои «такрористеҳсол ва баланд намудани сатҳу сифати зиндагӣ барои ҳар як нафар дар асоси меҳнати худӣ» баррасӣ карда мешавад.[3][2]

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020 аз ҷумла дар Вилояти Суғд 687 адад, дар Вилояти Хатлон 619 адад, дар шаҳри Душанбе 486 адад, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 429 адад ва дар ВМКБ 56 ададро ташкил дода, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Вилояти Суғд 50,8%, Вилояти Хатлон 29,1%, шаҳри Душанбе 9,0%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10,4% ва ВМКБ 0,7 % -ро ташкил медиҳанд, ки дар Расми 2 бо фоиз оварда шудааст.

**Расми 2. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (адад) [2]**




Вобаста ба таносуби истеҳсоли маҳсулотҳои саноати кишвар, маълумотҳои омори нишон медиҳад, ки саноати истихроҷ 14%, саноати коркард 62% ва таъмини нерӯи барқ, газ ва буғ 24%-ро дар сохтори истеҳсоли маҳсулоти саноат ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки

**Расми 4. Таносуби соҳаҳои саноат дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот [2]**




[2] Крупнов Ю. Промышленная доктрина России// http://www.kroupnov.ru/pubs/2004/10/17/10152/

Ба мақсади тақвият бахшидан ба рушди иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ имрӯзҳо тибқи ҳуҷҷатҳои барномавии давлат рушди зерсоҳаҳои алоҳидаи саноат, аз ҷумла саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук, хурокворӣ ва ғайраҳо сурат гирифта истодааст, ки самараи он дар давраи нав барало эҳё мешавад. Барои инкишофи соҳаҳои аграрӣ рушди соҳаҳои бахши авваллияи Комплеси агросаноатии мамлакат (таъмини олоти меҳнат, элементҳои низоми мошин соҳаҳои кишоварзӣ, истеҳсоли поруҳои минералӣ ва органикӣ дар мамлакат ва ғ.) сурат мегирад.

Сатҳи ғанигарӣ ва ё консентратсияи иқтисодии миллӣ маҷро иноватсионӣ, сатҳу сифати таҷдиду индустрия ва ё рушди саноат дар сатҳи минтақаҳои мамлакат муайян мекунад. Дар натиҷа баланд шудани арзишҳои иқтисодии нав афзун шуда, таклифоти самаранок дар бозори меҳнат бахусус ба коргарони ихтисосманду дорои зеҳни баланд тавлид мешавад. Ҳамзамон, дар ин асно, раванди гузариши миллат аз тафаккури аграрӣ ба тафаккури индустриаливу ҷаҳонӣ, аз ҷомеаи анъанави ба ҷомеаи ратсионали, суръат мегирад.

## Адабиёт


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021.
2. Омори солонаи агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.
3. Крупнов Ю. Промышленная доктрина России// http://www.kroupnov.ru/pubs/2004/10/17/10152/.
4. А.Эргашев, Ҳ. Муҳадбердиев. Курси назарияи иқтисодӣ. (Микроиқтисод). Душанбе, 2004.
5. Раҳимов Р.К.Назарияи иқтисодӣ. Конспекти лексияҳо. Душанбе «Ирфон», 2011.
6. Комилов А.Қ., Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ. Дешанбе «Ирфон»2012.
7. Исоматов Б. Асосҳои назарияи иқтисод. Қисми якум. Душанбе, 2011.
8. Экономическая теория. Учебник. / Под ред. Добрынина А.И. М. 2007. Витвер И.А. Историко-географическое введение в экономическую и политическую географию капиталистического мира. Ученые записки МГУ. Выпуск 85. География. М., 1945. С 282-283.
9. Шишков Ю. О гетерогенности глобалистики и стадиях- ее развития.\\ МЭ и МО, 2001, № 2, С. 57-60.7. "Defense national", 1994 , № 10, p.26.
10. Ю.См. " Challenge" , July August 1997 . p. 62; " The Global Economy in Transition". L., 1996, p. 374.
11. Иноземцев В. Парадоксы постиндустриальной экономики. \\ МЭ и МО, 2000, №3, с. 3-11.
12. Балацкий Е., А. Потапова Отраслевые закономерности рыночной трансформации российской экономики \\ МЭ и МО , 2000, № 6, с. 87-94.


# РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ СТРАНЫ

**АЗИЗОВ САФАРДЖОН АХМЕДШОЕВИЧ**,
старший преподаватель кафедры государственного
управления и национальной экономики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.

734003, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 900-56-36-35. E-mail: Safariaziz@mail.ru
**МАХАМАДИЕВА ГУЛНОРА АБДУЖАЛИЛОВНА**,
старший преподаватель кафедры государственного
управления и национальной экономики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 909-00-61-51. E-mail: Mahmadieva2012@mail.ru
**ОЛИМХОНОВ САЛИМДЖОН МУРОДАЛИЕВИЧ**,
асисстент кафедры государственного
управления и национальной экономики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-64-64-43.E-mail: Osalimchon@.bk.ru

*Продукция промышленности, в целом и отдельных ее отраслей определяется как сумма данных объема продукции отдельных промышленных предприятий. Продукцией промышленного предприятия считается стоимость всех выработанных предприятием за отчетный период готовых изделий и отпущенных на сторону полуфабрикатов, а также стоимость выполненных работ промышленного характера по заказам со стороны или непромышленных хозяйств и организаций своего предприятия. Не включается в продукцию промышленного предприятия продукция собственного производства, израсходованная на промышленно-производственные нужды внутри данного предприятия. Как известно, экономические секторы являются признаком развития страны, а промышленность в Республике Таджикистан - признаком развития производства. В последние годы Правительство решило сделать приоритетной переработку промышленной продукции. Таким образом, в статье показано значение отрасли и ее роль в Республике Таджикистан, включая анализ статистических показателей за последние годы.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, горнодобывающая промышленность, обрабатывающая промышленность, производственные предприятия, основные цели быстрой индустриализации, экономическое развитие и механизмы реализации.*

## DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SECTOR IN THE YEARS OF THE COUNTRY'S INDEPENDENCE

**AZIZOV SAFARJON AKHMEDSHOYEVICH,**
Senior Lecturer of the Department of Public
Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 900-56-36-35. E-mail: Safariaziz@mail.ru
**MAKHAMADIEVA GULNORA ABDUJALILOVNA,**
Senior Lecturer of the Department of Public
Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 909-00-61-51. E-mail: Mahmadieva2012@mail.ru
**OLIMHONOV SALIMJON MURODALIEVICH,**

Assistant of the Department of Public
Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 907-64-64-43. E-mail: Osalimchon@.bk.ru

*The industrial products, in general,  and of its individual sectors, are defined as a set of the data on the volume of production of industrial enterprises.The product of an industrial enterprises consists of the sum of the value of all finished products produced by the enterprises during the reporting period and semi-finished products exported by them, as well as the cost of industrial work performed of an industrial nature. The products of an industrial enterprise do not include products of own production, that are used for the production-industrial needs within this enterprise. As it is known, economic sectors are a sign of development of the country and industry in the Republic of Tajikistan and a sign of production development.In recent years, the government has decided to prioritize the processing of industrial products. Therefore, this article shows the importance of the industry and its role in the Republic of Tajikistan, including the analysis of statistical indicators in recent years.*

***Key words:*** *industry, mining industry, manufacturing industry, manufacturing enterprises, the main goals of rapid industrialization, economic development and implementation mechanisms*

**УДК: 338.48**

# ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19 БА ВАЗЪИ ИҶТИМОВУ ИҚТИСОДИИ ТУРИЗМ

**МАҲМАДИЕВ РАҲМОНАЛӢ САФАРАЛИЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара,
735320, н.Данғара, к. Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@mail.ru
**ҚУРБОНОВ БАХРИДДИН ХАЙРИДДИНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии Данғара,
735320, н.Данғара, к. Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 985-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур як қатор қонуну барномаҳои давлатие, ки ба рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақола оиди дастуру пешниҳодҳои Пешвои миллат, ки дар рушди сайёҳии мамлакат дастури ин соҳа ба ҳисоб меравaнд, зикр намудааст. Баъд аз эълон гардидани соли 2018 ҳамчун "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 ҳамчун, "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар соҳаи сайёҳӣ як қатор пешравиҳо ба назар мерасанд. Дар мақола қайд шудааст, ки соҳаи сайёҳии мамлакат дар соли 2020 бар асари пандемияи COVID-19, чун дигар кишварҳои қабулкунандаи сайёҳон ба мушкилоти назаррас рӯ ба рӯ гашта, зарари ҷидӣ дидааст ва далелҳои мушаххаси оморӣ дар ин самт оварда шудаанд. Дар ин давра аз ҷониби ҳукумати мамлакат, бахри пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои пандемия, як қатор тадбирҳои санитарӣ ва зиддибуҳронӣ андешида шуданд ва оқибатҳои он бартараф карда шуда истодаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, иқтидор, соҳа, сайёҳӣ, рушд, сайёҳон, стратегия, барнома, пандемия, COVID-19.*

Тоҷикистони офтобрўяву кухсори мо бо табиати биҳиштосои афсонавӣ, дашту саҳро, дараю водиҳо, кӯҳҳои осмонбӯс ва боғҳои дилрабо дар тамоми дунё машҳур гаштааст. Табиати зебои он диққати туристони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Бахри ҳифзи сарватҳои табиат, ки омили асосии ҷалби туристон ба ҳисоб мераванд, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муҳим аст. Барои ноил шудан ба рушди устувори ин соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Чунки соҳаи туризм шакли фаъолияти иҷтимоию иқтисодиест, ки бо ин соҳаҳо дар ҳамбастагӣ метавонад рушд намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани мероси бои таърихию фарҳангӣ ва захираҳои нотакрори табиию фароғатӣ барои эҳё ва рушди минбаъдаи туризм, аз ҷумла туризми экологӣ, туризми фарҳангӣ, туризми рекреатсионӣ, туризми кӯҳӣ ва ғайраҳо, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат шароити мусоид фароҳам меоварад ва дар навбати худ боис мегардад, ки дар соҳаҳои марбут ба меҳмоннавозӣ ва туризм ҷойҳои нави корӣ пайдо гашта, сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ баланд гардад.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд, ки "*Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ, ба ҳисоб меравад*"[4].

Бо мақсади ҷалби бештари туристон ва ширкатҳои туристӣ бо дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ ва тавваҷӯҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин санадҳои дахлдор ва барномаҳои давлатӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2019" [2], Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030қабул гардидаанд [6]. Дар дохили кишвар ва берун аз он низ мунтазам намоишҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ташкил карда мешаванд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" аз ҷониби ҳукумати кишвар қабул гардид, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад ва он 12 соли минбаъдаи рушди соҳаро дар бар мегирад. Лоиҳаи стратегия аз 6 – боб :

– сайёҳӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт;
– вазъи кунунӣ ва самтҳои стратегия;
– дувоздаҳ қадам дар роҳи рушди устувори сайёҳӣ;
– имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тақсимоти минтақавӣ;
– SWTO – таҳлили соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– низоми мониторинг ва арзёбии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иборат аст.

Стратегия вазъи кунунии соҳа, ҳадафҳои рушд, самтҳои стратегӣ ба монанди маркетинг ва тарғибот, ба роҳ мондани фурӯш, нигоҳ доштани тамос бо муштариён, нақлиёту сарҳадоту раводид, иҷозатномадиҳӣ ва имкониятҳои рушд дар минтақаҳои ҷумҳуриро фаро мегирад.

Татбиқи стратегия тавассути се барномаи мукаммал, ки ҳар кадоме чор солро дар бар мегирад, амалӣ мегардад. Лоиҳаи барномаи аввал, яъне солҳои 2019–2022 аллакай, таҳия ва барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод шудааст. Қобили зикр аст, ки лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018 тасдиқ гашт. Ҳадафи асосии стратегия рушди бомайлони ин соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва таъмини пешрафти устувори соҳаи сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад.

Шумораи туристони ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда, саҳми туризм дар ММД, сармоя, қисми даромади Буҷети давлатӣ, миқёси хизматрасониҳо, шумораи субъектҳои бахши истироҳат ва табобат, шуғли аҳолӣ дар соҳаи туризм ва мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии кишварҳои меҳмоннавоз нишондиҳандаҳои асосии стратегия маҳсуб меёбанд.

Чуноне, ки қайд намудем дар ҳудуди мамлакат мавҷуд будани мероси бойи таърихию фарҳангӣ, ҳамчун обекти туризми фарҳангӣ, табиати нотакрор, кӯлҳо, ҳайвоноту рустаниҳои нодир, ҳамчун обекти туризми экологӣ ва рекреатсионӣ, инчунин, кӯҳҳои баланд, омили рушди туризми кӯҳӣ ва алпинизм дар стратегия омилҳои асосии рушди сайёҳии кишвар эътироф шудаанд. Ҳамчунин, тибқи стратегия бояд меҳмоннавозии тоҷиконае, ки дар хонаводаҳо анҷом дода мешаванд, дар

фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба туристон ва дигар мусофирон низ пешниҳод карда шавад, зеро ин барои ҷалби бештари туристон ва ташрифи такрории онҳо мусоидат менамояд. Дар натиҷаи пурра ва самаранок амалӣ шудани стратегия ба рушди соҳаи туризм дар кишвар мусоидат намуда, соҳаи туризм яке аз омили баланд бардоштани вазъи иҷтимоию иқтисодии миллӣ мегардад. Тибқи он дар соли 2030 Тоҷикистон кишвари соҳаи сайёҳиаш устувор, рушдкарда ва дар минтақаву сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда хоҳад гашт ва бо боварии комил метавон гуфт, ки дарояндаи наздик Тоҷикистони биҳиштосои мо, аз кишвари саёҳати саргузаштиву экологӣ ва пиёдагардӣ ба кишвари саёҳати таърихӣ, фарҳангӣ, табобатӣ - фароғатӣ, саноатӣ, тиҷоратӣ ва корӣ табдил меёбад.

Зикр бояд намуд, ки омилҳои зиёде мавҷуданд, аз қабили омилҳои табиию географӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо, ки барои рушди соҳаи туризм таъсири мусбӣ мерасонанд ва бе мавҷуд будани ин омилҳо рушди соҳаи туризм ғайриимкон аст. Аммо ҳастанд ҳолатҳо ва омилҳое,ки метавонанд садди роҳи рушди ин соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ гарданд. Ба чунин ҳолатҳо метавонанд ҷанг, низоъҳои дохилию берунии мамлакатҳои алоҳидаи қабулкунандаи сайёҳон, офатҳои табиии харобиовар, бемориҳои сироятӣ, амалҳои террористӣ ва ғайраро мисол овард.

Масалан, дар соли 2020 бинобар паҳншавии пандемияи COVID-19 соҳаи сайёҳии ҷаҳон ба бuҳрони шадид рӯ ба рӯ гашт. Туризм яке аз соҳаҳое мебошад, ки аз таъсири COVID –19 бештар аз ҳама зарар дид. Пандемия дар соли 2020 боиси коҳиш ёфтани воридшавии туристони хориҷӣ гашт.

Дар натиҷаи паҳншавии бемории сироятии COVID–19 дар тамоми ҷаҳон, ширкатҳои туристӣ аз фаъолият боз монданд, сарҳадҳо баста шуданд, сафарҳои ҳавоӣ ба кишварҳо ба муддати номуайян қатъ гардиданд. Оқибатҳои манфии бефаъолиятиро бинобар пандемия тамоми намояндагони соҳаи туризм эҳсос намуданд. Аммо тамоюли тадриҷан паст шудани сатҳи сирояти нави коронавирус дар Тоҷикистон намояндагони соҳаи туристиро умедвор сохт, ки чораҳои маҳдудкунанда ба зудӣ аз байн бардошта шуда, саноати туристӣ ба барқароршавии фаъолияти худ оғоз намуданд.

Вазъияти ба амал омада, боиси коҳиш ёфтани сафи ҷаҳонгардони хориҷӣ дар Тоҷикистон гардид. Ҳанӯз соли 2017 бо мақсади рушди соҳаи туризм ҳамчун самти афзалиятноки ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисоди миллӣ бо дастури Пешвои муаззами миллат мақоми ваколатдор, яъне Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт[8]. Давраи аввали таъсис ва ташаккули кумита ба як қатор мушкилот, инчунин дастовардҳои назаррасе рӯ ба рӯ гашт. Дар ин давраи кӯтоҳе, ки кумита дар ихтиёр дошт, пеш аз ҳама, ҷиҳати мушаххас намудани самтҳои асосии фаъолият ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддат, чуноне, ки қайд намудем, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул гардид ва марҳилаҳои аввали татбиқи он, айни ҳол амалӣ шуда истодааст. Ҷиҳати татбиқи самараноки стратегияи мазкур тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2019 Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2019-2022 тасдиқ гардид. Илова бар ин, Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, № 80 тасдиқ гашт, дар ин давра амалишавии он пурра ба анҷом расид. Татбиқи барнома ба баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулоти сайёҳии миллӣ таъсири мусбат бахшида, барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ мусоидат намуд. Ҳамчунин, дар заминаи эълон гардидани

соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ шумораи сайёҳони хориҷӣ ба беш аз як миллион расид[11].

Эълон гардидани соли 2018 бо унвони "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 ҳамчун, "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, худ заминаи бузург дар таҳкими соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар дунёи ҷаҳонишавӣ ва зуҳури дигаргуниҳои куллӣ дар вазъи сиёсию амниятӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон доштани сарзамини амну ором ва соҳибистиқлоле бо номи Тоҷикистон, воқеъ дар харитаи сиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё, худ баёнгари саодат ва сарбаландии миллати соҳибфарҳангу соҳибтамадуни тоҷик дар ҷаҳони муосир ба шумор меравад[1. 241с.].

Ин иқдоми наҷиб агар аз як тараф рушди ҳунармандиро такон бахшида бошад, аз ҷониби дигар боиси бамаротиб зиёд шудани ташрифи туристон ба кишвар шуд. Дар доираи ин тадбирҳои бунёдкорона теъдоди ширкатҳои сайёҳии ватанӣ, меҳмонхонаҳо ва дигар субъектҳои хизматрасон низ афзуд. Ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон гаштани солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ саривақтӣ арзёбӣ гардида, дар радифи ин ташаббуси фарогир Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бо мақсади муаррифии фарҳанги асил, ҳунарҳои маҳаллӣ, урфу одат ва анъанаҳои мардумии кишварҳои узви созмон мавзӯи Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ барои соли 2020-ро Соли рушди сайёҳӣ ва минтақаҳои деҳот эълон дошт.

Имрӯз, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Ҷаҳонии Сайёҳии Созмони миллали Муттаҳид мебошад, ин имкон фароҳам меоварад, ки Тоҷикистон бо иншоотҳои таърихию фарҳангӣ ва минтақаҳои сайёҳии худ дар китоби харитаи сайёҳии ҷаҳон ворид гардад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин ҳама минтақаҳои дороии аҳамияти сайёҳӣ дошта, кӯҳҳои баланду обҳои мусаффо ва мардуми меҳмоннавозу башардӯсташ оламиён бишносанд.[1. 242с.] Инчунин, пазируфта шудани пойтахти Ватанамон – шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе - пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020 – 2021 далели фикрҳои болозикр буда, симои сайёҳии Тоҷикистон ба ҷаҳониён муаррифӣ ва машҳур гашт.

Дар сафи 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон шудани ҷумҳурӣ, дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой додани Тоҷикистон, ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил гаштани шоҳроҳи Помир[10], ҳамчун даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона, инчунин, ба қатори 10 шаҳри дар айёми баҳор ва тирамоҳ барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф шудани шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ шомил шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми содаи пешниҳоди раводид ворид шудани ҷумҳурӣ шаҳодати аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гаштани сайёҳии мамлакат ва дар ин росто касб намудани мавқеи намоён дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Имрӯзҳо дар минтақаҳои кишвар инфрасохтори гуногун бунёд ёфта истодаанд, ки онҳо ба инфрасохтори соҳа мувофиқанд ва барои мутобиқати пурраи онҳо ба талаботи рӯз корҳои назаррасе анҷом дода мешаванд.

Дар ҷаҳони муосир ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад. Дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳошияи Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои

мардумӣ дар ҷумҳурӣ иншооти муосири хизматрасонӣ бунёду мавриди истифода қарор гирифта истодаанд, ки ҳамаи ин ҷузъи муҳими инфрасохтори сайёҳӣ маҳсуб меёбанд. Масалан, мавриди баҳрабардорӣ қарор додани меҳмонхонаҳои "Чорчаман Хилс" дар ноҳияи Дарвоз, "Саразм плаза" дар шаҳри Панҷакент, "Манзара" дар ноҳияи Ховалинг ва "Чилдухтарон" дар ноҳияи Муъминобод имкон медиҳад, ки мо дар дурдасттарин минтақаи ҷумҳурӣ ба сайёҳон дар шароити хубу мусоид хизмат расонем.

Бо мақсади пиёда намудани тарҳи рушди деҳот, бозсозии роҳҳои назди ёдгориҳои таърихӣ, бунёди хонаҳои қабули сайёҳон, меҳмонхонаҳои хурд ва дигар хизматрасониҳои муосир дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд чор мавзеи таърихию сайёҳии ҷумҳурӣ - "Чилучорчашма", "Хоҷа Машҳад", "Ҳулбук" ва "Ямчун" дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ бозсозӣ ва ба сатҳи байналмилалӣ расонда мешаванд.

Соҳаи сайёҳии мамлакат дар соли 2020 бар асари пандемияи COVID-19, чун дигар кишварҳои қабулкунандаи сайёҳон зарар дид. Дар ин давра аз ҷониби ҳукумати мамлакат, бахри пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои пандемия, як қатор тадбирҳои санитарӣ ва зиддибуҳронӣ андешида шуданд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2020 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 350 ҳазор нафар сайёҳ ташриф овард, ки нисбат ба соли пешин 72,2 дарсад кам мебошад. Тибқи арзёбиҳои Кумитаи омор ва Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ даромади соҳа то давраи беморӣ тақрибан 2,5 дарсади ММД -ро ташкил медод. Ин ҳудудан 230-250 миллион доллари ИМА-ро дар бар мегирад. Имсол ин рақам хеле кам шуда, тахминан ба 72,6 миллион доллари ИМА баробар гардид, ки тахмин 1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дониста мешавад[12].

Бино ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳӣ, бо вуҷуди вазъи баамаломада, таваҷҷуҳи ҷаҳонгардон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се моҳи аввали соли 2020 устувор боқӣ монд. Тибқи ҳисоботи Қӯшунҳои сарҳадӣ, аз 21 декабри соли 2019 то 20 марти соли 2020 аз 86 давлати хориҷи дур 4278 нафар ва аз 10 давлати ИДМ 2611 нафар, дар маҷмӯъ, 6889 нафар бо мақсади сайёҳӣ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 338 нафар кам мебошад[9].

Таъсири манфии пандемияи коронавирус, пеш аз ҳама, ба меҳмонхонаву тарабхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ ва ба ҳунармандон расид. Мутаассифона, нафарони зиёде, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият доштанд, бекор монданд. Аз рӯи арзёбиҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бухрони бемории сироятии COVID-19 гардиши сайёҳони байналмилалиро то 80% коҳиш дод.

Барои муайян намудани хисороти молиявӣ байни субъектҳои соҳаи сайёҳӣ пурсишнома гузаронда шуда, натиҷа бозгӯи он аст, ки дар марҳилаи сипаришуда субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аз қабулу гусели сайёҳон ва шаҳрвандони хориҷӣ худдорӣ намуда, фаъолияти хеле кам ва маҳдуд доранд.

Дар ин давра дар назди кумита гурӯҳи корӣ барои муқовимат ба оқибатҳои коронавирус таъсис дода шуд, ки аъзои он барои ба даст овардани маълумоти пурра дар бораи сатҳи таъсир таҳқиқ гузарониданд. Тадқиқот нишон дод, ки корхонаҳо ва шахсони алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ таназзулро аз сар мегузаронанд. Аксари корхонаҳо бо сабаби ҳолатҳои фавқулода ва басташавии сарҳад 100 фоизи муштариёнро аз даст доданд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот метавон хулоса кард, ки COVID-19 ба ҳама самтҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ таъсири манфӣ расонд.

Инчунин, дар ин давраи буҳронӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 05.06.2020 №1544 «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба

соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» содир шуд. Дар фармони мазкур чунин дарҷ гаштааст:

- аз 1 апрел то 1 сентябри соли 2020 ба иншооти соҳаи сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилоти хӯроки умумӣ, марказҳои саломатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ ва аэронавигатсия таътили пардохтҳои андозӣ пешбинӣ гардид. Ҳисобкунии фоизҳо барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо барои ҳамин давра манъ намояд[11].

Гарчанд фаъолияти ширкатҳо бисёр маҳдуд гашт, ин дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ барои ҷалби соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо, тарабхонаҳо ва дигар иншооти зарурӣ барои сайёҳон, рушди саноати фоидаовари сайёҳӣ ва соҳаҳои ба он дахлдор, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусии соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ин иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат имкон дод, ки дар давраи бисёр ҳассос барои ширкатҳои сайёҳӣ онҳо баста нашаванд. Барои тамдид кардани мӯҳлати таътили пардохтҳои андозӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур шудааст. Инчунин, барои ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият ворид накардани ширкатҳои сайёҳӣ аз ҷониби кумита дархости мушаххас ба Кумитаи андоз пешниҳод гардид.

Имрӯзҳо масъалаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он яке аз омилҳои муҳими рушди сайёҳии байналмилалӣ ба шумор меравад. Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои қабули сайёҳон ва хизматрасонӣ ба онҳо дар маҳалҳо бунёди меҳмонхона, осоишгоҳу истироҳатгоҳ, тарабхона ва дигар иншооти зарурӣ корҳои муайян анҷом ёфта истодаанд. Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири беморӣ сироятии COVID - 19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дастгирии навбатии давлатии соҳаи сайёҳӣ буда, дар ин самт заминаи мусоид фароҳам меорад.

Тавре аз иттилооти васоити ахбори оммаи хориҷӣ бармеояд, сайёҳии дохилӣ нисбат ба сайёҳии байналмилалӣ зудтар барқарор шуда истодааст. Зеро бинобар пандемия ҷаҳонгардон истироҳат дар кишвари худро интихоб мекунанд. Инчунин, сафар ба мамолики ҳамсояи наздик ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемиявӣ ва пешгирӣ аз интиқолу паҳншавии беморӣ сироятии COVID - 19 бо назардошти ба эътидол омадани вазъияти паҳншавӣ ва интиқоли беморӣ сироятии коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои парвозҳо дар хатсайрҳои байналмилалӣ ба самти шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 июли соли 2020 иҷозат дод. Мувофиқи қарори дахлдор мусофирон ҳатман бояд маълумотномаи тиббӣ дошта бошанд[8].

Коршиносон иброз медоранд, ки дар давраи баъд аз пандемия сайёҳон бо назардошти риояи фосилаи иҷтимоӣ бештар ба сайёҳии экологӣ афзалият медиҳанд. Ин омилест, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон рушди бештар ёбад, зеро сайёҳии экологӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин асно тарғиби бештари мавзеъҳои истироҳативу табобатӣ ва экологӣ, ба манфиат хоҳад буд. Ғайр аз ин, ташкили хатсайрҳои фосилавӣ (виртуалӣ) тақозои замон ва саривақтӣ арзёбӣ шуда, рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар кишварҳои ҳамҷавор, ташкили махзани ягонаи сайёҳӣ дар фазои маҷозӣ ва хатсайрҳои алоҳидаю муштараки фосилавӣ (виртуалӣ) муҳим мебошанд.

Хулас, ҷиҳати сазовор ҷамъбаст намудани Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии имкониятҳои сайёҳии мамлакат дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ, беҳтар гардидани симои сайёҳии ватанамон дар арсаи байналмилалӣ, ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтори он, баланд бардоштани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва сатҳи беҳзистии мардум кумита нақшаҳои мушаххас таҳия намудааст. Аз ҷумла, дар доираи таҷлили 20 - солагии Созмони ҳамкории Шанхай ташкили форуми сайёҳии СҲШ, ҷаласаи вохӯрии роҳбарони маъмурияти сайёҳии давлатҳои аъзои СҲШ, фестивали хӯрокҳои миллии кишварҳои СҲШ, ҳамоиши сатҳи баланд бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудаанд.

**Адабиёт**


1. Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1(009) “Дониш” Душанбе 2020, 241 саҳ.
2. Консепсия рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2009-2019 2 апрели соли 2009.№ 202
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" 3 сентябри соли 1999 № 824. шаҳри Душанбе
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017, шаҳри Душанбе.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018, шаҳри Душанбе.
6. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 25 апрел 2018, №231, ш. Душанбе
7. Тоҷикистон-сарзамини сайёҳӣ ва макони ҳунарҳои мардумӣ. Маҷмӯи мақолаҳо дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. ҶДММ “Истиқлол” 2019 103саҳ.
8. www.jumhuriyat.tj [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 04.04.2021)
9. www.khovar.tj [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 11.04.2021)
10. www.ozodi.org [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 10.04.2021)
11. www.president.tj [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 01.04.2021)
12. www.unwto.org [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабарӣ 11.04.2021)


# ВЛИЯНИЕ ПАНДЕМИИ COVID-19 НА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА


**МАХМАДИЕВ РАХМОНАЛИ САФАРАЛИЕВИЧ,**
ассистент кафедры гуманитарных наук
Дангаринского государственного университета,
735320, р.Дангара, ул. Центральная, 16,
Тел.: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@mail.ru
**КУРБОНОВ БАХРИДДИН ХАЙРИДДИНОВИЧ,**
ассистент кафедры гуманитарных наук
Дангаринского государственного университета
735320, р.Дангара, ул. Центральная, 16,
Тел.: (+992) 985-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@gmail.com

*В статье рассматривается ряд государственных законов и программ, посвященных развитию туризма в Республике Таджикистан. В статье авторы отмечают указания и рекомендации Лидера нации, которые являются ориентирами для развития туризма в стране. После объявления 2018 года Годом туризма и народных промыслов, а 2019-2021 годы – Годом развития сельских районов, туризма и народных промыслов, ожидается ряд событий в области туризма. В статье отмечается, что туристический сектор страны в 2020 году столкнется с серьезными проблемами в результате пандемии COVID-19, а также других стран назначения, и предоставляет конкретные статистические данные по этому поводу. За этот период правительство приняло ряд санитарных и антикризисных мер по предотвращению и ликвидации последствий пандемии, а также устраняются ее последствия.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, потенциал, промышленность, туризм, развитие, туристы, стратегия, программа, пандемия, COVID-19.*

## THE IMPACT OF THE COVID-19 PANDEMIC ON THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF TOURISM

**MAKHMADIEV RAKHMONALI SAFARALIEVICH,**
Assistant of the Department of Humanities,
Dangara State University,
735320, Dangara, 16, Central str.,
Phone: (+992) 907-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@mail.ru
**KURBONOV BAKHRIDDIN KHAYRIDDINOVICH,**
Assistant of the Department of Humanities,
Dangara State University
735320, Dangara, 16, Central str.,
Phone: (+992) 985-90-64-70. E-mail: rahmonali311081@gmail.com

*The article examines a number of state laws and programs dedicated to the development of tourism in the Republic of Tajikistan. In the article, the author noted the instructions and recommendations of the Leader of the Nation, which are consider guidelines of the sphere in the country's tourism development. After announcing of 2018 as the Year of Tourism and Handicrafts, and 2019-2021 the Year of Rural Development, Tourism and Handicrafts, there are expected a number of events in tourism sector. The article notes that the country's tourism sector in 2020 faced serious challenges as a result of the COVID-19 pandemic, as other tourists receiving countries, and seriously has suffered, in this regard specific statistical data had been presented. During this period, the government has taken a number of sanitary and anti-crisis measures to prevent and eliminate the consequences of the pandemic.*

***Key words:*** *Tajikistan, potential, sphere, tourism, development,tourists, strategy, program, pandemic, COVID-19.*

УДК: 330.1. + 338(575.3)

# ТАШАККУЛИ ИНФРАСОХТОРИ ИСТЕҲСОЛӢ - ПОЯИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА

**АСОЕВ МУФАРАҲ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
омӯзгори калони кафедраи идоракунии молияи давлатии
Акдемияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734042, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ, ҳамчун пояи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инфрасохтори истеҳсолӣ ҳамчун заминаи мусоид ҷиҳати рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа арзёбӣ гардида, ташкили кластерҳои истеҳсолӣ бо назардошти истеҳсоли ашёи хом ва коркарди пурраи он дар шароити агрохолдинги пахта аз лиҳози иқтисодӣ асоснок карда шудааст.Таъсиси кластерҳои агросаноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаи корхонаҳоро оид ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, инчунин корхонаҳои таъминоти моддию техникии корхонаҳои коркардро муттаҳид менамояд. Кластер ба коркарди амиқи маҳсулоти бахши кишоварзӣ ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот равона шудааст. Ҷорӣ намудани агрохолдинг имконият медиҳад, ки самарнокии бозори минтақавии озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ таъмин гардад. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳанд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш дар корхонаҳое, ки дар холдинг иштирок мекунанд, таъмин карда шаванд. Мутамарказгардонии захираҳои молиявӣ ба раванди навсозӣ, таҷдид ва тавсеаи корхонаҳои маҳаллӣ таъсири мусби расонида ба ҷорӣ намудани схемаи нави самарабахши ташкилию молиявии истеҳсол, харид, коркард ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуда, истифодабарии оқилонаи захираҳои мавҷудаи меҳнатиро тавассути диверсификатсияи истеҳсолот таъмин хоҳад кард.*

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтор, инфрасохтори иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ,. сатҳи зиндагӣ, таъмини аҳолӣ бо манзил,маориф, тандурустӣ, фарҳанг,шумораи китобҳо, афзоиши некуаҳволии мардум, рушди тандурусти ва ҳолати тандурустӣ.*

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шуд. Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем. [1].

Ҳамин тариқ дар ҳар як марҳилаи рушди хоҷагии халқ такмили минбаъдаи ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, пайдоиш ва ташаккули сохторҳои сифатан нави ташкилию - истеҳсолии корхонаҳо ва низоми хоҷагдорӣ ба назар мерасад.

Вайроншавӣ ва коста шудани робитаҳои иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ, соҳавӣ ва дохилисоҳавии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зарурати объективиро ба равишҳои сифатан нав дар рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироии иқтисодиёт ба вуҷуд меорад.

Интегратсияи иқтисодиёт дар амал ифодаи худро дар шаклҳои муайяни ташкилию - иқтисодии пайвастани корхонаҳо дар дохили соҳаҳо ва байни соҳаҳо меёбад. Дар раванди таҳаввулот тадриҷан рушд ва такмил додани сохторҳои соҳибкории истеҳсолӣ, гузариш аз шакли оддии истеҳсолот ба ташаккулёбии истеҳсолоти мураккаб ба амал омада истодааст.[2, с. 71 – 75.]

Вақтҳои охир ба ҳамгироии комплекси агросаноатӣ дар якҷоягӣ бо принсипҳои кооперативӣ дар ҳама сатҳҳои сиёсати иқтисодӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад. Ҷаҳиши бузург дар он таҷассум мегардад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бартарияти ҳамгироии байни соҳаҳоро исбот намудааст. Интегратсия натиҷаи табиии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, зарурати объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки дар натиҷаи он рушди муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар шароити имрӯза ду намуди ҳамгироӣ бештар маъмул аст: уфуқӣ ва амудӣ. Дар адабиёти иқтисодӣ тафсирҳои гуногуни ҳамгироии амудӣ оварда шудаанд. [2. С. 71 – 75.]

Ба андешаи мо, интегратсияи амудӣ бояд ҳамчун раванди ҳамкории ҳамаҷониба, консентратсия ва марказонидани истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар як давраи такрористеҳсолкунӣ (дар асоси ҳамбастагии марҳилаҳои пай дар пай) фаҳмида шавад. Ин раванд ба тағирёбии шаклҳои ташкилӣ бо зарурати ҳамкорӣ дар дохили соҳаҳо тавсиф мешавад ва шаклҳои гуногуни ташкилии ҳамгироӣ дар амалияи соҳибкорӣ, рушд карда метавонад.

Рушди равандҳои ҳамгироӣ, аз як тараф, ҳадафи консентратсияи моликиятро тавассути азхудкунии корхонаҳои заиф аз ҷониби корхонаҳои қавитар ва аз тарафи дигар, мукаммалсозии идоракунӣ тавассути тақсим кардани субъектҳои иқтисодӣ ба қисмҳои алоҳида пеш мебарад.

Дар адабиёти иқтисодӣ самтҳои асосии зерини ҳамгироии истеҳсолӣ имконпазир аст:

- муттаҳидсозии ҳамаи иштирокчиён ба як ширкати холдингӣ дар асоси моликияти умумӣ;
- ҳамкории корхонаҳои кишоварзӣ бо ташкилотҳои хидматрасон ва коркард;
- таъсиси ассотсиатсияҳо ё иттиҳодияҳои ташкилотҳо дар доираи занҷири такрористеҳсолкунии онҳо;
- ташкили гуруҳҳои молиявӣ ва саноатӣ.

Принсипҳои асосии ташакули ҳамгироӣ инҳоянд:

ихтиёрӣ; мақсаднок; корхонаи пешбар ва кумаки мақомоти маъмурӣ. [6. С. 111 – 123.]

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид аст, ки сохтори ташакули ҳамгирои инҳоянд: ҳудудӣ ва соҳавӣ.

Дар навбати худ, ташакули ҳамгироии соҳавӣ ба хӯрокворӣ ва истеҳсолӣ - техникӣ тақсим карда мешаванд.

Аз рӯи ҷиҳати фаъолияти иқтисоди ҳамгироӣ метавонанд ғайритиҷоратӣ (шарикӣ, асостсиятсияҳо, кооперативҳои истеъмолӣ) ва тиҷоратӣ (ҶДММ, ҶСП ва ҶСК, холдингҳо ва гуруҳҳои молиявию саноатӣ) бошанд.

Ҳама намудҳои ҳамгироиро ба содда ва мураккаб ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз шаклҳои соддаи ташкилию иқтисодӣ ташаккул додани муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар асоси шартнома мебошад. Дар ин ҷо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба равандҳои ҳамгироӣ ворид шуда, кӯшиш мекунанд, ки бо тавакали сатҳи паст муносибатҳояшонро ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, вобастагии он ба шароити иқлимӣ ва бо ин васила зарурати баланд бардоштани рақобатро талаб менамояд.

Яке аз шаклҳои мушкилтарини ҳамгироии байнисоҳавӣ гуруҳи молиявию саноатӣ мебошад (ГМС), ки шахсони ҳуқуқии мустақилро муттаҳид мекунад (ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳо дар соҳаи истеҳсолот).

Истилоҳи иқтисодии «холдинг» ба мафҳуми «гуруҳи молиявӣ ва саноатӣ» наздик аст. Фарқи асосии байни онҳо дар вазъи ҳуқуқии онҳост: гуруҳҳои молиявию саноатӣ шахсони ҳуқуқӣ нестанд, балки дар асоси созишномае амал мекунанд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Дар асоси таҳлили мафҳуми «холдинг», ки дар адабиёти илмӣ, дар санадҳои қонунгузорӣ ва дар амал пешниҳод шудааст, таърифи зерини холдингро пешниҳод кардан мумкин аст.

Холдинг ассотсиатсияе (сохтор) мебошад, ки дар доираи он ширкати холдингӣ (ташкилоти асосӣ) фаъолияти дигар ташкилотҳои ба ин сохтор (ассотсиатсия) дохилшавандаро муайян мекунад.

Ҷамъияти холдингӣ (бунёдгузор, ташкилоти асосӣ) шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ ё ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мебошад.

Холдингҳо имкониятҳои назарраси сармоягузорӣ доранд. Шакли нигоҳдории ҳамгирой, имкон медиҳад, ки самарабахшӣ дар истифодаи захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ - техникӣ, кадрӣ, идоракунӣ зиёд карда шуда, раванди байни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот содда карда шавад. Афзалияти равшани холдинг, ба ғайр аз гуфтаҳои боло, қобилияти таъмини татбиқи сиёсати оптималии нархгузорӣ мебошад. Ғайр аз он, ширкати асосӣ метавонад хонаи савдои худро барои инҳо созад:

- фурӯши маҳсулоти фаръӣ берун аз бозори минтақавӣ;
- хариди ашёи хом бо нархҳои яклухти ашё барои корхонаҳои фаръӣ, ки барои фаъолияти истеҳсолии онҳо заруранд, аммо аз ҷониби ширкатҳои фаръӣ таъмин карда намешаванд ё истеҳсол карда намешаванд.

Ҷорӣ намудани холдинг имконият медиҳад:

- самарнокии бозори минтақавии озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ;
- амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки имкон медиҳанд аз нав таррохӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯшро дар корхонаҳое, ки дар холдинг иштирок мекунанд, фароҳам оранд;
- мутамарказгардонии захираҳои молиявӣ барои навсозӣ, таҷдид ва тавсеаи корхонаҳои маҳаллӣ;
- ҷорӣ намудани схемаи нави самарабахши ташкилию молиявии истеҳсол, харид, коркард ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ;
- истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи меҳнат тавассути диверсификатсияи истеҳсолот.

Ба андешаи мо, холдинг шакли муассири назорати молиявӣ ва танзими фаъолияти ширкатҳои фаръӣ мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ бидуни дахолати маъмурии ҳаррӯза ба онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонад. Дар шароити иқтисоди мо, ин шакли ҳамгирой, метавонад ба барқарорсозӣ ва рушди робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳо мусоидат намояд, мушкилоти пардохтҳои тарафайнро кам кунад ва дар самтҳои самаранок консентратсияи сармоягузориро мусоидат намояд.

Дар ҷустуҷӯи моделҳои нави ҳамгирой дар минтақаҳои мамлакати мо, якчанд вариантҳои эҷоди ташкили ҳамгироии дохилисаноатӣ ва байнисоҳавӣ пешниҳод карда мешаванд.

Намудҳои асосии сохторҳои ҳамгироии соҳибкориро ба тариқи зайл гуруҳбандӣ кардан мумкин аст:

- шартномавӣ - низоми шартномавии муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, коркард, маркетинг ва дигар ташкилотҳо (ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳо);
- ташаккулёбии агросаноатӣ, ки тавассути мутаҳидшавии сармоя, меҳнати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (корпоратсияҳо, кооперативҳо) сохта шудаанд;
- агрокластерҳо, ки тамоми сикли технологиро аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди онҳо ва то фурӯш ба истеъмолкунандаи охир мусоидат мекунад;
- гуруҳҳои молиявию саноатӣ, ки бидуни ташкили иттиҳоди иловагӣ таъсис ёфтаанд, ки дар он муносибат бо дигар аъзои гурӯҳ дар асоси созишномае, ки бояд бақайдгирии ҳатмии давлатӣ дошта бошад ба роҳ монда мешавад;
- иттиҳодияҳои Холдинг, ки ба онҳо ширкати ҳамгиро сарварӣ мекунад (корхонаи асосӣ).

Бо мақсади самаранок истифода бурдани захираҳои заминӣ ва меҳнатӣ мо оид ба ташкили холдинги пахта таҳия ва пешбинӣ намудем, ки ба рушди инфрасохтори деҳот заминаи мусоид хоҳад гузошт. *Нигаред ба Расми 1.*




**Расми 1. Нақшаи агрохолдинги кишоварзии минтақавӣ барои истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии пахта.**
***Сарчашма: таҳияи муаллиф***

Бо мақсади оқилона истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ва зиёд намудани истеҳсоли ин маҳсулоти саноатӣ дар ММД ва баланд бардоштани арзиши иловагӣ, пешниҳод карда мешавад, ки дар дохили кишвар кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда шаванд. [3]

Кластери агросаноатии пешниҳоднамудаи мо тамоми давраи истеҳсолотро аз сохторҳои таъминот то истеҳсоли маҳсулоти тайёр муттаҳид мекунад.

Намунаи пешниҳодшудаи як ширкати холдингӣ оид ба истеҳсол, коркард ва маркетинги маҳсулоти пахта дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ иттиҳодияи хоҷагиҳои махсусгардонидашуда дар минтақаҳо барои парвариш ва

коркарди маҳсулоти аз пахта истеҳсолмешуда, асосан фаъолияти зиёновари корхонаҳои коркарди пахта, чарб ва равған мебошад.

Таъсиси кластерҳои агросаноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаи корхонаҳоро оид ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, инчунин корхонаҳои таъминоти моддию техникии корхонаҳои коркардро муттаҳид менамояд. Кластер ба коркарди амиқи маҳсулоти бахши кишоварзӣ ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот равона шудааст.

Кластер ин як гурӯҳи ширкатҳои ба ҳам алоқаманди ҷуғрофӣ (таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон ва ғ.) ва ташкилотҳои вобаста (муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ширкатҳои инфрасохторӣ) мебошанд, ки дар минтақаи муайян фаъолият мекунанд ва ҳамдигарро такмил медиҳанд.

Ба фикри мо, имконпазирии ташкили кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом таъсирашро дар даромаднокии ҳам корхонаҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом ва ҳам барои корхонаҳои коркард мегузорад. Истеҳсолкунандагони пахтаи хом имконият пайдо мекунанд, ки маҳсулоти худро саривақт ва пурра фурӯшанд, дар ҳоле ки корхонаҳои коркард бо талабот таъмин карда шуда, бо иқтидори максималии истеҳсолӣ кор мекунанд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташкили кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом имкон медиҳад:

- заминаҳои зарурӣ барои зудтар дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ - техникӣ, таъмини истеҳсоли оптималии маҳсулоти якхела бо сифати баланд фароҳам оварад;
- таъмини таносуби оқилона байни ҳаҷми пахтаи хом ва иқтидорҳои коркарди саноатӣ;
- таъмини раванди ягонаи такрористеҳсолкунӣ дар тамоми давраи истеҳсолот;
- кам кардани хароҷоти муомилот (хароҷоти муомилоти тиҷорӣ, гуфтушунид, бастани шартномаҳо, таъмини иҷрои онҳо).

Сарфи назар аз он, ки истеҳсоли пахтаи хом дар Тоҷикистон каме коҳиш ёфтааст, миқдори кофии нахи пахта ба бозори хориҷӣ содир карда мешавад. Ва дар ин росто, мо ташкили кластерҳои саноатиро оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом ва содироти маҳсулоти тайёр аз нахи пахта ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки даромади асъорро дар ҷумҳурӣ хеле афзоиш медиҳад, ба ҳалли масъалаи шуғл ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Беш аз ҳама инфрасохтори деҳот дар ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ мукаммал мегардад.

Тибқи Барномаи рушди НТҶ барои солҳои 2015 - 2019, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 қабул шудааст, дар соли 2019 - ум 9374 тонна пахтаи хом истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2014 29,2% зиёдтар аст. Аз ин миқдор пахтаи хом дар ҳолати 33,0% баромади нах истеҳсоли он аз 3 ҳазор тонна зиёд мегардад. [**8.**, **9.**, **10**]

Барои татбиқи ин барнома кластерҳои саноатӣ оид ба истеҳсол ва коркарди пахтаи хом имкон медиҳад:

- заминаҳои зарурииро барои рушди босуръати дастовардҳои пешрафти илмӣ - техникӣ омода намуда, истеҳсоли оптималии маҳсулоти гуногуни сифатан беҳтаршударо таъмин намояд;
- таъмини таносуби оқилона байни ҳаҷми пахтаи хом ва иқтидорҳои коркарди саноатӣ;
- ҳамоҳангсозии як раванди ягона дар тамоми силсилаи истеҳсолот;

- кам кардани хароҷоти муомилот (хароҷоти муомилоти тиҷорӣ, гуфтушунид, бастани шартномаҳо, назорати иҷрои онҳо);
- баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ;
- кам кардани воридоти намудҳои алоҳидаи молҳо;
- зиёд кардани даромадҳои асъорӣ дар ҷумҳурӣ;
- коҳиш додани сатҳи бекорӣ тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- рушди инфрасохтори деҳот.

Яке аз вазифаҳои асосии кластер баланд бардоштани арзиши изофии соҳа, таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои он мебошад.

Ба гуфтаи коршиносон, ассотсиатсияҳои саноатӣ имкониятҳои дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, таъминкунандагони ҷузъҳо ва таҷҳизот, қувваи кории баландихтисос, захираҳо, дониши навро ба туфайли робитаи зуд ҳам дар дохили сохтор ва ҳам бо ҷаҳони беруна васеъ мекунанд. Тақвияти тамоюли инноватсионӣ, ки кластерро дар бар мегирад, дар ниҳоят ба рушди самаранок, устувор ва афзоиши музди меҳнат мусоидат мекунад. Корхонаҳои кластерӣ аз ҳисоби махсусгардонии дохилӣ ва стандартизатсия бартариҳои иловагии рақобатӣ доранд.

Кластер соҳаҳои алоқаманд ё дастгирикунандаро дар бар мегирад. Барои саноати коркарди пахтаи ҷумҳурӣ соҳаҳои алоқаманд инҳоянд:

- донишгоҳҳои олӣ: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) ва ғайра;
- ташкилотҳои саноатӣ ва ҷамъиятӣ: Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёна, Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, Иттифоқи соҳибкорон ва содиркунандагон ва ғайра;
- муасисаҳои давлатӣ - Вазорати кишоварзӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав; Вазорати рушди иқтисод ва савдо; Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия;
- инфрасохтори роҳҳои автомобилгард, телекаммуникатсия, анборхонаҳо ва ғ.

Таъсиси кластери саноатӣ имкон медиҳад, ки пахтаи хом оқилона истифода шавад, маҳсулоти тайёр бе талафот ва хароҷоти камтар ба истеъмолкунанда расонида шавад, инчунин рақобатпазирии маҳсулот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ баланд бардошта шавад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули кластери саноатӣ баланд бардоштани арзиши изофии ин соҳа ва устувории иқтисодии корхонаҳо мебошад.

**Ҷадвали 1.**

**Занҷираи арзиши иловашуда дар агрохолденги пахтаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи коргарон | Ҳаҷми истеҳсол, ҳаз. тонна | Даромад аз фурӯш, ҳаз. сомонӣ | Хароҷот барои истеҳсол, ҳаз. сомонӣ | Фонда, ҳаз. Сомонӣ | Сатҳи даромаднокӣ, % | Ҳосилнокии меҳнат, одам/соат, сомонӣ | Даромад ба буҷет, ҳаз. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсоли пахта** | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 10.000 | 50000,0 | 40000,0 | 10000,0 | 25,0 | 8,3 | 432,0 |
| **Коркарди пахта барои нах** | | | | | | | | |
| Истеҳсоли нахи пахта | 100,0 | 3300 | 39600,0 | 27720,0 | 11880,0 | 42,9 | 187,5 | 3960,0 |
| Тухмӣ | х | 5600,0 | 1792,0 | 1254,0 | 538,0 | 42,9 | 8,5 | х |
| Линт | х | 450,0 | 202,5 | 142,0 | 60,5 | 42,6 | 1,0 | х |
| **Коркарди чигит барои равған** | | | | | | | | |
| Равған, т | 60 | 1200,0 | 14400,0 | 10080,0 | 4320,0 | 42,9 | 234,4 | 1149,0 |
| **Фабрикаҳои бофандагӣ** | | | | | | | | |
| Матоъ, ҳаз.м | 120,0 | 33000,0 | 29700,0 | 20790,0 | 8910,0 | 42,9 | 117,4 | 2790,0 |
| **Фермаҳои чорводорӣ** | | | | | | | | |
| Шир, т | 240 | 12000,0 | 42000,0 | 33600,0 | 8400,0 | 25,0 | 59,0 | 3830,4 |
| Гӯшт, ҳаз. т | | 406,8 | 11520,0 | 10368,0 | 1152,0 | 11,1 | 16,7 | 1182,0 |
| **Комбинатҳои шир** | | | | | | | | |
| Шир | 120 | 29700,0 | 41580,0 | 29160,0 | 12474,0 | 42,8 | 164,1 | 4432,3 |
| **Комбинатҳои гӯшт** | | | | | | | | |
| Ҳасиб | 60 | 200,0 | 4000000,0 | 3200000,0 | 8000000,0 | 25,0 | 31561,0 | 3648,0 |
| **Ҳамагӣ** | **800,0** | **х** | **4191194,5** | **3373114,0** | **818080,5** | **24,3** | **2480,5** | **21423,7** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф.

Ба ҳисоби миёна як чорво 500 литр дар як сол шир медиҳад. Аз рӯи нархи имрӯза нархи як тона шир 3500 сомониро дорад. Ҳамин тавр, аз 240 чорви ширдеҳ дар як сол 120 ҳазор тона шир истеҳсол шуда аз фуруши он 42 млн сомони даромад гирифта мешавад. Арзиши аслӣ бо 80,0% даромад аз фурши шир баробар аст. Сарфи меҳнат бо 700,8 ҳазор одам \ соат баробар аст. Ҳосилнокии меҳнат 59,9 дар одам \ соат баробар мешавад.

Даромад ба буҷет аз ҳисобӣ музди меҳнат, ки 30% хароҷтҳои истҳсолии ширро ташкил медиҳад(33600*0,30 = 10080 сомонӣ). Аз 10080 сомонӣ 25% фонди ҳифзи иҷтимоӣ (2520 ҳазор сомонӣ) ва 13,0% андоз аз музди меҳнат (10080*0,13) 1310,4 ҳазор сомонӣ. Ҳамин тавр, аз истеҳсоли шир ба буҷет 3830,8 ҳазор сомонӣ маблағ ворид мегардад. Ба ғайр аз шир ҳар сол 5,0% чорво ва 50,0% буқачаҳо ба гушт супорида мешаванд.

Вазн миёнаи чорвои ба гӯшт супоридашуда 400 кг ҳисоб шуда, дар як сол аз 2400 модагов, 80 фоизаш гӯсола дода, 50,0% он гусолаҳо нар баҳисоб гирифта шудааст. Яъне дар як сол 1152 сар буқача ба гушт дода мешавад. Арзиши буқачаҳо ба вазни зинда (400%25)* 1152 = 11520 ҳазор сомон. Хароҷот барои истеҳсолӣ гушт 90,0% ро ташкил медиҳад.

Даромад ба буҷет аз фонди муздӣ меҳнат, ки 30% хароҷотро ташкил медиҳад ба 3110,4*0,25) = 777,6 ва 13,0% андоз аз музди меҳнат (3110,4 ҳазор *0,13) = 404,4 ҳазор сомонӣ дар маҷмӯъ 1182,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет интиқол мешавад.

Камбинати шир 3300т ширро бо арзиши 29700 сомонӣ харида, онро коркард менамояд ва бо даромаднокии 40,0% ба фурӯш мебарорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 41580 ҳазор сомонӣ баробар мешавад. Ҳосилнокии меҳнат дар комбинати шир бо хароҷоти меҳнат (120 нафар*8 одам\соат*264 рӯзи корӣ = 253440) музди меҳнат 40,0%

хароҷоти камбинати шириро ташкил медиҳад, ки бо (29160.0* 0,40) 11664 сомонӣ аз он фонди ҳифзӣ иҷтимоӣ 11664,0*0,25 = 2916,0 ва андози музди меҳнат бошад 11664,0* 0,13 = 1516,3 ва ҳаҷми умумӣ маблағи ба буҷет воридшаванда 4432,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Комбинати гӯшт 406,8 ҳазор гӯштро коркард намуда, 200 ҳазор тонна ҳасиб истеҳсол менамод ва ҳар як тонаро 20000 сомонӣ фурӯхта 4 млрд. сомонӣ маҳсулот мефӯрушад. Хароҷоти меҳнатӣ бошад 60*8*264 = 126720 ва андоз 32000*0,30 = 9600,0*0,25= 2400 ва андоз аз даромад бошад 2600 * 0,13 =1248 ва дар умум ба буҷет 3648 маблағ ба буҷет ворид мегардад.

Ҳадафи асосии таъсиси ширкатҳои холдингӣ дар бахши кишоварзӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба ташаккул ва устувории бозори дохилии озуқаворӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири назаррас мерасонад.

Ҳамин тариқ бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки модели умедбахши ҳамгироӣ дар бахши аграрии иқтисоди минтақа ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои гуногун, ба монанди: иттиҳодияҳои агросаноатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ; низоми молиявӣ, бонкӣ, суғурта, саноатӣ ва инчунин дигар ширкатҳо ва холдингҳо; бозори хӯроквории яклухт; ҳамкориҳои истеъмолӣ ва қарзӣ, системаҳои таъминоти моддию техникӣ; муассисаҳои илмӣ ва таълимии (донишкадаву донишгоҳҳо) минтақа ба роҳ мемонад. Ҷорӣ намудани холдинг имконият медиҳад, ки  самарнокии бозори минтақавии озуқаворӣ тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ таъмин гардад. Лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки имкон медиҳанд аз нав тарроҳӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯшро дар корхонаҳое, ки дар холдинг иштирок мекунанд, фароҳам оранд. Мутамарказгардонии захираҳои молиявӣ барои навсозӣ, таҷдид ва тавсеаи корхонаҳои маҳаллӣ амалӣ гашта,  дар ҷорӣ намудани схемаи нави самарабахши ташкилию молиявии истеҳсол, харид, коркард ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ муҳайё гашта,  истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи меҳнат тавассути диверсификатсияи истеҳсолот таъмин гардад.

Намунаи пешниҳодшудаи як ширкати холдингӣ оид ба истеҳсол, коркард ва маркетинги маҳсулоти пахта дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ имконият медиҳад, ки захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ самаранок истифода шаванд. Дар пояи чунин холдинг ва кластерҳо рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот  рушд хоҳад ёфт.

Ҳамин тариқ, рушди босуръат, муассир ва ҳамаҷонибаи системаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд шарти ҳатмии ҳалли бомуваффақияти масъалаҳо ва роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳифзу рушди инфрасохтори деҳот, афзоиши амнияти озуқаворӣ ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа гардад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [манбаи электронӣ].URL: http://prezident.tj/node/21975 (санаи истифодабарӣ: 20.09.2021).
2. Гоибназарзода С.М., Асоев М.М. Развитие регионов в контексте торгово-экономического сотрудничества / Материалы Республиканской научно-практической конференции «Стратегические подходы к государственному и

местному управлению в условиях глобализации в Республике Таджикистан» ТНУ. - Душанбе, 2019. С.71 - 75.

**3.** Асоев М.М. Анализ показателей развития сельской социальной инфраструктуры на основе материалов РРП (состояние и перспективы / Онлайн-конференция «Актуальные вопросы государственного управления и местного самоуправления в контексте электронного правительства», АГУПРТ. - Душанбе, 2020. - С. 508 - 513.

3. Набиев И.И. Асоев М.М. Анализ экономической эффективности сельскохозяйственных предприятий: методологический аспект/Материалы между-народной научно-практической конференции на тему: «Актуальные проблемы бухгалтерского учёта, анализа и аудита». - Душанбе, 2016. - С.133-136.

4. Назаров М. М., Асоев М.М. Устойчивое развитие сельского хозяство –основа самообеспеченности населения продовольствием // Известия ВУЗов Кыргызстана - Бишкек, 2017. - №10. - С. 45 – 48.

5. Сергеев В.П., Машкина Н.А., Маркина С.А. Теоретические аспекты развития производственной и социальной инфраструктуры региона. Известия Юго-Западного государственного университета. 2016;(5):111-123.

6. Самандаров И.Х. Современное состояние и совершенствование социальной инфраструктуры села в условиях становления рыночной экономики. Душанбе. Изд-во ТАУ, 2004.- 142с..

7. Ҳисоботи солонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

8. Ҳисоботи солонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

9. Ҳисоботи солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ - ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ В РЕГИОНЕ

**АСОЕВ МУФАРРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
старший преподаватель кафедры управления
государственными финансами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734042, г.Душанбе, улица Саида Носира 33.
Тел.: (+992)905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru

*В статье рассматривается формирование производственной инфраструктуры - основы развития социальной инфраструктуры региона. В статье производственная инфраструктура рассматривается как благоприятная основа для развития социальной инфраструктуры региона, а создание производственных кластеров экономически оправдано, с учетом производства сырья и его полной переработки в условиях агрохолдинга. Таким образом, внедрение холдинга позволит обеспечить эффективность регионального продовольственного рынка за счёт повышения конкурентоспособности отечественной продукции по сравнению с импортной. Инвестиционные проекты, входящие в холдинг, позволяют перепроектировать и увеличить объемы производства и продаж на предприятиях. Централизовать финансовые ресурсы для модернизации, реконструкции и возобновления производственных мощностей местных предприятий, создают новую эффективную организационную и финансовую схему для производства, закупки, переработки*

*и продажи промышленной продукции и обеспечивают рациональное использование имеющихся трудовых ресурсов за счёт диверсификации производства.*

**Ключевые слова**: *инфраструктура, социальная инфраструктура, государственная поддержка, уровень жизни, жилье, образование, здоровье, культура, количество книг, благосостояние, развитие здоровья и состояние здоровья.*

## FORMATION OF PRODUCTION INFRASTRUCTURE - THE BASIS OF SOCIAL INFRASTRUCTURE DEVELOPMENT IN THE REGION

**ASOEV MUFARRAKH MAZORIDDINOVICH,**
Senior Lecturer of Department of Public Finance Management,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734042, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992)905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru

*The article discusses the formation of industrial infrastructure - the basis for the development of the social infrastructure of the region. Industrial infrastructure is considered as a favorable basis for the development of the social infrastructure of the region, as well as economically justified the creation of industrial clusters, taking into account the production of raw materials and their complete processing in the conditions of an agroholding of cotton. The introduction of the agroholding will ensure the efficiency of the regional food market by increasing the competitiveness of domestic products in comparion with imported products. Establishment of agro-industrial clusters for production and processing of agricultural products will unite all enterprises for the production of final products, as well as enterprises for logistics of processing enterprises. The cluster focuses on in-depth processing of agricultural products and the development of new types of products.Investment projects allows ensuring increasing of production and sales volumes at enterprises that included in the holding. Centralization of financial resources will have a positive impact on the process of modernization, reconstruction and expansion of local enterprises, promote the introduction of new effective organizational and financial schemes for production, procurement, processing and sale of industrial products and ensure rational use of available labor resources through diversification of production.*

***Key words:*** *infrastructure, social infrastructure, state support, standard of living, housing, education, health, culture, number of books, welfare, health development and health status.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 502.3

# САНАДҲОИ СБМ: ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА МАВҚЕИ ОНҲО ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992) 981-03-16-78. E-mail: saidumar1951@mail.ru
**НАЗАРОВ ДАВЛАТХОН ҚУРБОНМУРОДОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 902-77-66-22. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*Дар мақола табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи санадҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон шабеҳият ва фарқияти санадҳои асосии СБМ – оиннома, эъломияҳо, конвенсияҳо ва тавсияномаҳоро дар партави сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таълимоти он таҳлил намуда, доир ба тартиби татбиқи онҳо дар қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳои хешро иброз менамоянд.*

*Бо дарназардошти маҳдудияти ҳаҷми мақола, дар таҳқиқот асосан ба масъалаи табиати ҳуқуқии санадҳои СБМ таваҷҷуҳ дода шудааст. Мақола метавонад мавриди таваҷҷуҳи алоқамандони масъалаҳои танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнат қарор гирад.*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Байналмилалии Меҳнат, меъёрэҷодкунӣ, трипартизм, оиннома, эъломия, конвенсия, тавсия, паймон, шартнома-қонун, шартнома-аҳднома, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба меҳнат, сарчашмаи ҳуқуқи меҳнат.*

«Саҳми Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоии байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён ва ҳуҷҷатҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсияҳо ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунанд», – таъкид менамояд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2019 [1].

Дар Оинномаи СБМ аз соли 1919 (бо тағйиру иловаҳои соли 1962) чунин принсипҳои танзими байналмилалии ҳуқуқии меҳнат ҷой дода шудаанд: танзими вақти корӣ, аз ҷумла муқаррар намудани ҳадди ниҳоии рӯзи корӣ ва ҳафтаи корӣ; танзими ҷалби қувваи корӣ; мубориза бар зидди бекорӣ; кафолатҳои музди меҳнат, ки шароити қаноатбахши зиндагиро фароҳам меоранд; муҳофизати кормандон аз бемориҳои касбӣ ва ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ; ҳифзи кӯдакон, наврасон ва занон; нафақа аз рӯи пиронсолӣ ва маъюбӣ; ҳифзи манфиатҳои кормандоне, ки дар хориҷи кишвар кор мекунанд; эътирофи принсипи музди баробар барои меҳнати баробар; эътирофи принсипи мустақилияти иттифоқҳои касаба; ташкили таълими касбӣ-техникӣ ва дигар чорабиниҳо.

СБМ яке аз аввалин муассисаи махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) вазифаи меъёрэҷодкуниро иҷро намуда, санадҳои мухталиф – оиннома, эъломия, конвенсия, тавсия, паймон ва ғайраро таҳия ва қабул мекунад.

Дар байни санадҳои СБМ, ба таври махсус се эъломия қайд карда мешаванд: Эъломияи Филаделфия аз 10 майи соли 1944; Эъломия оид ба мубориза бар зидди апартеид аз соли 1964; Эъломия «Дар бораи принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат» аз 18 июни соли 1998 [2].

Дар Эъломияи охирин самтҳои афзалиятноки фаъолияти меъёр-эҷодкунии СБМ дар соҳаи меҳнат, инчунин принсипҳои зерини бунёдӣ дарҷ шудаанд: 1) озодӣ ба муттаҳидшавӣ ва эътирофи амалии ҳуқуқ ба пешбурди музокироти коллективӣ, барҳам додани ҳамагуна меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ; 2) манъи амали меҳнатӣ кудакон; 3) роҳ надодан ба табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл.

Санадҳои асосии СБМ конвенсияҳо ва тавсияномаҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти олии он – Конфронси Байналхалқии Меҳнат (КБМ) қабул карда шудаанд, ки кори онҳо ба принсипи трипартизм (сеҷониба) асос ёфтааст. Ҳар як давлат ба СБМ ду намоянда аз ҳукумат ва якнафарӣ аз намояндаи меҳнаткашон ва соҳибкорон пешбарӣ мекунад. Зимнан, ҳар яке аз чаҳор вакил, раъйи ҳалкунанда доранд.

Масъалаи табиати ҳуқуқии конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ аз ҷониби муҳаққиқон, аз рӯзи ташкили СБМ баррасӣ шуда, то имрӯз мавриди таҳлил қарор дорад. Дар марҳилаи аввал, табиати ҳуқуқии конвенсияҳои он дар заминаи консепсияи тақсими шартномаҳо ба шартномаҳо-аҳдҳо ва шартномаҳо-муомилаҳо муайян карда шуда буд.

Шартномаҳо-қонунҳо санади муқарраркунандаи меъёрҳо ҳисобида мешуданд. Онҳо дар натиҷаи мувофиқакунонӣ ва ягонасозии иродаи тарафҳои гуногун дар хусуси қоидаҳои рафтори давлатҳо баста мешуданд. Шартномаҳо-аҳдҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар бар намегирифтанд, зеро онҳо хоҳишу иродаҳои гуногунро инъикос мекарданд [3, с.77].

Ж. Сселк конвенсияҳои СБМ-ро ҳамчун қонунҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти қонунгузории байналмилалӣ қабулшуда меномад, на созишномаҳои бисёрҷониба. Тасдиқи конвенсияҳои СБМ-ро бошад, ҳамчун як амали шартие, ки тарафдории давлатро ба санади мавҷудаи қонунгузорӣ ифода намуда, бахри таҳкими ҳуқуқи миллӣ анҷом дода мешавад. Ба ақидаи Ж. Сселк ва як қатор муҳаққиқони дигар, қабули уҳдадориҳо аз ҷониби давлатҳо тибқи шартномаи Версал – ин эътирофи уҳдадориҳо дар назди СБМ мебошад ва мутаносибан уҳдадориҳое, ки аз тасдиқи конвенсияҳо бармеоянд, низ уҳдадориҳо дар назди СБМ маҳсуб мешаванд [4, с.183-184].

Э. Мэхейм ва П. Рамадйер конвенсияҳои СБМ-ро ҳамчун «қонун – аҳднома», ки пас аз тасдиқ эътибор пайдо мекунад, меҳисобиданд. Э. Мэхейм на ҳама конвенсияҳои СБМ-ро ҳамчун муқарраркунандаи меъёр эътироф мекард, яъне, на ҳамчун шартномаҳои коллективие, ки принсипҳои умумии ҳамкориро муқаррар мекунанд, балки бо дарназардошти мухтавои онҳо пешниҳод намуда буд, ки баъзеи онҳоро ҳамчун ҷузъи аҳднома ҳисоб кунанд. Вай баръакси муаллифони дар боло зикршуда, таъйид мекард, ки давлатҳо ҳам нисбати дигар давлатҳо ва ҳам нисбати СБМ уҳдадориҳо қабул мекунанд [5, с.73-74]. Ба ақидаи П. Рамадйе, КБМ танҳо бо қабули лоиҳаи конвенсияҳо маҳдуд гашта, хусусияти ҳуқуқиашро пурра ба тасдиқи онҳо вобаста медонист [6]. И. Янулоф низ чунин меҳисобид, ки КБМ на қонунҳои байналмилалӣ, балки лоиҳаҳои конвенсияҳоро қабул мекунад, ки онҳо бидуни тасдиқ аз ҷониби парламенти давлат, танҳо уҳдадориҳои дигарро барои он ба вуҷуд меоранд [7, с.113-124]. А. Томас

Конвенсияҳои СБМ-ро ҳамчун созиш байни мафҳумҳои шартнома-аҳднома ва шартнома-қонун арзёбӣ мекунад [8, с.11].

Тавре мебинем, бисёре аз муаллифон конвенсияи СБМ-ро на ҳамчун шартномаҳои байналмилалӣ (ба маънои муосири ин истилоҳ) пазируфтаанд.

Муҳаққиқони дигар ба тавсифи табиати ҳуқуқии конвенсияҳои СБМ аз лиҳози вижагиҳои фарққунандаи қабул ва эътибор пайдо кардани онҳо назар кардаанд. Чунончи Ж. Мореле ба ду вижагӣ ишора менамояд: аввал, ба муҳокимаи лоиҳаҳои конвенсияҳо дар КБМ сеҷониба, ки дар он қарор новобаста ба будан ё набудани ҳамраъйи байни намояндагони ҳукумат, тавре ки дар конфронсҳои сирф дипломатӣ сурат мегирад, қарор қабул карда мешавад; дувум, имконнопазирии қайду шарт нисбати конвенсияҳои СБМ, ки дар шартномаҳои дипломатӣ ҷоиз мебошад. У. Ҷенкс фарқиятҳои асосии байни конвенсияҳои СБМ ва шартномаҳои анъанавии дипломатиро дар ин нуктаҳо мебинад: 1) дар қабули конвенсияи СБМ дар КБМ, ки вакилони он танҳо иборат аз намояндагони ҳукуматҳо нестанд, ки ин боиси ба мақоми парламентӣ ҳаммонандии зиёд пайдо намудани КБМ мегардад, на ба конфронси дипломатӣ; 2) дар мавҷудияти уҳдадорӣ оид ба пешниҳод намудани конвенсия ба баррасии мақомоти босалоҳияти миллӣ ҷиҳати андешидани чораҳо оид ба татбиқи он дар сатҳи миллӣ; 3) дар тақвияти муфассали сиёсати аз тарафи давлатҳо дар Оинномаи СБМ тасдиқгардида дар конвенсияҳои СБМ; 4) дар мавҷуд будани механизми назорат бар татбиқи конвенсияҳо [9, с.574-578].

Н. Валтикос самти асосии конвенсияҳои СБМ-ро дар се ғояи асосӣ ифода мекунад:

1) дар таҳияи конвенсия дар асоси муқаррароти Оинномаи СБМ, ки чунин нуктаҳоро пешбинӣ менамояд: а) қабули конвенсияҳо дар КБМ, ки таркиби сеҷониба дорад, ҷой надоштани талабот ба ҳамраъйии намояндагони КБМ ҳангоми қабули конвенсия; б) қабули конвенсияҳо бо имзои Раиси КБМ ва Директори генералии ББМ; в) имкони тафсири конвенсияҳо танҳо аз ҷониби Суди байналмилалии СММ, на аз ҷониби тарафҳо; г) имконнопазирии қабул намудани қарор дар бораи бознигарии он аз ҷониби тарафҳои конвенсия;

2) қабул намудани конвенсияҳо на танҳо аз тарафи намояндагони ҳукуматҳо, инчунин, намояндагони кормандон ва корфармоён, ки ҳуқуқи алоҳида овоз доданро доранд ва ин сабаби манъи қайду шартҳо ба конвенсияҳои СБМ мегардад;

3) хоҳиши самаранокӣ бахшидан ба конвенсияҳои СБМ бо дар назар гирифтани қабули онҳо бо аз се ду ҳиссаи овозҳои вакилони КБМ; пешниҳод намудан барои баррасии мақомоти босалоҳияти ҳокимият; уҳдадориҳо оид ба пешниҳоди гузоришҳо; татбиқи конвенсияҳо дар қаламравҳои берун аз давлати мустамликадор (метрополия); амалияи аз ҷониби давлатҳои ворис риоя намудани уҳдадориҳое, ки давлатҳои пешин ба зимма гирифта буданд; муқаррароти банди 5 Оинномаи СБМ дар бораи он ки хориҷ шудан аз узвияти СБМ боиси дарҳол худ ба худ қатъ гардидани уҳдадориҳо аз рӯи конвенсияҳо намегардад; механизми назорат бар риояи онҳо [10, с.50-51].

Аз нуқтаи назари Х. Круз, Ж. Потобски, Л. Свепстон, конвенсияҳои СБМ як намуди нави қонунҳои байналмилалӣ мебошанд, ки ҳам аз шартномаҳо-қонунҳо ва ҳам шартномаҳо-аҳдҳо, ҳамчунин, аз шартномаҳои бисёрҷониба (кушода ва пӯшида) фарқ мекунанд, «бо вуҷуди доштани баъзе аломатҳои шабеҳ ба ҳар кадоми ин категорияҳои шартномаҳо, алалхусус шартномаҳои охирин (бисёрҷониба)». Дар зимн муаллифон СБМ-ро як ташкилоти фавқулмиллӣ, ки стандартҳои он хусусияти мустақими омирона доранд, намешуморанд, тавре ки дастурҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) доранд. Аз тарафи дигар, ба ақидаи онҳо, КБМ дорои баъзе хусусиятҳои мақомоти қонунгузорӣ мебошад,

зеро конвенсияҳои қабулкарда ҳуҷҷатҳои қонунгузорие мебошанд, ки баҳри танзими рушди иҷтимоии давлатҳо муқаррар шудаанд ва новобаста аз тасдиқ шуданашон «мавҷудияти объективӣ» доранд.

Муаллифон чунин вижагиҳои конвенсияҳои СБМ-ро ҷудо мекунанд: «мавҷудияти объективии» онҳо (қабули конвенсияҳо уҳдадориҳоро оид ба мақомоти босалоҳияти ҳукуматӣ ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намудани онҳо ва манзур намудани гузоришҳо); мавҷуд набудани шартҳои мутақобила ҳангоми пешниҳоди ҳуқуқи шикоят кардан, гарчанде шикоятҳои байнидавлатӣ танҳо дар ҳолатҳое пешниҳод мешаванд, ки агар ҳар ду давлат аъзои конвенсия бошанд; ҳамагонӣ будани конвенсияҳо дар ҳар замону макон, зеро онҳо ҳамчун меъёрҳои ҳадди ақал (моддаи 19.8 Оинномаи СБМ) барои ҳамаи давлатҳои аъзо, новобаста ба шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дар онҳо мавҷудбуда қабул карда мешаванд ва ҳар як давлат метавонад дар оянда ба СБМ ҳамроҳ шуда, конвенсияҳоро тасдиқ намояд; баромадани давлат аз СБМ, онро аз уҳдадориҳо аз рӯйи конвенсияҳои тасдиқшуда озод намекунад; ҳатто агар давлатҳо конвенсияҳоро тасдиқ накунанд ҳам, ин онҳоро аз вазифадорӣ дар масъалаи татбиқи принсипҳое, ки конвенсия ба онҳо асос ёфтааст, озод намекунад, албатта то он дараҷае, ки онҳо дар Оинномаи СБМ инъикос шудаанд [11, с.50-51].

Мувофиқ будани худро бо муаллифон нисбати вижагиҳои конвенсияҳои СБМ таъйид намуда, О.А. Вострецова, ҳамзамон, ақидаи онҳоро дар бораи он ки конвенсияҳои СБМ «як навъи нави қонунҳои байналмилалӣ» мебошанд, қабул надорад. Ӯ аз ҷониби муаллифон конвенсияҳои СБМ ба ин ё он дараҷа дар алоҳидагӣ мафҳуми шартномаи байналмилалии байни давлатҳо, марҳилаҳои бастану усулҳои қабули он, изҳори ризоият, тафсир ва масъалаҳои ба он марбутро, ки заминаҳояшон дар Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 сабт шудааст, ғайриқонунӣ меҳисобад.

Э. Аметистов конвенсияҳои СБМ-ро ҳамчун «шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба», ки бояд аз ҷониби давлатҳои аъзои СБМ ба тасвиб расанд ва дорои ду гурӯҳи вижагӣ бошанд, мешуморад. Инҳо вижагиҳои бо тасдиқ алоқаманд набудаи уҳдадориҳои кишварҳои аъзо (пешниҳод ба мақомоти салоҳиятдори ҳукуматӣ, иттилоот додан ба Директори генералӣ оид ба тадбирҳои андешида), ки дар асоси Оинномаи СБМ ба вуҷуд меоянд ва вижагиҳое мебошанд, ки аз уҳдадориҳои дар натиҷаи тасдиқ бармеоянд [12, с.45-47]. О.А. Вострецова дар тақвияти андешаи А.Э. Аметистова менависад: «Вижагиҳои конвенсияҳои СБМ аз он иборатанд, ки Оинномаи СБМ ва қоидаҳои созмон ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои муайяни давлатҳоро, ки ба таҳия, қабул, татбиқ ва назорат бар риояи онҳо вобаста мебошанд, дар бар мегиранд; худи конвенсияҳо бошанд, пас аз тарафи КБМ қабул шуданашон дар маънои Конвенсияи Вена оид ба шартномаҳои байналмилалӣ (с.1969)  табдил мeёбанд, ки ифодаи ризоият дар хусуси ҳатмӣ буданашон барои давлатҳо уҳдадории риоя намуданашонро ба вуҷуд меоранд» [13, с.107].

Аз вижагиҳои фарққунандаи конвенсияҳои СБМ, О.А. Вострецова ҳамонҳоеро, ки ба таҳия ва қабули онҳо (ташаббуси шартномавӣ, иштироки намояндагони сеҷониба дар таҳия ва қабул дар баробар бо намояндагони ҳукумат, қабул бо имзои Директори генералии ББМ ва Намояндаи КБМ, бознигарии мунтазам), эътибор пайдо кардан ва имконпазирии қайду шарт, лағв кардан ва ғайра алоқамандро ҷудо мекунад [14, с.106-107].

Мо бо андешаи муҳаққиқоне ҳамфикр ҳастем, ки конвенсияҳои СБМ-ро ба сифати шартномаҳои байналмилалии дорои хусусиятҳои фарққунанда медонанд, ки ба тартиби

махсуси таҳия, қабул ва изҳори ризоияти давлатҳо дар хусуси барояшон ҳатмӣ будани иҷрои уҳдадориҳои аз конвенсияҳои СБМ бармеоянд ва татбиқи конвенсияҳо аз ҷониби давлатҳо ва назорати иҷрои онҳо вобаста мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба таҳқиқи табиати ҳуқуқии тавсияҳои СБМ камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Адабиёти замони шӯравии ба ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста табиати ҳуқуқии тавсияҳои СБМ-ро танҳо дар қаринаи табиати ҳуқуқии қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ кардааст. Дар ин зимн, баъзе олимон (С.Б. Крилов, В.П. Дурденевский, Д.Б. Левин, Н.М. Минасян, Е.А. Коровин) тавсияҳо ва қатъномаҳои созмонҳои байналмилалиро ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ меҳисобиданд, бархе дигар, аз ҷумла Г.И. Тункин, дар тавсияҳои СБМ равандҳои ёрирасони ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро медиданд, на сарчашмаҳои ёрирасони онро, он тавре ки Э. Аметистов тасаввур мекард [15, с.60]. Г.И. Тункин дар ин зимн нораво будани эътирофи қувваи ҳуқуқии тавсияҳои СБМ-ро таъкид намуда буд [16, с.214-217]. Э.А. Шибаева ва М.Поточний аҳамияти ҳуқуқии тавсияҳоро (қарорҳо «оид ба масъалаҳои асосии фаъолияти созмони байналмилалии марбут ба муносибатҳои давлатҳои аъзо бо созмонҳо ё давлатҳо байни худ») ба хусусияти созмони байналмилалӣ вобаста медонистанд [17, с.73-76].

Ба андешаи Н. Валтикос, фарқи асосии конвенсияҳо аз тавсияҳои СБМ дар он аст, ки конвенсияҳо барои қабули уҳдадориҳо аз ҷониби давлатҳое, ки онҳоро тасдиқ кардаанд, пешбинӣ шудаанд, дар ҳоле ки тавсияҳо инро талаб намекунанд, балки ҳамчун дастур барои фаъолияти давлатҳо хидмат мекунанд [18, с.445]. Ҳарчанд тартиби таҳия ва қабули тавсияҳо бо тартиби таҳия ва қабули конвенсия комилан мувофиқат мекунад, бо вуҷуди ин, маҳз масъалаи табиати ҳуқуқии санади оянда дар раванди муҳокимаи КБМ ҳал карда мешавад (моддаи 19 Оинномаи СБМ), яъне, масъала дар бораи ба меъёрҳои оянда додани хусусияти меъёри шартномавӣ ё розӣ шудан ба қабули онҳо ҳамчун тавсияҳо. Ба суоли он ки оё тавсияҳо хусусияти меъёрҳои маъмулро доранд ё на, О.А. Вострetсова ҷавоби манфӣ медиҳад, зеро мавҷудияти меъёрҳои маъмул, ба андешаи ӯ, бояд бо амалияи татбиқи онҳо аз ҷониби давлатҳо тасдиқ карда шаванд. Аз тарафи дигар, қайд мекунад ӯ, ин маънои онро надорад, ки баъзе тавсияҳои СБМ наметавонанд баъд аз гузаштани муддати муайяни қабули онҳо хусусияти меъёрҳои маъмулиро пайдо кунанд [19, с.111].

О. Вострetсова таъкид мекунад, ки сарфи назар аз фарқияти табиати ҳуқуқии конвенсияҳо аз тавсияҳои СБМ, тавсияҳо вижагӣ ва шабоҳатҳои муайяне бо конвенсияҳо доранд: якум, онҳо тартиби якхелаи таҳия ва қабулро доранд; дувум, тавсияҳо мисли конвенсияҳо аз рӯйи масъалаҳое, ки ба салоҳияти СБМ дохиланд, қабул карда мешаванд; севум, татбиқи тавсияҳои СБМ аз ҷониби давлатҳо низ мавзӯи назорати СБМ аст, ки дар моддаи 19 Оинномаи ташкилоти мазкур сабт гардидааст; чорум, тавсияҳо чун конвенсияҳо бояд бозбинӣ шаванд [20, с.111].

Дар байни конвенсияҳо ва тавсияҳои СБМ алоқамандии муайян мавҷуд аст, ки онҳо гоҳе якдигарро пурра месозанд ва гоҳе, вақте қабули конвенсия аз рӯйи баъзе масъалаҳо даст намедиҳад, тавсияҳо нақши муҳимро мебозанд ва ҳамчун санадҳои мустақил баромад мекунанд.

«Зарурати тавсияҳо, инчунин, бо он далел асоснок карда мешавад, ки конвенсияҳои СБМ меъёрҳои ҳадди ақалро дар бар мегиранд ва баъзе давлатҳо ҳанӯз дар лаҳзаи қабул онҳоро риояи мекунанд, дар ҳоле ки тавсияҳо муқаррароти конвенсияҳоро инкишоф дода,

метавонанд сатҳи баландтари талаботро ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқи инсон дар бар гиранд.

Тавсияҳои мустақил, чун қоида, вақте қабул карда мешаванд, ки қабули конвенсия оид ба масъалаҳои мазкур имконнопазир бошад, ё ба ҷанбаҳои дорои хусусияти техникии батафсил ё ба шароит ва амалияи ҳар як давлати алоқаманд дахл дошта бошанд, масалан, муносибатҳои меҳнатӣ дар саноат, таълим, шароити зиндагии кормандон, шуғли кормандони дорои вазифаҳои оилавӣ ва ғайра. Аз тарафи дигар, баъзе тавсияҳо барои таҳияи конвенсияҳои оянда ҳамчун заминаи асосӣ хизмат мерасонанд, қайд мекунад О.А. Вострецова [21, с.112].

Хулоса, дар марҳилаи кунунии рушди ҳуқуқи меҳнат ва мутобиқ кардани қонунгузории миллии меҳнат ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба меҳнат фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии СБМ дорои афзалиятҳои хос ва муайяне дар муқоиса бо дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавии байналмилалӣ мебошад. Натиҷаи ҳамин фаъолият барои кишвари мо ин шумораи зиёди конвенсияҳои тасдиқшуда мебошад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Аммо, тавсияномаҳои СБМ сарчашмаи мустақими ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб намеёбанд ва дар сурати баҳси ҳуқуқӣ муқарраротиi онҳоро танҳо пас аз татбиқи зарурӣ дар низоми қонунгузории миллӣ истифода бурдан мумкин аст. Воқеан, ҳангоми истинод ба тавсияҳои СБМ дар ҳолати баррасии баҳсҳои мушаххаси меҳнатӣ аз ҷониби судҳо, инчунин, истифодаи тавсияномаҳо аз ҷониби дигар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда (корфармоён, қонунгузорон) ба таври мустақим заминаи кофии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, истифода бурдани онҳо (бо ишора ба онҳо ё бидуни он) дар ҳама марҳилаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, аз таҳияи қонунҳо то коркарди санадҳои меъёрии маҳаллӣ (локалӣ), ҳангоми бастани шартномаҳои мушаххаси меҳнатӣ монеа эҷод намекунанд ва бо ин маъно тавсияномаҳои СБМ метавонанд ҳамчун сарчашмаҳои мушаххаси ҳуқуқи меҳнат амал кунанд.

### Адабиёт


1. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 24.10.2019. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/ru/node/21697. (Санаи муроҷиат 30.10.с.2020).
2. Эъломияи СБМ дар бораи принсип ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат ва механизми татбиқи онҳо, ки дар иҷлосияи 86-уми Конференсияи Байналхалқии Меҳнат (КБМ) аз 18 июни соли 1998 қабул шудааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ ба матни русӣ: URL: https://www.un.org/ru/ (санаи муроҷиат 15.07.с.2017).
3. Тункин Г.И. Теория международного права / Под общ. ред. Шестакова Л.Н. – М.: Зерцало, 2000. – С 77.
4. Scelk G "Organization metronome du travail et к BIT Pans, 1930. – P. 183-184.
5. Mahaim E. Quel quesquestions de droit aиsijet des conventions international lesdu travail//International Labour reiew Vol. XX. - 1929. - № 6. – P. 73-74.
6. Ramadier P. Conventions et Recommendations de I 'Organisation international du Travail // Droit Social №v, 1951.
7. Janouloffl Recuil des Cours Academte de Drott International. Vol SI. – P. 113-124.
8. Thomas A. Preface a ScelkG L'organisation Internationale du travail et !e B ! T Pans. 1930 P XIV-XV. – P. 11.

9. Wilfred Some Characteristics of International Labour Conventions // Canadian Bar Review. Vol. XШ.1935; Jenk Y. Wilfred Are International Labour Comientions Agreements Between Gosernments //Canadian Bar Review. Vol. XV, 1937. – P. 574-578.
10. Valticos N., Potobsky G. International Labour Law. – 1994. – P. 50-51.
11. Cruz N.B. Potobsky. G., Swepston L. The International Labor Organization. The International Standards System and Basic Human Rights. Wes view Press, 1996. – P. 50-51.
12. Аметистов Э.М. Международное право и труд: факторы имплементации международных норм о труде. – М.: Международные отношения, 1982. – С. 45-47.
13. Вострецова О.А. Конвенции и рекомендации МОТ как источники трудового права. – С. 107.
14. Шибаева Е.А., Поточный М. Правовые вопросы структуры и деятельности международных организаций. – М., 1998. – С. 73-76.
15. Valticos N. La Commission d'investigation et de conciliation en matiere de libertesyndicale et le mecanisme de protection intemationale des droits syndicaux //Annuaire francais de droit international. 1967. – P. 445.

## АКТЫ МОТ: ПРАВОВАЯ ПРИРОДА И ИХ МЕСТО В СИСТЕМЕ ИСТОЧНИКОВ ТРУДОВОГО ПРАВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАДЖАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ**,
доктор юридических наук, профессор,
зав. отделом международного права Института философии,
политологии и права им.А.Баховаддинова НАНТ
734025 г.Душанбе, проспект Рудаки 33.
Тел.: (+992) 981-03-16-78. E-mail: saidumar1951@mail.ru
**НАЗАРОВ ДАВЛАТХОН КУРБОНМУРОДОВИЧ**,
старший преподаватель кафедры права исторического
факультета Таджикского государственного
педагогического университета имени С. Айни,
734003 г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: (+992) 902-77-66-22. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*В статье рассматривается правовая природа и место актов Международной Организации Труда (МОТ) в системе источников трудового права Республики Таджикистан. Авторы анализируют сходство и различия между основными документами МОТ - уставом, декларациями, конвенциями и рекомендациями в свете источников международного права и его доктрины, а также высказывают свое мнение о порядке их имплементации в трудовое законодательство Республики Таджикистан.*

*С учетом ограничений объема публикации, в исследовании основное внимание уделяется вопросам о правовой природе актов МОТ. Статья может быть интересна для исследователей вопросов международно-правового регулирования труда.*

***Ключевые слова:*** *Международная организация труда, нормотворчество, трипартизм, хартия, декларация, конвенция, рекомендация, договор, договор-закон, договор-конвенция, международные правовые акты о труде, источник трудового права.*

## ILO REGULATIONS: LEGAL NATURE AND THEIR PLACE IN THE SYSTEM OF LABOR LAW SOURCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAJABOV SAITUMBAR ADINAEVICH,**
head of International Law Department of the Institute of Philosophy,
Political Science and Law named after A.Bahovaddinov,
Tajikistan National Academy of Sciences

734025 Dushanbe, 33 Rudaki ave.
Phone: (+992) 98 103 16 78. E-mail: saidumar1951@mail.ru
**NAZAROV DAVLATKHON QURBONMURODOVICH,**
Senior Lecturer of Law Department, Faculty of History,
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini,
734003 Dushanbe, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 902 77 66 22. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*The article analyzes and examines the legal nature and place of International Labor Organization (ILO) regulations in the system of sources of labor law of the Republic of Tajikistan. The authors analyze the similarities and differences between the main documents of the ILO - the charter, declarations, conventions and recommendations in the light of the sources of international law and its doctrine, as well as express their opinion on the procedure for their implementation in the labor legislation of the Republic of Tajikistan.*

*Taking into account article size limit, the study mainly focuses on the legal nature of the ILO regulations. The article may be of interest to researchers of international legal regulation of labor.*

***Key words:*** *International Labor Organization, rule-making, tripartism, charter, declaration, convention, recommendation, pact, treaty-law, treaty-convention, international legal documents on labor, source of labor law.*

УДК: 347.214

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ КОЛЛИЗИОНИИ МУНОСИБАТҲО ВОБАСТА БА МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**СОҲИБЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДАЛӢ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Тел: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**ШЕРЗОДА БУРҲОНАЛӢ САБЗАЛӢ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 939-04-13-63. E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com

*Молу мулки ғайриманқул дар муносибатҳои хусусии миллӣ ва муносибатҳои байналмилалии хусусӣ реҷаи ҳуқуқии хосса дорад. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба молу мулки ғайриманқул як қатор меъёрҳои коллизионӣ муқаррар шудааст. Нисбат ба молу мулки ғайриманқул ҳуқуқи мамлакате татбиқ мегардад, ки молу дар ҳудуди он қарор дорад, вале дар як қатор мамлакатҳои хориҷӣ нисбат ба молу мулки ғайриманқул меъёрҳои дигари коллизионӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз мавҷуд набудани ягонагии танзими коллизионии муносибатҳои мазкур шаҳодат медиҳад. Дар мақолаи мазкур ин ва дигар масъалаҳои марбут ба молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ашё, ҳуқуқи ашёӣ, молу мулки ғайриманқул, молу мулки манқул, пайванди коллизионӣ, ҳуқуқи татбиқшаванда, муомилот, шартнома, феҳристи давлатӣ.*

Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳуқуқи ашёӣ яке аз падидаҳои марказӣ ва муҳим маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назаррас буда, дар қонунгузорӣ ба танзими коллизионии он диққати асосӣ дода мешавад, чунки молу мулк асоси иқтисодии ҳар як мамлакат мебошад. Муносибатҳои молумулкӣ дар таносуб бо дигар муносибатҳои хусусӣ дар миёни субъектони хориҷӣ бештар ба вуҷуд меоянд, ки таҳқиқи танзими коллизионии ин муносибат аз аҳаммият холӣ нест.

Ҳуқуқи ашёӣ «маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки чунин муносибатҳои молумулкиеро ба танзим медароранд, ки шахсони ваколатдор метавонанд ҳуқуқҳои худро ба молу мулк (ашё) бидуни эҳтиёҷи амали мусбии шахсони дигар амалӣ намоянд» [4, с. 47]. Нишонаҳои ҳуқуқи ашёӣ инҳо мебошанд: 1) ҳуқуқи ашёӣ бевосита бо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ пешбинӣ шудааст, яъне шахс ҳуқуқ надорад, ки бо салоҳдиди худ навъҳои нави ҳуқуқи ашёиро эҷод кунад (доираи маҳдуди ҳуқуқи ашёӣ); 2) ҳуқуқи ашёӣ ҳуқуқи мутлақ аст, яъне ба соҳиби он доираи номаҳдуди субъектон муқобилат мекунанд, ки вазифадоранд ваколатҳои дорандаи ҳуқуқи ашёиро вайрон накунанд; 3) дар муносибатҳои ашёӣ ҳуқуқ ашёро пайравӣ мекунад, яъне ҳуқуқи ашёӣ пас аз гузаштан ба шахси дигар ба ашё пайравӣ мекунад (ҳуқуқи ворисӣ). Соҳиби ашё, ки бар хилофи иродаи ӯ ашё аз даст дода шудааст, соҳибияти худро нигоҳ медорад ва ҳуқуқ дорад онро аз соҳибияти ғайриқонунии шахси дигар талаб кунад; 4) ҳуқуқи ашёӣ бо ҳуқуқи афзалиятнок тавсиф карда мешавад. Дар сурати ихтилофи ҳуқуқ ва ухдадориҳои молумулкӣ, афзалият ба ҳуқуқи молумулкӣ дода мешавад; 5) объекти ҳуқуқи ашёӣ ашёи бо нишони инфиродӣ муайяншуда мебошад. Ин мавҷудияти тарзҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқи ашёиро муайян мекунад [5, с. 383].

Дар соҳаи муносибатҳои молумулкӣ барои муқаррар кардани ҳуқуқи татбиқшаванда пайвандҳои коллизионии зерин истифода мешавад: а) қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё; б) қонуни шахсии молик; в) қонуни маҳалли анҷом додани муомилот; г) қонуни кишвари фурӯшанда; д) қонуни маҳалли интиқоли ашё ва ғайра.

Таснифи асосии объектҳои ҳуқуқи ашёӣ ин тақсимоти ашё ба молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошад. Ғайриманқул ашёҳоеро дар бар мегирад, ки дар як ҷо ҳастанд, хусусиятҳои инфиродӣ доранд ва ивазнашавандаанд. Ашёи манқулро ба ҷои дигар интиқол додан мумкин аст ва дар аксари ҳолатҳо онҳоро бо ашёҳои дигари ба он монанд иваз кардан имконпазир аст [5, с. 384].

Тақсимоти ашё ба молу мулки манқул ва ғайриманқул дар робита бо хосиятҳои ҷисмонии онҳо боиси ба вуҷуд омадани низомҳои гуногуни ҳуқуқии миллӣ оид ба танзими муомилоти ин гурӯҳҳои ашё гардидааст. Хусусияти танзими ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар робитаи он бо ҳудуди давлати муайян, ки бештар ба тартиботи ҷамъиятии ин кишвар таъсир мерасонад, зоҳир мегардад [13, с. 4].

Бояд зикр намуд, ки таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул дар замони муосир қариб дар аксарияти низомҳои ҳуқуқӣ истифода бурда мешавад ва асоси пайдоиши ин таснифот аз ҳуқуқи румӣ маншаъ мегирад. Таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул ягона таснифе аст, ки аввалан аз дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ аҳаммияти хосса дорад, дувум, ин таснифот дар муқоиса бо дигар таснифоти ашё дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкам шудааст. Масалан, дар моддаи 516 Кодекси граждании Фаронса муқаррар гардидааст, ки “ҳамаи молу мулк манқул ва ғайриманқул мебошанд” [7]. Дар моддаи мазкур тамоми молу мулкро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд, ки ин таснифоти ягонаи молу мулк дар ҳуқуқи граждании фаронсавӣ маҳсуб меёбад. Дар сатҳи Кодекси граждании Фаронса дигар ягон намуди таснифи ашё дида намешавад. Ин аз аҳаммати махсус ва ҳуқуқӣ доштани таснифоти ашё ба манқул ва ғайриманқул шаҳодат медиҳад.

Ашёи ғайриманқул дар муносибатҳои хусусӣ, бахусус ҳуқуқи граждани ва соҳибкорӣ речаи ҳуқуқии хосса дорад. Речаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқии граждании паҳн мешавад, яъне дар дилхоҳ муносибатҳои ҳуқуқие, ки объекти он молу мулки ғайриманқул аст, нисбати ин муносибат меъёрҳо ва қоидаҳои махсусе, ки ба молу мулки ғайриманқул хос ҳастанд, татбиқ мегарданд. Муносибатҳои хусусии доир ба молу мулки ғайриманқул, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд, хусусиятҳои худро доро аст.

Дар қонунгузории бисёр мамлакатҳо миёни ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба молу мулки манқул фарқ гузошта шудааст. Дар робита ба молу мулки ғайриманқул, қонунгузорӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва доктрина принсиперо пешбинӣ мекунанд, ки моликияти молу мулки ғайриманқул бо қонуни маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул танзим карда мешавад.

Қонунгузории миллӣ муқаррар намудааст, ки мазмуни ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ба молу мулки ғайриманқул ва манқул, татбиқ ва ҳимояи онҳо тибқи қонунгузории кишваре, ки ин молу мулк дар он ҷойгир аст, муайян карда мешавад. Қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё масъалаҳои зайлро муайян мекунад: мазмуни ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул, шакл ва шартҳои додани ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулк ва дигар дорандаи ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, шакл ва тартиби бастани аҳд вобаста ба объектҳои молу мулки ғайриманқул, мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул ва ғайра.

Тафовутҳо дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ боиси таснифи ашё дар баъзе кишварҳо ба ҳайси манқул ва дар баъзе дигар ашёҳо ба молу мулки ғайриманқул оварда мерасонад. Масалан, тибқи қонунгузории Олмон, қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд, аз ҷумла қисмҳои таркибии он, ки ашёҳои ба замин сахт алоқамандро (биноҳо, дарахтон ва ғайра) дар бар мегирад. Агар робита бо замин муваққатӣ бошад, он гоҳ ашё манқул эътироф карда мешавад. Кодекси граждании Швейтсария аз 10 декабри соли 1907 [8] таърифи хеле васеи молу мулки ғайриманқулро дар бар мегирад, ки дар баробари замин ва сарватҳои зеризаминии он, биноҳо ва иншооте, ки бо замин мустаҳкам алоқаманданд, инчунин "ҳуқуқҳои ба таври мушаххас мустаҳкам ва доимии ба феҳристи молу мулки ғайриманқул воридшуда"-ро дар бар мегирад. Манқул ашёеро дар бар мегирад, ки озодона аз як ҷой ба ҷои дигар интиқол доданашон имконпазир аст ва қувваҳои табиӣ, ки идора карда мешаванд (масалан, барқ) ба молу мулки ғайриманқул иртибот надоранд.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусии англисӣ аз он принсипе сарчашма мегирад, ки предмети ҳуқуқи моликият ба молу мулки манқул ва ғайриманқул тақсим карда мешавад, гарчанде ки дар худи давлатҳои ҳуқуқи умумӣ дар бораи он ки баъзе ашё ё ҳуқуқҳо ба онҳо манқул ё ғайриманқул ҳастанд, созише нест. Ҳамин тавр, ҳуқуқи гаравгир дар Англия ва музофоти Онтариои Канада ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф шудааст ва дар Зеландияи Нав ва Австралия он манқул ҳисобида мешавад.

Мафҳуми ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар ҳама низомҳои ҳуқуқӣ ба категорияи калидии «қитъаи замин» асос ёфтааст, ки дар навбати худ дар асоси сохтори доктринаи ҳуқуқӣ ва танзими қонунгузории мафҳуми молу мулки ғайриманқул муайян карда мешавад. Дар баробари ин, хусусиятҳои муайяни ташаккули мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар оилаи ҳуқуқии континенталӣ ва оилаи ҳуқуқи умумӣ мавҷуданд.

Қайд кардан муҳим аст, ки категорияи «молумулки ғайриманқул», ки дар ҳуқуқшиносӣ истифода мешавад, ба истилоҳи «молу мулки ғайриманқул», ки дар ҳуқуқи континенталӣ истифода шудааст, комилан мувофиқат намекунад, ҳамон тавре ки истилоҳи «моликияти персоналӣ» ба истилоҳи «молу мулки манқул» мувофиқат намекунад. Тафовути асосӣ дар усулҳои ҳимояи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин дар доираи объектҳои ҳуқуқи граждании, ки ба ин категория мансубанд, вобастагӣ доранд. Дар кишварҳои ҳуқуқии умумӣ, ҳимояи ҳуқуқи замин бо «даъвои воқеӣ» таъмин карда мешавад, дар ҳоле ки тавассути «даъвои шахсӣ» имконияти ҷуброни зарари вобаста ба истифодаи замин мавҷуд аст. Аз ин ҷост, ки дар ташкили низоми ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул фарқиятҳои назаррас мавҷуданд. Масалан, агар дар давлатҳои континенталӣ ҳуқуқҳои иҷора дар асоси ҳуқуқи ухдадориҳо ҳимоя карда шаванд, пас дар доктринаи ҳуқуқии англо-амрикоӣ чунин муҳофизат дар асоси татбиқи қоидаҳои ҳуқуқи воқеӣ амалӣ карда мешавад [3, с. 274].

Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки тақсимоти ашё ба манқул ва ғайриманқул шартӣ аст. Ҳамин тавр, дар низоми ҳуқуқи англисӣ меъёри асосии фарқ кардани ин моликият тартиби татбиқи ҳуқуқ ба ашё мебошад (алахусус бегона кардани он, на табиати ҷисмонии ашё) [9, с. 117].

Дар Англия ва аксари иёлоти ИМА, истилоҳи молу мулки манқул ва ғайриманқулро судҳо ҳангоми муносибатҳои марбут ба тартиботи ҳуқуқии хориҷӣ истифода мебаранд. Дар муносибатҳои дохилӣ чунин тақсим аҳамият надорад. Молу мулки воқеӣ (ғайриманқул) – замин ва ашёе, ки аз он ҷудонопазиранд. Ба молу мулки

ғайриманқул биноҳо, маҳсулт дар бутта, чорво дар хоҷагӣ дохил мешаванд. Қисми боқимондаи молу мулк шахсӣ (манқул) мебошад.

Танзими коллизионии муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар доираи мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври ягона ба роҳ монда шудааст. Ин тарзи муносибат на танҳо дар самти молу мулки ғайриманқул, балки дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ба назар мерасад, чунки бештари санадҳои қонунгузории мамлакатҳои дар партави Кодекси намунавии (моделии) гражданӣ барои мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 17 феврали соли 1996 [11] таҳия гардидааст. Тибқи моддаи 1219 Кодекси намунавии (моделии) гражданӣ барои мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил "ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул ва манқул бо ҳуқуқи кишваре, ки ин молу мулки дар ҳудуди он воқеъ гардидаанд, муайян карда мешавад, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Мансубияти молу мулк ба ғайриманқул ва манқул, инчунин дигар банду басти молу мулк бо ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки ин молу мулк дар он воқеъ гардидааст". Ин гуна меъёри коллизионӣ дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муқаррар гардидааст, ки аз ягонагии танзими коллизионӣ дар муносибат ба молу мулки ғайриманқул шаҳодат медиҳад. Масалан, мувофиқи моддаи 1119 Кодекси граждании Ҷумҳурии Белорус аз 7 декабри соли 1998, №218-З [6] "ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул ва манқул бо ҳуқуқи мамлакате муайян карда мешавад, ки ин молу мулк дар он ҷойгир шудаанд, агар тартиби дигаре дар қонун пешбинӣ нашуда бошад.

Дар асоси моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 [1] "ба ашёи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст". Ҳамзамон ба молу мулки ғайриманқул киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Ҳуқуқи моликият ба низоми ҳуқуқии миллӣ сахт вобаста аст, аз ин рӯ, муттаҳид сохтани онҳо ниҳоят душвор аст. Дар ҳуқуқи моликият, ягонакунии байналмилалии меъёрҳои моддии ҳуқуқии гражданӣ амалан ғайриимкон аст. Нақши асосиро дар танзими ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба тартиботи ҳуқуқии хориҷӣ ҳуқуқи коллизионии миллӣ мебозанд. Ин нуқтаи назар бо он асоснок мегардад, ки ҳар як давлат бо дараназардошти хусусиятҳои миллии худ муносибатҳои молумулкиро ба танзим медарорад, инчунин шаклҳои моликият, асосҳои ба даст овардан, қатъ гардидан, таснифи ашё ва дигар муносибатҳоро мустақилона муқаррар мекунад. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пайванди коллизионии "маҳалли ҷойгиршавии ашё" муқаррар гардидааст.

Дар робита бо молу мулки ғайриманқул принсипе бартарӣ дорад, ки тибқи он ҳуқуқи моликият ба чунин молу мулк тибқи қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё муайян карда мешавад. "Ҳуқуқи ашё ба молу мулки ғайриманқул қонуни маҳалли ҷойгиршавин молу мулк татбиқ мешавад". Қонуни мазкур мазмуни ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул, шакл, тартиб ва шартҳои интиқоли ҳуқуқҳои ашёиро муайян мекунад. Дар робита ба қитъаҳои замин, қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё

махсусан вазнин аст. Қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё, инчунин шакли муомилотро оид ба ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул танзим мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пайванди коллизионии “маҳалли ҷойгиршавии ашё” амал менамояд, ки тибқи ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии ашёӣ ин ҳуқуқи кишваре аст, ашё дар ҳудуди он ҷойгир шудааст. Қоидаи мазкур нисбат ба молу мулки ғайриманқул ва бақайдгирии давлатии он низ татбиқшаванда аст. Молу мулки ғайриманқул дар ҳудуди кадом давлате ҷой дошта бошад, қонунгузории ҳамон давлат нисбат ба бақайдгирии давлатии ин молу мулк татбиқ мегардад. Молу мулки ғайриманқул, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва соҳибмулки он шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқии хориҷӣ аст, бақайдгирии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Принсипи вобаста будани ҳуқуқи моликият ба ҳуқуқи маҳалли ҷойгиршавии моликият, ки дар асрҳои миёна дар доктринаи Италия таҳия шуда, дар замони муосир тақрибан дар ҳамаи давлатҳо мавриди корбарӣ қарор дорад. Дар натиҷаи татбиқи ин қоида, ҳуқуқҳои ашёӣ ба осонӣ дарк шуда, бадастоваранда аз хавфи беэътибор донистани муомилоти анҷомёфта ҳифз карда мешавад.

Дар давлатҳои ҳуқуқии умумӣ, пайванди коллизионии “қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё” истифода мегардад, ки барои танзими муносибатҳои молумулкӣ ҳатмӣ мебошанд. Баҳсҳо дар мавриди молу мулки ғайриманқул, пеш аз ҳама баҳсҳои марбут ба қитъаҳои замин, аз ҷониби суд тибқи қонуни маҳалли ҷойгиршавии молу мулк ҳамчун ҳуқуқи ба шартнома хос баррасӣ карда мешаванд.

Дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳо ва қоидаҳо оид ба танзими коллизионии муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул муқаррар шудааст.

Тибқи қисми сеюми моддаи 1210 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] шакли аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба ҳуқуқи кишваре тобеъ аст, ки ин молу мулк воқеъ гардидааст, аммо нисбати молу мулки ғайриманқул ва ҳамчунин воситаи нақлиёт ва молу мулки дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад. Муомилот вобаста ба молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳо нисбат ба он як қатор хусусиятҳои хос дорад. Тибқи қонунгузории миллӣ ҳама гуна муомилот, ки объекти он молу мулки ғайриманқул аст, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, яъне пайдоиш, тағйирёбӣ, қатъгардии мавҷудияти молу мулки ғайриманқул ва маҳдудияту гаронихои ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Тибқи қоидаи умумӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ шакли бастани аҳд ба маҳалли ба имзо расидани он тобеъ аст. Аммо, аз ин қоидаи умумӣ як қатор истиснои алоҳида вуҷуд дорад, ки яке аз аз он шакли бастани аҳде, предмети он молу мулки ғайриманқул аст, маҳсуб меёбад. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба аҳде, ки предмети молу мулки ғайриманқул аст, ҳуқуқи давлате мебошад, ки ин молу мулк дар он ҷойгир шудаанд. Масалан, шартномаи фурӯши молу мулки ғайриманқул дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон байни шаҳрванди Тоҷикистон ва шаҳрванди Ӯзбекистон баста шудааст ва предмети шартнома, ки манзили истиқоматӣ аст, дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекситон қарор дорад. Дар ин ҳолат шакли бастани шартномаи фурӯши молу мулки ғайриманқул тибқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқаррар мегардад, чунки молу мулки ғайриманқул дар ҳудуди он воқеъ аст.

Ҳамзамон шакли аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул, воситаи нақлиёт ва молу мулки дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда

шудаанд, бо ҳуқуқи Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Тибқи ин қоида дилхоҳ молу мулке, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии молу мулк муомилот вобаста ба он бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Масалан, як намуди феҳристи давлатӣ ин Феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул аст. Феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ин маҷмӯи маълумот ва ҳуҷҷатҳои мураттабгардида нисбат ба объектҳои бақайдгирифташудаи молу мулки ғайриманқул мебошад.

Сабаби асосии муқаррар намудани қоидаи мазкур дар он аст, ки азбаски объекти аҳдҳои мазкур моликияти ғайриманқул мебошад, пас вобаста аз хусусияти ин объект ва танзими муомилоти ин объекти дар назардошташуда, давлат як қатор қоидаҳои ҳатмиро барои тарафҳои он муқаррар менамояд. Талаботҳои бақайдгирии давлатии аҳдҳо, шакли хаттии ҳатмӣ ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд. Бинобар ин, Кодекси гражданӣ чунин қоидаро муқаррар намуда ба он хусусияти императивӣ додааст [12, с. 78].

Мазмуни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари молумулкӣ ба молу мулки ғайриманқул, ҳамчунин татбиқи онҳо бо ҳуқуқи кишваре, ки ин моликият дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

Мувофиқи қисми 2, моддаи 1213 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубияти молу мулк ба ашёи ғайриманқул ё манқул ва ҳамчунин бандубасти дигари ҳуқуқии амвол бо ҳуқуқи кишваре, ки ин амвол дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад. Муқаррароти мазкур ҳуқуқи татбиқшавандаро нисбат ба таснифи ашё муқаррар намудааст. Ашё ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ мураккаб аст ва дар қонунгузории миллии ҳар як давлат вобаста ба асосҳои гуногун он ба навъҳои муайян тасниф гардида, ба ҳар яке аз навъҳои ашё реҷаи ҳуқуқии алоҳида дода мешавад. Дар муқаррароти болозикр пешбинӣ гардидааст, ки “мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул ва ҳамчунин бандубасти дигари ҳуқуқии молу мулк бо ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки ин молу мулк дар ҳудуди он воқеъ гардидааст”.

Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузорӣ ашёро ба ашёи тақсимшаванда ва тақсимнашаванда, манқул ва ғайриманқул, истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ, асосӣ ва мансуб ҷой дорад ва ин таснифот низ дар ҳуқуқи гражданӣ дорои муҳимият мебошанд, аммо то дараҷае, ки тақсими ашё ба манқул ва ғайриманқул доро ҳастанд, дигар таснифот то ин сатҳ махсусияту муҳиммият надоранд.

Масъалаи бандубасти ашё ба ашёи манқул ва ғайриманқул аҳамияти калонеро дар танзими муносибатҳои амволӣ, ки онҳо ба сифати объекти ин муносибатҳо баромад менамоянд, дорад. Зеро, вобаста аз он, ки ашё ба категорияи манқул ва ё ба категорияи ғайриманқул, ва ё ба дигар категорияҳо ва намудҳо мутааллиқ дониста мешавад, меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ истифода шуда реҷаи он муайян карда мешавад. Бинобар ин ҳам, дар Кодекси гражданӣ қоидаи мазкур муқаррар карда шудааст.

Дар баробари эътирофи салоҳияти суд оид ба баррасии баҳс, ҳалли масъалаи банду басти ашё маънои дигар низ дорад. Таъиноти банду басти ашё ба молу мулки ғайриманқул маънои муқаррар кардани ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкиро ба онҳо, инчунин тартиби махсуси анҷом додани муомилотро дорад. Ин одатан, шакли хаттӣ буда, аксар вақт бо тасдиқи нотариалӣ ва ворид кардани маълумот ба феҳристи давлатии молу мулки ғайриманқул сурат мегирад [10, с. 65].

Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мансуб донистани ашё ба манқул ва ғайриманқул тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки ин молу мулк дар ҳудуди он воқеъ гардидааст. Масалан, эътирофи молу мулки манқул ё ғайриманқул будани манзили истиқоматии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди мамлакати хориҷӣ қарор дорад, тибқи ҳуқуқи мамлакати хориҷӣ муайян мегардад. Яъне, агар дар мамлакати хориҷие, ки манзили истиқоматӣ дар ҳудуди он қарор дорад, манзили истиқоматӣ молу мулки ғайриманқул муқаррар шуда бошад, дар ин ҳолат он молу мулки ғайриманқул аст, новобаста аз он ки ин молу мулк дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом навъи ашё эътироф гардидааст.

Ба ҳифзи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари молу мулки ғайриманқул ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ин молу мулки воқеъ гардидааст. Нисбат ба молу мулке, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, доктринаи бисёр кишварҳо, дар сурати баҳсҳои ашёӣ, ба қонунҳои шахсии соҳибмулк (lex personalis) ҳангоми муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда ишора карда мешавад. Низомҳои ҳуқуқии ИМА ва Британияи Кабир беш аз пеш принсиперо дастгирӣ мекунанд, ки ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул бидуни муроҷиат ба қонунҳои шахсӣ дуруст ҳал карда намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо, истифодаи пайванди коллизионии “lex rei sitae” ғайриимкон мегардад. Ҳамин тариқ, ҳангоми ҳалли баҳсҳо дар бораи молу мулки корхонаи хориҷӣ ва филиалҳои он қонуни ҷойгиршавии молу мулк татбиқ карда намешавад. Тибқи қоидаҳои умумӣ, ҳуқуқи моликият ба молу мулки ширкат – филиали хориҷӣ на бо қонуни ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳидаи он, балки бо қонуни шахсии ширкат (Incorporationi Lex) муайян карда мешавад.

Ба ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба шартнома, ки предмети он молу мулки ғайриманқул мебошад ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки молу мулк дар он воқеъ гардидааст ва нисбат ба молу мулке, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи давлатӣ ворид карда шудааст ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлили қонунгузории амалкунанда ва адабиёти илмӣ доир ба танзими коллизионии муносибатҳои марбут ба молу мулки ғайриманқул бармеояд, ки молу мулки ғайриманқул дар низоми ҳуқуқии алоҳида ба таври гуногун танзим карда шудааст. Дар доираи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ягонагии танзими муносибатҳои вобаста ба молу мулки ғайриманқул амал менамояд, чунки қонунгузории ин давлатҳо оид ба молу мулки ғайриманқул меъёрҳои коллизионии якхела пешбинӣ намудаанд. Дар маҷмӯъ, тамоми муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар асоси пайванди коллизионии маҳалли ҷойгиршавии ашё муайян карда мешавад.

**Адабиёт:**

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505.

3. Абдуллаев Ф.Р. Некоторые вопросы правового регулирования недвижимого имущества в международном частном праве // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). – № 2/8 (215). – Душанбе, 2016. – С. 272-275.

4. Александрова С.П. Гражданское право: общая часть: учеб. пособие. – СПб., 1997. – 320 с.

**5.** Гетьман-Павлова И.В. Международное частное право: учебник для магистров. 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013. – 959 с.

6. Гражданский Кодекс Республики Беларусь 218-З от 7.12.1998 г. Манбаи дастрасӣ: https://kodeksy-by.com/grazhdanskij_kodeks_rb.htm (санаи мурочиат: 10.04.2021).

7. Гражданский кодекс Французской республики 1804 г. Электронный ресурс. https://pravo.hse.ru/intprilaw/doc/041401 (дата обращения: 20.04.2021).

8. Гражданский кодекс Швейцарии. Электронный ресурс. https://www.fedlex.admin.ch/eli/cc/24/233_245_233/en (дата обращения: 25.04.2021).

9. Коновалов А.В. Право собственности на недвижимость по англо-американскому праву // По книге Д. Криббета «Принципы права собственности» // Правоведение. – 1995. – № 2. – 117 с.

10. Мержа Ж.В. Международное частное право. – Новороссийск, 2016. – 496 с.

11. Модельный гражданский кодекс для государств-участников Содружества Независимых Государств. Манбаи дастрасӣ: http://pravo.kulichki.com/zak/megd/meg02861.htm (санаи мурочиат: 10,04.2021).

12. Сулаймонов Ф.С. Международное частное право: комментарий к разделу VII Гражданского кодекса Республики Таджикистан [Текст] / Под ред. д.ю.н. проф. Ш. Менглиева. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 199 с.

13. Сухомлинова М.П. Институт исключительной юрисдикции о спорам о недвижимом имуществе в международном частном праве: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – 157 с.

## КОЛЛИЗИОННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ С НЕДВИЖИМОСТЬЮ

**СОХИБЗОДА МУХАММАДЖОН МАХМАДАЛИ,**
кандидат юридических наук, доцент,
Национальный центр законодательства
при Президенте Республики Таджикистан,
734024, ш. Душанбе, улица Академика А. Адхамова, 13.
Тел: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**ШЕРЗОДА БУРХАНАЛИ САБЗАЛИ,**
ассистент кафедры гражданского права
Таджикский национальный университет,
734025 Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 939-04-13-63. E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com

*Недвижимость имеет особый правовой режим в национальных частных отношениях и в частных международных отношениях. В международном частном праве применяемое право устанавливает ряд коллизионных норм к недвижимому имуществу. Недвижимость регулируется правом страны, на территории которой находится недвижимость, но в ряде зарубежных стран в отношении недвижимости установлены другие коллизионные нормы, что указывает на отсутствие единства в урегулировании этих отношений. В статье,*

*также рассматриваются другие вопросы, связанные с недвижимостью в международном частном праве.*

***Ключевые слова:*** *вещь, вещное право, недвижимость, движимое имущество, коллизионная привязка, применимое право, сделка, договор, государственный реестр.*

## LEGAL CONFLICT REGULATION OF RELATIONS RELATED TO IMMOVABLE PROPERTY

**SOHIBZODA MUHAMMADJON MAHMADALI,**
Candidate in Law, Associate Professor,
National Legislative Center under
the President of the Republic of Tajikistan,
734024, Dushanbe, 13, Academician A. Adhamov str.,
Phone: (+992) 904-41-50-50. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
**SHERZODA BURHANALI SABZALI,**
Assistant at the Department of Civil Law
Tajik National University,
734025 Dushanbe, 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 939-04-13-63. E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com

*Immovable property has special legal regime in national private relations and international private relations. International private law establishes a number of conflicting rules applicable to immovable property. Immovable property shall be governed by the law of the country in whose territory the property is located, but in a number of foreign countries other conflict rules have been established on immovable property, which indicates the lack of unity in the settlement of these relations. This article examines these and other issues related to immovable property in international private law.*

***Key words:*** *thing, property law, immovable property, movable property, collision binding, applicable law, turnover, transaction, state register.*

УДК: УДК 342.9

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИ РУШДИ КОНУНГУЗОРИИ РАҚОБАТ

**КАРИМОВ АБДУЛҲАНОН ҚАДИМОВИЧ,**
номзади илми ҳуқуқук, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*Дар мақола дар бораи хусусиятҳои рушди таърихии қонунгузории рақобат сухан меравад. Дар ин мақола муаллиф саъй дорад ҷанбаҳои таърихии ташаккули қонунгузории рақобатро ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисод таҳлил намояд.*

*Дар мақола муаллиф хусусияти қонунгузории рақобатро дар марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди кишвар шарҳ додааст. Чунин хулоса намудан зарур аст, ки меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ бояд дар тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои муқаррароти зиддиинҳисорӣ ва самти рақобат мустаҳкам карда шаванд. Дар даҳсолаҳои охир рақобат дар рушди иқтисоди бозорӣ ва умуман тамоми ҷомеа мақоми марказиро ишғол менамояд.*

*Таърих нишон медиҳад, ки ташаккули иқтисоди бозорӣ дар ҷаҳон бидуни чораҳои давлатии танзими зиддиинҳисорӣ, ки ба ҳифзи иқтисоди бозорӣ ва манфиатҳои иштирокчиёни бовиҷдони муносибатҳои бозаргонӣ равона шудаанд, ба таври объективӣ ғайриимкон аст.*

*Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории рақобат ҳамчун соҳаи нави ҳуқуқ дар фазои ҳуқуқии ватанӣ маҳсуб ёфта, бо вуҷуди ин, дар ин самт таҷрибаи бойи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба даст оварда шудааст.*

*Қонунгузории рақобат дар як мавқеъ қарор нагирифта, балки ба тағйиротҳои пайваста дучор меояд, ки ин дар маҷмӯъ ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *конунгузории рақобат, зиддиинҳисорӣ, танзим, субъект, фаъолияти соҳибкорӣ, иқтисодиёт.*

Вобаста ба дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои нави қонунгузорӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз он қонунгузории соҳаи рақобат мебошад. Соҳаи қонунгузории мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав мебошад, лекин қонунгузории рақобат, танзими ҳуқуқии он ва манъи фаъолияти инҳисорӣ таърихи хеле ҳам қадим доранд.

Назаре ба сарчашмаҳои Рими қадим намоем, маълум мегардад, ки дар он замон, низ меъёрҳои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд. Ҳуқуқшинос ва ходими давлатии Рими қадим Папиниан Эмилий қайд менамояд: «Ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред» [2, с.401].

Аввалин қонунҳои зиддиинҳисорӣ ин қонунҳои Рими қадим оиди мубориза бар зидди кӯшишҳои инҳисории миёнравҳо (соли 473) ва қонун оид ба манъи ҳама гуна фаъолияти инҳисорӣ (соли 483) мебошанд [3, с.3]. Инҳо далели он мебошанд, ки дар гузаштаи хело ҳам қадим дар самти таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ санадҳои меъёрӣ қабул карда мешуд.

Аввалин қонунҳои мукаммал оиди ҳифзи рақобати озод дар охири асри XIX соли 1890 дар ИМА Қонуни Шерман бо номи “Дар бораи ҳимояи савдо ва саноат аз маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва инҳисорӣ” қаблул гардид, ки қонуни мазкур ҳаргуна амалиёти инҳисориро қатъиян манъ намуда, барои қонуншиканӣ ҷаримабандиро

пешбинӣ менамуд, дар Олмон бошад, соли 1896 Қонун оид ба рақобати бевиҷдонона қабул шуда буд [4, с. 6]. Баъди қабули ин қонунҳо таваҷҷуҳ ба омӯзиши паҳлӯҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии рақобат, инчунин танзими ҳуқуқи он зиёд мешавад, ки барои пайдоиши соҳаи мустақили ҳуқуқ - ҳуқуқи рақобат замина гузошт. Мутафаккири машҳур А. Смит ба моҳияти рақобат баҳои баланд дода, онро ба «дасти ноаён» ташбеҳ додааст, ки дар натиҷаи кӯшиши соҳибкорон, бо мақсади бисёртар гирифтани фоида, талаботҳои ҷомеа қонеъ гардонида мешаванд. Бори аввал нуқтаи назар оид ба нақши рақобат дар бозор маҳз аз ҷониби А.Смит дар асараш бо номи “Тадқиқот оиди табиат ва сабаби бойгарии халқҳо ” соли 1776 пешниҳод гардид [5, с.175-176 ]. То ба имрӯз қариб дар тамоми мамлакатҳои дунё қонуни рақобат қабул гардидааст ва дар сатҳи байналмилалӣ ташкилотҳои махсус дар бахши рақобат фаъолият менамоянд.

Дар асл рақобат - мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд. Рақобат – (аз калимаи лот. Concurrere – бархурд) – муборизаи субъектони мустақили хоҷагидорӣ барои захираҳои иқтисодии маҳдуд мебошад. Ин ҷараёни иқтисодӣ таъсиррасонии мутақобила, алоқамандии мутақобила ва муборизаи байни корхонаҳои ба бозор барояндаро таъмин намуда, ба мақсади таъмини имконияти хуби фурӯши маҳсулоти худ ҷиҳати қонеъ намудани талаботҳои гуногуни истеъмолкунандагон равона гардидааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки қонунгузор нишонаҳои зерини рақобатро муайян намудааст:

- мусобиқаи субъектони хоҷагидор дар бозор;
- мусобиқа дар кирдори субъектони хоҷагидор ифода меёбад;
- натиҷаи мусобиқа барои яктарафа маҳдуд кардани имкониятҳои субъектони хоҷагидор дар бозор равона гардидааст.

Рақобат дар раванди муносибатҳои иқтисодии ҷомеа нақши хело калон дошта, дорои функсияҳои танзимнамоӣ, тақсимкунӣ ва назорат мебошад.

Дар Россия, низ то аввали асри XX нисбати қонунгозории рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ диққат дада нашудааст. Дар давраи шӯравӣ нисбати рақобат нуқтаи назари манфӣ мавҷуд буд. Дар маълумотнома ва дастурҳои таълимии даврони шӯравӣ, махсусан иқтисоди сиёсӣ қайд карда мешуд, сотсиализм рақобатро пурра бартараф намуда, ба ҷойи он мусобиқаи бемуноқишаро дар иқтисодиёт ташкил намудааст. Тибқи илми назарияи иқтисодӣ даврони шӯравӣ рақобатро ҳамчун шакли ҳарфӣ антагонистии иқтисодӣ, мубориза дар байни соҳибкорон барои шароити судбахши гузориши капитал бо мақсади гирифтани фоидаи барзиёд арзёбӣ карда мешуд [6, с.132 ]. Аз ин нуқтаи назар рақобат ҳамчун зиддияти оштинопазири иқтисодӣ шарҳ дода шуда, гуё бо худ хусусиятиҳои зиёди манфиро доро буд.

Иқтисодиёти замони шӯравӣ хусусияти маъмурию фармонфармоӣ дошт. Иттиҳоди Шӯравӣ конвенси Парижиро дар бораи ҳифзи моликияти саноатӣ эътироф намуда буд, ки тибқи он давлат уҳдадор буд, рақобати бевиҷдононаро пешгирӣ намояд. Меъёрҳои конвенсияи мазкур, танҳо дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ амалӣ мегардиданд.

Нуқтаи назари асосогузорони ҷомеаи сотсиалистӣ бошад, нисбати рақобат манфӣ буд, онро қабул надоштанд ва онро ҳамчун зуҳуроти ҷомеаи сармоядорӣ баҳо медоданд. Дар даврони шуравӣ рақобатро ба «мусобиқаи сосиалистӣ» иваз намуда

буданд, ки он моҳиятан ба тараққӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот таъсире надошт.

Дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС шартҳои аввалини зарурати рушди рақобат ба вуҷуд омад. Мусоидат ба рушди мусобиқаи иқтисодӣ, рақобат дар бозори молҳо, кор ва хизматрасонӣ яке аз паҳлӯҳои фаъолияти кооперативҳо буда, тибқи Қонуни ИҶШС "Дар бораи кооператсия дар ИҶШС" аз 26 маи соли 1988 замина гузошта шуд. Инчунин зарурати риояи меъёрҳои оид ба рақобат дар Қонуни дигар "Оид ба корхонаҳо дар ИҶШС" аз 4 июни соли 1990 муқаррар гардид.

Дар айни замон қариб дар тамоми мамлакатҳои дунё ҳуқуқи рақобат, яке аз соҳаҳои инкишофёбанда дониста мешавад ва аз ин рӯ дар зиёда аз сад мамлакати дунё қонунгузории рақобат қабул гардида, амал менамояд [7].

Баъди ба даст овандани истиқлолияти давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба инкишофи рақобати озод ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омад.

Танзими ҳуқуқии рақобат пеш аз ҳама аз Конститутсияи кишвар сарчашма мегирад. Тибқи моддаи 5 Конутитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи муҳими ташаккули сохтори конститутсионӣ ин арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд. Яке аз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мебошад, ки дар моддаи 12 Конститутсия ифода ёфтааст [1].

Ҳифзи рақобат ҳамчун фаъолияти махсуси давлат чунин кафолатҳоро ба иштирокчиёни бозор медиҳад:

1). Таъмини рақобати бовиҷдонона;

2). Манъи фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона.

Дар Конститутсия мафҳуми «рақобати бовиҷдонона» оварда нашудааст, лекин чуноне, ки аз моддаи 12 Конститутсия бармеояд, дастгирии рақобати бовиҷдонона дар назар дошта мешавад. Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти бовиҷдононаи соҳибкорӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда, ҳамчун рақобати бовиҷдонона дониста шуда, фаъолияти иқтисодие, ки ба рақобати бевиҷдонона равон гардидааст, зиддиқонунӣ эътироф карда мешавад. Дастгирии рақобат ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳти мафҳуми «кафолат» низоми воситаҳои ҳуқуқӣ, барқарор намудани ҳуқуқ, иҷроиши вазифаҳо ва таъмини фаъолияти муайян мебошад. Дар низоми танзими ҳуқуқӣ кафолат вазифаи таъмини амалишавии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро мефаҳмонад, барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкорон ва инчунин иҷроиши ӯҳдадориҳои давлат дар ҳимояи рақобат кафолат дода мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии қонунгузории рақобат на аз ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидори алоҳида иборат аст, балки пешгирии рақобати бевиҷдонона ва бад шудани муҳити рақобат дар назар аст [8].

Қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав буда, аввалин қонун дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 27 декабри соли 1993 мебошад. Маротибаи дуюм қонуни мазкур аз сари нав 29 ноябри соли 2000 ва маротибаи сеюм қонуни мазкур 28 июли соли 2006 қабул гардид [9]. Охирон маротиба қонуни мазкур, ки айни ҳол амал менамояд дар таҳрири нав бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» 18 майи соли 2017 қабул шудааст. Бояд қайд намуд, ки қонуни имрӯз амалкунанда аз се қонуни пештар қабул гардида ба кулли фарқ менамояд, зеро қонуни

соли 1993 вақте қабул гардида буд, ки дар он замон муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва рақобат нав пайдо шуда буданд, ки муносибатҳо дар ин самт на он қадар инкишоф ёфта буданд. Қонуни ҳоло амалкунанда нисбат ба се қонуни пеш қабулгардида мукаммал буда, танзимкунандаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва таьминкунандаи рақобат мебошад. Инчунин, дар қонуни мазкур муносибатҳо оид ба талаботи зиддиинҳисорӣ оид ба гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, фароҳам овардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ, назорати давлатии расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он, ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми вайрон намудани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он илова гардидаанд, ки танзими ин муносибатҳо дар доираи қонуни мазкур барои пешрафти иқтисодиёт кӯмак хоҳад намуд.

Танзими зиддиинҳисорӣ аз принсипҳои ягонагӣ, қоидаҳои бунёдии дастгирии рақобат ва пешгирӣ намудани рафторҳои зиддиқонунӣ иборат мебошад. Муносибатҳои рақобатӣ дар бозори мол ва бозори коғазҳои қиматнок ва хизматрасонии молиявӣ, низ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» танзим карда мешавад [10]. Ҳоло он, ки бозори коғазҳои қимматнок ва бозори молиявӣ бо хусусиятҳои худ аз бозори молӣ ба куллӣ фарқ менамояд.

Мақсади қонунгузорӣ оид ба рақобат ин таъмини босамари иқтисодиёти бозорӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Ба қонунгузории рақобат ва зиддиинҳисорӣ санадҳои қонунгузории рақобат ва санадҳои қонунгузории монополияи давлатӣ ва табиӣ, низ дохил мешаванд.

*Қонунгузории* рақобат дар навбати худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро дар бар мегирад, *ки* аз ду гурӯҳи асосии санадҳои меъёрии зерин: 1) меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва 2) меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона иборат мебошанд.

Дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои рақобатӣ гурӯҳи сеюми меъёрҳоеро ҷудо намудан лозим аст, ки ба қонунгузории рақобат дохил мешаванд, ки ин меъёрҳо низ ба инкишофи муносибатҳои рақобатӣ равона гардидаанд.

Танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ аз рақобати бевиҷдонона на ҳама вақт байни худ фарқ карда мешаванд. *Қонунгузории* ҶТ дар бораи рақобат дар бозори мол ва меъёрҳо дар бораи рақобати бевиҷдонона ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ дохил мешаванд. Чунин нуқтаи назар баҳснок аст, чунки соҳаи танзими ҳуқуқии рақобат аз рӯи вазифа, субъектҳои танзимнамоӣ ва дигар хусуситҳояш фарқ менамояд.

Вазифаи конунгузории зиддиинҳисорӣ ин маҳдуд намудани раванди инҳисоркунонӣ, ҳамчун доираи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ124 дониста мешавад.

Барои амалӣ намудани ин мақсад қонунгузорӣ воситаҳои зерини танзими ҳуқуқии зиддиинҳисориро муқаррар намудааст: манъ ва таъқиби фаъолияти инҳисорӣ, markedазнавташкилшавӣ, бархамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо, ба даст овардани ҳисса аз фонди оиномавии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Субъектҳои танзими қонунгузории зиддиинҳисорӣ шахсоне мебошанд, ки дар раванди инҳисоркунонӣ дар бозор ё таъсири бевосита ба инҳисоркунонӣ мерасонанд. Ба инҳо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (гурӯҳи шахсон), ки мавқеи хукумфармоиро дар бозор ишғол намуда дар созишҳо (амалҳои мувофиқшуда) оид ба маҳдуд намудан, роҳ надодан ё барҳам додани рақобат равона шудаанд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти

давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд.

Мақсади қонунгузорӣ дар бораи рақобати бевиҷдонона, ин бартараф намудани ҳолатҳои ногувори худи рақобат, ки дар шакли махсуси ҳуқуқвайронкунии рақобати бевиҷдонона ба вуҷуд меояд, дониста мешавад. Ба воситаҳои асосии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи қонунгузории мазкур манъ ва бартараф намудани рақобати бевиҷдонона бо воситаи муайян намудани мафҳуми умумии чунин ҳуқуқвайронкунӣ ва овардани намунаи номгӯи чунин амалҳои зиддиҳуқуқӣ дониста мешаванд.

Субъектҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдоднона ин субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва истеъмолгарон буда, ба доираи ин субъектон мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ дохил намешаванд.

Дигар хусусияти фарққунандаи байни қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона ин амали мақомоте, ки чораҳои ҷавобгариро барои вайрон намудани қонунгузорӣ татбиқ менамоянд, дониста мешавад. Ҳамин тавр, вазифаи назорат оид ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва манъи фаъолияти инҳисорӣ ба зиммаи мақомоти зиддииҳисорӣ гузошта шудааст.

Таъини ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона ба зиммаи мақомоти судӣ буда, барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона пеш аз ҳама ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ муқаррар карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав буда, аз ин рӯ, аз камбудиҳо низ холӣ намебошад. Қонуни мазкур ба ғайр аз як-ду модда, ки ба рақобати бевиҷдонона бахшида шудааст, пурра танзими ҳуқуқии муносибатҳои зиддиинҳисориро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, саволе пайдо мешавад, ки оё истифодаи мафҳуми «маҳдудкунӣ» нисбати ҳуқуқвайронкунӣ ҷоиз аст? Зеро «фаъолияти инҳисорӣ» ва «рақобати бевиҷдонона» ду мафҳуми махсуси ҳуқуқӣ мебошанд, ки ду намуди ҳуқуқвайронкуниро ифода менамоянд. Аз назарияи ҳуқуқ маълум аст, ки чораи мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ин пешгирӣ намудан, қатъ намудан ва татбиқи меъёри ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад.

Мавқеи муҳимро дар танзими ҳуқуқии зиддинҳисорӣ созишномаҳои байналмилалӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Парижириро оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ эътироф намудааст ва инчунин дар доираи ИДМ созишнома «Оиди принсипҳои наздик намудани қонунгузории хоҷагӣ» аз 9 октябри соли 1992, созишнома «Оиди мувофиқат намудани сиёсати зиддинҳисорӣ» аз 12 марти соли 1993, Шартнома оиди гузаронидани сиёсати зиддинҳисории мувофиқшуда аз 25 апрели соли 2000 ба имзо расидаанд. Дар асоси созишномаҳои мазкур давлатҳои узви ИДМ уҳдадоранд, ки фаъолияти худро дар мубориза бар зидди фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҳамоҳанг созанд.

Амалияи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки маҳз бо туфайли рақобат иқтисодиёт пеш меравад. Дар ин замина нақши аввалиндараҷаро қонунгузории кишвар бо меъёрҳои созанда на бо меъёрҳои маҳдудкунанда мебозад. Аз ин рӯ, дар айни замон қонунгузори оид ба рақобат бо мақсади ба ҳавасмандии инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳуқуқии рақобат нигаронида шудааст. Меъёрҳои ҳавасмангардониро оид ба таъмини таъмини рақобат дар тамоми қонунгузории самти зиддиинҳисорӣ ва рақобатро бояд ворид намуда, бо ин восита метавон рушди бемайлони иқтисодиёти кишварро таъмин намуд.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2. Бартошек М. Римское право: Понятия, термины, определения/ Пер. с чеш. - М.: Юрид. лит., 1989. - С.401.
3. Roybould D.M., Firth A. Comparative law of monopolies.-L., 1993. - P.3.
4. Недобросовестная конкуренция. Обзорная информация// Институт законодательства и сравнительного правоведения при Верховном Совете РФ. Сост. Г.Е. Авилов, Е.И.Каминская. М., 1992. Вып. 11. - С.6.
5. Смит А. Исследование о природе и причине богатство народов. М., 1993. – С. 175-176
6. Иқтисоди сиёсӣ: Китоби дарсӣ барои донишкадаҳои олии ғайрииқтисодӣ. Душанбе “Маориф”, 1986. С.132.
7. Whish R. Competition Law. – L.: Oxford University Press, 2009.
8. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. - Душанбе, 1998. - С. 94.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» 27 декабри соли 1993/ Ахбори Маҷлиси Оли *Ҷумҳурии* Точикистон. - 2000. - № 11. - мод. 588.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»/ Ахбори Маҷлиси Оли *Ҷумҳурии* Точикистон, - 2017. - № 5, қ.1, мод. 274.


# ОСОБЕННОСТИ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА


**КАРИМОВ АБДУЛХАНОН КАДИМОВИЧ,**
кандидат юридический наук, доцент
кафедрой административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru



*В статье рассматриваются вопросы особенностей исторического развития конкурентного законодательства.* Автор стремится проанализировать исторические аспекты становления конкурентного законодательства, как важного инструмента экономического развития.

*Автором дается характеристика законодательства о конкуренции на различных исторических этапах развития страны. Обосновывается вывод о том, что нормы стимулирующего характера должны быть закреплены во всех нормативных правовых актах, содержащих положения антимонопольной и конкурентной направленности. В последние десятилетия конкуренция занимает центральное место в развитии рыночной экономики и в обществе.*

*История свидетельствует, что становление рыночной экономики в мире объективно невозможно без проведения государственных мер антимонопольного регулирования, которые направлены на защиту рыночной экономики и интересов добросовестных участников рыночных отношений.*

*В Республике Таджикистан законодательство о конкуренции является новой отраслью права в отечественном правовом пространстве, несмотря на это в данном направлении накоплен богатый опыт правоприменительной практики.*

*Конкурентное законодательство не стоит на месте и подвергается непрерывным изменениями, что способствует дальнейшему развитию экономики в целом.*

***Ключевые слова:*** *конкурентное право, антимонопольное, субъекты, предпринимательская деятельность, экономика.*

## FEATURES OF THE HISTORY OF COMPETITION LEGISLATION DEVELOPMENT

**KARIMOV ABDULHANON QADIMOVICH**,
Candidate in Law, Associate Professor
Administrative Law and Public Service Department,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*The article deals with the features of the historical development of competition legislation. In this article, the author tries to analyze the historical aspects of the formation of competitive legislation as an important mean of economic development.*

*In the article, the author gives a characteristic of competition legislation at various historical stages of the country's development. It should be concluded that incentive norms should be strengthened in all regulatory legal acts containing provisions of antimonopoly and competitive orientation. In recent decades, competition has been central to the development of a market economy and society as a whole.*

History shows that the formation of a market economy in the world is objectively impossible without state measures of antimonopoly regulation, which are aimed at protecting the market economy and the interests of fair participants in market relations.

Competition law is considered as a new branch of law in the domestic legal space in the Republic of Tajikistan, despite this, a rich experience of law enforcement practice has been accumulated in this direction.

Competition legislation is not static, but is constantly evolving, which in general, contributes to the further development of the economy.

***Key words:*** *competition legislation, antimonopoly, regulation, subjects, entrepreneurial activity, economy.*

УДК: 336.02

# НАҚШИ СТРАТЕГИЯҲОИ МИЛЛӢ ДАР РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМОИЛ ИБРОҲИМ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили рушди қонунгузории молия дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бахшида шудааст. Муаллиф инкишофи қонунгузорӣ оид ба молияро таҳлил намуда, бо дарназарошти қонунгузории амалкунанда, стратегияву консепсияҳои давлатӣ онро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, андешаҳои худро вобаста ба такмили минбаъдаи қонунгузории ин самт пешниҳод намудааст. Мавзӯи мазкур аз тарафи муаллиф пажуҳиш гардида, қайд мегардад, ки қонунгузории молияи кишвар дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар сатҳи баланд рушд намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ, санадҳои қонунгузорӣ, қонунгузории молия, Истиқлолияти давлатӣ, инкишоф, инкишофи қонунгузории молия, қонун, ҳуқуқи молия, молияи давлатӣ, идоракунии молия, ислоҳоти идоракунии молия.*

Бо мақсади аз байн бурдани такрори айнан як фаъолият ва беҳтар истифода бурдани имкониятҳо нисбати ду ва зиёда конвенсия ва созишномаҳои байналмилалии молиявӣ, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амали ягона таҳия карда мешаванд. Таҳия ва тасдиқи барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амали давлатӣ дар соҳаи молия тибқи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешавад. Дар шароити кунунӣ масъалаҳои муҳими молиявӣ дар доираи стратегияҳои зерини миллӣ ҳал шуда истодаанд:

– Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2018[3];

– Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (с. 2020)[4];

– Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то с. 2030 (с. 2016)[5];

Ҳадафи сиёсати молиявӣ, ки дар шароити муосир таҳия шудааст, ноил шудан ба сатҳи баланди зиндагии мардум дар асоси рушди иқтисодиёт, афзоиши ҳамаҷонибаи самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Самтгирии иҷтимоии стратегияи молиявӣ на танҳо дар ҷустуҷӯи имкониятҳои афзоиши захираҳои молиявӣ, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволии мардум нигаронида шудаанд, балки дар муносибати принсипан нав ба ҳадафи асосии сиёсати иқтисодӣ зоҳир мешавад.

Стратегияҳои нави молиявӣ бо дарназардошти шаклҳои гуногуни моликият, рушди муносибатҳои бозорӣ, фаъолияти пурраи бозори молҳо, қувваи корӣ ва сармоя таҳия шудаанд. Сиёсати молиявии марҳилаи кунунии рушд дар асоси талаботи стратегияҳо молиявӣ ва бо назардошти шароити ҳукмрони иқтисодӣ таҳия шудаанд.

[3] Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №407 тасдиқ шудааст.
[4] Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 тасдиқ шудааст.
[5] Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018-ро тасдиқ намуд. Стратегияи мазкур асоси расонидани кумакҳои техникиро аз ҷониби шарикони рушд таъмин намуда, барои беҳтаршавии устувории молияи давлатӣ мусоидат кард.

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ вобаста ба соҳаҳои калидии вазифавӣ бо нақшаҳои амалиётӣ ва барномаҳои амалишавӣ, аз қабили банақшагирии буҷетӣ, иҷроиши хазинавӣ, баҳисобгирии муҳосибавӣ дар бахши давлатӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, аудит, инчунин тақвияти иқтидор ва таълими кормандони бахши давлатӣ мукаммал гардид.

Зикр намудан ба маврид аст, ки давраи амалишавии аввалин ду нақшаҳои сесолаи миёнамуҳлат (солҳои 2009-2015), ки дар ҷараёни онҳо як қатор иқдомҳои калидӣ оид ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ татбиқ гардида, ба як қатор ислоҳот асос гузошта шуд. Ба дастовардҳои асосӣ инҳоро метавон шомил намуд:

– қоида ва расмиёти банақшагирии миёнамуҳлати буҷетӣ таҳия ва ҷорӣ гардид;

– низоми аудити дохилӣ ва назорати молиявӣ дар бахши давлатӣ беҳтар шуд;

– таснифоти идоравии буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таҳия ва ҷорӣ гардид;

– таснифоти нави буҷетӣ ва Нақшаи нави ягонаи ҳисобҳо, ки бо омори молияи давлатии соли 2001 мутобиқат мекунад, таҳия ва ҷорӣ шуд;

– ҳисоби ягонаи хазинадории буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис дода шуданд;

– стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ (10стандарт) марҳила ба марҳила ҷорӣ гардид;

– мақомоти олии аудити берунӣ – Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд;

– дар сохтори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои азими давлатӣ, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҳарсоларо оид ба хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ таҳия ва пешниҳод менамояд, таъсис дода шуд;

– маркази коркарди маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, инчунин азнавсозии пурраи инфрасохтори шабакавии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 73 мақомоти минтақавии молиявии он гузаронида шуд, ки ҷории пурра ва фаъолияти низоми нави иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ва корҳои зиёди дигарро таъмин намуд.

Аз 186 чорабинии ду нақшаи амалиётӣ, 132 чорабинӣ (71 фоиз аз шумораи умумӣ) иҷро гардид, 33 чорабинӣ (18 фоиз) қисман иҷро шуд ва 21 чорабинӣ (11 фоиз) бе иҷроиш боқӣ монд.

Нисбатан паст гардидани суръати ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар солҳои 2015-2018 дар муқоиса бо давраи қаблӣ, аз ҷумла бо таъхири амалишавии лоиҳаҳои кумакҳои техникӣ, ки аз ҷониби шарикони рушд ҳам маблағгузорӣ мегардад, инчунин мушкилиҳо дар таъмини пайдарҳамии саҳеҳи унсурҳои калиди ислоҳот алоқамандӣ дорад. Ғайр аз ин, дар як қатор мавридҳо омили вобастагии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ аз тағйирёбии вазъи умумӣ дар кишвар амалишаванда, ба монанди ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ нақши асосӣ бозид.

Дар маҷмӯъ, аз давраи қабули Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018 дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, хазинадорӣ ва раванди банақшагирии

буҷети давлатӣ пешравии назаррас ба даст оварда шуд. Беҳбудӣ дар идоракунии захираҳои инсонӣ, аудит, барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҷараёни буҷетӣ дида мешавад. Новобаста аз ин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки барои идомаи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ саъйю талошҳои зиёд ба харҷ диҳад.

Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ соли 2017 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастрас намудани маълумот оид ба рафти иҷрои ислоҳот мувофиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018 ва мувофиқакунии тавсияҳо оид ба камбудиҳои ҷойдошта гузаронида шуд. Дар рафти баҳогузорӣ маълумоти солҳои 2013-2016 истифода шуданд. Ғайр аз ин, баҳодиҳии гузаронидашуда имкон дод, ки натиҷаҳои ислоҳоти гузаронидашудаи даҳсолаи охир, яъне дар давоми солҳои 2007 ва 2017 муқоиса карда шаванд.

Тибқи ҳисоботи охирини Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар соли 2017 гузаронидашуда беҳдошти устувор ва батадриҷи қисми зиёди нишондиҳандаҳо нисбат ба баҳодиҳии қаблӣ дида мешавад. Самтҳои асосии ислоҳот, ки дар он беҳбудӣ дида мешавад, инҳо мебошанд:

– маҷмӯӣ ва шаффофияти иттилооти буҷетӣ;
– пешгӯӣ ва назорати иҷрои буҷети давлатӣ;
– баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ва ҳисобот;
– аудити берунӣ ва назорати иҷрои буҷети давлатӣ.

Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ ин худ индекси эътирофшудаи байналмилалӣ мебошад, ки имкон медиҳад вазъи маҷмуии татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар кишварҳои гуногун баҳогузорӣ карда шавад.

Такя ба чаҳорчӯбаи стратегии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ, ки дар фасли 3 Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудааст, дастовардҳои натиҷаҳои дарозмуҳлати ислоҳот нобаробар буданд. Дар умум, бинобар фарқияти куллии байни маблағгузории буҷетии тасдиқшуда ва воқеӣ интизоми фискалӣ тағйир наёфтааст. Илова ба ин, бинобар ҳамгироии нокифояи раванди банақшагирии хароҷоти асосӣ ва ҷории буҷет, дар тақсимоти стратегии захираҳои молиявӣ ягон дигаргунӣ ба амал наомад. Дар истифодабарии самараноки захираҳо барои пешниҳоди хизматрасонӣ як қатор беҳбудиҳо дида мешаванд, ки ин ба беҳдошти вазифаҳои аудити дохилӣ ва беруна дар бахши давлатӣ алоқаманд мебошад. Вале рақобати заиф дар соҳаи хариди давлатӣ, инчунин набудани буҷетикунонии барномавӣ барои истифодаи самараноки захираҳои молияи давлатӣ таъсири манфӣ расонид[6].

Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявии соли 2017 гузаронида, як қатор самтҳои муҳими ислоҳотро нишон медиҳад, ки беҳдошти минбаъдаро тақозо менамояд. Самтҳои ислоҳот инҳоянд:

– беҳдошти ҳисоботи давлатии молиявии муассисаи буҷетӣ (аз он ҷумла корхонаҳои давлатӣ);

– банақшагирии буҷети давлатӣ (то ҳол дар нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеии хароҷот, инчунин пешгӯии номукаммали даромадҳо, ки эътимодро ба буҷети давлатӣ коста мегардонад, фарқият дида мешавад);

– дастрасии оммавӣ ба маълумоти фискалӣ;
– банақшагирии сармоягузории буҷетӣ;

---

[6] Ҳисоботи баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар соли 2017, саҳ.13

– барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ;

– аудити берунӣ.

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 давоми ислоҳотеро дар бар мегирад, ки аз лаҳзаи амалишавии Стратегияи қаблии идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018 оғоз ёфта буд. Стратегияи нав, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 №1446 тасдиқ шудааст, бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ то дараҷаи муҳим дар барномаҳои ҷории давлатӣ, ба монанди Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, №485), Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673) ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522) инъикос ёфтааст.

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 фарогирандаи он муносибатҳое мебошад, ки барои пешрафти низоми молиявии ҷумҳуриамон нигаронида шудаанд, ба инҳо дохил мешаванд:

– чаҳорчӯбаи умумии стратегии ислоҳот;

– самтҳои асосии ислоҳот дар низоми идоракунии молияи давлатӣ барои 10 соли оянда, ки ба баҳодиҳии тафриқавии раванди амалишавии ислоҳот ва таҷрибаи гирифташуда асос ёфтааст;

– пайдарпайӣ ва афзалияти унсурҳои асосии ислоҳот дар се марҳилаи амалишавӣ;

– механизмҳои мушаххасу имконпазири амалишавӣ ва мониторинги стратегияи мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ ва самаранокӣ;

– идоракунии маҷмӯии хавфҳо.

Ҳадафҳои рушди идоракунии молиявии дар стратегия омада бидуни гузаронидани ислоҳоти қонугузорӣ ва қабули қонуну санадҳои нави қонунгузорӣ имконнопазир аст. Бо дарназардошти он ки ин ҳуҷҷати стратегӣ идоракунии молияи давлатиро дар тули 10 соли оянда пешбини намудааст, зарурати такмили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар ва мутобиқгардонӣ онҳо қарор дода шавад. Дар рафти татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин имкони таҳияи Кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида меборояд. Кодекси буҷет метавонад барои бартараф намудани номувофиқатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва инчунин дар ҷамъбаст намудани қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ дар соҳаи Идоракунии молияи давлатӣ кӯмак расонад. Қайд намудан зарур аст, ки дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд» таҳия гардида истодааст. Қабули қонуни мазкур заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкили барои корҳои алоқаманд ба таҳия, тасдиқ ва татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегиро боз ҳам мустаҳкам менамояд.

Ҳар як санадҳои меъёри ҳуқуқӣ барои мақсад ва вазифаҳои муайян қабул карда мешавад, стратегияи мазкур низ дорои якчанд вазифаҳои худ мебошад, ки онҳоро дар тӯли 10 соли оянда бояд амалӣ намояд:

– пешравӣ ва хулосаҳое, ки аз ҷараёни амалишавии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар солҳои қаблӣ ба миён омадааст, нишон медиҳад;

–ислоҳоти идоракунии молияи давлатиро бо ҳадафҳои миллӣ ва афзалиятҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мегардонад;

– афзалиятнокӣ ва пайдарпайии ислоҳоти асосиро барои давраи то соли 2030 муайян менамояд;

– вазорату идораҳо ва муассисаҳои калидии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалисозии чорабиниҳои стратегия масъуланд, муайян ва мавқеи онҳоро дар ин самт муқаррар менамояд;

– воқифиятнокӣ оид ба алоқаи мустаҳками байни ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ ва афзалиятҳои рушдро баланд мебардорад;

– нишондиҳандаҳои асосии самаранокиро (индикаторҳоро) барои муайян намудани андозаи пешравӣ дар ҷараёни тамоми марҳилаи амалишавӣ пешниҳод менамояд.

Вазифаи асосии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 пеш аз ҳама, аз муайян намудани самтҳои умумии ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ иборат мебошад, ки барои таъмини дастовардҳои мақсадҳои зерин равона гардидааст:

1) баланд бардоштани интизоми фискалӣ;

2) беҳтар намудани самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ;

3) назорати доимӣ оид ба истифодабарии захираҳои молиявӣ ва хароҷоти мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ;

4) банақшагирии воқеии дурнамои (ояндабинии) захираҳои молиявӣ барои афзалиятҳои муайяншуда;

5) баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ;

6) таъмини шаффофият ва тобеияти ҳисоботдиҳии маблағҳои давлатӣ.

Бахши молиявии Тоҷикистон дар соли 2030 – низоми муосири босуръат афзоишёбандаи муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ ба истеъмолкунандагон мебошад ва шароитҳои мусоид барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда, ба таъсири таконҳои беруна устувор мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро қабул намуд, ки дар муддати 15 соли оянда амалӣ карда мешавад. Мутобиқи Стратегияи мазкур «ҳадафи дарозмуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад» бояд амалӣ карда шавад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарурати гузариш ба иқтисодиёти нисбатан маҷмӯӣ ва тағйирёбандаи дар асоси рушди бахши хусусӣ ва некуаҳволии дар умум пешбинишуда таъкид гардидааст. Дар паёми навбатии худ аз 26 декабри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба такмили низоми идоракунии давлатӣ, аз он ҷумла идоракунии молияи давлатӣ асос ёфтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд намуданд, ки «Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки стратегияи идоракунии молияи давлатиро бо назардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои сифатноки қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти он, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳоти он дар ин самтҳо татбиқ намояд».

Дар робита ба афзалиятҳои дар боло зикргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то

соли 2030 мушкилот (пешомадҳо) ва афзалиятҳои миллиро дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ муайян намудааст[7].

– низоми идоракунии молияи давлатӣ такмил ёфта, низоми самарабахши банақшагии буҷет ҷорӣ карда мешавад;

– механизмҳои самараноки маъмурикунонии андоз татбиқ ва фаъолият мекунад;

– унсурҳои ғайримутамарказонии фискалӣ ҷорӣ карда мешаванд;

– низоми назорати давлатии молиявӣ, ки аудити дохилӣ ва берунаро бо унсурҳои самаранокӣ ва таъсирбахшӣ ба ҳам мепайвандад, амал мекунад;

– шаффофият ва ҳисоботдиҳии корхонаҳои бузурги давлатӣ баланд бардошта шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои зерини дарозмуҳлати дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинишуда аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад:

1) ноил шудан ба сатҳи муқоисашавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои дорои сатҳи миёнаи даромаднокӣ;

2) дастгирии рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;

3) тавсеа ва таҳкими табақаи миёна;

4) саноатикунонӣ.

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 давоми ислоҳотеро дар бар мегирад, ки аз лаҳзаи амалишавии Стратегияи қаблии идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018 оғоз ёфта буд. Стратегияи нав бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ то дараҷаи муҳим дар барномаҳои ҷории давлатӣ, ба монанди Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, №485), Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673) ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522) инъикос ёфтааст

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудааст:

– зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақирии шадид;

– 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани Маҷмӯъи маҳсулоти дохилии кишвар;

– баланд бардоштани мавқеи ҷумҳурӣ дар Индекси рушди инсонии Созмони Милали Муттаҳид ва «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Умумиҷаҳонӣ;

– ба таври назаррас баланд бардоштани хароҷоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

– то ба 50 фоиз расонидани ҳиссаи синфи миёнаи аҳолӣ.

[7]Фасли 3. Тақвияти иқтидори институтсионалии мамлакат (Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, С.36.)

Мушкилот ва афзалиятҳо дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инҳо ба шумор меравaнд:

- бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёи миллӣ пурра ташаккул наёфтааст;
- иқтидори сафарбаркунии пасанзҳо ва механими табдилдиҳии онҳо ва қарзҳои бонки ва сармоягузориҳо самаранок истифода намешавад;
- сатҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонкҳо, ташкилотҳои хурди қарзӣ, ширкатҳои суғуртави ва ғайра) боиси пешниҳоди номгӯи маҳдуди хизматрасонии молиявӣ хусусан хизматрасонии кутоҳмуҳлат гардида, ба талаботҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад;
- сохтори номукаммали бахши молиявӣ ба назар мерасад, ки дар он бонкҳо бартари дошта, бозори қоғазҳои қиматнок маҳдуд аст, сегменти такрории он, аз ҷумла муомилоти қоғазҳои қиматноки ширкатҳо вуҷуд надорад;
- воситаҳои таъмини маблағгузории корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт маҳдуд буда, диферсификатсияи он дар сатҳи паст қарор дорад;
- сатҳи баланди долларизатсияи бахши молиявӣ боқӣ мемонад;
- ҳангоми ҳиссоббаробаркунӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт дараҷаи баланди истифодаи маблаҷҳои пули нақд бартарӣ дорад;
- ҳассосияти бахш ба тағйирёбии қурби асъори ҷаҳонӣ дастрасиро ба захираҳои молиявии беруна маҳдкд месозад;
- нобаробарии минтақавӣ дар робита бо дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ эҳсос мегардад
- сатҳи баланди нархҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла фоизҳои баланд аз рӯи қарзҳо ба назар мерасад;
- дараҷаи баланди хавфҳои хоси фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ мавҷуданд;
- сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ ба назар мерасад.

Барои ташаккули бахши муосири молиявӣ ҳамчун низоми муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ мебошад ва шароитҳои мусоид барои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ фароҳам оварда, ба таъсири таконҳои беруна устувор аст, афзалиятҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

1. баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молоявӣ;
2. таъмини дастрасӣ ва диверсификатсияи воситаҳои маблағгузории дарозмуҳлати бахши воқеии иқтисодиёт;
3. васеъ намудани рӯйхати маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ, ки дорои хусусияти инноватсионӣ мебошад;
4. пурзӯр намудани захираҳои кадрии муассисаҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳои низоми бонкӣ;
5. густариши ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши молиявӣ;
6. такмил додани механизми молиявию иқтисодии истифодаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист.

Таҳлили стратегияҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши стратегияҳо дар ҳалли масъалаҳои молиявӣ назаррас буда, барои пешрафт ва инкишофи низоми молиявии кишвар саҳми арзанда доранд. Хусусиятҳои хоси инкишофи қонунгузории

молия дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки ислоҳоти молияи давлатӣ дар асоси стратегияҳову барномаҳои давлатӣ сурат гирифта истодааст, ки ба рушди босуботи қонунгзории соҳа мусоидат менамоянд. Дар ин замина, зарур аст, қонунгузории молия пайваста бо дарназардошти самтҳо ва вазифаҳои дар ин ҳуҷҷатҳои давлатӣ пешбинишуда такмил дода шуда, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои дар онҳо дарҷшуда имконият фароҳам оварад.

**Адабиёт**

1. Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (на примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран, Кыргызской Республики и Республики Таджикистан) // Под ред. доктора юридических наук, профессора Шерипова Н.Т. – Душанбе, 2017. – С. 6.

2. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: итоби дарсӣ // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Насрудинов Н.Ш. – Душанбе: Сино, 2005. – С. 36.

3. Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 6.01.2021).

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2021).

## РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**АБДУАЛИМЗОДА ИСМАИЛ ИБРАГИМ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
факультета государственного управления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*Статья посвящена анализу развития финансового законодательства в период государственной независимости. Автор анализирует развитие финансового законодательства с учетом существующего законодательства, государственных стратегий и концепций, анализирует его и предлагает свои взгляды на дальнейшее совершенствование законодательства в этой сфере. Данная тема исследована автором и отмечается, что финансовое законодательство страны развилось на высоком уровне в период государственной независимости.*

***Ключевые слова:*** *законодательство, законодательные акты, финансовое законодательство, государственная независимость, развитие, развитие финансового законодательства, закон, финансового права, государственные финансы, финансовый менеджмент, реформа финансового менеджмента.*

## DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE

**ABDUALIMZODA ISMOIL IBROHIM,**
Applicant Department of Administrative Law and Civil Service
Faculty of Public Administration of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 987-38-00-00. E-mail: Ismoil.Karimov83@inbox.ru

*The article is devoted to the analysis of the development of financial legislation during the period of state independence. The author analyzes the development of financial legislation taking into account existing legislation, government strategies and concepts, analyzes it and offers his views on further improvement of legislation in this area. This topic has been researched by the author and it is noted that the country's financial legislation has developed at a high level during the period of state independence.*

***Key words:*** *legislation, legislative acts, financial legislation, state independence, development, development of financial legislation, law, financial law, public finance, financial management, financial management reform.*

УДК: 331. 5.

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ ПАСТ ШУДАНИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САИДОВА ҲУМАЙРО УБАЙДУЛЛОЕВНА,**
номзади илтмҳои иқтисодӣ,, дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 938-84-60-05. E-mail: khumayro.saidova@mail.ru
**ХАЛИФОВ МАҲММАДУЛЛО УБАЙДУЛЛОЕВИЧ**,
уновонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносӣ муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992)988-78-85-85.

*Дар мақолаи мазкур омилҳои коҳиш додани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор додашудааст. Собит карда шудааст, ки дар даҳсолаи наздик рушди босуботи саноати кишвар сабаби кам гардидани муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа гашта ба сатҳи зиндагии аҳолии кишвар таъсири мусбат хоҳад расонд. Дар баробари ин, ҷанбаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатии беруна таҳлил гардида, тавсияҳои илмию методӣ оид ба амалишавии ҳадафи чоруми кишвар – саноатикунонии босуръати кишвар бо дарназардошти нақши он дар баландбардории некӯаҳволии мардум пешниҳод карда шудааст. Инчунин ҷиҳати коҳиш додан ба раванди ҳиҷрати аҳолӣ тавсияҳо дар заминаи ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифта шудани аҳолии фаъоли иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд. Самти муҳими танзими шуғли аҳолӣ такмил додани дониш, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисос бо донишҳои пешрафта ва ғояҳои инноватсионӣ, таъмини озодии маҳсулоти рақобатпазир дар соҳа мебошад. Ҷиҳати таъмини шуғли аҳолии қобили меҳнат тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, тағйироти амиқи фаъолияти меҳнатӣ, таҷдид ва такрористеҳсоли неруи инсонӣ, ки боиси тағироти сохторӣ дар бозори меҳнат мегардад, пешниҳод карда мешавад. Таъмини шуғли аҳолӣ омили устувории рушди иқтисоди миллӣ мебошад, ки ҳалли он бештар ба такрористеҳсол ва самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ ва коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ равона шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *муҳоҷират, меҳнат, шуғли аҳолӣ, иқтисодиёт, саноаткунонии, давлатӣ, корхонаҳо, истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, сармояи инсонӣ, фирори мағзҳо.*

Муҳоҷирати аҳолӣ аз давраҳои қадимтарин оғоз ёфта,дар таърихи башарият ҳамчун яке аз омилҳои асосии маскуншавии аҳолии кураи замин ва ташаккули бисёр халқҳо нақши муҳим бозида,хусусиятҳои зиёди этникӣ ва иқтисодии ҷаҳони муосирро муайян кардааст.Раванди сукунати одамон,истифодаи сарватҳои табиӣ, рушди қувваҳои меҳнати ва истиеҳсолкунанда, ташаккул ва бо ҳам омехта шудани нажодҳо, фарҳангҳо ва расму оинҳо бо муҳоҷирати аҳолӣ алоқаманд мебошад.Дар таърихи инсоният якчанд давраҳои болоравии муҳоҷират маълум аст,ки дар онҳо оммаи сершумори одамон иштирок намудаанд. Ҳанӯз ҳам аз замонҳои қадим падидаи муҳоҷират дар байни ҷомеаҳои мухталиф ҳамеша зери таъсири омилҳое чун ҷанг, офатҳои табиӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор дошт. Нуқсонҳои иқтисодии байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ, номутаносибии демографӣ, инкишофи илм ва технология ва ба ин васила мусоидат намудан ба робитаҳои байни

кишварҳои мухталиф аз сабабҳои асосии муҳоҷират дар ҷаҳони имрӯза дониста мешаванд. Тибқи ҳисобҳои СММ, дар ҳоли ҳозир тақрибан 212 миллион нафар одамон дар хориҷ аз кишвари худ зиндагӣ мекунанд, ки зиёда аз 2% аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд. Албатта, ин ҳаракати азими аҳолӣ ба ҷуз оқибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, оқибатҳои иқтисодӣ низ хоҳад дошт [1].

Солҳои 90 – уми асри гузашта ва дар барбари барҳам хурдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти зиёде мувоҷеҳ гардид. Аксари корхонаҳои хурду бузурги даврони шӯравӣ аз кор боз монданд, шароити зиндаги мардум басо сангин гашта, барои бадаст овардани музди ночизе ба муҳоҷирати меҳнатӣ руй оварданд.  Мувофиқи таҳлилҳо сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар вазъи бухронии бозори меҳнат, набудани шумораи зарурии ҷойи кор, музди меҳнати ночиз, афзоиши нерӯи қобили кори ба шумор меравад. Як қисми аҳолӣ бар асари ҷанги шаҳрвандӣ тарки ватан намуда ба кишварҳои дуру наздик ҳиҷрат намуданд.

Агар дар солҳои аввали истиқлолият, ки вазъи иқтисодии Тоҷикистон воқеан хеле вахим буд, муҳоҷирати меҳнатӣ як раванди дилписанд талаққӣ мешуд [2], солҳои баъдӣ, махсусан баъд аз соли 2010 нигоҳо ва мавқеъгирии олмонии ватанӣ ва муҳаққиқин дар робита ба ин падида куллан тағйир ёфтааст. Сабаби аслиашро мо дар он мебинем, ки солҳои охир муҳоҷирати одамони бомаърифат ва соҳибихтисос ру ба афзоиш аст, ки ин худ як талафоти азим барои кишвар мо дониста мешавад ва он дар адабиёти илмӣ ба истилоҳи “фирори мағзҳо” таъриф мешавад [3].

Муҳоҷирати одамони бомаърифат ва соҳибихтисос аз кишварҳои камтар тараққикарда ба кишварҳои мутараққии саноатӣ ҳамеша барои ин кишварҳо таъсири зараровари иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ боқӣ гузоштааст. Аз ин рӯ, масъалаи муҳоҷирати ин гурӯҳро дар сатҳи масоили амнияти иқтисодӣ баррасӣ мекунанд ва барои ҷалб ва нигоҳ доштани онҳо сиёсатҳои гуногун андешида мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир аз ин мушкилот истисно набуд. Идомаи раванди муҳоҷират хилофи сиёсати ҳукумат аст ва ба даст овардани рушди дилхоҳи иқтисодиро мушкил мекунад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти аҳамияти оқибатҳои муҳоҷират, дар таҳқиқоти мазкур, таъсири асосӣ ва баъзе моделҳои умумии мувозинати муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишвар бо истифода аз модели лоиҳавии таҳлили савдои ҷаҳонӣ таҳқиқ карда шуданд. Бо ин мақсад ду сенарияи афзоиши муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос ва алоҳида муайян карда шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки муҳоҷирати меҳнатии ҳам мутахассисон ва ҳам ғайримутахассисон рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва сатҳи даромаднокии сармоягузориро дар сатҳи макро коҳиш медиҳад. Он инчунин истеҳсоли бахшҳои гуногуни иқтисодиётро кам мекунад. Аз тарафи дигар, зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос сатҳи музди меҳнатро дар маҷмӯъ баланд мебардорад ва дар навбати худ нархи сармояро, ки сармояи ҷисмонӣ, захираҳои табиӣ ва заминро дар бар мегирад, коҳиш медиҳад. Ғайр аз ин, бо зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос, талабот ба омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат коҳиш меёбад ва бинобар  ин имкони иваз кардани омилҳои истеҳсолот, ин боиси интиқоли сармоя ва қувваи кории камихтисос ба соҳаи хизматрасонӣ мегардад [4].

Фирори мағзҳо ин раванди но469матлубест, ки дар байни кишварҳои тараққикарда ва сусттараққикарда ташаккул меёбад, ки дар ҷараёни он қувваи кории бомаҳорат ва баландихтисос аз кишварҳои сусттараққикарда ба кишварҳои

пешрафтаи саноатӣ интиқол дода мешавад ва дар натиҷа фоида барои кишварҳои саноатӣ ва зарари азим барои кишварҳои суст рушдёфта меорад. Ҷаҳонишавии иқтисод аз ҷонибе тамоюли ҷалби сармояи инсониро ба кишварҳои пешрафта тақвият мебахшад. Кишварҳои мизбон сиёсати интихоби сифатнокро пеш мебаранд ва барои истеъдодҳои ҷаҳонӣ рақобат мекунанд.

Падидаи фирори мағзҳо ба иқтисоди кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Бо муҳоҷирати меҳнатӣ, хароҷоте, ки ҳукумат барои рушди сармояи инсонӣ сарф кардааст ва аз сарвати миллии тарҳ кардааст ё аз ҷониби андозсупорандагон пардохт шудааст муфт аз даст меравад. Хуруҷи сармояи инсонӣ як бонги изтироб барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад, зеро талафоти ин равандро ҷуброн кардан хеле мушкил аст, балки ин раванд вобастагии онҳоро ба кишварҳои саноатӣ бештар мекунад. Ҳузури мутахассисон ба иқтисодиёт таъсири гуногунҷабҳа мерасонад, ки ин на танҳо ҳосилнокии тамоми омилҳоро меафзояд, балки одамони дигарро ба фаъолиятҳои истеҳсолӣ ҷалб мекунад [5].

Натиҷаҳои тадқиқотҳои олимони мухталиф дар ин замина таъсири зараровари муҳоҷирати қувваи кории мутахассисро ба иқтисодиёти кишварҳои кордиҳанда таъкид мекунад. Инкишофи сармояи инсонӣ мустақиман ба маҳсулнокии меҳнат таъсири мусбӣ мерасонад ва коҳиши он дар ниҳоят сатҳи некӯаҳволи мардумро паст мекунад. Ба сатҳи некӯаҳволӣ омилҳои дигар низ таъсири манфӣ расонида метавонанд. Масалан, агар хароҷоти низмои маориф пурра аз ҷониби ҳукумат таъмин карда шавад, нигоҳ доштани сатҳи мақбули сармояи инсонӣ хароҷоти бештари давлатӣ ва андозҳои баландтарро аз тамоми кишвар талаб мекунад, ки ин боиси паст гардидани сатҳи некӯаҳволи мардум мегардад.

Раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба як самт тамаркуз дорад. Ҳама сола аз қалмрави кишвар ба қаламравӣ Федератсияи Руссия наздики 90 % ва боқимонада ба дигар давлатҳо сафар менамоянд. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа асосан мардҳои ҷавон ширкат мекунанд. Дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ мардҳо 94,3%, занҳо 5,7%, ҷавонони синни 15-29 сола 56%, ва ашхоси синнашон миёна (30–49 сола) 40,5%-ро ташкил медиҳанд. Синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ 30 сол аст. Танҳо ҳар панҷум муҳоҷири меҳнатӣ (21,9%) сатҳи муайяни таҳсилоти касбӣ дорад, ки аз он 8,8% таҳсилоти олӣ, 5,1% таҳсилоти миёна ва 6,9% таҳсилоти ибтидоии касбӣ гирифтаанд. Бештар аз 63% муҳоҷирони меҳнатӣ таҳсилоти миёна пурра, 13,3% умумии асосӣ ва 2% ибтидоӣ доранд [6].



**Расми 1. Динамикаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия** [7, С.18-26].

Нишондиҳандаҳои омори дар расми 1 оварда шуда нишон медиҳад, ки дар солҳои 2015 - 2019 теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ сол то сол афзоиш ёфта дар соли 2020 коиҳиш ёфтааст. Сабаби коҳиш ёфтани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ин бемории ҳамагири COVID-19 будааст, ки саросари дунёро фаро гирифт. Аз тарафи дигар таъсиси ҷойҳои кории нав дар ҷумҳурӣ низ ба ин раванд бетаъсир набудааст. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар қаламрави кишвар ҳамасола зиёда аз 100 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад, ки ин ба раванди муҳоҷиратро коҳиш медихад.

Аҳолии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшуда 34,1% афзуда, афзоиши миёнаи солонаи захираҳои меҳнатӣ 3,4% -ро ташкил дод. Дар назар аст, ки ин афзоиши аҳолӣ ва меҳнат дарояндаи наздик идома хоҳад ёфт. Чунин тамоюлҳои рушди аҳолии Тоҷикистон таҳти таъсири маҷмӯи омилҳо ва шароити ҳам иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофӣ ва бо назардошти урфу одатҳои миллӣ, дин ва анъанаҳои фарҳангию рӯзмарра ташаккул ёфтанд. Бо вуҷуди ин, дар байни афзоиши қувваи корӣ ва афзоиши аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол номутаносибии муайян боқӣ мондааст (ҷадвали 2), ки аз ҷумла самаранокии нокифояи сиёсати шуғлро дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад.

Ҷадвали 1

Динамикаи рушди захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
(ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳаз. нафар.)

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2015 | 2019 | 2019 в % к 2020 |
|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ | 4530 | 5111 | 5224 | 115,3 |
| аз ҷумла: - аҳолии фаъоли иқтисодӣ | 2280 | 2437 | 2438 | 106,9 |
| аз ҷумла: - аҳолии машғул | 2233 | 2380 | 2384 | 106,8 |
| Бекорони расман ба қайд гирифташуда | 48 | 57 | 54 | 112,5 |
| Аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ | 2250 | 2674 | 2786 | 123,8 |
| аз ҷумла: - хонандагон | 557 | 602 | 615 | 110,4 |
| - сатҳи бекорӣ, дар % ба аҳолии фаъоли иқтисодӣ | 2,1 | 2,3 | 2,3 | 109,5 |

Муҳосибаи муаллиф дар асоси: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АСПРТ, 2020. - С.81.

Агар мо натиҷаҳои таҳлили афзоиши миёнаи солонаи сатҳи захираҳои меҳнатиро бо натиҷаҳои афзоиши миёнаи солонаи сатҳи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар Тоҷикистон дар давраи омӯзишӣ муқоиса кунем, мебинем, ки суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ 8,56% зиёдтар аст. Вазъи кунунии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз афзоиши ихтилофи байни зарурати объективӣ ба сиёсати фаъоли шуғл ва назорати заифи бозори меҳнат аз ҷониби мақомоти давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои рушди бозори меҳнат дар иқтисоди Тоҷикистон дар даҳсолаи охир самаранокии бениҳоят пасти истифодаи захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Шуғли ғайрирасмӣ рушд мекунад, тамоюлҳои марбут ба ҳафтаҳои кории барзиёд меафзоянд, аҳамияти механизми шарикии иҷтимоӣ аз даст меравад, фаъолияти фаъоли иттифоқҳои касаба риоя намешавад, музди меҳнат бо таъхир дар робита бо таваррум индексатсия карда мешавад ва болоравии нархи озуқа оқмлона танзим намешавад. Мушкилтарин мушкилот беҳтар кардани шуғл дар деҳот боқӣ мемонад. Дар минтақаҳои Тоҷикистон сатҳи номутаносиби бекорӣ, равандҳои муҳоҷират ва хориҷшавии аҳолӣ, пеш аз ҳама кадрҳои баландихтисос ба назар мерасанд.

Ҳукумати кишвар дар ин роста як қатор чорабиниҳоро татбиқ карда истодааст. Санаи 26 декабри соли 2018 асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон қайд намуданд, ки бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Дар амалӣ тадбиқ гардидани ҳадафи чоруми миллӣ шароитро фароҳам меоварад, ки яке аз масоили мубрами иҷтимоӣ — таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳал шуда, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ шаҳрвандони ҷумҳурии ба хориҷи кишвар коҳиш мёебад ва иқтисодиёти кишвар рушд ёфта сатҳи зиндагии мардум беҳтар мегардад.

Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли нерӯи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока, хизмат хоҳад намуд.

Дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар қаламрави кишвар 100 ҳазор ҷойҳои нави кори таъсис дода мешавад ва то соли 2030 дар қаламрави Ҷумҳурии 1 миллиону 800 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва саноатӣ, конҳои калони маъданҳои фоиданок мебошад. Наздикии бозорҳои бузурги истеъмолӣ дар Русия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон ин бахши иқтисодро хеле ҷолиб месозад.

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид карда шудааст, чунки иқтисоди муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан ғайри имкон аст. Мувофиқи таҳлилҳои коршиносон 30%-и тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад. Ҳадафи асосии таъсиси минтақаи озоди иқтисодии ин таъмини самараноки иқтисодиёт, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад.

Дар қаламравӣ кишвар 5 минтақаи озоди иқтисодӣ дар масоҳати 1752,1 гектар фаъолият менамоянд, ки ҳамасолаи тақрибан 10 ҳазор ҷойҳои нави кориро таъсиси медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳими афзоиши шуғл ва коҳиши бекорӣ рушди соҳибкории хурд ва миёна ба ҳисоб меравад, ки барои аксари сокинони кишвар шакли дастрастарини шуғл аст. Бо дарки ин, барномаҳои гуногуни рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, ин соҳа

дар кишвар ҳанӯз ҷойгоҳи сазовори худро ишғол накардааст, алахусус бо назардошти фарогирии аҳолӣ бо шуғли истеҳсолӣ. Барои рушди тиҷорати хурд ва миёна таҳияи методологияи баҳодиҳии пардохтпазирии ширкатҳои нав мувофиқи мақсад аст. Дар ноҳияҳои дурдаст бояд сиёсати рушди тиҷорати хурд бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангии минтақа ва инчунин равишҳои ҳавасмандгардонии он амалӣ карда шавад. Рушди ҳунарҳои мардумӣ, ба расмият даровардани он, дастгирӣ дар шакли манфиатҳои гуногун, рушди сайёҳии аграрӣ, туризми кӯҳӣ ва туризми экологӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ташкили дорусозии хурду миёна аҳамияти зиёд дорад. Ҳамаи ин чорабиниҳо, бешак, раванди ҳиҷрати аҳолиро бо мартиб коҳиш хоҳад дод.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ситонидани намудҳои андоз дар минтақаҳои иқтисодии кишвар барномаи махсуси андозбандӣ амал мекунад. Дар ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ андоз аз даромад, андоз аз истифодабарандагони роҳ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фурӯши пахта ва алюминии аввалия, андоз аз захираҳои табиӣ, аксизҳо, андозҳо аз воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманкул ва боҷҳои гумрукӣ барои содироти маҳсулоти дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда ба сифр фоиз баробар аст. Аз 10 намуди андозе, ки Кодекси андози кишвар пешбинӣ кардааст, субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо 2 намудро пардохт мекунанд: андози иҷтимоӣ (25%) ба Фонди музди меҳнат ва андоз аз даромад (8% - 13%), ки аз музди меҳнати корманд нигоҳ дошта мешавад.

Барои вусъат бахшидан ба рушди инфрасохтории деҳот, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагони мардум, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ санаи 26 декабри соли 2018 солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ эълон намуд.

Бо дар назардошти рушд намудани деҳот дар қаламрави кишвар марказҳои саломатӣ дар деҳот, мактабу кӯдакистонҳо, корхонаҳои нави саноатӣ, биноҳои нави маъмури маишӣ, шӯъбаҳои корҳои дохилӣ, амният, адлия, суд, нозироти андоз, роҳҳои мошингард, боғҳои фарҳангӣ, қасрҳои фарҳангӣ, зеристгоҳҳои барқӣ, майдончаҳои варзишӣ, таҷдиду азнавсозии гардидааст.

Мақсади асосии сиёсати давлати дар бахши рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ ин таъмин намудани шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили фаъолияти самарабахши субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ва дар ин замина таъсиси бозори самаранок ва рақобатпазирии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имконотро барои қонеъ гардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасониҳои мухталиф ва сифатноки соҳа таъмин намояд.

Тасмими гирифта шудаи Давлат ва Ҳукумат Ҷумҳурии дар бахши сайёҳӣ ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ ва аз ҳама асосаш муаррифкунандаи таъриху фарҳанг, табиат, анъанаҳои миллии тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон дар ҷаҳон зиёда аз 200 ташкилотхои байналмилаллии сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст. Мувофиқи рейтинги ҷаҳонии мамлакатҳо оид ба хулосаи сомонаву шабакаҳои ҷаҳонӣ, махсусан “ВВС” дар Британияи Кабир дар соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эътироф гардидааст. Нашри русии маҷаллаи маъруфи “National geographic” (28.02.2016) дар соли 2016 шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро дар байни 10 роҳи

зеботарини дунё ворид намудааст. Дар маҷаллаи ТОП-100 дар соли 2015 пойтахти Тоҷикистон-шаҳри Душанбе ба мавзеъҳои бехатар аз рӯйи таъмини шабона ворид гардида, дар соли 2016 3 минтақаи Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои Помир дарҷ гардидааст. Тибқи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Миллали Муттаҳид Тоҷикистон кишвари туризмаш дар ҳоли рушд қарордошта муайян гардидааст. Ҳамзамон, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид, Тоҷикистон аз 136 ҷои имконпазир мақоми 107-умро касб кард. Ҷолиби диққат аст, ки Тоҷикистон дар рӯйхати кишварҳое, ки дар давоми як сол ҷаҳиши беҳтарин сайҳӣ нишон додаанд алоҳида қайд гардида, пас аз Озарбойҷону Ҷопон дар ҷойи сеюм қарор гирифтааст.

Дар асоси эълон гардидани солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии таъсиси ширкатҳои хизматрасони саёҳӣ то соли 2021 аз тамоми намудҳои андоз озодкарда мешавад. Албатта, ҳамаи ин ба коҳиши раванди ҳиҷрати аҳолӣ бетаъсир буда наметавонад.

Дар айни замон, мамолики пешрафта дар танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, аз ҷумла бо назардошти хусусияти изофагии захираҳои меҳнатӣ, таҷрибаи бой ҷамъ кардаанд. Аз ҳама таваҷҷӯҳи бештар ба усулҳо ва шаклҳои танзими шуғли аҳолӣ дода мешавад, ки ба рушди соҳибкории хурд ва миёна, рушди соҳибкории саноатӣ, фароҳам овардани имтиёзҳо барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои густариши шуғли аҳолии ба «синни сеюм» мансуб, ташкили шуғли пурмаҳсули хатмкунандагони муассисаҳои олии таълимӣ нигаронида шудаанд. Дар ин росто, аҳамияти диверсификатсияи истеҳсолот, алахусус дар соҳаи кишоварзӣ, танзими оптималии муҳоҷирати меҳнатии беруна ва дохилии аҳолӣ, беҳбуди сиёсат демографӣ ва рушди системаи шарикии иҷтимоиро низ махсус бояд қайд кард.

Ҳамзамон, ба сиёсати оқилонаи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, бо назардошти таъмини шуғли аҳолии маҳаллӣ дар он корхонаҳое, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ сохта мешаванд, аҳамияти махсус дода мешавад. Бо вуҷуди ин, истифодаи самараноки таҷрибаи ҷаҳонӣ дар танзими шуғли аҳолӣ дар шароити афзоиши бемайлони қувваи корӣ бештар бо манбаъҳои маҳдуди молиявӣ, заминаи нокифояи институтсионалии танзими бозори меҳнат, ақибмондагии технологӣ ва номутавозунии равандҳои демографӣ алоқаманд аст.

Бояд, гуфт, ки ҳалли мушкилоти бо кор таъмин кардани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ андешидани чораҳои ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ба мутобиқати мутахассисони ҷавон ба шароити рақобати шадид дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Илова бар дигар тадбирҳо, бояд бо назардошти ҳамкории институтсионалии субъектҳои бозори меҳнат муҳити институтсионалӣ фароҳам оварда шавад, ки дар он шуғли максималии хатмкунандагон таъмин карда шавад. Дар мавриди корфармоён ҳам инчунин манфиати асосии онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Яъне манфиатҳои корфармоён равшананд: онҳо ба кадрҳои баландихтисос ниёз доранд ва азбаски сатҳи омодагии хатмкунандагон дар аксари ҳолатҳо дар шароити муосир ба талаботҳои онҳо ҷавобгӯ нест, онҳо ба имтиёзҳои муайяне ниёз доранд. Дар навбати худ, давлат ва иттифоқҳои касаба бояд ба онҳо ин имтиёзҳоро кафолат диҳанд.

**Адабиёт**

1. Искандаров О.А., Саъдуллозода Н. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ//Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - 2020. - № 2. - С. 17-124.
2. Бобоев К.Б. Влияние трудовой миграции на процесс формирования среднего класса в Таджикистане//Вестник института языков. – Душанбе, 2013. - Т. 4. № 4. - С. 104-110.
3. Ходиев Д.А. Образовательная политика и развитие человеческого капитала: региональные аспекты//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2016.- № 2/11 (220). - С. 14-22.
4. Олимов М.А. Проблемы преобразования "утечки мозгов" в циркуляцию умов в странах Центральной Азии//Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2020. - № 1. - С.54-63.
5. Ходиев Д.А., Искандаров Х.Х. Стратегия борьбы с явлением "утечки мозгов" в Республике Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. - № 2/1. - С.3-7.
6. Маҳмадбеков М.Ш., Шеров Ш.С. Хусусиятҳои раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. - № 1 (45). - С. 123-132.
7. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АСПРТ, 2020. - С.18-26.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2018.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ шудааст.
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ЕЕ СНИЖЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**САИДОВА ХУМАЙРО УБАЙДУЛЛОЕВНА,**
кандидат экономических наук, доцент
кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 938-84-60-05. E-mail: humayro.saidova@mail.ru
**ХАЛИФОВ МАХМАДУЛЛО УБАЙДУЛЛОЕВИЧ**,
соискатель кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)988-78-85-85

*В статье рассматриваются факторы, снижающие процесс трудовой миграции населения Таджикистана. Доказано, что устойчивое развитие промышленности страны в ближайшее десятилетие приведет к снижению уровня трудовой миграции за рубежом и*

*положительно скажется на уровне жизни населения страны. При этом анализируются аспекты процесса внешней трудовой миграции и даются научно-методические рекомендации для реализации четвертой цели страны - индустриализации страны с учетом ее роли в повышении благосостояния населения. Предложены рекомендации по снижение миграционных потоков на основе реализации концепции продуктивной занятости населения. Важным направлением регулирования занятости является повышение уровня знаний, подготовка и переподготовка высококвалифицированных кадров, обладающих передовыми знаниями и инновационными идеями, обеспечивающих свободу конкурентоспособной продукции в отрасли. Для обеспечения занятости трудоспособного населения предлагается подготовка высококвалифицированных специалистов, воспроизводство качественного человеческого капитала, что приведет к структурным изменениям на рынке труда. Занятость является фактором устойчивости национального экономического развития, решение которой в основном сосредоточено на воспроизводстве и эффективности трудовых ресурсов, сокращении бедности, повышении уровня и качества жизни, а также снижение уровня трудовой миграции.*

***Ключевые слова:*** *миграция, труд, занятость, экономика, индустриализация, государство, предприятия, производство, создание рабочих мест, человеческий капитал, утечка умов.*

## LABOR MIGRATION AND THE KEY FACTORS OF ITS REDUCING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SAIDOVA HUMAYRO UBAYDULLOEVNA,**
Candidate in Economics, Associate Professor of the Department
Of Human Resources Management of the Academy of Public
Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 938-84-60-05. E-mail: khumayro.saidova@mail.ru
**KHALIFOV MAHMADULLO UBAYDULLOEVICH,**
applicant of the Department of Law and
Comparative Law of the Academy of Public
Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 988-78-85-85

*The article examines the factors that reduce the process of labor migration. It has been proved that the sustainable development of the country's industry in the next decade will lead to a decrease in the level of labor migration abroad and will have a positive effect on the living standards of the country's population. At the same time, there were analyzed the aspects of the process of external labor migration and scientific and given methodological recommendations for the implementation of the fourth goal of the country - the rapid industrialization of the country, taking into account its role in improving the welfare of the population.*

*There also have been made recommendations for reducing migration flows based on the implementation of productive employment of the economically active population. An important area of employment regulation is increasing the level of knowledge, training and retraining of highly qualified personnel with advanced knowledge and innovative ideas, ensuring the freedom of competitive products in that field. To ensure employment of the able-bodied population, it is proposed to train highly qualified specialists, profound changes in labor activity, renewal and reproduction of human potential, which will lead to structural changes in the labor market. Ensuring employment is a factor in the sustainability of national economic development, the solution of which is mainly focused on the reproduction and efficiency of use of labor resources, poverty reduction, increase the standard and quality of life, as well as a decrease the level of labor migration.*

***Key words:*** *migration, labor, employment, economy, industrialization, state, enterprises, production, job creation, human capital, brain drain.*

УДК: 347.712

# ГРАЖДАНСКО – ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ИНВЕСТИЦИОННЫХ СОГЛАШЕНИЙ

**РАХИМЗОДА НАДЖИБУЛЛО ЯКШАМ,**
соискатель кафедра права и сравнительного правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33
Тел.: (+992) 938-71-88-88. E-mail: najib_9393_111@mail.ru

*В статье рассматривается правовая природа инвестиционных соглашений. Автор отмечает, что договорные отношения в сфере инвестиций, хотя они по существу гражданско-правовых норм имеют диспозитивный характер и основываются на принципах равенства сторон, свободы их волеизъявления, но, в зависимости от предмета договора, находятся под сильным влиянием публично-правового регулирования, что является характерным для нашего государства. Когда инвестиционные соглашения приобретают публично-правовой характер, то в этом случае информационная прозрачность отражает элемент диспозитивности данного соглашения.*

***Ключевые слова***: *инвестиция, инвестиционные договоры, правовая природа, иностранные инвесторы, информация.*

Для отечественной науки понятия инвестиций, инвестиционной деятельности, инвестора и другие схожие понятия, являясь новыми, требовали своего изучения и правовой регламентации. Тем более что данные понятия, имея межотраслевой характер, находятся в «середине». Это означает, что любые понятия, касающиеся инвестиций, в автоматическом порядке попадают в поле зрения ряда отраслей юридической науки, прежде всего, гражданского, предпринимательского, административного, налогового права и, конечно же, экономики. Часть из этих отраслей науки, имея публичный характер, оценивает понятия, связанные с инвестициями, с точки зрения императивных норм, другая часть, которая попадает в разряд частноправовых наук и, имея иной взгляд, придаёт понятиям, связанным с инвестицией, в том числе инвестиционным соглашениям, диспозитивный характер**.** Например, В.П. Мозолин отрицал договорную природу инвестиционных соглашений как таковую, полагая, что правовой базой для выдачи соответствующих документов являются «бланкетные полномочия, заранее предоставляемые государствами своим правительственным органам, или же постановления индивидуального характера, принимаемые высшими органами государств по конкретным иностранным инвестициям» [1, с.98].

Исходя из гражданско-правовой трактовки инвестиционного соглашения, рассматривают его в качестве разновидности гражданско-правовых договоров, обладающих определенной спецификой.

Таким образом, для определения гражданско-правовой природы договоров в сфере инвестиционной деятельности считаем необходимым установить соотношение частноправового и публично-правового регулирования в этой сфере, определить характер исследуемых правоотношений, провести анализ общих черт, объединяющих различные виды договоров с участием иностранных инвесторов. С нашей точки зрения, такая необходимость возникает в силу того, что, как уже было отмечено, длительное время в литературе, исходя из практики и законодательных установок,

правовая природа договоров с участием иностранных инвесторов вызывала многочисленные споры.

Так, С.А. Чекунова, рассматривая разграничение публично-правового и частноправового регулирования в договорных отношениях с участием иностранных инвесторов, указывает, по какому критерию такое разделение должно проводиться [2, с 34].

Видный ученый Г.Ф. Шершеневич писал, что «с научной стороны до сих пор остается не вполне выясненным, где находится межевая черта между гражданским и публичным правом, каковы отличительные признаки той сферы права, которая носит название частного права и составляет предмет особой науки».

Длительное время велись оживленные дискуссии на данную тему, в ходе которых на первый взгляд обнаруживались бесспорные критерии такого разделения, которые затем объявлялись недостаточными или неубедительными.

Для определения гражданско-правовой природы договоров в сфере инвестиционной деятельности считаем необходимым установить соотношение частноправового и публично-правового регулирования в этой сфере, определить характер исследуемых правоотношений, провести анализ общих черт, объединяющих различные виды договоров с участием иностранных инвесторов. С нашей точки зрения, такая необходимость возникает в силу того, что длительное время в литературе, исходя из практики и законодательных установок, правовая природа договоров с участием иностранных инвесторов вызывала многочисленные споры.

Следует отметить, что договорные отношения в сфере иностранных инвестиций, хотя они по существу гражданско-правовых норм имеют диспозитивный характер и основываются на принципах равенства сторон, свободы их волеизъявления, но, в зависимости от предмета договора, находятся под сильным влиянием публично-правового регулирования.

Думается, что такая регламентация договорных отношений в сфере иностранных инвестиций позволила некоторым ученым в принципе исключить возможность применения не только гражданского законодательства, но и самой конструкции договора как такового. Они считают, что причиной тому является наличие между сторонами договора отношений власти и подчинения, поскольку договор (соглашение) может существовать только между субъектами, которые при заключении и исполнении конкретного договора занимают равное положение [3, с 24].

В качестве примера того, что договор с участием государства также основывается на равенстве сторон, М.И. Брагинский и В.В. Витрянский приводят передачу имущества, принадлежащего государству на праве собственности, в аренду частному иностранному лицу. Также в качестве яркого примера равного положения государства и частного лица правоведы отмечают и «различные формы договоров о разделе продукции с участием государства» [4, 24]. Такие договоры, считают они, по своему характеру являются обычными гражданско-правовыми договорами.

Сказанное выше указывает на то, что с учетом позиций М.И. Брагинского и В.В. Витрянского, особое внимание уделяется именно исследованию особенностей содержания договора с иностранным элементом в сфере инвестиционного сотрудничества и праву, применимому к конкретному виду таких договорных отношений.

Договорно-правовое регулирование иностранной инвестиционной деятельности обострило эти дискуссии, поставив в качестве основания расширения публично-

правового элемента «защиту, гарантии, государственное партнерство, страхование, финансирование, льготы, мониторинг иностранного инвестора», а в качестве причины углубления частноправового механизма - мировые стандарты договорной практики в этой области.

Дискуссия, которую начали современные правоведы с целью отнесения инвестиционных договоров с иностранными элементами к сфере регулирования частного, публичного или коллизионного права, доказывает, что данный вопрос, оставаясь открытым, по-прежнему считается актуальным [5.], так как, согласно некоторым суждениям, сочетание норм публично-правового и частноправового характера типично для правового регулирования инвестиционных договоров. Инвестиционный договор - это комплексный правовой институт, в рамках которого возникают как частноправовые, так и публично-правовые отношения, поэтому его следует признать договором со смешанной правовой природой. Даже государство, оставаясь властвующим субъектом публичного права, в интересах привлечения иностранных инвестиций в экономику страны переводит своей властью отдельные публично-правовые отношения в правовое поле частного права, становясь партнером частного иностранного инвестора при заключении с ним инвестиционного соглашения по общему правилу, установленному ГК. Включая соответствующие публично-правовые требования и правомочия непосредственно в структуру конкретного инвестиционного соглашения, государство тем самым специально превращает их (только в рамках данного соглашения) в частноправовые субъективные права и обязанности. Это во многих случаях более надежно обеспечивает имущественные права государства и экономические интересы страны, чем способ прямых административно-правовых санкций по отношению к зарубежному инвестору.

Инвестиционный договор, занимая центральное место в системе инвестиционного права, вступает в качестве основания возникновения иностранных правоотношений. Поэтому с заключением таких договоров между участниками возникают определенные взаимные права и обязанности. Но в конечном итоге объем правового регулирования по вопросу применения иностранного частного права к договорам иностранной инвестиционной деятельности различается в правовых системах разных государств. Поскольку деятельность иностранных инвесторов связана с государственной политикой обеспечения стабильности рынка инвестиций, финансирования, страхования, защиты, реинвестирования прибыли иностранных инвесторов, в Таджикистане, как и в других странах, присутствуют положения об ограничениях применения иностранного права в договорах с участием иностранных инвесторов. Но не везде урегулированы, например, вопросы об установлении содержания иностранного частного права и о применении права страны с множественностью правовых систем [6, с 34].

В мировой цивилистике всегда существовало два подхода к инвестиционным договорам с иностранным элементом как к договорным отношениям о «совместном управлении общей (совместной) собственностью с применением коллизионных норм различных правовых систем».

По поводу международно-правового регулирования применимого права к договорам с иностранными инвестициями можно сказать, что специальных норм по вопросам иностранного частного права пока не существует. Соответствующие положения включаются в текст двусторонних договоров государств о взаимной защите капиталовложений, в типовые соглашения об инвестиционном сотрудничестве

государств Организации экономического сотрудничества и развития (ОЭСР), в модельные законы о финансировании инвестиций Комиссии ООН по праву международной торговли (ЮНСИТРАЛ), в типовые соглашения о страховании инвестиций Международного агентства по гарантиям инвестиций (МАГИ), в Гаагские конвенции по вопросам международного частного права, в Европейскую конвенцию об информации относительно иностранного законодательства 1968 года и другие.

19 марта 2013 года был принят Закон РТ «Об инвестиционном соглашении» [7.]. В Законе инвестиционное соглашение определяется как соглашение, заключенное между Правительством РТ и инвестором в отношении реализации инвестиционного проекта. Инвестиционный проект представляет собой коммерческий проект, предусматривающий существенный объем инвестиций, включающий высокую степень финансовых, технологических, экологических и иных рисков и являющийся стратегически важным для развития определенной отрасли экономики РТ и повышения уровня жизни народа Таджикистана.

К инвестиционным договорам в юридической литературе относят договоры: купли-продажи, в частности недвижимости, предприятия, ценных бумаг; целевого займа; финансовой аренды (лизинга); строительного подряда; возмездного оказания услуг; коммерческой концессии; соглашения о разделе продукции; доверительного управления имуществом; простого товарищества, учредительный договор.

К различным видам договоров с участием иностранных инвесторов также относят следующие виды договоров, распространенных в мировой деятельности инвесторов на иностранных территориях: аренда лицами иностранной юрисдикции объектов недвижимости; доверительное управление производственными комплексами и ценными бумагами; концессионное соглашение; инвестиционный подряд; финансовый лизинг; совместная инвестиционная деятельность; кооперационные соглашения; соглашения о разделе продукции; соглашение о капитальных инвестиционных вложениях; о коммерческом партнерстве с государственным долевым участием; о совместном партнерстве в банковском и страховом секторе; о создании совместных организаций, о совместных корпоративных фондах и др. [8, с 50].

Изучив перечисленные договоры, можно согласиться с мнением Л.М. Буслаевой о том, что инвестиционный договор - это по своей юридической природе комплексное соглашение, имеющее элементы многих гражданско-правовых договоров. Данный смешанный договор определяет не только взаимоотношения собственников или титульных владельцев средств, вкладываемых в объекты предпринимательской деятельности, но и процесс реализации инвестиционного проекта и распределения доходов [9.].

Как показывает зарубежный опыт, наиболее распространенными видами государственных контрактов являются договоры о концессиях и договоры о разделе продукции.

Сложившаяся ситуация наталкивает на мысль, что необходимо выделить инвестиционные договоры в широком и узком смыслах. Причем в широком смысле будет корректнее использовать термин «договоры в сфере инвестиционной деятельности».

Можно выделить следующие признаки инвестиционного соглашения:

- инвестиционный проект - предпосылка заключения договора;
- долгосрочный характер отношений сторон;

-возмездность договора, как со стороны субъектов предпринимательской деятельности, так и со стороны государства;

- целевое использование средств инвестора;

- возможность инвестора влиять на производственную деятельность другой стороны;

- письменная форма договора;

- общая долевая собственность на вложенное имущество и на результат инвестиционной деятельности.

Следует также отметить, что все договоры в сфере инвестиционной деятельности имеют информационный характер. Информация обычно передается в двух формах: а) непосредственно - как объект договора на оказание соответствующего вида интеллектуальных услуг; б) как составная часть иных услуг или работ в других видах договоров в качестве необходимых сопутствующих услуг. Но информация передается не только при оказании услуг и не только в обязательствах по выполнению работ или оказанию услуг. Договоры в сфере инвестиционной деятельности характеризуются тем, что в них наблюдаются обе формы передачи информации. Поэтому необходимо учесть, что передача информации может происходить в обязательствах, не являющихся обязательствами по оказанию информационных услуг. Другими словами, любые информационные услуги включают передачу информации, но не любая передача информации является оказанием информационных услуг. Между тем возможен вариант, когда информационные услуги предоставляются в рамках иных договоров. Однако на природу таких договоров в литературе не обращается внимание. По нашему мнению, такие договоры должны признаваться смешанными (ч.3 ст.453 ГК РТ). Исходя из того, что во всех договорах в сфере инвестиционной деятельности оказываются информационные услуги или информация передается в иной форме, можно указать на информационный характер инвестиционных договоров.

## Литература


1. Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционном соглашении» от 19 марта 2013 года, № 944 //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2013. - № 3. - Ст. 187.
2. Брагинский М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Кн. 1:: Общие положения / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. - М.: Статут, 2005. – 479 с.
3. Хемптон Д.Д. Финансовое управление в страховых компаниях / Д.Д. Хемптон; пер. с англ. - М.: Анкил, 1995. – 264 с.
4. Жильцов А.Н., Муранов А.И. Международное частное право: иностранное законодательство/ А.Н. Жильцов, А.И. Муранов. - М.: Статут, 200l. – 892 с.
5. Мозолин В.П. Право США и экспансия американских корпораций. М., 1974. – 351 с.
6. Савина М.Ю. Договорно-правовое регулирование иностранной инвестиционной деятельности в Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.03 / Марианна Юрьевна Савина. - М., 2009. – 26 с.
7. Буслаева Л.М. Правовая природа инвестиционного договора / Л.М. Буслаева // Современное право. - 2012. - № 3. - С. 82-85.
8. Чекунова С.А. Правовое положение иностранных инвестиций в России / С.А. Чекунова //Законодательство и экономика. - 2003. - № 5. - С. 28-41.

# ТАБИАТИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ СОЗИШНОМАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

**РАҲИМЗОДА НАҶИБУЛЛО ЯКШАМ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 938-71-88-88. E-mail: najib_9393_111@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур моҳияти ҳуқуқии созишномаҳои сармоягузориро баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, гарчанде, ки онҳо моҳиятан меъёрҳои ҳуқуқӣ-гражданиро ифорода мекунанд, характери диспозитивӣ доранд ва ба принсипҳои баробарии тарафҳо, озодии изҳори иродаи асос меёбанд, аммо, созишномаҳои сармоягузорӣ таҳти таъсири меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ қарор доранд. Вақте ки созишномаҳои сармоягузорӣ хусусияти оммавӣ пайдо мекунанд, дар ин ҳолат шаффофияти иттилоот унсури диспозитивии ин созишномаро инъикос мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *Сармоягузорӣ, шартномаҳои сармоягузорӣ, табиати ҳуқуқӣ, сармоягузорони хориҷӣ, иттилоот.*

# CIVIL AND LEGAL NATURE OF INVESTMENT AGREEMENTS

**RAKHIMZODA NAJIBULLO YAKSHAM,**
Applicant Department of Law and Comparative Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 938-71-88-88. E-mail: najib_9393_111@mail.ru

*The article examines the legal nature of investment agreements. The author notes that contractual relations in the investment field depending on the subject of the contract, are under the strong influence of public law regulation, which is typical for our state even if they are essentially dispositive in nature of civil law norms and are based on the principles of equality of the parties and freedom of expression of their will. When investment agreements acquire a public law nature, then information transparency reflects the dispositive element of this agreement.*

***Key words:*** *investments, investment agreements, legal nature, foreign investors, information.*

УДК: 349.6

# ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТИ ЭКОЛОГӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**ҚОДИРЗОДА МИРЗОҚОДИР АЮБ,**
муовини сардори шуъбаи қонунгузории граждани,
соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 111-10-34-95. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru
**АКБАРАЛИЗОДА ҶАСУР АКБАРАЛӢ**
мутахассиси шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 926-60-09-74. E-mail: jasurbek_e@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур ҳолати ҳуқуқии иттилооти экологӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва масоили кафолатҳои дастрасӣ ба он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат ҳам масъалаи дастрасӣ ба иттилооти экологӣ яке аз механизмҳои баланд гардидани масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои экологӣ ва беҳтар гардидани муносибати мутақобилаи инсоният ва табиат мусоидат кунанда мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иттилооти экологӣ, муносибат, ҳуқуқ, қонун, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъект, объект, қонунгузорӣ, принсип, ҳифз, муҳити зист.*

Иттилоот маълумот дар бораи ашхос, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот ва равандҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад. Иттилоот ба иттилоот оид ба шахсият, иттилооти ҳуқуқӣ, иттилоот дар бораи шаҳрвандон, иттилооти иҷтимоишиносӣ ва ғайра ҷудо мешавад. Иттилооти экологӣ намуди алоҳидаи иттилоот ба ҳисоб меравад, ки дорои махсусиятҳои хоси худ буда, тибқи қонунгузории алоҳида танзим мегардад.

Мафҳуми иттилооти экологӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25 марти соли 2011, № 705 [1] пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он иттилооти экологӣ иттилооти ҳуҷҷатии дорои маълумот оид ба вазъи муҳити зист ва таъсир ба он, тадбирҳои ҳифзи он, ҳамчунин таъсири муҳити зист ба инсон мебошад, ки таркибашро Қонуни болозикр, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муайян менамоянд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 [2] мафҳуми иттилооти экологӣ ба таври васеъ муайян гардидааст. Тибқи Қонуни мазкур иттилооти экологӣ ҳама гуна иттилоот дар шакли хаттӣ, визуалӣ, акустикӣ, электронӣ ё ҳама гуна шакли дигари моддӣ дар бораи ҳолати муҳити зист ва ҷузъиёти он, инчунин робитаи мутақобилаи байни ин ҷузъиёт, омилҳо, ба монанди моддаҳо, энергия, садо, радиатсия, амалҳо, аз ҷумла чорабиниҳои маъмурӣ, созишномаҳои экологӣ, қонунгузорӣ, нақшаҳо ва барномаҳои марбут ба муҳити зист, хароҷоту даромадҳо ва дигар тадқиқоти иқтисодӣ ва дурнамоҳое мебошад, ки дар қабули қарорҳо оид ба муҳити зист истифода мегарданд.

Муносибатҳои иттиллотӣ ба принсипҳои: а) ҳуқуқи кафолатнок ба иттилоот; б) ошкоро ва дастрас будани иттилоот ва мубодилаи озоди он; в) ҳаққонӣ ва саҳеҳ будани

иттилоот; г) мукаммалӣ, саривақтӣ ва дақиқ будани иттилоот; ғ) қонунӣ будани гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот асос меёбад.

Субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат мебошанд. Дар умум объектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ин иттилооти ошкоршаванда дар бораи шахс, воқеаҳо ва падидаҳо дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илму техника, иҷтимоиёт, экология, соҳаҳои байналмилалӣ ва дигар соҳаҳо мебошанд.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда оид ба иттилооти экологӣ объекти муносибатҳо дар бахши иттилооти экологӣ иттилооти экологиест, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

–дар бораи вазъи муҳити зист, аз ҷумла ҳавои атмосферӣ, обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, замин, хок, олами набототу ҳайвонот, ландшафтҳои табиӣ, дигар объектҳои табиӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо, инчунин дар бораи организмҳои ирсӣ-муҳандисӣ ва микроорганизмҳо;

– дар бораи таъсири моддаҳо, инчунин энергия, ғалоғула, нурафканӣ ва дигар омилҳои физикӣ ба муҳити зист;

–дар бораи қарорҳои мақомоти давлатӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони ҳуқуқӣ вобаста бо таъсири манфӣ ба муҳити зист ё ҳифзи он, инчунин асосноккунии зарурати иҷрои онҳо, аз он ҷумла асосноккунии молиявию иқтисодӣ;

–дар бораи санадҳои қонунгузории ҶТ, нақшаҳои комплексии ҳудудӣ, барномаҳо ва чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, консепсияҳо, стратегияҳо, нақшаҳо, барномаҳо ва чорабиниҳое, ки амалигардонии онҳо ба муҳити зист таъсир мерасонад ё таъсир расонида метавонад, инчунин асосноккунии зарурати қабули онҳо, аз он ҷумла асосноккунии молиявию иқтисодӣ;

–дар бораи вазъи саломатӣ ва бехатарии шаҳрвандон;

–дар бораи шароити зиндагии шаҳрвандон то он дараҷа, ки ба онҳо муҳити зист ё тавассути муҳити зист омилҳои таъсиррасонанда.

Субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ба имконияти озодона гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани маълумоте, ки ҷиҳати татбиқи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ, анҷом додани мақсад ва вазифаҳои онҳо заруранд, ҳуқуқ доранд. Татбиқи ҳуқуқ, ба иттилоот аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ набояд ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, экологӣ ва дигар ҳуқуқҳо, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро вайрон кунад ва ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар оварад. Ба ҳар як шаҳрванд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, озодона дастрас намудани иттилоот, ки шахсан ба ӯ дахл дорад, таъмин карда мешавад.

Иттилоот оид ба вазъи муҳити зист кушодаю ошкоро буда, аз тариқи воситаҳои ахбори омма нашр карда мешавад. Пинҳон доштан, сари вақт пешниҳод накардан ё аз тарафи шахсони мансабдор пешниҳод кардани маълумоти нодурусти соҳаи ҳифзи муҳити зист манъ аст.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти экологӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳими инсон ба шумор меравад. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, №55 [3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411 [4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, №40 [5] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дода мешавад. Дар моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки мақомоти

давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан доронд, мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» пешбинӣ намудааст, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқи озодона дастрас кардани иттилооти экологии дар ихтиёри моликони иттилооти экологӣ мавҷуда, бе зарурати фаҳмонидани сабабҳои таваҷҷӯҳ ба ин иттилооти экологӣ, бо тартиб ва тарзе, ки Қонуни мазкур муайян намудааст, кафолат дода мешавад (моддаи 4). Дастрасии мақомоти давлатӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилооти умумии экологӣ тавассути пешниҳод ё интишори иттилооти умумии экологӣ аз тарафи моликони иттилооти экологӣ таъмин карда мешавад. Дастрасии мақомоти давлатӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилооти хосаи экологӣ дар асоси шартнома бо моликони иттилооти экологӣ таъмин карда мешавад.

Принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқи дастрас кардани иттилоот инҳоянд: а) дастрас ва ошкоро будани иттилоот; б) ҳаққоният ва мукаммалии иттилоот; в) сари вақт пешниҳод кардани иттилоот; г) ҳифзи ҳуқуқи дастрас намудани иттилоот, аз ҷумла аз тариқи суд; д) ҷавобгарӣ барои риоя накардани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот; е) риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сеюм ҳангоми вогузоштани иттилоот; ж) маҳдудияти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро муқаррар намудани Қонун танҳо ба ҳадде, ки он барои ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат, обрӯву эътибор ва беғаразии адолати судӣ, ахлоқ, сиҳатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Дастрасӣ ба иттилоот бо ду тарз, ҳатмӣ будани расонидани иттилоот ба маълумоти умум ва қонеъ гардонидани дархости шахсони ҷудогона ва дастаҷамъона ба иттилоот таъмин карда мешавад. Тартиби ҳатман ба маълумоти умум расонидани иттилоот бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи онҳо қабулгардида муайян карда мешавад.

Мақомоту ташкилотҳо, шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд дар ҳама ҳолат бо тамоми воситаҳои мавҷуда иттилооти ба онҳо маълумгардидаро дар бораи ҳолату вазъияте, ки ба амнияти ҷомеа, ҳаёт ва саломатии мардум таҳдид менамоянд, ба маълумоти умум бетаъхир расонанд.

Иттилоот ба самъи умум бо роҳи дар нашрияҳои махсус чоп кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҷойгир намудани онҳо дар маъхазу манбаъҳои маълумоти дастраси доираи номаҳдуди ашхоси манфиатдор расонида мешавад. Шахси манфиатдор метавонад иттилоотро аз рӯйи дархост бо тарзҳои зерин дастрас намояд:

1) шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои расмие, ки дорои иттилооти дархостшудаанд;

2) гирифтани нусхаи ҳуҷҷати дахлдор ё иқтибос аз он; гирифтани маълумотномае, ки дорои иттилооти матлуб аст; шифоҳӣ воқиф гардидан аз мазмуни иттилооти дархостшаванда;

3) воқиф гардидан аз манбае, ки дар нашрияи расмӣ иттилооти дархостшударо чоп кардааст.

Аз иттилооти дархостшуда, ҳамчунин ба тарзи шифоҳӣ воқиф гардидан ё онро хаттӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои электронӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Иҷрои вазифаҳои ташкили дастрасӣ ба иттилоот дар сохтори мақомоту ташкилотҳо ба зиммаи хадамоту шуъбаҳое, ки дар сохтори ин мақомоту ташкилотҳо мавҷуданд ва ҳамчунин ба зиммаи роҳбарони мушаххас гузошта мешавад. Вазифаи бо иттилоот таъмин намудани шахсони дархосткунандаи иттилоот дар низомномаи мақомот ё ташкилоти дахлдоре, ки дар ҷараёни фаъолияти онҳо иттилооти мазкур ҳосил мегардад, сабт карда мешавад.

Ҳуқуқу уҳдадорӣ ва масъулияти хадамоту шуъбаҳои махсус, шахсони мансабдоре, ки ин вазифаро ба ҷо меоваранд, бо низомномаҳои хадамоту шуъбаҳои мазкур ва дастурамалҳои мансабие, ки бо тартиби маъмулӣ тасдиқ гардидаанд, муқаррар карда мешаванд. Барои иҷрои вазифаҳои таъмини дастрасии иттилоот мақомот ё ташкилоте, ки иттилооти мазкурро эҷод мекунанд, метавонанд ташкилотҳоеро, ки бо расонидани иттиллоот машғуланд, дар асоси шартнома бо салоҳдиди худ ҷалб намоянд.

Маълумоти ташкилотҳои мазкур (номи ташкилот, нишонии почта, рақами телефон, факс, нишонии почтаи электронӣ, нишонии шабака (маълумоти ташкилот) ба маълумоти шахси дархосткунандаи иттилоот расонида мешавад. Қоидаҳои иҷрои дархост барои гирифтани иттилоот аз тарафи роҳбари мақомот ё ташкилоти дахлдор муқаррар карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур ном ва тартиби кори ташкилоту хадамот ва шуъбаҳо ё шахсони мансабдореро, ки вазифаи таъмини дастрасии иттилоот ба зиммаашон гузошта шудааст, гурӯҳҳои иттилооти манзуршаванда, намудҳои хизматрасонии бо пешниҳод шудани он алоқаманд (аз ҷумла тартиби дастрасии низомҳои автоматикунонидашудаи иттилоот), тартиби пардохти ҳаққи хизматрасонии мазкур ва дигар шартҳои дастрасии иттилоотро дар бар мегиранд.

Дар адабиёти илмӣ манбаъҳои иттилооти экологӣ пешниҳод гардидааст. Манбаъҳои иттилооти экологӣ кадастри захираҳои табиӣ, мониторинги экологӣ, бақайдгирии эҳтимолияти хавфнокии ашёҳои химиявӣ ва биологӣ, шиносномаи экологии ташкилот, эъломияи амнияти объектҳои саноатӣ, маърӯзаи давлатӣ оид ба ҳолати муҳити зист мебошанд [6, с.263-264]. Иттилооти экологӣ бо ду тарз: якум, ҳамчун фаъолияте, ки дар ҷараёни он ҷустуҷӯ, ҷамъ, коркард ва нигоҳдории иттилоот ба амал бароварда мешавад ва шаклгирии захираҳои иттилоотӣ ва дуюм, натиҷаи фаъолияти зикршуда, яъне худи захира ва низоми иттилоотӣ пайдо мешавад [7, с.124].

Манбаъҳои иттилооти экологиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумки аст: а) маълумот оид ба объектҳои табиӣ (сифат ва шумораи онҳо, хусусияти истифодабарӣ, истифодабаранда); б) иттилооте, ки объектҳои фаъолияти хоҷагидориро ба имконияти расонадидани зарар ба муҳити зист, инчунин ба саломатии аҳолӣ собит менамояд [8, с.75].

Захираҳои иттилооти экологӣ иттилооти экологие ба ҳисоб меравад, ки сарфи назар аз усули пешниҳод ё ташкили нигоҳдориаш (аснод, маҷмӯи аснод, захираҳои китобхонаҳо, бойгониҳо, махзани маълумот), барои воридкунӣ ба низоми иттилоотии экологӣ пешбинӣ шудааст ё дар дохилаш мавҷуд аст.

Танзими ҳуқуқии ташаккул ва пешбурди захираҳои иттилооти экологӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва Тартиби ташаккул ва пешбурди захираҳои давлатии иттилооти экологӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2012, № 542 [9] тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Ташаккул ва пешбурди захираҳои давлатии иттилооти экологиро Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ месозад.

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷамъоварии марказонидашуда, баҳисобгирӣ, маҳфуз доштан ва истифодаи иттилооти экологӣ тадбирҳоро таҳия ва амалӣ мегардонад. Иттилооте, ки ба Кумита пешниҳод мегардад, расман қабул гардида, ба қайд ва ҳисоб гирифта мешавад, инчунин шабакабандӣ гардида, барои пешниҳод ба мақомот ва ташкилоти дахлдор, бо истифода аз ҷониби зерсохторҳои он омода карда мешавад.

Захираҳои иттилооти экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои иттилооти давлатӣ буда, бо мақсади амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини мубодилаи иттилоот байни мақомот ташаккул дода мешавад. Захираҳои иттилооти экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузорӣ дар асоси иттилооте, ки дар шабакаҳои иттилоотии экологӣ мавҷуд аст, инчунин ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи ҳифзи табиат ташаккул меёбанд.

Захираҳои давлатии иттилооти экологӣ аз мавод ва ҳуҷҷатҳои зерин иборатанд:

–иттилооти экологие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ба таври ҳатмӣ ва ихтиёрӣ пешниҳод мешавад;

–дар бораи кадастри захираҳои табиӣ;

–дар бораи омӯзиш, барқарорсозӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ;

–дар бораи пешбурди хоҷагии ҷангал, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ;

–дар бораи нигоҳ доштани гуногунии биологӣ, ташкили муҳофизат ва истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

–дар бораи холати қаъри замин, об, дигар захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;

–дар бораи муомилот бо партовҳо;

–рӯйхати истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ хатарнок;

–нишондиҳандаҳои мониторинги экологӣ;

–маводи арзёбии таъсир ба муҳити зист ва экспертизаи экологии давлатӣ бо ризоияти супоришдиҳандаи фаъолияти пешбинишаванда;

–санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ;

–нусхаи ҳисобот дар бораи иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктории марбут ба ҳифзи муҳити зист;

–адабиёти илмию техникӣ дар соҳаи экология ва технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза;

–мавод ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки иттилооти экологӣ доранд.

–шаклҳои пешниҳоди иттилооти экологӣ.

Пешниҳод ва интишори маълумоте, ки ба захираҳои давлатии иттилооти экологӣ ворид шудааст, мувофиқи м. 9, 10, 11, 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилооти экологӣ” амалӣ карда мешавад. Ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот дар бораи истифодаи табиат ва вазъи экологии муҳити зист дар шакли зерин пешниҳод карда мешавад: а) низомҳои иттилооти экологӣ; б) технологияҳои иттилооти экологӣ; в) захираҳои иттилооти экологӣ, аз ҷумла махзан ва бонки маълумоти иттилооти экологӣ, амсилаҳои иттилоотӣ ва бонки амсилаҳо, маҷмӯи харитаҳои рақамӣ ва атласҳо, ҳисоботи электронӣ, бойгониҳои автоматикунондашуда ва дигар иттилооти ҳуҷҷатикардашудаи экологӣ; г) маҳсулоти иттилооти экологӣ; д) раванд-ҳои иттилооти экологӣ. Кумита иттилооти экологиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва дигар мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод мекунад.

Иттиллот дорои шаклҳои мухталиф мебошад ва дар маҷмӯъ қонунгузорӣ шаклҳои зерини итилоотро муқаррар намудааст:

1) иттилооти омории давлатӣ иттилооти ҳуҷҷатии расмии давлатиест, ки ба воқеаҳо ва падидаҳои дар иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рухдода, тавсифоти миқдорӣ медиҳад;

2) иттилооти оммавӣ иттилоотест, ки ба таври оммавӣ тавассути нашрияҳо, воситаҳои сабти овоз ва видео паҳн карда мешавад;

3) иттилооти ҳуқуқӣ маҷмӯи маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба ҳуқуқ, системаи он, манбаъҳои татбиқ ва далелҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, вайрон кардани ҳуқуқ ва мубориза бо он, пешгирии қонуншиканӣ ва ғайра мебошад;

4) иттилоот оид ба шахсият маҷмӯи маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба шахсият, иттилооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ, маълумоти муназзам, ҳуҷҷатӣ ё маълумоти ба таври оммавӣ эълоншуда дар бораи ҳаёти ҷамъиятӣ, давлатӣ ва муҳити табиии зист аст;

5) иттилооти дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ-маълумоти муназзам, ҳуҷҷатӣ ё маълумоти ба таври оммавӣ эълоншуда дар бораи ҳаёти ҷамъиятӣ, давлатӣ ва муҳити табиии зист ба шумор меравад;

6) иттилооти ҳуҷҷатикунонида (аснод) иттилооти дар манбаи моддии иттилоот қайдшуда бо маълумотҳое (реквизитҳое), ки барои ҳаммонандкунии он имкон мебошад;

7) иттилооти мақомоти низомҳои давлатии идоракунӣ-иттилооти расмии ҳуҷҷатеанд, ки дар ҷараёни фаъолияти ҷории ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташкил карда мешавад, дониста мешаванд;

8) иттилооти иҷтимоишиносӣ – маълумоти сотсиологии ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба муносибатҳои шаҳрвандони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбат ба воқеа ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ, ҷараёнҳо ва далелҳо мебошанд;

9) иттилоот дар бораи шаҳрвандон (маълумоти шахсӣ) – маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои зиндагии шаҳрванд, ки ба ҳаммонандкунии шахсияти ӯ имкон медиҳад, дониста мешаванд.

Иттилооти экологӣ ба иттилооти умумии экологӣ ва иттилооти хосаи экологӣ тақсим мешавад. Иттилооти умумии экологӣ-иттилооти экологие ба ҳисоб меравад, ки барои истифодаи омма аз ҷониби моликони иттилооти экологӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳояшон, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, муқаррар шудааст.

Иттилооти хосаи экологӣ иттилооти экологие мебошад, ки дар асоси шартнома манзур мешавад ва барои пешниҳоди он тайёрии иловагӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот зарур аст. Ба иттилооти хосаи экологӣ нисбат додани иттилооти экологие, ки аз ҳодисаи расонидани зарар ба муҳити зист иборат аст, манъ аст.

Иттилооти экологие, ки моликони иттилооти экологӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» пешниҳод ё интишор мекунанд, дар натиҷаи фаъолиятҳои зерин ташаккул меёбад: гузаронидани мониторинги муҳити зист; гузаронидани ченкунӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; ба роҳ мондани баҳисобгирии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; ба роҳ мондани баҳисобгирии захираҳои табиии

истифодашаванда ва таъсир ба муҳити зист; гузаронидани арзёбии таъсири фаъолияти пешбинишудаи хоҷагидорӣ ё фаъолияти дигар ба муҳити зист; гузаронидани экспертизаи экологӣ; амалӣ намудани назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; гузаронидани аудити экологӣ; гузаронидани сертификатсияи экологӣ; амалӣ намудани бамеъёрдарорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; таҳия ва амалӣ намудани нақшаҳои маҷмӯии ҳудудӣ, барномаҳо ва чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист.

Додани иҷозатномаҳо (литсензияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ, ки дар асоси онҳо захираҳои табиӣ ҳамчун манбаи ҷамъоварии иттилооти экологӣ истифода карда мешаванд, ворид намудани тағйирот ва (ё) иловаҳо ба ин иҷозатномаҳо (литсензияҳо) ё дигар ҳуҷҷатҳо, манъnamoӣ, барқароркунӣ, тамдиди мӯҳлати амали иҷозатномадиҳӣ, қатъ намудани амали онҳо тибқи қонунгузорӣ муқаррар карда мешавад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот мумкин аст, маҳдуд карда шавад. Маҳдудиятҳои дастрасӣ ба иттилоот танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ имконпазир аст.

Тибқи моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооти экологӣ» пешниҳод ё интишори иттилооти экологӣ дар мавридҳои зерин манъ аст, агар:

– иттилоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри давлатӣ ба шумор равад;

– ошкор намудани иттилоот ба баррасии судии парвандаҳо, пешбурди тафтишоти пешакӣ ва истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ халал расонад;

– ошкор намудани иттилоот ба муҳити зист зарар расонад ё хатари расонидани чунин зарарро дошта бошад;

– ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, бо дарназардошти амнияти давлат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои щаҳрвандон, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ муайян намудаанд.

Пешниҳоди иттилооти экологӣ, инчунин рад карда мешавад, агар: а) мақомоти давлатӣ, ташкилоти дигари давлатӣ иттилооти дархостшударо надошта бошанд ва гирифтани чунин иттилоот аз дигар моликони иттилооти экологӣ, бинобар набудани он ғайриимкон бошад; б) шахси ҳуқуқӣ, ки мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ нест, иттилооти экологии дархостшударо надошта бошад; в) дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Ҳамзамон, як қатор иттилооти экологие, ки низоми онҳо дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешаванд. Дастрасӣ ба иттилооти экологии зерин маҳдуд карда намешавад:

1) дар бораи вазъи муҳити зист ё зарари ба он расида;

2) дар бораи партови моддаҳои олудакунанда ба атмосфера, партови гандаобҳо ба объектҳои обӣ, ки аз меъёрҳои ҳифзи муҳити зист зиёданд ва ё дар сурати набудани чунин меъёрҳо, агар муайянкунии онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд;

3) дар бораи партови моддаҳои кимиёвӣ ё дигар моддаҳо, омехтаи онҳо, ашёҳо ва дигар партовҳо ба объекти обӣ;

4) дар бораи афтодани моддаҳои кимиёвӣ ва дигар моддаҳо ба замин ва хок, ки ба бадшавии ҳолати онҳо ё сифати обҳоиеризаминӣ оварда мерасонад;

5) дар бораи нурафкании иондоркунанда ва электромагнитӣ, ғалоғула ё таъсири дигари физикии аз меъёрҳои ҳифзи муҳити зист зиёд ё набудани чунин меъёрҳо, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардани онҳоро талаб намояд;

6) дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Иттилооти умумии экологӣ аз тарафи молики иттилооти экологӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки мақомоти давлатӣ ва ё ташкилоти дигари давлатӣ (дархосткунанда) ба ҳисоб намераванд, дар асоси дархости онҳо ройгон пешниҳод карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муайян накарда бошад. Иттилооти умумии экологӣ аз тарафи молики иттилооти экологӣ ба дархосткунанда дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи воридшавии дархост оид ба пешниҳоди он манзур карда мешавад. Талабот ба дархост оид ба пешниҳоди иттилооти умумии экологиро қонунгузорӣ муайян менамояд.

Иттилооти умумии экологӣ дар шакл, ҳаҷм ва таркиби зикрнамудаи дархост оид ба пешниҳоди иттилооти умумии экологӣ пешниҳод мешавад. Агар молики иттилооти экологӣ барои дар шакл ва ҳаҷми дархостшуда пешниҳод намудани иттилооти экологӣ имконияти техникӣ надошта бошад, онро дар шакл ва ҳаҷми мавҷуда бо зикри сабабҳои дахлдор манзур мегардонад. Дар сурати шахси ҳуқуқӣ будани молики иттилооти умумии экологии дархостшуда, ки мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ намебошад, мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ, ки ба унвонаш дархост ворид шудааст ва қонеъ намудани ин дархост ба салоҳияти ӯ дохил мешавад, вазифадор аст, ки дар давоми даҳ рӯзи баъди ворид шудани дархост чунин иттилооти экологиро аз молики иттилооти экологӣ мустақилона дархост намояд ва дархосткунандаро хаттӣ дар ин бора огоҳ созад.

Мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ, ки иттилооти умумии экологиро дастрас намудааст, иттилооти мазкурро дар давоми як моҳ аз рӯзи воридшавии дархост ба дархосткунанда пешниҳод менамояд. Дар ҳолати аз молики иттилооти экологӣ гирифтани раднома дар бораи пешниҳоди иттилооти умумии экологӣ, мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ дар давоми панҷ рӯзи баъди воридшавии раднома дархосткунандаро бо зикри сабабҳои радди дархост огоҳ месозад.

Агар қаноатбахш кардани дархост оид ба пешниҳоди иттилооти умумии экологӣ дар салоҳияти мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатӣ набошад, онҳо вазифадоранд, ки дар давоми панҷ рӯзи баъди воридшавии дархост онро ба дигар мақомоти давлатӣ ё ташкилоти дигари давлатие, ки салоҳияти қаноатбахш гардонидани чунин дархострo дороанд, равон намоянд ва дар ин хусус дархосткунандаро огоҳ созанд. Агар иттилооти экологии дархостшуда ба иттилооти хосаи экологӣ мансуб бошад, молики иттилооти экологӣ вазифадор аст, ки дар давоми панҷ рӯзи баъди воридшавии дархост ба дархосткунанда бастани шартномаи дарёфти иттилооти хосаи экологиро пешниҳод намояд.

Дар сурати мавҷудияти асос барои рад намудани пешниҳоди иттилооти экологӣ, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, молики иттилооти экологӣ дар давоми панҷ рӯз дархосткунандаро дар бораи рад намудани дархости пешниҳоди иттилооти экологӣ бо нишон додани сабабҳои радномаӣ ва фаҳмонидани тартиб ва мӯҳлати эътироз нисбати қарори қабулшуда хаттӣ огоҳ менамояд.

Иттилооти умумии экологӣ аз тарафи моликони иттилооти экологӣ ба мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои дигари давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости онҳо бо роҳи табодули чунин иттилоот ё ирсоли он пешниҳод карда мешавад. Иттилооти хосаи экологӣ ба мақомоти давлатӣ ройгон

пешниҳод карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муайян накарда бошад.

Иттилооти хосаи экологӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартномаи дарёфти иттилооти хосаи экологӣ пешниҳод карда мешавад. Андозаи пардохт барои чунин иттилоот набояд аз хароҷоти асоснок барои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти хосаи экологӣ зиёд бошад.

Иттилооти умумии экологӣ аз тарафи моликони иттилооти экологӣ тавассути нашрияҳо, воситаҳои дигари ахбори омма, сомонаҳои расмии худ дар шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ ё бо роҳҳои дигари дастраси умум тибқи қонунгузорӣ интишор карда мешавад. Интишори иттилооти экологӣ ин амали молики иттилооти экологӣ, ки мақсадаш тавассути ҷойгиронӣ дар нашрияҳо, дигар воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои расмии худ дар шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ ё бо роҳҳои дигари дастраси умум расонидани иттилооти экологӣ ба мақомоти давлатӣ, шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Нисбат ба иттилооти экологӣ талаботҳои муайян мавҷуд аст. Иттилооти экологӣ бояд ба се талаботи асосӣ – пурра, боэътимод ва саривақтӣ ҷавобгӯ бошад[10, с.234]. Иттилооти экологӣ он вақт пурра ба ҳисоб меравад, ки онро субъекти ваколатдор ба шахсони манфиатдор дар ҳаҷми муайяннамудаи қонунгузорӣ пешниҳод менамояд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар субъект уҳдадор мебошанд, ки ба шахси дархосткунанда иттилооти экологиро дар ҳаҷми пурра, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, пешниҳод намояд. Иттилооти экологӣ боэътимод эътироф мешавад, агар он воқеан ҷой дошта бошад, яъне воқеӣ ва ҳақиқӣ бошад. Иттилооти саривақтӣ – иттилооте ҳаст, ки дар вақти зарурат дода шудааст, яъне сари вақт пешниҳод гардидааст. Ба таври дигар иттилооти экологӣ, бояд дар вақте пешниҳод карда шавад, ки ба он зарурият аст, на пештар ва на баъдан.

Талаботҳои зикршуда на танҳо хусусияти назариявӣ, балки амалӣ низ доранд. Субъекте, ки уҳдадории пешниҳоди иттилооти экологиро дорад, бояд иттилоотро пурра, боъэтимод ва сари вақт пешниҳод намояд. Дар сурати вайрон кардани талаботи мазкур субъекти талаботҳоро вайронкарда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз ҷониби шахси мансабдор радди ғайриқонунӣ ба шаҳрванд додани санад ё ҳуҷҷатҳое, ки бевосита ба ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дахл доранд ва мутобиқи тартиби муқарраршуда ҷамъоварӣ гардидаанд, инчунин додани маълумоти нопурра ё қасдан додани чунин маълумоти барғалат, агар он ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамин шаҳрванд зарар расонида бошад (моддаи 148) ва барои ниҳон доштан ё таҳриф кардани иттилоот дар мавриди ҳодисаҳо, воқеаҳо ё рӯйдодҳое, ки барои ҳаёт ё саломатии одамон ё муҳити атроф хавфнок мебошанд, аз ҷониби шахсе, ки вазифадор аст аҳолиро бо чунин иттилоот таъмин намояд (моддаи 208), пешбинӣ намудааст.

Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳод накардан, пинҳон доштан ё таҳриф намудани маълумот вобаста ба ҳолати муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ, инчунин дар бораи сарчашмаҳо ва ҳаҷми заҳролудкунӣ, пинҳон доштани ҳолатҳои гӯронидани партовҳо, аз меъёр зиёд ба ҳаво партофтани моддаҳои заҳролудкунанда ё таҳриф намудани маълумот вобаста ба садамаҳои дорои оқибати манфии экологӣ ва дараҷаи заҳролудкунии муҳити зист (моддаи 218), ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар гардидааст.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз 25 марти соли 2011 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.07.2020).

2. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2011. – № 7-8. – Мод. 614; 2014. – № 11. – Мод. 66; 2014. – № 1160; 2017. – № 1449.

3. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2002. – № 4. – қ. 2. – Мод. 320; 2012. – № 848.

4. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2008. – № 6. – Мод. 469.

5. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2001. – № 7. – Мод. 503.

6. Бринчук М.М. Экологическое право. –М. 2008 г. – 383 стр.

7. Данилова Н.В. Экологическое право: учебное пособие. 2-е изд., испр. и. Доп. Тюмень: Издательство Тюменского государственного университета, 2007. – 124 с.

8. Навасардова Э.С. Экологическое информационное обеспечение и кадастры природных объектов // Законадательство и экономика. – 2001. – № 7. – С. 75.

9. Тартиби ташаккул ва пешбурди захираҳои давлатии иттилооти экологӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2012 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.07.2020).

10. Экологического право Таджикистана: учебник / Султонова Т.И., Золотухин А.В., Шабозов Р.Г., Улугов У.А. / Под. ред. Т.И. Султоновой. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 234 с.

# ДОСТУП К ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ИНФОРМАЦИИ: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ

**КОДИРЗОДА МИРЗОКОДИР АЮБ,**
заместитель начальника отдела гражданского,
предпринимательского и семейного законодательства
Национального центра законодательства при
Президенте Республики Таджикистан,
734024, Душанбе, Республика Таджикистан.
Тел.: (+992)111-10-34-95. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru
**АКБАРАЛИЗОДА ДЖАСУР АКБАРАЛИ,**
специалист отдела международного права
Национального центра законодательства при
Президенте Республики Таджикистан,
734024, Душанбе, Республика Таджикистан.
Тел.: (+992)926-60-09-74. E-mail: jasurbek_e@mail.ru

*В статье анализируется и обсуждается правовой статус экологической информации как правового явления и вопросы гарантий доступа к ней. Действительно, вопрос доступа к экологической информации является одним из механизмов повышения ответственности участников экологических отношений и улучшения отношений между человечеством и природой.*

***Ключевые слова:*** *Экологическая информация, отношение, право, Закон, Правительство Республики Таджикистан, субъект, объект, законодательство, принцип, охрана, окружающая среда.*

# ACCESS TO ECOLOGICAL INFORMATION: THEORETICAL AND LEGAL BASIS

**QODIRZODA MIRZOQODIR AYUB,**
Deputy Head of the Civil, Entrepreneurial and
Family Legislation Department of the National Center of Legislation under the
President of the Republic of Tajikistan,
734024, Dushanbe, Republic of Tajikistan.
Phone: (+992)111-10-34-95. E-mail: mirzokodir-1@mail.ru
**AKBARALIZODA JASUR AKBARALI,**
Specialist of the International Law Department of the
National Center of Legislation under the
President of the Republic of Tajikistan,
734024, Dushanbe, Republic of Tajikistan.
Phone: (+992)926-60-09-74. E-mail: jasurbek_e@mail.ru

*The article analyzes and discusses the legal status of environmental information as a legal institution and issues of guarantees of access to it. Indeed, the issue of access to environmental information is one of the mechanisms for increasing the responsibility of participants in environmental relations and improving relations between humanity and nature.*

***Key words:*** *ecological information, relation, right, Law, Government of the Republic of Tajikistan, subject, object, legislation, principle, protection, environment.*

УДК: 33.331.

# НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР САМТИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**СОБИРЗОДА АЛОВУДДИН ҶАББОР,**
унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3.
Тел.: (+992) 907-92-52-26

*Дар мақола нақши таҷрибаи давлатҳои пешқадам дар самти таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Анъанаҳои миллӣ на танҳо асоси пойдорӣ ва инкишофи иҷтимоиёти давлат, балки шарти рушди иқтисодиёти он низ мебошад. Соҳиби ва нигоҳбинии таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро давлат бар дӯш дорад.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф муносибатҳои иҷтимоиро дар системаи идоракунӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва таҷрибаи ҷомеаи муосир баррасӣ мекунад. Муаллиф вазъи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тавре нишон медиҳад, ки одамон дар талоши қонеъ кардани ниёзҳои худ ба онҳо пайравӣ мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, масоили иҷтимоӣ, ниҳоди иҷтимоӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, давлат, таъминот, ҳимоя.*

Яке аз масъалаҳои асосии давлат ин ҳимояи низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоии инсон ба шумор меравад ва тамоми давру замон дар мадди назари олимон, муҳаққиқону рӯшанфикрон буд ва то имрӯз қиммати илмии худро гум накардааст.

Яке аз талаботҳои асосӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоист, ки ин талабот ҳамзамон бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ба миён омада буд ва ба амал бароварда мешуд. Аз замони давлати Сомониён то Инқилоби Октябр таъминоти иҷтимоӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ вобаста буданд ва меъёрҳои динӣ сарчашмаи танзимкунандаи ин муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд. «Дар Тоҷикистони тоинқилобӣ муносибатҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва одатҳои оддӣ-ҳуқуқӣ танзим мешуданд. Ҳуқуқи мусулмонӣ танзими ҷузъии масоили муносибатҳои меҳнатиро дар бар намегирифт» [3. С. 10].

Баъд аз Инқилоби Октябр то соли 1940 марҳилаи бавуҷудоӣ ва инкишофи қонунгузории ҳуқуқи таъминоти иҷтимоиро баъзе аз муҳаққиқон ва олимон ҳамчун қисмати таркибии ҳуқуқи меҳнат ҳисобидаанд.

«Дар марҳилаи то капиталистӣ ва давраи капитализм нисбати камбизоатони қобили меҳнат чораҳои таҳдидӣ татбиқ мегардиданд, ки бо ёрии қишрҳои камбизоатони ғайри қобили меҳнат мувофиқ гардонида мешуданд. Бештар ҷонибҳои расонидани хизмат ба эҳтиёҷмандон берун аз танзимнамоии қонунгузорӣ буданд. Инчунин мушаххас уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, доираи шахсони дорандаи ҳуқуқ ба кӯмак, ҳаҷми кӯмак ва сарчашмаҳои он муайян нагардида буд» [5. С. 251].

Таъминоти иҷтимоӣ, дар ИҶШС системаи чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодие буд, ки давлат барои таъмини моддии шаҳрвандон ва кормандони давлатӣ ҳангоми пиронсолӣ ва гум кардани қобилияти корӣ, ҳаматарафа таъмин намудани модарону фарзандон, хизматрасонии тиббӣ ва табобат муқаррар намуда буд. Нафақа ва ёрдампулӣ дар шаклҳои гуногун муҳимтарини таъминоти иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Дар таъминоти иҷтимоии пиронсолон ва маъюбон хизмати иҷтимоӣ мавқеи муҳим дошт. Шумораи зиёди хона-интернатҳо, аз ҷумла хона-интернатҳои бачагони маъюб

дар таъминоти пурраи давлатӣ буданд ва бепул ё бо як қатор имкониятҳо ба истифодабарӣ додани воситаҳои нақлиёт ба инвалидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъзе категорияҳои дигари нафақахӯрон ба нақлиёти дохилишаҳрӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан ва обӣ, инчунин барои манзил, хизмати маишӣ, андоз ва ғайра додани итиёзҳо шаклҳои асосии хизмати иҷтимоӣ ҳисобида мешуданд. Мақомотҳои таъминоти иҷтимоии шӯравӣ дар ихтиёри худ техникуму интернатҳо, мактабҳои касби техникӣ-интернатҳо доштанд, ки маъюбон дар онҳо касб омӯхта, баъди хатми онҳо дар истеҳсолот кору фаъолият менамуданд.

Бо назардошти мақсади асосии мақолаи мазкур бояд тазаккур дод, ки бе таҳқиқу таҳлил ва кушода додани асоси таркиби иҷтимоии ҷомеаи Шӯравӣ то солҳои 80-уми асри XX, ошкор намудани таркиби иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ то замони соҳибистиқлолӣ ва бад аз он аз имкон берун аст. Чӣ тавре, ки маълум аст, табақабандии иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, ки натиҷаи табаддулоти инқилобӣ аз поён буд, бо назорати сиёсӣ ва маъмурӣ фаро гирифта шуда буд. Дар он нақши асосиро системаи этократӣ – ба ҳам омезиши ҳокимият ва моликият (афзалияти моликияти давлатӣ), шакли давлатӣ - инҳисории тарзи истеҳсолот, бартарияти тақсимоти марказонидашуда, миллитаризатсияи иқтисодиёт, табақабандӣ тибқи мансабу мартаба, ки мавқеи фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз ҷои ишғол кардаашон дар структураи ҳокимияти давлатӣ, муайян карда мешуд иборат буд.

Бо таҳаввулоти гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар охирҳои солҳои 90-уми асри XX ва хусусан дар асри бисту як, баҳс дар бораи «низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ» яке аз ҷиддитарин баҳсҳое шуд, ки тарафдорон ва мухолифони низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ аз баррасии он ночор буданд. Дар ин миён андешамандон ва олимону муҳаққиқони ин самт бори сангинтареро бар дӯши худ эҳсос карданд, чаро ки саъю талоши ҷиддии онҳо ба ин хотир буд то нишон диҳанд, ки «низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ» як зарурати асосӣ раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробон монда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббиву иҷтимоист, ки дигаргуниҳои замонавию таърихӣ наметавонад онро канор бизанад ва бемасраф созад.

Бояд тазаккур дод, ки буҳрони сиёсӣ, идеологӣ ва иҷтимоии солҳои 90-уми асри XX-и Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аз он ҷумла Тоҷикистон таъсири миёншикане надошт. Тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар маҷрои муайяни осоиштагӣ бо дастгирии ҳаматарафаи ҳукумати Иттифоқ бо меҳнати фидокоронаи халқ, ки аз тақдири худ дар оилаи бародаронаи халқи сермиллати Шӯравӣ розӣ буданд ва пеш мерафт.

Вале, «бозсозии горбочёвӣ», ки ҳамчун чорабинии аз ҳолати барҷомондагӣ баровардани Иттиҳоди Шӯравӣ пешбинӣ шуда буд, бо сабабҳои мувофиқат накардан ба ҳақиқати воқеии системаи сиёсӣ ва идеологӣ шикаст хӯрда, ба катализатори тезондани буҳрони ҳамагонӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ мубаддал гардид. Фурсати аз боло, тадриҷан бо роҳи ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ ба монанди Ҷумҳурии халқии Хитой ва Кореяи Шимолӣ дар доираи интизоми қатъии ҳизбиву давлатӣ ва муттаҳидӣ меҳнаткашон дар атрофи Ҳизби коммунист гузаштан, аз даст рафт.

Бо пош хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ миллатҳое, ки дар арсаи таърих нуфуз ва мавқею ҷойгоҳи худро доштанд бо маром соҳиби давлати мустақили худ гардиданд. Дар ин миён халқи тоҷик низ ба монанди солҳои аввали Ҳокимияти Шӯроҳо ба мафҳуми олими саршиноси миллати тоҷик Раҳим Масов ҳудуди

«табартақсим»-и худро соҳибӣ намуд ва таъсиси давлати соҳибихтиёри худро эълон дошт.

Вале аз камии таҷриба ва фарҳанги сиёсӣ, мутаассифона, миллати соҳибтамадуни мо зиракии сиёсиро аз даст дод ва ба гирдоби пурталотуми тақдир афтод ва марҳилаву рӯйдодҳои бисёр пуртаҳалукаю ҳассоси таърихиро пушти сар намуд. Имрӯз кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Принсипи мазкур тақозо менамояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳо тавассути қонунҳое танзим шаванд, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқ ва адолату инсондӯстӣ бошанд.

Айни замон, Тоҷикистони муосир дар давраи тақдирсозӣ гузариш аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи озоду худтанзимшавандаи либералӣ, аз тамаддуни анъанавӣ ба тамаддуни либералӣ қарор дорад. Дар ҷумҳурӣ ҳоло арзишҳои умумиинсонии ҳуқуқӣ (ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазири фитрӣ, волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ, таҷзияи ҳокимият, идоракунии парлумонӣ, парлумони касбӣ), либералӣ (озодии фардӣ, моликияти фардӣ, бозори озод, муносибатҳои бозоргонӣ, соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ), сиёсӣ- маънавӣ (плюрализми сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, ғайриҳизбӣ кунонидани мақомоти давлатӣ, истифодаи озодонаи воситаҳои ахбор, дастовардҳои фарҳангӣ, ақидаву анъанаҳои миллӣ) ташаккул ёфта истодаанд [6. С. 480].

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар ҳифзи иҷтимоии маъюбон» [2] оғози замина ва марҳилаи нави инкишофи таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти нафақавӣ бошад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993 шурӯъ гардидааст, ки дар раванди амалигардиии худ ин қонун ислоҳотҳои зеринро ба миён овардааст:

-аввалан низоми ягонаи таъминоти иҷтимоӣ-нафақавӣ созмон ёфт, ки ба фаъолияти меҳнатӣ ва дигар намудҳои фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ вобастагӣ надорад. Он нафаронеро, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, аъзои кооперативҳо мебошанд, соҳибкорони инфиродиянд ва шахсони дигаре, ки таҳти суғуртаи давлатии иҷтимоӣ қарор доштаро фарогиранд;

-маблағгузории нафақа аз ҳисоби бунёдҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии махсус;

-баландбардории ҳаҷми нафақа ва аз байн бурдани баробарнамоии он ва монанди инҳо.

Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо дар қонун механизмҳои зерин мустаҳкам гардонида шуданд:

-муосиргардонии даромад, ки аз он нафақа ҳисоб карда мешавад;

-тафриқагузории ҳаҷми нафақа вобаста ба давомияти собиқаи меҳнатӣ (барои ҳар як соли пурраи кории зиёда аз 25-солаи мардҳо ва зиёда аз 20-солаи занон нафақа ба андозаи 1 фоиз маош меафзояд);

-индексатсия ва ё ҷуброни нафақа вобаста ба болоравии нарх ва монанди инҳо.

Дар ин марҳила инчунин институтҳои таъминоти нафақавӣ инкишоф дода шуданд. Ба собиқаи корӣ марҳилаҳое дохил карда шуданд, ки пештар ба инобат гирифта намешуданд. Ба мисоли омӯзиш дар донишгоҳ ва аспирантура, нигоҳубини маъюбони гуруҳи 1, кӯдакони маъюби то 16-сола, пиронсолон ва монанди инҳо.

Дар раванди институти нафақаи маъюбӣ намуди нави нафақа-нафақаи маъюбӣ дар натиҷаи осеби ҳарбӣ пайдо шуд. Қонун институти нафақаҳои иҷтимоии навро барои низоми ватании нафақа муқаррар намуд.

Санаи 1 декабри соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» қабул карда шуд, ки ҳолати ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбиро ба гирифтани нафақа ба пуррагӣ муайян менамояд.

Баъдан дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таъминоти иҷтимоӣ, қонунҳо, барномаву консепсияҳо таъсис дода шуданд, ки айни замон дар ҳолати рушд қарор доранд. Баъди қабули Конститутсия роҳу равиш ва сатҳи зиндагии мардум дигаргун гардида, рушди падидаҳои конститутсионӣ бори дигар собит намуд, ки ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар берун аз меъёрҳои Конститустия наметавонад, орому пурмаҳсул ҷараён гирад. Ғайр аз ин ҳамаи пешравиҳое, ки дар ҳаёти ҷомеаи навини тоҷикон сурат гирифтааст, бидуни Конститутсия ва ислоҳоти баъдинаи конститутсионӣ ба амал омаданашон ғайриимкон буд.

Бояд дар назар дошт, ки асоси озодӣ, адолат, эҳтиром ва арзиши шахсии инсон ҳуқуқҳои инсон мебошанд ва дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳимтарини байналмилалӣ, амсоли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 22), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 10) ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ чун воситаи болоравии ҳаёти арзанда қайд шудааст. Бесаб нест, ки моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистонро ҳамчун давлати иҷтимоӣ муайян намуда, ба ҳар як шаҳрванд шароити хуби зиндагӣ ва инкишофи озодонаро таъмин менамояд. Дар моддаи 33 омадааст, ки «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳи манъ аст". Моддаи 34 «Мувофиқи он падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд». Инчунин дар моддаи 39-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқии шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ муқаррар кардааст. Мувофиқи он ба ҳар кас дар пиронсолӣ, дар ҳолатҳои бемориӣ, маъюбӣ, аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, маҳрум шудан аз парастор ва ҳолатҳои дигар, ки қонун муайян мекунад, таъминоти иҷтимоӣ кафолат дода мешавад. Бояд гуфт, ки нафақаи давлатӣ, кӯмакпулиҳо ва дигар тадбирҳои иҷтимоӣ кафолатҳои ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон маҳсуб мешаванд. Нақши давлат дар амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар таъминоти иҷтимоӣ басо бузург аст. Пас низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ чист? Низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ маҷмӯи институт ва меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқамандро меноманд, ки мувофиқи хусусияти хоси муносибатҳои танзимшавандаи бахши таъминоти иҷтимоӣ дар пайдарҳамии муайян ҷойгир шудаанд [4. С. 39].

Дигаргуниҳои азим ва муҳимӣ иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ки дар самтҳои гуногуни илмӣ ҳуқуқшиносии ҷомеаи имрӯза ба амал омада истодаанд, мукаммал намудани функсияҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Иттиҳоди давлатҳои мустақилро талаб менамояд ва ин раванд ба дунёи маънавӣ, ақида ва андешаҳои инсонӣ бе таъсир нахоҳад монд. Боиси ифтихор аст, ки солиёни охир, муносибат ва таҷдиди назар оид ба низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ, ки пайдоишашро муҳаққиқон ва олимон бо пайдоиши давлат ва милитсия (политсия) як медонанд, мунтазам бо гузашти айём дар

ҳолати тағирёбӣ ва такмил қарор дорад. Аз рӯи ин андеша ва тибқи ин нигоҳ аз ниҳоди воқеъӣ мавриди баррасӣ қарор додани назарияи низоми ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадриҷан дар ИДМ дар аввалҳои солҳои 90-уми асри XX оғоз гардид. Чунин ниёз равшанзамирони илми ҳуқуқро водор намуд, ки дастур ва рисолаҳои нав талиф ва рӯи чоп биёранд, то тарз, усул ва воситаҳои мукаммалӣ дорои манбаҳои арзишҳои умумибашариро, пуратар намоянд.

Даврaи соҳибистиқлолӣ дар як даврaи кутоҳтарин дар низоми ҳуқуқии давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Онҳо заминаҳои нави пешрафти худро пайдо намуданд. Арзишҳои ҳуқуқии умумибашарӣ, ақидаҳои ҳуқуқи фитрии давлатҳои соҳибистиқлоли худро ташкил доданд. Тоҷикистон низ ба марҳилаи навгузариш аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи озоди (тамаддуни) либералӣ қадам ниҳод. Вобаста ба он дар ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ (эълони гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва ғ.), иқтисодӣ (гуногуншаклии моликият, баробарии онҳо, аз он ҷумла, моликияти хусусӣ, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ ва ғ.), иҷтимоӣ (гузаштан аз тақсимоти синфии ҷомеа ба ҳамкории иҷтимоӣ, баробарии ҳамаи табақаву гурӯҳҳои иҷтимоӣ, пайдоиши гуруҳҳои нави аҳолӣ, аз қабили соҳибкорон, тоҷирон, бонкирҳо ва ғ.) ба вуҷуд омаданд. Ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронида мешавад, ки дар натиҷаи он, алалхусус, мустақилияти ҳокимиятии судҳо таъмин мегардад. Ҷараёни ислоҳотҳо дар ҷумҳурӣ ҳоло идома дорад.

Зеро сарфи назар аз сохти сиёсию иқтисодӣ дар ҷомеа ва давлат одамоне ҳастанд, ки бо сабабҳои табиии ба онҳо вобаста набуда наметавонанд эҳтиёҷоти худро бо қувваи хеш таъмин созанд.

Ба онҳо гуруҳҳои гуногуни одамон, пеш аз ҳама, кӯдакон ва пиронсолон мансубанд. Ғайр аз ин, ба онҳо ҳар як шахсе, ки ба сабаби бад шудани вазъи саломатӣ муваққатан ё ба таври доимӣ қобилияти меҳнатиашро гум мекунад, мансуб буда метавонад.

Бо назардошти мақсади асосии зербанди мазкур бояд тазаккур дод, ки бе таҳқиқу таҳлил ва кушода додани асоси таркиби иҷтимоии ҷомеаи Шӯравӣ то солҳои 80-уми асри XX, ошкор намудани таркиби иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ то замони соҳибистиқлолӣ ва то ҳол аз имкон берун аст. Чӣ тавре, ки маълум аст, даврабандии иҷтимоии ҷомеаи шӯравӣ, ки натиҷаи табаддулоти инқилобӣ аз поён буд, бо назорати сиёсӣ ва маъмурӣ фаро гирифта шуда буд. Дар он нақши асосиро системаи этократӣ – ба ҳам омезиши ҳокимият ва моликият (афзалияти моликияти давлатӣ), шакли давлатӣ - инҳисории тарзи истеҳсолот, бартарияти тақсимоти марказонидашуда, миллитаризатсияи иқтисодиёт, даврабандӣ тибқи мансабу мартаба, ки мавқеи фардҳо ва гуруҳҳои иҷтимоӣ аз ҷои ишғол кардаашон дар структураи ҳокимияти давлатӣ, муайян карда мешуд иборат буд.

Таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин пеш аз ҳама муносибатҳои иҷтимоӣ муносибатҳои байни кормандон ва умумияти кормандон дар хусуси вазъи воқеии онҳо дар ҷомеа, асосан-дар хусуси баробарӣ ё нобаробарии онҳо бо дигар одамон ва умумиятҳо мебошад. Нишонаи фарққунандаи ин соҳаи ҳаёти ҷомеа аз дигар соҳаҳо аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи он бештар ба баррасии вижигиҳои ташаккулёбии умумиятҳои гуногуни одамон, хусусияти ҳамкорию ҳамбастагии иҷтимоии онҳо, мақоми ишғолкардаи онҳо дар кӯшиши дастрасӣ ба захираҳои ҷомеа барои қонеъ сохтани талаботашон ва ғайра нигаронида шудааст. Дар раванди ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои соҳаи иҷтимоии ҳаёти ҷомеа ҷӯзъҳои таркибии соҳаҳои дигар ба сифати замина, асоси амалӣ гаштани онҳо хизмат менамоянд. Масалан, агар воситаҳои

истеҳсолот, техникаю технология ба сифати заминаи татбиқи фаъолияти меҳнатии инсон хизмат намоянд, пас соҳаи идоракунии равандҳои ҷамъиятӣ, яъне сиёсат, омили муҳими ба ҳамдигар созиш додани манфиатҳои гуногуни умумиятҳои иҷтимоӣ буда, омили таъмини суботи ҷамъиятӣ ва қонеъгардонии талаботи онҳо ба дастгирии иҷтимоӣ аст. Бинобар ҳамин ҳам дар таркиби соҳаи сиёсии ҳаёти ҷомеа сиёсати иҷтимоӣ мақоми муҳим дорад. Барои дарки чунин хусусияти гуногунҷанбагии соҳаи иҷтимоии ҳаёти ҷомеа мушаххас намудани муҳтавои мафҳуми «иҷтимоӣ» хеле муҳим аст, зеро истифодаи он дар ҳам дар гуфтугӯи муқаррарӣ ва ҳам дар заминаи илмию таблиғотӣ хеле васеъ ба чашм мерасад ва дар онҳо мавҷудияти ин гунна гуногунмаъноии калимаи «иҷтимоӣ»-ро мушоҳида кардан душвор нест. Аслан мафҳуми «иҷтимоӣ» дар маъноҳои зерин мавриди истифода қарор мегирад: иҷтимоӣ аслан дар маънои васеаш баёнкунандаи мундариҷаи мафҳуми ҷомеа аст ва онҳо ҳаммаъноянд; иҷтимоӣ ин хусусияти фарққунандаи инсон аз табиат аст; иҷтимоӣ ин муносибати марбут ба гуруҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ аст; иҷтимоӣ хусусияти амалест, ки ба рафтори дигар шахс нигаронида шудааст. Дар шарҳи марбут ба соҳаи махсуси ҳаёти ҷамъият мафҳуми иҷтимоӣ дар ду маънои ахир истифода бурда мешавад.

Соҳаи иҷтимоӣ яке аз соҳаҳои умумитарини ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад. Вале фаҳмиши моҳият ва таркиби он имрӯз хеле печидаю тазодолуда ва барангезандаи мубоҳисоти калон боқӣ мемонад. Соҳаи иҷтимоӣ ин соҳаи истеҳсолот ва бозтавлиди инсон аст. Дар ин ҷо инсон худро чун мавҷуди биологӣ, иҷтимоӣ ва руҳонӣ бозтавлид мекунад. Соҳаи иҷтимоӣ дар ҳамин маънӣ ба соҳаҳои истеҳсолоти моддиву маънавӣ-донишҳои илмӣ ва арзишӣ муқобил намеистад, азбаски чизҳои дар онҳо истеҳсолшуда бояд аз ҷониби одамони дигар, табақаю гуруҳҳо истеъмол гарданд. Соҳаи иҷтимоӣ ин ҳифзу сиҳат ва таҳсилот, аз кӯдакистон сар карда то мактаби олӣ, ин муошират бо фарҳанг, аз тамошоравӣ ба театр то ба клубҳои илмӣ, ин идомати насли инсонӣ, аз таваллудшавии атфол то ба рафтани насли калонсол аз зиндагонист.

Чунин қабул шудааст, ки таркиби соҳаи иҷтимоиро гуруҳҳои калону устувори одамон (умумиятҳои иҷтимоӣ) ва муносибатҳои мавҷудаи байни онҳо ташкил медиҳад ва ҳар яке аз ин гуруҳҳо аҳдофи худро пайгирӣ ва манофеи хешро ҳимоят мекунанд. Миёни чунин гуруҳҳо ҳамрадиф бо синфҳову дастаҷамъиҳои меҳнатӣ мардум, миллат ва ҳатто башарият ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ҷудо шуда меистанд. Чунин тавсифи соҳаи иҷтимоӣ умуман саҳеҳ, аммо ғайрикофӣ ба назар мерасад. Аслан ҷузъҳои таркибии сохтори иҷтимоиро аз афрод ва мақому нақши онҳо, муттаҳидшавии онҳо дар шакли умумиятҳои гуногун, хусусияти алоқамандии онҳо бо якдигар, ки вобаста ба шароитҳои гуногуни ҷамъиятию таърихӣ дар ҳолати тағйирёбӣ қарор доранд, иборат медонанд. Умумиятҳои иҷтимоӣ аз якдигар бо аломатҳои гуногуни худ фарқ мекунанд ва муҳимтарини онҳо вобаста ба талаботу манфиат, арзишу меъёрҳои рафтор, мақомашон дар таркиби тақсимоти ҷамъиятии кор ва дастрасии онҳо ба истифодаи захираҳои ҷомеа мавҷудбуда барои таъмини инкишофии фардияшон аст. Ин умумиятҳо вобаста ба мансубияти этникӣ, синфӣ, ҷинсию синнусолӣ ва оилавӣ ташаккул мeёбанд.

Табақабандии иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 60-70- уми асри ХХ ба моҳияти системаи сиёсӣ ва иқтисодии сохти Шӯравӣ ва хусусияти таърихӣ, равонӣ, анъанаву суннатҳои миллӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асли худ, ки дар меҳнати сарҷамъонаи ҷамъиятӣ инъикоси худро ёфта буд, мувофиқат мекард.

Асоси табақабандии нави ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар марҳилаи хеле ҳассосу пуртаҳлукаи мамлакат иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олӣ гузошт. Иҷлосия асосҳои системаи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ, дунявӣ ва ягона, ки дар асл ин мафҳумҳо дурнамои ҷомеаи Тоҷикистонро инъикос мекарданд, муайян намуд. Қарорҳои таърихии иҷлосия механизми табақабандии нави ичтимоии Тоҷикистонро ба куллӣ тағйир дод.

Баъд аз борқарор гардидани ҳукумати констисутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои пирамидаи номенклатурӣ-ҳизбиро сарварони навташкил, гурӯҳҳои соҳибкорони навбаромад (тоҷикони нав), сарватмандон (онҳое, ки дар мақомотҳои гуногуни давлатӣ ва ҳизбӣ барои ягон рӯзи сиёҳ захираи молу сарват карда буданд), мулкдорони миёнаву майдаи баъди ислоҳоти Горбачёвӣ ба миён омада, гурӯҳҳои қумондонҳову ҷанговарон (боевикҳо), тоифаи пуриқтидори мафиоз, судхӯрон, пулҷаллобон гирифтанд. Сиёсати хусусигардонии молу амволи давлат дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳамон марҳила шарти асосии пойдор мондани давлат, заминаи асосии стратификатсияи нави ҷамъиятӣ буд.

Ҳоло табақабандии нави таркиби иҷтимоии ҷомеа Тоҷикистонро бо роҳи рушди иқтисодӣ, ичтимоии мардуми кишвар дар ҳамин раванд баланд бардоштани сатҳи зиндагонӣ, фарҳанг ва маърифарнокии фардҳои алоҳида ва аҳли ҷомеа ба даст овардан мумкин аст. Тағйироти миқдорӣ ва сифате, ки дар таркиби иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар марҳилаи нави тараққиёт ба миён омад, табақаҳои гуногуни иҷтимоиро аз рӯи нишонаҳои салоҳиятӣ, манфиатҳои давлатӣ, иқтисодии – сиёсӣ ва ичтимоӣ – фарҳангӣ, дар маҷмӯъ аз рӯи манфиатҳои моддӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ ба синфҳои ғайриантогонистии болоӣ, миёни ва поёни муттаҳид мегардонад.

Яке аз масъалаҳои муҳими тамоми мамолики дунё дар шароити ҳозира: ин таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба шумор меравад ва ин сабабҳои субективии худро дорад.

Ҳар қонун, ҳар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзимгари муносибати имрӯзаву ояндаи бошандагони давлат аст. Чӣ қадаре ки қонун ба ҳаёти пешқадами гузаштаву имрӯза дуруст алоқамандӣ дошта бошад, ба ҳамон андоза вай ояндаи хубро ба мардум равшан карда метавонад. Душвориҳои раванди қонунэҷодкунии замони муосир бо омилҳои таърихию замонавӣ, дохилию хориҷӣ вобастагӣ доранд.

Ҳаёт нишон дод, ки равиши пурра ба сӯи тамаддуни ғарбӣ низ роҳи наҷот набудааст. Бинобар он, аз миёнаи солҳои навадум сар карда, аҳли илми ҳуқуқшиносии Россия, Қазоқистон, Булғория ва давлатҳои собиқ пайравони сотсиалистӣ, қисман рӯ ба тамаддуни ҳуқуқии гузаштаи худ намуданд. Зеро заминаи ҳама гуна мушаххасгардонии идораи давлатии миллатҳои соҳибистиқлол дар даврони аввал рӯ овардан ба таърихи гузаштаи ҳамон миллат ва халқият аст. Ин манбаҳо пурракунандаи истиқлолияти сиёсии кишвар буда, заминаи бунёди роҳи наву мустақили миллатҳост [7. С. 50].

Ба ҳамаи ин ноқисиҳо – маҳдудиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фаъолияти истеҳсолӣ ва эҷодкории шаҳрвандон нигоҳ накарда, дар шароити танқисии истеъмолӣ ва суфта гардидани маош вобаста ба тартиботи афзояндаи истеъмоии меҳнаткашон (мансабдорони баландпояи давлатӣ ва табақаҳои доро аз ҳар ҷиҳат таъмин буданд) ва баланд гардидани нақши афзалияти маишӣ тақсимшавии бозори истеъмолиро ба бозорҳои руст (спессекторҳо) ва иқтисодиёти махфиёна (теневая экономика)-ро ба миён овард. Шароити моддӣ ва маишии гурӯҳҳое, ки дар раванди тақсимот дар соҳаи савдо, таъминот ва мағозаҳои махсуси давлатӣ ва нақлиёт кор мекарданд, беҳтар гардид. Руҳи соҳибкорӣ қишрҳои поёнии аҳолиро низ фаро мегирад, гурӯҳи тоҷирони

хусусӣ истеҳсолкунандагони чапдаст (ловкачи), сохтмончиёни хусусӣ (шабашники) ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, дар дохили иқтисодиёти сотсиалистӣ унсурҳои бозоргонӣ аз поён ҳамчун воситаи ягонаи сатҳи баланд бардоштани моддӣ ва маишии ҳаёти мардум ба миён меомад.

Бояд тазакур дод, ки дар ибтидои солҳои 90 ҷомеаи шӯравӣ аз ҷиҳати сатҳи маълумотнокӣ ва мавқеи профессионалӣ аз табақаи миёнаи Ғарб тафовут надошт яъне реҷими коммунистӣ падидаи ғайриоддиро тавлид намуд, ки миллионҳо одамон аз ҷиҳати маданият ва хоҳиши худ бурҷуа буданд, вале ба системаи иҷтимоӣ – иқтисодие дохил мешуданд, ки онро инкор мекард.

Стратификатсияи иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳатҳо ба алоқаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дигар ҷумҳуриҳои иттифоқ аз ҷумла Федератсияи Россия вобаста буд. То пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон бо 700 корхонаву муассисаҳои Федератсияи Россия алоқаи иқтисодӣ ва савдо дошт. Як комбинати шоҳибофии шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) 30 шаҳри Россияро бо маводҳои бофандагӣ таъмин менамуд, ба 65 шаҳри Федератсияи Россия аз он ҷумла Москва, Ленинград, Саратов, Свердловск, Хабаровск ва дигарҳо матоъҳои шоҳигини комбинат равона карда мешуданд. Заводи «Торгмаш» - ш. Ленинобод ба 560 шаҳрҳои мамлакат ба 700 суроға маҳсулоти худро равона мекард.

Мутахассисони миёнаи техникӣ барои заводу фабикаҳои нав дар омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ ва техникумҳои Федератсияи Россия тайёр карда мешуданд. Зиёда аз 400 ҳазор тоҷикистониён дар сохтмонҳои умумииттифоқии Федератсияи Россия меҳнат мекарданд Дар ду ҳафтсола солаҳои 1970-1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 450 корхонаҳои калон ба амал омада маҳсулоти саноатӣ 11,6 баробар афзуд, ки ин аз ҷиҳати иттифоқ хеле баланд буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ ва иҷтимоӣ эълон гардида, ухдадор шудааст, ки барои ҳар як шаҳрванд шароити зиндагии арзандаю шоиста фароҳам оварад. Феълан, ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии мамлакат мебошад. Дар сиёсати иҷтимоии ҳукумат ва давлат масъалаҳои ҷавонон ва боло бурдани фарҳанги миллӣ дар мадди аввал меистад. Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки дар асари таҳаввулоти азими иқтисодию иттилоотӣ, фарҳанги рӯзгор, тафаккур ва биниши ҷавонон низ тағйир ёфтааст. Воқеият чунин аст, ки ноорамиҳо дар замони муосир торафт доман паҳн намуда, таҳдиду хатарҳои глобалӣ имрӯз ба асосҳои бунёдии тартибу низоми ҷаҳонӣ ва усулҳои муносибати байналмилалӣ таъсиргузор мебошад. Вазъи имрӯза вобаста бо тундравии ҷавонон аз он шаҳодат медиҳад, ки аз нофаҳмӣ ва ноогоҳию бехабарӣ аз фарҳанги миллӣ, паст будани сатҳи маърифатӣ, надоштани дониши сиёсӣ, надоштани мавқеъ дар оила ва ҷомеа, нокомиҳои иқтисодӣ, тангдастиҳои рӯзгор, ҷудошавии оилаҳо омилҳои гаравиши ҷавонон ба гуруҳҳои террористӣ мебошад. Онҳо ба дасисаҳои дастгоҳҳои иттилоотӣ бовар карда, ба чунин гурӯҳҳо шомил шуда, бо фикру ақидаҳои хеш ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонда, вазъро ноором месозад. Бо мақсади баргардондан аз ин роҳ воситаҳои гуногуне мавҷуданд, ки садди роҳи онҳо мешавад. Барои пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб институтҳои сиёсии ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандиро лозим аст, ки баҳри решакан кардани ин падидаи носолим дар якҷоягӣ ҳамкориҳои густурдаро роҳандозӣ намоянд.

Соли 2020 барои тақвият бахшидани дастгирии иҷтимоии нафақахӯрону маъюбон, кӯдакони ятим ва оилаҳои камбизоат як қатор чораҳои судманд роҳандозӣ

гардида, ба зиёда аз 700 ҳазор нафар сокинон аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба маблағи беш аз 250 миллион сомонӣ кумакҳои иловагии иҷтимоӣ пардохта шуданд. [1. С. 19].

Аз ин лиҳоз, ташкил кардани системаи боэътимоди муқовимат ба терроризм ва экстремизм, амалӣ намудани чорабиниҳои огоҳкунӣ, мустаҳкам кардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омодагӣ ва такмили ихтисоси кадрӣ, таъминот бо воситаҳои моддию техникии муосир, ҷалби сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар пешгирӣ намудани фаъолияти гуруҳҳои ифодгаро мебошад. Дар замони муосир таҷдиди назар кардан ба раванди бонизоми таълиму тарбияи насли ҷавонон аҳмияти бузург дорад. Зарур аст, ки дар баробари омӯхтани илмҳои бунёдӣ, табиатшиносӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияи навин ҷавонону наврасон доир ба динҳои ҷаҳонӣ низ иттилооти кофӣ дошта бошад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01. 2021.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз 24 декабри соли 1991, № 459.

3.Бобокалонов Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Таджикистане (1917-1940 годы) –Душанбе: “Сино», 2005. - С.10.

4.Добромыслов К.В., Мачульская Е.Е. Право социального обеспечения. Учебное пособие. Практикум. 2-е изд. Перераб. и дополненное. М.: Книжный мир, 2009. - С. 39.

5.Сангинов Д.Ш. Доир ба баъзе масъалаҳои инкишофи қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26-29 августи соли 2011 / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З.- Душанбе: “Эр-граф», 2011, - С. 251.

6.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2003. - С. 480.

7.Холиқов А.Ғ. Омӯзиши тамаддунҳои ҳуқуқӣ ва масоили ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон. Осори Академия № 9, 2006. - С. 50.

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В СОЦИАЛЬНОМ ОБЕСПЕЧЕНИИ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

**СОБИРЗОДА АЛОВУДДИН ДЖАБОР**,
соискатель Академии МВД Республики
Таджикистан, полковник милиции,
Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мастонгулова 3.
Тел.: (+992) 907-92-52-26

*В статье исследуется роль государства в социальном обеспечении сотрудников органов внутренних дел. Национальные традиции являются не только основой стабильного социального развития государства, но и главным условием экономического благополучия страны. В статье подчеркивается определённый вклад сотрудников органов внутренних дел в формировании решений социальной проблемы.*

*В статье автор рассматривает социальные отношения в системе управления с точки зрения ученых и современного общества. Автор показывает состояние социальных отношений в различных сферах жизни человека таким образом, чтобы люди следовали за ними в стремлении удовлетворить свои потребности.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, социальная проблема, социальный институт, социальная культура, государство, обеспечение, защита.*

## THE ROLE OF THE STATE IN THE FIELD OF SOCIAL SECURITY OF INTERNAL AFFAIRS BODIES

**SOBIRZODA ALOVUDDIN JABBOR,**
applicant of the Academy of the Ministry of
Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel,
Republic of Tajikistan, Dushanbe, 3, Mastongulov str.
Phone: (+992) 907-92-52-26

*The article analyzes the role of the experience of leading countries in the field of social security of internal affairs bodies' officers. National traditions are not only the basis for the stability and development of the state's society, but also a condition for its economic development. The state is responsible for the maintenance of social security for internal affairs bodies' officers. In this article, the author discusses social relations in the administration system from the scientific point of view and the experience of modern society.*

*The author describes the state of social relations in various spheres of human life in such a way that people follow them in their efforts to meet their needs.*

***Key words:*** *social policy, social issues, social institution, social culture, state, provision, protection.*

УДК: 347.78

# ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ ИНСТИТУТА СМЕЖНЫХ ПРАВ В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ

**РАХМАТЗОДА ДАЛЕР ТАЛБАК,**
преподаватель кафедры международного права и
сравнительного правоведения юридического факультета
Российско-Таджикского (Славянского) университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.М.Турсунзаде,30
Тел.: (+992) 988-00-04-40. E-mail: rahmatov-daler92@mail.ru

*В статье проведено исследование вопросов эволюции института смежных прав в международном частном праве. Исследуются основные международно-правовые акты, регулирующие охрану смежных прав. Проанализирована позиция разных исследователей по рассматриваемой проблеме. Автором дается определение термина «смежные права» на основе имеющихся правовых и доктринальных источников.*

***Ключевые слова:*** *смежные права, авторские права, конвенция, законодательство, имплементация.*

Научно-технический прогресс в XX столетии внес свои коррективы в вопросе дальнейшего формирования национальных и международно-правовых актов в области регулирования смежных прав. Еще с прошлого века начался процесс разработки и внедрения в рынок различного рода носителей информации. Иными словами, создавались новые формы существования произведения автора в объектах смежных прав. К примеру, появление телевидения предоставило возможность не только доносить до широких масс результаты деятельности автора, но и сами авторские произведения получили совершенно новую форму своего существования – телевизионный формат. Таким образом появилась объективная необходимость охраны прав эфирного и кабельного вещания. Объектом таких правоотношений выступали сообщения передач организаций эфирного или кабельного вещания, в том числе передач созданных самой организацией эфирного или кабельного вещания, либо по ее заказу за счет ее средств другой организацией.

С дальнейшим развитием науки и техники сложилась негативная ситуация при которой началось «бесконтрольное тиражирование произведений, исполнений, фонограмм, радио- и телепередач, что лишило исполнителей, производителей фонограмм и организаций эфирного и кабельного вещания возможности регулировать процесс использования результатов их деятельности» [7,17].

Таким образом, с увеличением количества авторских произведений, а также с созданием все более новых форм их объективного существования, появились такие субъекты смежных прав как: исполнители произведений; производители фонограмм, организации эфирного или кабельного вещания; публикаторы и др. Соответственно, возникла необходимость в создании норм для правовой охраны интересов перечисленных правообладателей в отношении: исполнений артистов-исполнителей и дирижеров, постановок режиссеров - постановщиков спектаклей, фонограмм; сообщений передач; произведений науки, литературы и искусства, обнародованные после их перехода в общественное достояние, в частности охраны прав публикаторов таких произведений.

Таким образом, следует согласиться со специалистами в том, что «вышеназванные группы заинтересованных лиц добились закрепления в

законодательствах ряда стран особых смежных прав, позволяющих в той или иной степени контролировать использование результатов творческой деятельности артистов-исполнителей, производителей фонограмм и передач вещательных организаций» [2,112]. Опираясь на вышеуказанные доводы можно сделать вывод о том, что институт смежных прав по своему характеру является продуктом развития техники, а также правовых норм.

Большую роль в развитии института смежных прав сыграло формирование соответствующей международно-правовой базы. Наиболее важными для регулирования данного института актами явились: Международная конвенция по охране прав исполнителей, изготовителей фонограмм, вещательных организаций (Рим, 26.10.1961 г.); Конвенция об охране интересов производителей фонограмм от незаконного воспроизводства их фонограмм (Женева, 29.10.1971 г.); Конвенция о распространении несущих программы сигналов, передаваемых через спутники (Брюссель, 21.05.1974 г.); Договор ВОИС по исполнениям и фонограммам (20.12.1996 г.); Анти-контрафактное торговое соглашение (Токио, 01.09.2011 г.); Пекинский договор по аудиовизуальным исполнениям (Пекин, 24.07.2012 г.).

Институт смежных прав в международном частном праве во многом сформировался благодаря Римской конвенции 1961 года. К сожалению, названная конвенция не дает чёткого определения и не раскрывает сам термин «смежные права», но, тем не менее, в содержании конвенции закреплены положения о правах исполнителей, изготовителей фонограмм, вещательных организаций и т.д. Аналогичные положения содержаться и в статье 14 Соглашения по торговым аспектам прав интеллектуальной собственности (ТРИПС) от 1994г.

Если говорить о международно-правовой базе регулирующих авторские и смежные права, то следует отметить, что Римская конвенция 1961г. уникальна одной своей особенностью: в момент принятия данного международного акта большинство его положений еще не были унифицированы, иными словами – этот документ должен был сыграть роль своего рода путеводителя для дальнейшей имплементации международных норм государствами на национальном уровне.

На наш взгляд, принятие подобных международных соглашений носит очень важный характер, так как помогает большому количеству государств с различной правовой системой, приводить свое национальное законодательство в соответствии с международными стандартами.

Начиная со второй половины XX века вплоть до 2012 года, когда был принят Пекинский договор по аудиовизуальным исполнениям, данная область правоотношений получила довольно серьезное развитие. Можно сказать, что в этот период появились новые объекты смежных прав. К ним можно отнести произведения науки и литературы, обнародованные после их перехода в статус общественного достояния, а также различные базы данных.

В соответствии с глоссарием ВОИС, смежные права понимаются как «права, предоставляемые во всем большем числе стран для охраны интересов исполнителей, производителей фонограмм и организаций радиовещания в отношении их деятельности в связи с публичным использованием произведений авторов, возможных выступлений артистов или доведением до всеобщего сведения событий, информации, звуков или изображений» [8]. На наш взгляд, настоящая группа интеллектуальных прав по отношению к правам авторов, являются вспомогательными. Данные права возникают в сфере деятельности создателей произведений при взаимодействии с

предпринимателями, занимающимися записью произведений или их трансляциями по радио.

Договор ВОИС по исполнениям и фонограммам закрепляет личные неимущественные и имущественные права исполнителей на свои незаписанные произведения.

По мнению ряда исследователей «смежные права – это права, которые возникают лишь вслед за авторскими правами, например при создании пьесы сначала возникают права у автора пьесы с момента ее создания, а затем, когда пьеса исполняется, возникают права у артиста, играющего эту пьесу. Иными словами, смежные права существуют лишь постольку, поскольку существуют права авторские» [5,231]. Не можем не согласиться с данной позицией, поскольку смежные права возникают лишь при наличии уже созданного авторского произведения.

Также считаем представляющим научный интерес мнение И.В. Зенкина, который утверждает, что под смежными правами следует понимать права производителей и исполнителей фонограмм, а также организаторов эфирного и кабельного вещания. По его утверждению этих субъектов можно назвать посредниками в вопросе распространения и популяризации того или иного авторского произведения [3,167]. На наш взгляд, эта точка зрения, хотя и является позицией столь уважаемого ученого, тем не менее, субъектов смежных прав нельзя сводить лишь к роли посредника в подобных правоотношениях.

Более цельным и аргументированным считаем мнение Гетьман-Павловой, которая утверждает, что смежные права весьма близки к авторским правам и являются производными от него [6,366]. Иными словами, смежные права хотя и являются по своему характеру близкими авторским, но, тем не менее, должны исследоваться как элементы отдельного института права.

Весьма аргументированным считаем позицию В.Я. Ионаса, который утверждает, что «разграничение прав авторов и исполнителей – это международная традиция, которая сложилась потому, что до появления технических средств записи исполнения, интерес исполнителя к защите его авторских прав был ничтожен. Исполнитель не нуждался в защите прав авторства, неприкосновенности произведения и права первого опубликования, потому что практически возможность их нарушения при отсутствии фиксации была ничтожна. Право же на имя охранял сложившийся обычай» [4,73].

Публичное исполнение для чужого авторского произведения – только форма, в которой оно доведено до зрителя (слушателя и т.п.) С другой стороны, т.к. каждый исполнитель вкладывает в эту форму своё содержание (манера исполнения, голос и т.п.), то эта исполнительская форма чужого произведения одновременно является объектом собственного права самого исполнителя. Очевидна здесь тесная взаимозависимость: согласие, невозможность искажения, право на вознаграждение и т.п.

Поэтому нам близка точка зрения К. Бланка, отмечавшего, что «актеры, исполнители, артисты – по сути, авторы, они очень близки им, исполнение должно быть защищено, потому что в нем, как и в случае с автором, отражена личность создателя» [1,134].

Исходя из вышеизложенного, мы пришли у выводу, что смежные права – это исключительные имущественные права, а в случаях, предусмотренных законом также личные неимущественные права лиц, создающих с использованием объектов авторского права без изменения таковых, а в ряде случаев с изменениями,

допустимыми с согласия автора используемого произведения, новую интеллектуальную собственность, дающую возможность довести авторские произведения до широкой публики, для которых предусмотрены меры гражданско-правовой защиты, сходные с мерами защиты авторских прав.

**Литература**

1. Бланк К. Права исполнителей // Авторское и смежное право в Европейском Союзе и РФ. Вып. № 1. М., 1997. С. 134-142.

2. Близнец И.А., Леонтьев К.Б. Авторское право и смежные права. М., 2011. - 416с.

3. Зенкин И.В. Право всемирной торговой организации. М., 2003. – 248с.

4. Ионас В.Я. Критерий творчества в авторском праве и судебной практике. М., 1963. – 137с.

5. Ладатко О.В., Нечаев В.И., Харитонов Е.М., Трубилин А.И., Чуйкин П.В. Интеллектуальная собственность от А до Я: справочник. Краснодар., 2005. – 701с.

6. Международное частное право: учебник / И.В. Гетьман-Павлова. М., 2011. – 640с.

7. Стрелецкая Н.Л. Соблюдение авторских прав при создании и использовании объектов смежных прав: диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03. - Москва, 2005. – 249с.

8. Элснер Б. Глоссарий терминов по интеллектуальной собственности [Электронный ресурс]. URL: http://www.infousa.ru/economy/intelprop/g lossary.htm (дата обращения: 13.01.2015).

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ҲУҚУҚҲОИ МАРБУТ БА ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

**РАҲМАТЗОДА ДАЛЕР ТАЛБАК,**
муаллими кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи
муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 988-00-04-40. E-mail: rahmatov-daler92@mail.ru

*Ин мақола таҳаввулоти институти ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи хусусии байналмилалиро меомӯзад. Санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба онҳоро танзим мекунанд, ошкор карда шудаанд. Мавқеи муҳаққиқони гуногун оид ба проблемаи баррасишаванда таҳлил карда мешавад. Муаллиф мафҳуми «ҳуқуқҳои вобаста»-ро дар асоси манбаъҳои ҳуқуқӣ ва таълимотӣ муайян кардааст.*

***Калидвожҳо:*** *ҳуқуқҳои вобаста, ҳуқуқи муаллиф, конвенсия, қонунгузорӣ, татбиқ.*

## SPECIFIC FEATURES OF THE FORMATION OF THE INSTITUTION OF RELATED RIGHTS IN INTERNATIONAL PRIVATE LAW

**RAHMATZODA DALER TALBAK,**
Lecturer of the Department of International and Comparative Law,
Law Faculty, Russian-Tajik (Slavonic) University
734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 30, M. Tursunzade str.,
Phone: (+992) 988-00-01-21. E-mail: rahmatov-daler92@mail.ru

*The article studies the issues on evolution of the institution of related rights in international private law. There are revealed the main international legal acts regulating the protection of related rights and was analyzed the position of various researchers on the considering issue. The author defines the term "related rights" on the basis of available legal and doctrinal sources.*

***Key words:*** *related rights, copyright, convention, legislation, implementation.*

УДК: 347:37 (575.3)

# МАФҲУМ ВА ОБЪЕКТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

**ВАЛИЗОДА МАНУЧЕҲР РАҲМОНАЛӢ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 926-48-60-60. E-mail: bolayoqat@gmail.com
**АНВАРОВ КОМИЛҶОН БОБОХОНОВИЧ,**
унвонҷӯи шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Тел.: (+992) 918-92-71-16. E-mail: komilov_12@mail.ru

*Тибқи қонунгузории гражданӣ ашё яке аз объектҳои паҳнгаштаи муомилоти гражданӣ ҳисобида шуда, ба навъҳои мухталиф тасниф карда мешавад. Таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул дар ҳуқуқи гражданӣ аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар қонунгузории гражданӣ нисбат ба молу мулки ғайриманқул реҷаи махсуси ҳуқуқи гражданӣ муқаррар гардидааст ва молу мулки ғайриманқул ва муомилот вобаста ба он яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур муаллифон мафҳум, хусусият ва низоми объектҳои молу мулки ғайриманманқулро бо дарназардошти адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ ва қонунгузорӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ашё, молу мулк, муомилот, молу мулки манқул, молу мулки ғайриманқул, бино, иншоот, объектҳои молу мулки ғайриманқул, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул.*

Ашё яке аз объектҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ маҳсуб ёфта, дар муомилоти гражданӣ нақши марказӣ дорад. Дар баробари ин, ашё яке объектҳои мураккаби ҳуқуқи гражданӣ буда, тибқи асосҳои гуногун ба намудҳои мухталиф тасниф карда мешавад. Таснифи ашё ба манқул ва ғайриманқул яке аз таснифҳои муҳими ашё дар ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб рафта, дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Аҳамияти баррасии масъалаи мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар робита бо мушкилоти бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба он бо як қатор ҳолатҳо муайян карда мешавад. Аввалан, қарор дар бораи он ки объекти мазкур ба молу мулки ғайриманқул тааллуқ дорад, бояд ҳамеша аз қабули ҳама масъалаҳои дигаре, ки мақомоти бақайдгиранда баррасӣ мекунанд, пеш ояд. Дуввум, дар муҳокимаи илмӣ дар бораи меъёрҳои таснифи объект ба молу мулки ғайриманқул, масъалаи маънои ҳуқуқии бақайдгирӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол мекунад [5. с. 23].

Аҳамияти ҳуқуқии ҷудо намудани молу мулк ба манқул ва ғайриманқул бо муқаррар намудани низоми мухталифи ҳуқуқӣ барои онҳо алоқамад мебошад. Ин тафовут дар инҳо инъикос меёбад:

1) бақайдгирии ҳатмии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, ҳамчунин аҳдҳои вобаста ба он. Ҳуқуқ ба ашёи манқул чун қоида бақайдгирии давлатиро талаб наменамояд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки бевосита дар қонунгузорӣ зикр гардидаанд. Бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулк бояд аз бақайдгирии техникӣ фарқ карда шавад.

Ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқули истеҳсолшаванда ё мутобиқи шартнома интиқолшаванда аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ба миён меояд;

2) уҳдадорие, ки объекти он ашёи ғайриманқул мебошад, аз ҷумла ҳангоми мерос, дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулк иҷро гардида, уҳдадори оид ба интиқоли ашёи манқул дар маҳалли истиқомати қарздор ё маҳалли дигари пешбининамудаи моддаи 339 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешавад [10. с. 387].

Тибқи қонунҳои Англия ва бештар ИМА, тақсимоти ашё дар муносибатҳои дохилӣ ба молу мулки манқул ва ғайриманқул байни субъектҳои ҳуқуқ аҳамият надорад, гарчанде ки дар он ҷо пайдоиш ва татбиқи ҳуқуқ ба замин хусусиятҳои хоса дорад. Дар шаклҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқӣ, қонунгузории Англия муносибатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки мавзӯи онҳо молу мулки ғайриманқул мебошад.

Вобаста ба масъалаҳои бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, пешниҳод карда мешавад, ки бояд дар мафҳуми молу мулки ғайриманқул, ки дар қонунгузории амалкунанда таҳия шудааст, таваққуф намоем.

Дар асоси қисми 1, моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ниҳолҳои бисёрсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Қисми 1 моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ду навъи ашёи ғайриманқулро муайян намудааст: ашёи табиатан ғайриманқул ва ашёе, ки мутобиқи таъинот ба ғайриманқул мансуб дониста шудаанд. Мутобиқи мазмуни қисми мазкур ба категорияи якум объектҳое дохил мешаванд, ки аз захираҳои табиӣ иборатанд. Дар ин ҳолат фаҳмо нест, ки чаро ба категорияи дуюм ҷангалзоре дохил карда шудааст, ки ба захираҳои табиӣ марбут будани онҳо бояд тааҷҷубовар набошад.

Мебоист ҳамаи захираҳои табиӣ дар як гурӯҳ ҷойгир карда шуда, дар мавқеи якум қитъаи замин қарор гирад. Ба гурӯҳи дигари ашёе, ки табиатан ғайриманқул мебошанд, омили объектҳои ба таври мустаҳкам ба замин алоқаманд, ки ҷойивазкунии онҳо бидуни зарари воқеӣ ба моҳияти онҳо имконнопазир аст нисбат ба объектҳои алоҳида (аз ҷумла бино, иншоот) умуман қобили қабул нест ё дар ҳолатҳои дахлдор метавонанд танҳо нисбат ба навҳои алоҳидаи биною иншоот, ки дорои хусусияти бартаридоштаи нодир мебошанд, қобили истифода бошад [10. с. 385].

Тибқи моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом ниҳолҳои бисёрсола ва молу мулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст [1.]. Ба ин объектҳо ҷангалҳо, минтақаҳои зеризаминӣ, объектҳои об, ниҳолҳои бисёрсола, биноҳо, иншоот ва ғайра. Ин ба истилоҳ объектҳое, мебошанд, ки аз рӯйи табиати худ ғайриманқул мебошанд [7. с. 38].

Объекҳои молу мулки ғайриманқулро вобаста ба се маҳак муайян кардан мумкин аст: 1) вобаста ба табиати онҳо, яъне молу мулке, ки аз ҷиҳати табиати худ ғайриманқул мебошад (масалан, қитъаи замин, сарватҳои зеризаминӣ); 2) вобаста ба таъинот, яъне молу мулке, ки бо дарназардошти ба замин алоқаи зич доштан ва бидуни расонидани зарар ба таъинот ғайриимкон будани ҷойивазкунии онҳо (бино, иншоот,

ниҳолҳои бисёрсола, сохтмони нотамом ва дигар); 3) молу мулке, ки тибқи қонун ғайриманқул эътироф карда шудаанд (аз ҷумла, киштиҳои баҳрӣ, ҳавоӣ ва ғайра).

Объекти об ин махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд [2.].

Ҷангал - маҷмӯи набототи табиӣ, ки бо роҳи муқаррарӣ ё сунъӣ дар ҳудуди муайян аз маҷмӯи дарахтону буттаҳо (на камтар аз 10 фоиз бо дарахту буттаҳо, на камтар аз 0,5 га масоҳат ва на камтар аз 10 метр бар дошта бошад) дар алоқамандӣ бо дигар ҷузъҳои табиати зинда ташкил ёфта, дорои аҳамияти калони экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад [3.].

Ба объектҳое, ки бидуни зарари воқеӣ ба таъиноташон аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯҷониданашон имконнопазир аст, бино ва иншоот дохил мешавад.

Тибқи қонунгузории шаҳрсозӣ бино - объекти фаъолияти шаҳрсозӣ ва низоми сохтмоние, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷояшуда иборат буда, ҳаҷми сарбастаро ба вуҷуд меоранд ва вобаста ба таъиноти вазифавӣ барои зист ва будубоши одамон, иҷрои намудҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ таъин гардидаанд.

Иншоот ин объектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ, низоми ҳаҷмӣ, сатҳӣ ё хаттии сохтмонӣ мебошад, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷояшуда таркиб ёфта, барои иҷрои намудҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ, нигоҳдории мавод, маснуот, таҷҳизот, инчунин барои будубоши муваққатии одамон, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани одамон, бор ва ғайра таъин гардидаанд [4.].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ маъмулан бино ҳамчун молу мулки ғайриманқуле фаҳмида мешавад, ки "аз дигар молу мулки ғайриманқул бо мустаҳкамии зич ба қитъаи замини мушаххас алоқаманд аст, ки аз ҷиҳати сохтор барои истифодаи дарозмуддат бунёд гардидааст" [9. с. 98]. "Таҳти мафҳуми бино (иншоот) бояд ҳама чизи ба таври сунъӣ дар қитъаи замин сохташуда ё дар зери он объекти мустақиле, ки бо қитъаи замин ба таври мустаҳкам аст, мувофиқи таъиноти худ истифода мешавад (мумкин аст истифода шавад) ва интиқоли он бидуни зарари номутаносиб ба таъиноти он ғайриимкон аст, фаҳмида шавад" [8. с. 182].

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба тафовути бино ва иншоот нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Сарфи назар аз он, ки қонунгузории граждании маҳакҳои бино ва иншоотро гуногун истифода мебарад, дар таҷрибаи сохтмон бино як намуди иншоот ба ҳисоб меравад. Иншоот ҳама чизе номида мешавад, ки бо меҳнати инсон барои қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа сохта мешавад. Бино ин як сохтори заминист, ки дорои фазои дохилие, ки барои намудҳои гуногуни фаъолияти инсон тарҳрезӣ ва мутобиқ карда шудааст (масалан, биноҳои истиқоматӣ, дӯконҳо, мактабҳо ва ғ.) [13. с. 5]. Аммо, азбаски ҳолати ҳуқуқии бино ва иншоот якхела аст, маҳдудияти ин объектҳо аҳамияти ҳуқуқӣ надорад.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқони ватанӣ аз мафҳуми бино ва иншоот ду гурӯҳи хусусиятҳои онҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) хусусиятҳои техникӣ; 2) таъиноти мақсадноки онҳо. Вобаста ба хусусияти техникӣ мафҳуми бино ва иншоот аз ҳамдигар қариб ки тафовути ҷиддӣ надоранд, ҳардуи онҳо объекти фаъолияти шаҳрсозӣ ва низоми сохтмоние (бино ин низоми ҳаҷмӣ, сатҳӣ ё хаттии сохтмонӣ) мебошад, ки аз конструксияҳои борбардор, панҷарагирӣ ё якҷояшуда иборатанд. Вобаста ба истифодаи мақсаднок бино ва иншоот аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Бино аз ҷиҳати мақсади истифодабарӣ аввалиндараҷа барои истиқомати одамон ва дуввум барои иҷрои намудҳои алоҳидаи равандҳои истеҳсолӣ таъин гардидааст. Истифодабарии

мақсадноки иншоот васеъ буда, бо мақсадҳои зерин истифода бурда мешавад: а) иҷрои намудҳои гуногуни равандҳои истеҳсолӣ; б) нигоҳдории мавод, маснуот, таҷҳизот; в) барои будубоши муваққатии одамон, аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани одамон, бор ва ғайра.

Ҷойивазкунии объектҳои молу мулки ғайриманқул бе расонидани зарар ба онҳо ғайриимкон аст, ки дар натиҷа арзиши объект ба таври назаррас коҳиш меёбад, ҳадафи аслӣ тағир меёбад. Ҷудокунии чунин меъёри (хусусияти) молу мулки ғайриманқул ҳамчун коҳиши назаррас арзиши молу мулки ҷойивазшударо бо он шарҳ додан мумкин аст, ки чунин камшавӣ танҳо истодагарии объект, нотавонии ҳаракатро тасдиқ мекунад. Сухан дар бораи кам шудани арзиши маҳз дар робита бо зарари ба ин объект расонидашуда меравад, на ба сабаби тағйир ёфтани ҷойгоҳ [6. с. 45].

Барои эътирофи бино ҳамчун молу мулки ғайриманқул унсури сохти ин ашё бояд мавҷудияти таҳкурсӣ бошад (тақвият дар замин). Иншооти муваққатӣ ва сайёр, хаймаҳо, кабинаҳои чӯб, иншооти ҷамшаванда ва иншооти шабеҳ, ба меъёри дар банди 1 моддаи 142 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ нестанд, наметавонанд объекти ғайриманқул бошанд.

Замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда намешавад [12. с. 11]. Далел ин аст, ки аҳамияти ҳуқуқии тақсим кардани объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба молу мулки манқул ва ғайриманқул дар муқаррар намудани низоми махсуси ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул ифода меёбад.

Муқаррароти ҳама гуна мафҳумҳо ва алалхусус мафҳуми дар қонунгузорӣ муқарраршуда, аз он иборат аст, ки дар байни ҳар як ашё ва падидаҳо дар ҳар як ҳолат объектҳои муқарраршуда аз рӯйи мафҳуми зикршуда, муайян карда шаванд. Бо назардошти мафҳумҳои дар қонун мавҷудбуда, объект ба молу мулки ғайриманқул дохил карда мешавад, агар он:

а) ба шумораи ашёе, ки бевосита дар мафҳуми ашёи ғайриманқул номбар шудаанд, яъне қитъаи замин, қитъаи зеризаминӣ мебошад;

б) ашёест, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст.

Ду маҳаки объектҳои номбаршуда (қитъаҳои замин ва қитъаҳои зеризаминӣ) мутобиқи мафҳуми қонунгузорӣ, молу мулки ғайриманқул маънои мустақил доранд, дар ҳоле ки ҳамаи маҳакҳои дигари объектҳои дар мафҳум овардашуда ҳамчун намунаҳои объектҳое оварда мешаванд, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст.

Хусусияти табиии молу мулки ғайриманқул (алоқамандии мустаҳкам бо қитъаи замин) аз лаҳзаи ҷудо шуданаш аз сатҳи замин гум мешавад ва молу мулки ғайриманқул манқул мешавад (масалан, фурӯши хона барои вайрон кардан ҳамчун масолеҳи сохтмонӣ, чӯб, канданиҳои фоиданок, ва ғайра).

Дар айни замон, чунин мавқеъ мавҷуд аст, ки ба ҷойи замини барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ гирифташуда додани бинои истиқоматӣ бо дархости соҳибаш ба қитъаи замини нав ҷудошуда онро ба объекти манқул табдил намедиҳад, гарчанде ки он арзёбии мустаҳками он бо замин душвор аст.

Дар сурати ба фазои нав кӯчидани бино ё иншоот, онҳо ҳангоми кучондан ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда намешаванд. Дар ин ҳолат, бино ё иншоот

робитаи ҷисмонии худро бо қитъаи замини мушаххас гум мекунад, ҳатто агар дар вақти ҳаракат ба таъиноти онҳо осебе нарасад.

Ҳамин тариқ, молу мулки ғайриманқул қитъаҳои замин, қитъаҳои зеризаминӣ, обанборҳои ҷудогона, ҷангалҳо, ниҳолҳои бисёрсола ва ҳама чизҳое мебошанд, ки бо қитъаҳои алоҳидаи замин алоқаманданд, яъне ашёе, ки ҳаракаташон бидуни зарари воқеӣ ба ҳадафи аввал ғайриимкон аст ва (ё) ҳаракаташон дар шакли коҳиши (назаррас) арзиши онҳо зарар мерасонад.

Дар воқеъ, молу мулки ғайриманқул арзиши назаррас дорад ва молу мулки ғайриманқул яке аз камтарин молҳоест, ки арзиши он бо мурури замон метавонад афзоиш ёбад.

Барои молу мулки ғайриманқул ин хусусиятҳо хос мебошанд:

– мавҷудияти хусусиятҳои фарққкунандаи инфиродии объект, ин ивазнашавандаи ҳуқуқӣ ва баъзан воқеӣ мебошад (масалан, барои ёдгориҳои меъморӣ);

– статсионарӣ (замима ба қитъаи замини муайян ва имконнопазирии интиқоли молу мулк бидуни зарари муайян ба ҷойи дигар бинобар мавҷудияти робитаи механикӣ ё органикӣ бо макон, инчунин номувофиқии ибтидоии объект барои ҳаракат дар фазо);

– доимӣ будани макони ҷойгиршавӣ нисбат ба системаи координатҳо.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин объектҳоеро ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ворид намудааст, ки ба аломатҳои қисми 1 моддаи 142 ҷавобгӯ набуда, вале бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд (киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳонӣ).

Вобаста ба ин масъала Г.Ф. Шершеневич қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ, киштиҳои баҳрӣ, ба мисли киштиҳои дарёӣ, ба хонаҳо бештар мувофиқанд, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, киштиҳо ба молу мулки ғайриманқул наздиктаранд нисбат ба молу мулки манқул, аз нуқтаи назари сиёсӣ, киштиҳо ҳамчун идомаи қаламрави кишваре ҳисобида мешаванд, ки зери парчами онҳо дар бар доранд [14. с. 255].

Дар айни замон, қонунгузорӣ амалан мафҳумҳои биноҳо, иншоот, объектҳои сохтмони нотамомро дар бар намегирад ва дар амалия объектҳое, ки бино, иншоот, объектҳои сохтмони нотамом номида мешаванд, дарвоқеъ, метавонанд ба аломати мафҳуми дар қонунгузорӣ муқарраршуда, мувофиқат накунанд. Масалан, дар амалияи мақомоти баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул, мафҳуми «сохтмон» нисбат ба объектҳое, ки алоқамандии он бо замин хусусияти муваққатӣ дорад - маҷмааҳои савдо, модулҳои анбор ва ғайра васеъ истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, танҳо ба чунин объекте, ки дар асоси қонун метавонад ҳамчун қитъаи замин ё қитъаи зеризаминӣ бидуни муқаррар намудани аломатҳои иловагӣ эътироф карда шавад, бояд ба молу мулки ғайриманқул мансуб дониста шавад. Вобаста ба ин, ҳама ашёи дигар, новобаста аз он ки чи гуна номида мешаванд, бояд робитаи мустаҳками онҳо бо замин муқаррар карда шавад, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст.

## Адабиёт


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, №803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).
2. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №1688 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).

3. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз августи соли 2011, №761 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).
4. Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 декабри соли 2012, № 438 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2021).
5. Алексеев В.А. Недвижимое имущество: правовой режим и государственная регистрация прав: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 23.
6. Болтанова Е.С. Договор купли-продажи недвижимости (общие положения): дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 45.
7. Брагинский М.И. Государственная регистрация прав на недвижимое имущество и сделок с ним // Право и экономика. – 1997. – №19/20. – С. 38.
8. Витрянский В.В. Договор аренды и его виды: прокат, фрахтование на время, аренда зданий, сооружений и предприятий, лизинг. – М.: Статут, 1999. – С. 182.
9. Гражданское право. Часть вторая / Под ред. О.Н. Садикова. М.: Юстицинформ, 2000. – С. 98.
10. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш. К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. 387-388.
11. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш. К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. 385.
12. Орлова М. Недвижимое имущество и ипотека // Российская юстиция. – 1998. – №11. – С. 11.
13. Соловей Ю.М. Основы строительного дела. – М., 1989. – С. 5.
14. Шершеневич Г.Ф. Курс торгового права. Т.3. СПб., 1909. – С. 255.

## ПОНЯТИЕ И ОБЪЕКТЫ НЕДВИЖИМОСТИ В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

**ВАЛИЗОДА МАНУЧЕХР РАХМОНАЛИ**,
соискатель кафедры административного права и государственной службы
факультета государственного управления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, улица Саид Носира 33.
Тел.: (+992) 92-648-60-60. E-mail: bolayoqat@gmail.com
**АНВАРОВ КОМИЛДЖОН БОБОХОНОВИЧ**,
соискатель отдела гражданского, предпринимательского и
семейного законодательства Национального центра законодательства при
Президенте Республики Таджикистан,
734024, г. Душанбе, улица Академика А. Адхамова, 13.
Тел.: (+992) 918-92-71-16. E-mail: komilov_12@mail.ru

Согласно гражданскому законодательству, вещи считаются одними из самых распространенных объектов гражданского оборота и подразделяются на разные виды. Классификация движимого и недвижимого имущества имеет большое теоретическое и практическое значение в гражданском праве. Гражданское право устанавливает особый режим гражданских прав в отношении недвижимого имущества, а недвижимое имущество и связанные с ним сделки являются одними из наиболее важных вопросов гражданского права. В статье авторы исследуют понятие, сущность и систему движимого имущества с учетом отечественной и зарубежной научной литературы и законодательства.

***Ключевые слова:*** *вещи, имущество, сделка, движимое имущество, недвижимое имущество, здания, сооружения, объекты недвижимого имущества, государственная регистрация недвижимого имущества.*

## THE CONCEPT AND OBJECTS OF IMMOVABLE PROPERTY IN CIVIL LAW

**VALIZODA MANUCHEHR RAHMONALI,**
Aspirant of Administrative Law and Civil Service Department, Faculty of Public Administration, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 926-48-60-60. E-mail: bolayoqat@gmail.com
**ANVAROV KOMILJON BOBOKHONOVICH,**
Aspirant of the Department of Civil, Entrepreneurial and Family Legislation of the National Legislation Center under the
President of the Republic of Tajikistan.
734024, Dushanbe, 13, Academician A. Adhamov str.
Phone: (+992) 918-92-71-16. E-mail: komilov_12@mail.ru

*According to the civil legislation, things are considered to be one of the most common objects of civil turnover and are classified into different types. The classification of movable and immovable property has great theoretical and practical importance in civil law. Civil law establishes a special regime of civil rights in relation to immovable property. Immovable property and related transactions are considered as one of the most important issues of civil law. In this article, the authors explore the concept, nature and system of immovable property, taking into account domestic and foreign scientific literature and legislation.*

***Key words:*** *things, property, turnover, movable property, immovable property, building, constructions, immovable property objects, state registration of immovable property.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 327.2**

# ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ КИБЕРСИЁСАТ

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Комиссия маркази интихобот ва райъпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru
**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*Киберсиёсат ҳамчун истилоҳоти илми сиёсӣ дар ҷомеаи кунунии иттилоотӣ мавқеи хоссаро соҳиб мебошад. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки бархе аз кишварҳо баҳри ташаккули ин шакли муосиру зарурӣ ва замонавии сиёсат аллакай чораҳои мушаххасро андешида истодаанд. Таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ташаккули танзими киберсиёсат нишон медиҳад, ки кишварҳо аллакай бо дарки муҳиммияти масъала стратегияҳои худро коркард ва қабул намудаанд. Тавассути ҳуҷҷатҳои стратегии мазкур мақсаду ҳадафҳои худро муайян ва қоидаҳои рафтори худро дар доираи талаботи ҷомеаи иттилоотӣ дақиқ намуда истодаанд.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккули таҷрибаи байналмилалӣ дар масъалаи танзими киберсиёсат мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шуд.*

***Калидвожаҳо:*** *кибер, киберсиёсат, иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, идоракунии интернет, таҷрибаи байналмилалӣ, стратегия, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Киберсиёсат ҳамчун истилоҳоти илми сиёсӣ дар ҷомеаи кунунии иттилоотӣ мавқеи хоссаро соҳиб мебошад. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки бархе аз кишварҳо баҳри ташаккули ин шакли муосиру зарурӣ ва замонавии сиёсат аллакай чораҳои мушаххасро андешида истодаанд.

Аз он ҷумла дар Федератсияи Россия Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 15 январи соли 2013, № 31 "Дар бораи ташкили системаи давлатии ошкор ва бартарафсозии оқибатҳои ҳамлаҳои компютерӣ ба манбаъҳои иттилоотии Федератсияи Россия", "Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россия (аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия 12 феврали 2013 тасдиқ шудааст), Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Россия дар соҳаи амнияти иттилоотии байналмилалӣ барои давраи то соли 2020, Конвенсия оид ба пешниҳоди иттилооти байналмилалии амният аз соли 2011, Назари консептуалӣ оид ба фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия дар фазои иттилоотӣ, ки соли 2011 қабул шудаанд, моҳиятан ифодаи ташаккули шакли мустақили сиёсат, яъне киберсиёсат мебошад. Фақат хусусияти масъала дар он аст, ки дар санадҳо ва ҳуҷҷатҳои номбурда мафҳуми киберсиёсат истифода нашуда, сиёсати иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ, ҳуҷуми иттилоотӣ ва ғайраҳо истифода шудааст, ки моҳиятан ва усулан фарогири тамоми ҷузъҳо ва унсурҳои киберсиёсат, ки мо дар боло қайд намудем, мебошанд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад Стратегияи байналмилалии фазои киберӣ соли 2011 ва гузориши Департаменти давлатии ИМА оид ба гузориши СММ дар бораи амнияти киберӣ ва фазои маҷозӣ аз 8 июни соли 2013 қабул карда шудааст. Дар Стратегияи байналмилалии фазои киберӣ омадааст, ки "Ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ кори худро дар заминаи Интернет ҳамчун роҳи ноил шудан ба шаклҳои наву васеътари амал ташкил мекунанд. Фарогирии технологияҳои шабакавӣ воқеан таъсирбахш ва глобалӣ мебошанд. Ба наздикӣ барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, инфрасохтори рақамӣ ҳамчун инфрасохтори асосӣ ва сарвати миллӣ хоҳад шуд. Барои пурра дарк кардани манфиатҳое, ки технологияҳои шабакавӣ ба ҷаҳон оварда метавонанд, чунин системаҳо бояд боэътимод ва бехатар кор кунанд. Мардум бояд мутмаин бошанд, ки иттилоот ба суроға дақиқ ва бидуни халал расонида мешавад". Нуктаи мазкур ҳамчун мақсади асосии ташаккули киберсиёсат дар ҳуҷҷати мазкур баён карда шудааст.

Ҷанбаи дигаре, ки боиси қайд аст, муайян намудани муносибати стратегии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба масъалаи фазои киберии байналмилалӣ мебошад. Дар ҳуҷҷати зикргардида вобаста ба масъалаи мазкур қайд шудааст, ки "Муносибати Иёлоти Муттаҳида ба принсипҳои фазои киберии байналмилалӣ аз он сарчашма мегирад, ки технологияи шабакавӣ барои кишвар ва ҷаҳон имкониятҳои азим дорад. Дар тӯли се даҳсолаи охир, мо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, мушоҳида кардем, ки ин технологияҳо дар иқтисодиёти мо инқилоб мекунанд ва ҳаёти ҳаррӯзаи моро дигаргун менамоянд. Мо, инчунин, дидем, ки масъалаҳои беруна ба фазои маҷозӣ ворид мешаванд, ба монанди истисмор ва таҷовуз. Бо мутобиқ шудан ба ин мушкилот, мо ба дигарон дар ин самт намуна хоҳем буд"[2].

Равиш ва муносибати стратегие, ки дар доираи ҳуҷҷати мазкур қабул карда шудааст, бори дигар тасдиқ менамояд, ки ИМА баҳри ишғоли мавқеи гегемонӣ дар фазои киберӣ заминаҳои устувор тайёр намудааст. Эспансияи киберие, ки дар натиҷаи татбиқи ин санад ба даст меояд, ба ИМА имконият медиҳад, ки дар фазои киберии дар назардоштаи худ пешгом бошад.

Ояндаи фазои кибериро тасвир ва тавсиф намуда, онро ҳамчун соҳае маънидод мекунанд, ки "дар он тамоми инноватсия ва навовариҳо дастгирӣ мeёбанд, соҳибкоронро ҳавасманд менамояд, фардҳоро муттаҳид намуда, умумиятҳоро устувор мегардонад, ба фаъолияти ҳукуматҳо таъсир расонида ба "шаффофияти" амали онҳо мусоидат менамояд, дар ҳимояи озодиҳои асосии инсон истода дахлнопазирии ҳаёти шахсиро таъмин менамояд, ба дарк ва дақиқ намудани меъёрҳои рафтор мусоидат намуда, сатҳи амнияти миллӣ ва байналмилалиро баланд мебардорад" [2].

Таҳлили мазмун ва моҳияти фазои киберӣ, ки дар ҳуҷҷати мазкур оварда шудааст аз он шаҳодат медиҳад, ки он фаротар аз сиёсати одии иттилоотӣ буда, дар замони ҷаҳонишавӣ ҳамчун василаи пешбурди талошҳои геополитикӣ низ маҳсуб мeёбад. Зеро он мақсади таъсиррасонӣ ба ҳукуматҳо, водор намудани онҳо баҳри фаъолияти "шаффоф" ва ғайраҳоро дорад. Вобаста ба ин, метавон хулоса намуд, ки фазои киберӣ имконияти таъсиррасониро ба амнияти давлатҳо ва устувории низомҳои сиёсӣ зиёд мегардонад.

Дар идомаи матни санади мазкур ба ҳамкории байналмилалӣ ҳамчун принсипи асосии ташкил ва фаъолияти фазои киберӣ, ҳимояи шабакаҳои интернетӣ аз дахолат ва корношоямгардонӣ бо ба инобат гирифтан ва афзалияти манфиатҳои миллию давлатии ИМА ҳамчун самтҳои ҳадафнок дарҷ карда шудаанд.

Дар Финляндия “Стратегияи амнияти киберии Финляндия” соли 2013 бо қарори Ҳукумати Финляндия қабул карда шудааст. Дар муқаддиммаи он омадааст, ки “амнияти киберӣ ҳолати ниҳоии дилхоҳеро ифода мекунад, ки дар он фазои киберӣ эътимодбахш буда, фаъолияти он таъмин карда мешавад” [6]. Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки яке аз шартҳои асосӣ дар ин самт таъмини фаъолияти эътимодбахши фазои киберӣ мебошад.

Дар ҳуҷҷати мазкур мафҳумҳои “кибер”, “таваккали киберӣ”, “амнияти киберӣ”, “фазои киберӣ”, “таҳдиди киберӣ” баррасӣ ва тавсиф карда шудаанд. Аз он ҷумла, таваккали киберӣ ҳамчун эҳтимолияти руйдод ва ё осебпазирӣ дар фазои кибериро ифода мекунад, ки дар ҳолати сар задан ва ё истифодабарии он ба амалиёте, ки аз он фаъолияти фазои киберӣ вобаста аст, зарар ва ё халал расонида мешавад. [7: с. 222].

Нуқтаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст ин фарқият дар тавсифи мафҳумҳои “фазои киберӣ” ва “муҳити киберӣ” мебошад. “Фазои киберӣ соҳаи коркарди иттилооти (маълумоти) электрониро ифода мекунад, ки як ва ё якчанд инфрасохтори технологияҳои электрониро дар бар мегирад. Муҳит истифодаи электроника ва спектри электромагнитиро бо мақсади ҳифз, коркард ва додани маълумот ва иттилоот тавассути шабакаҳои интиқоли маълумот ифода менамояд”. Вобаста ба тавсифи пешниҳодгардида метавон қайд намуд, ки фазо ва муҳити киберӣ мазмунан ва аз рӯйи сохтори таркибӣ якдигарро пурра менамоянд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам сухан сари василаҳои иттилоотию технологӣ ва фаъолиятҳои аз ҷониби онҳо анҷомдодашаванда вобаста ба иттилоот меравад, ки ҳадаф ҳифз, нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли он ба суроғаи зарурӣ мебошад. [7: с. 222].

Стратегияи мазкур пешбинӣ менамояд, ки то соли 2016 Финляндия дар соҳаи омодагӣ ба таҳдидҳои киберӣ ва назорати қоидавайронкуниҳо, ки дар натиҷаи чунин таҳдидҳо ба амал омадааст, “лидери ҷаҳонӣ” хоҳад шуд.

Таҳлили қиёсии санадҳои дар соҳаи сиёсати киберӣ қабулшудаи ИМА ва Финляндия нишон медиҳанд, ки ҷомеаи иттилоотӣ боз як самти рақобати шадидро байни субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд овардааст, ки нишонаи печидатар ва мушкилтар гаштани танзими муносибатҳо байни давлатҳо мебошанд. Тавре болотар зикр намуда будем, ИМА бо қабули Стратегияи байналмилалӣ вобаста ба фазои киберӣ эълон намуд, ки дар ин самт “намунаи фаъолият” барои дигарон хоҳад гашт, Финляндия бошад “лидери ҷаҳонӣ” хоҳад гашт. Албатта, шубҳа дар соҳибияти иқтидори технологӣ ва кадрӣ дар кишварҳои мазкур нест, вале масъала сари он аст, ки боз як самти рақобат дар муносибати байни давлатҳо ба вуҷуд омадааст.

Мутобиқи муқаррароти Стратегияи мазкур дар Финляндия сатҳи баландтарини идоракунии амнияти кибериро Ҳукумат таҷассум мекунад. Тамоми вазорату идораҳои дигари давлатӣ дар доираи салоҳият ва самтҳои фаъолияти худ бахри таъмини амнияти киберӣ масъул мебошанд.

Механизми миллии ташкили муқовимати устувор ба таҳдидҳои киберӣ ташкил ва фаъолияти механизми институтсионалиро пешбинӣ менамояд, ки бояд дар шакли Маркази амнияти киберӣ амал намояд.

Муносибати стратегие, ки дар доираи Ҳуҷҷати мазкур муайян шудааст, 8 принсипи асосиро ба роҳбарӣ гирифтааст. Онҳоро метавон дар шакли зайл баён намуд:

- ташкили модели самараноки ҳамкорӣ байни мақомоти ҳокимият ва дигар субъектҳо бо мақсади пешбурди амнияти киберӣ ва ҳимояи киберии миллӣ;

- боло бурдани дарки вазъият вобаста ба амнияти киберии маҷмӯӣ дар байни субъектҳои калидие, ки дар ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ширкат меварзанд;
- дастгирӣ ва рушди имкониятҳои функсионалии корхона ва муассисаҳое, ки дар самти ошкор ва безараргардонии таҳдидҳои киберӣ, бартараф намудани зарарҳое (нарушений), ки ба ягон функсияи ҳаётан муҳим ва қобилияти барқароршавӣ ба сифати унсури таъмини мунтазамии идоракунӣ дар ҷомеаи соҳибкорӣ, таъсири манфӣ мерасонанд;
- эътимод ҳосил намудан, ки полис дорои имкониятҳои зарурии функсионалӣ ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва кушодани ҷиноятҳои киберӣ мебошад;
- қувваҳои мусаллаҳи Финляндия захираи маҷмӯии муҳофизати кибериро барои иҷрои вазифаҳои худ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунанд;
- мустаҳкам намудани амнияти киберии миллӣ тавассути ширкати самаранок ва фаъолона дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва форумҳои ҳамкорӣ, ки барои амнияти киберӣ заруранд;
- васеъ намудани фаҳмиши экспертии амнияти киберӣ ва боло бурдани огаҳии ҳамаи субъектҳои ҷомеа;
- муайян намудани вазифаҳо вобаста ба амнияти киберӣ, моделҳои хизматрасон ва стандартҳои умумии идоракунии амнияти киберӣ барои мақомоти давлатӣ ва субъектҳои дигари ҷомеа. [7: с. 216-222].

Таҳлили принсипҳои роҳбарикунанда аз он далолат мекунанд, ки амнияти киберӣ бе ҳамкории тамоми мақомоту сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ҳамкории байналмилалӣ номумкин аст. Аз ин рӯ, Стратегияи мазкурро метавон ҳамчун василаи таъмини амнияти киберӣ дар ин кишвар маънидод намуд. Зеро он, воқеан ҳам, хусусияти фарогир ва маҷмӯи дошта, вазифа ва ӯхдадориҳои ҳар як субъект, хоҳ давлатӣ бошад, хоҳ ҷамъиятӣ, дар алоҳидагӣ мушаххас баён шудааст.

Дар Ҳиндустон бошад ҷиҳати танзими муносибатҳо дар самти мазкур соли 2013 “Сиёсати миллии амнияти киберӣ” қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур қайд шудааст, ки “фазои киберӣ муҳити мураккабест, ки ҳамкории байни одамон, таъминоти барномавӣ ва хизматрасониҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути таҷҳизот ва шабакаю технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар миқёси ҷаҳонӣ амалӣ мешаванд”[3: с. 225].

Мақсади қабули сиёсати миллӣ дар Ҳиндустон дар самти таъмини амнияти киберӣ ин ҳифзи иттилоот ва инфрасохтори иттилоотӣ аз таъсиррасониҳо, ки фазои иттилоотиро осебпазир мегардоданд, иборат мебошад. Маълум аст, ки дар ҷаҳони муосир Ҳиндустон яке аз кишварҳои дар самти коркард ва истеҳсоли таҷҳизотҳои иттилоотию коммуниктсионӣ пешсаф ба ҳисоб меравад. Махсулоти истеҳсолкардаи он дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир буда, системаҳои иттилоотӣ ва шабакавии устувор дар он таъсис дода шудаанд. Дар баробари ин бо дарки эҳтимолияти баланди таҳдидҳои киберӣ ҳуҷҷати алоҳида ҳамчун муайянкунандаи сиёсати киберӣ қабул карда шудааст.

Сиёсати миллӣ оид ба амнияти киберӣ дар Ҳиндустон ташкили экосистемаи бехатари фазои киберӣ, асоси қолабии кафолатдиҳанда, ташаккули механизмҳои огоҳкунии барвақтӣ дар бораи таҳдидҳо ба амният, идоракунии осебпазирӣ ва ҷавоб гуфтан ба таҳдидҳо, таъмини бехатарии идоракунии электронӣ, ҳифз ва устувории инфрасохтори иттилоотии танқидӣ, ихтисори таваккалҳои низоми таъминот, рушди неруи кадрӣ, таъмини иттилоот дар бораи амнияти киберӣ, мубодилаи иттилоот ва

ҳамкорӣ, ташаккули шарикии самараноки давлатию хусусӣ ва муносибат ба амалинамоии сиёсат бо назардошти афзалиятҳоро дар бар мегирад. Бо ифодаи дигар, сиёсати киберии Ҳиндустон, ки дар доираи ҳуҷҷати мазкур таҷассум ёфтааст, хусусияти мураккаби падидаи мазкурро дар ҷаҳони имрӯзаи иттилоотӣ пурра дар бар гирифтааст. Танзими тамоми муносибатҳои ба ин самт рабтдошта ба қатори афзалиятҳои миллӣ дохил карда шудаанд.

Бо назардошти мавқеъ пайдо намудани киберсиёсат дар фаъолияти давлатҳои гуногун, рушди ҷомеаи иттилоотӣ, болоравии эҳтиёҷоти ҷомеа ба истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ зарурати танзими муносибатҳо дар арсаи байналмилалӣ пеш омад. Вобаста ба ин дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) аз ҷониби Ассамблеяи Генералии он Қатъномаи 64/211 аз 21 декабри соли 2009 қабул карда шуд. Қатъномаи мазкур “Ташаккули фарҳанги глобалии амнияти киберӣ баҳри арзёбии кӯшишҳои миллӣ ҷиҳати ҳифзи инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ” ном дошт.

Дар Қатъномаи мазкур аз давлатҳои аъзо даъват ба амал оварда мешавад, ки механизми ҳударзёбии кӯшишҳои миллиро дар самти ҳифзи инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ, ки қобиланд дар таҳкими амнияти киберӣ истифода шаванд, ихтиёран ба роҳ монанд. Самтҳое муайян карда шаванд, ки андешидани чораҳои иловагиро бо мақсади боло бурдани фарҳанги глобалии амнияти киберӣ тақозо менамоянд.

Ҳамчунин ба созмонҳои дахлдори минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки стратегияи фаъолиятро дар самти таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи фазои киберӣ таҳия намудаанд, тавсия дода шуд, ки бо дигар ҷонибҳо табодули таҷриба намуда, ба давлатҳои аъзо дар кӯшишҳои онҳо баҳри ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ кумак расонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ташаккул ва рушди сиёсати киберӣ нишон медиҳад, ки ҳар як давлат дар доираи афзалияти манфиатҳои миллию давлатии худ муносибат ва стратегияи фаъолияти худро дар ин самт муайян намуда истодааст. Ин амали ногузир аст. Зеро ҷомеаи иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаҳо ворид гашта, тақозо менамояд, ки қонуниятҳои муосири танзими муносибатҳо дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба инобат гирифта шаванд.

Киберсиёсат дар замони муосир қисми таркибии сиёсати давлатии кишварҳоро ташкил дода, тавассути он раванди идоракунии иттилоот тавассути интернет таъмин карда мешавад. Оё интернет идорашаванда аст? Ин суолест, ки ҷавобҳои зиддунақз ба он вуҷуд дошта, бархе онро ҳамчун мавҷи идоранашаванда ва бархе ҳамчун идорашаванда маънидод мекунад. Ба ақидаи мо, ба ҳар ҳол Интернет василаи идорашаванда мебошад.

Ба ақидаи олими рус М.Б.Касенова «мафҳуми «идоракунии интернет» дар фаҳмиши анъанавӣ ва муосири он солҳои 2000 пайдо шудааст ва он тарҷумаи шартии мафҳуми «Internet Governance» англисӣ мебошад. Дар назария ва амалия тарҷумаҳои гуногуни мафҳуми мазкур, аз қабили «танзими интернет» ва «идоракунии истифодаи интернет» маълуманд. Маълум мешавад, ки аз ҳама мафҳумҳои истифодашуда маҳз «идоракунии интернет» мақбултар буда (ҳарчанд ки пурра маънои ибораи мазкурро ифода намекунад), ифодакунандаи қоида ва тартибҳое мебошад, ки тартиби фаъолият ва рушди шабакаи иттилоотии ҷаҳониро ифода менамояд [1: с. 13].

Яъне, хулоса баровардан мумкин аст, ки интернет ҳам тавассути тартиб ва қоидаҳои муайян танзим ва идора карда мешавад.

«Идоракунии интернет - раванди таҳия ва коркарди принсипҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва тартиби умумӣ, инчунин усулҳои қабули қарор ва барномаҳое мебошанд, ки таҳаввулот ва истифодаи интернетро аз ҷониби ҳукуматҳо, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи салоҳияти онҳо танзим менамоянд» [1: с. 16].

Масъалаи идоракунии интернет ва ташаккули тарҳи ҳуқуқӣ байналмилалии идоракунии интернет таърихан бо раванди баргузории Вохӯрии байналмилалии сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва қадамҳои минбаъдаи амалинамоии қарорҳои қабулшуда алоқаманд мебошад. Вохӯрии мазкур таҳти сарпарастии СММ дар ду марҳила баргузор шудааст. Марҳилаи аввал моҳи декабри соли 2003 дар Женева ва марҳилаи дуюм соли 2005 дар Тунис шуда гузаштанд. Яке аз натиҷаҳои муҳимми марҳилаи аввал ин таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба идоракунии интернет буд [5]. Фаъолияти гурӯҳи кории мазкур ба ташаккули Форуми байналмилалии Идоракунии Интернет (минбаъд- Форуми IGF) замина гузошт.

Форуми мазкур таҳти сарпарастии СММ оид ба гузаронидани муколамаи бисёрҷонибаи сиёсӣ оид ба масъалаҳои идоракунии Интернет ва фаъолияти он дар асоси мандати СММ фаъолият мекард. Мандат сохтори қатъии ташкилиро дар назар надошта, бо пешниҳоди имконияти бетарафӣ, шаффофият, демократия ва ғайримарказикунонии IGF ва мунтазам таҷдиди назар намудани мандати он фаъолият менамуд. Пешбинӣ шуда буд, ки IGF бояд ба механизми идоравии интернетии институтсионалии мавҷуда такя кунад. IGF ягон функсияи назоратӣ надорад ва сохторҳои мавҷударо иваз намекунад, вале метавонад механизмҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо, вале дар раванди фаъолият ҷалб кунад ва таҷрибаи онҳоро истифода барад.

Қарорҳои қабулкардаи IGF ҳатмӣ нестанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд [1: с. 29]. Новобаста ба ин он тавонистааст ҳамчун ташкилоти байналмилали танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт баромад намояд. Бо назардошти мавқеи муҳимми интернет дар ҳаёти давлатҳо ва ҷомеаҳо таваҷҷуҳ ба фаъолияти ин ниҳод ҳоло хеле зиёд аст. «Дар айни замон, Форуми Идоракунии Интернет дар IGF ҳамчун як сохтори системаи СММ баромад мекунад ва ҳамчун як форуми муҳокимаи ҷанбаҳои гуногуни идоракунии Интернет, аз ҷумла масъалаҳои асосии сиёсати давлатӣ хидмат мекунад. Ҷолиб аст,ки тавсияҳои Форуми ИГФ-и Идоракунии Интернет дар санадҳои ҳуқуқии созмонҳои байналмилалӣ, дар мисоли эъломияҳои Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) ва ғайра инъикос меёбанд» [1: с. 27]. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки ҳамчун созмони касбӣ тавсияҳои он барои ташкили самараноки фаъолият ва танзими интернет хеле муҳим мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ аз раванди мазкур дур буда наметавонад. 12 сентябри соли 2011 намояндагони доимии Ҷумҳурии Халқии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар СММ ба номи Дабири кулли СММ мактуб навишта, дар бораи қабул намудани Қоидаҳои рафтор дар самти амнияти иттилоотии байналмилалӣ хоҳиш намуда буданд. «Мақсади асосии Қоидаҳои мазкур муайян намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои давлатҳо дар фазои иттилоотӣ, ҳавасандгардонии рафтори созанда ва масъулиятноки онҳо, устувор гардонидани ҳамкории байни онҳо ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳо дар фазои иттилоотӣ мебошад, то ин ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз он ҷумла шабакаҳо фақат бо мақсади рушди миқёсан васеи иқтисодию иҷтимоӣ ва некуаҳволии халқҳо истифода шуда, ба ҳадафҳои таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ халал нарасонанд» [4]. Таҳияи Қоидаи мазкур бо назардошти

эҳтимолияти калони истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои ғаразнок руйи кор гирифта шудааст. Зеро истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ бо мақсади тарғибу дастгирии экстремизму терроризм, ташкили агрессияи иттилоотӣ аз ҷониби як давлат ба муқобили давлати дигар, халалдорсозии раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайраҳо омили муҳим дар роҳи аз даст додани суботи кишварҳо мебошад.

Дар Қоидаҳои мазкур оварда шудааст, ки шабакаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ набояд ба мақсадҳои ҳарбӣ, халалрасонӣ ба рушди кишварҳои дигар, тарғиб ва дастгирии терроризм, таҷовуз ба муқобили давлати дигар ва дигар амалҳои барои инсон хатарнок истифода шавад. Баръакс, бояд бо мақсадҳои рушди босубот, дастгирии кишварҳои сусттараққикарда ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо дар масъалаи дастрасӣ ба иттилоот амалӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои овардашуда вобаста ба мазмун ва моҳияти киберсиёсат ҳамчун категорияи илми сиёсӣ ва ҳам шакли нави сиёсат дар раванди идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки раванди идоракунӣ боз бо як шакли нави идоракунӣ, яъне идоракунии киберӣ ғанӣ гашта истодааст. Таҳлили этимологӣ ва асосноккунии назариявию сиёсии мафҳуми киберсиёсат аз он далолат мекунад, ки дар баробари маъноҳои дигари луғавӣ, ба сифати падидаи бо компютер, иттилоот ва василаҳои иттилооърасон вобаста будани он бахри кушодани моҳияти аслии он аҳамияти хосса дорад.

Киберсиёсат ба сифати падидаи ҷомеаи иттилоотӣ баромад намуда, ифодаи мавқеъ ва нақши иттилоот ва шабакаҳои технологии иттилоъраcон дар ҳаёти ҷомеаи муосир мебошад. Дар баробари ҳифзи сарҳад, марзу бум, сохтори конститутсионӣ ва тамомияти арзӣ ҳифзи иттилоот ҳам ба сифати вазифаи стратегӣ баромад намуда истодааст. Фазои иттилоотӣ ҷузъи таркибии фазои амниятии кишвар ба шумор рафта, таъсиррасониҳои дар бо ба вуҷудоянда қодиранд тамоми авзои ҷомеаро бесубот гардонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки стратегияҳои мукаммалу маҷмӯӣ дар самти ҳимояи фазои киберӣ ва муҳити киберӣ андешида шавад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ҳам дар ин самт нишон медиҳад, ки кишварҳо аллакай бо дарки муҳиммияти масъала стратегияҳои худро коркард ва қабул намудаанд. Тавассути ҳуҷҷатҳои стратегии мазкур мақсаду ҳадафҳои худро муайян ва қоидаҳои рафтори худро дар доираи талаботи ҷомеаи иттилоотӣ дақиқ намуда истодаанд.

Падидаи дигаре, ки дар ин ҷараён чун эҳтиёҷоти бевосита ба вуҷуд омадааст, коркарди қоидаҳои рафтор ва риояи фарҳанги рафтор дар фазои киберӣ мебошад, ки дар мисоли санадҳои кишварҳои гуногун ва СММ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Омӯзиши онҳо имконият медиҳад хулоса намоем, ки чун дигар шаклҳои сиёсат киберсиёсат ҳам тақозо менамояд, ки доираи арзишу меёрҳои ба танзимдорандаи рафтори субъектон коркарда карда шавад. Талаботҳое, ки дар доираи қоидаҳои рафтор ва фарҳанги рафтор пешниҳод шудаанд, бахри истифодаи самаранок ва безарари шабакаҳои иттилоотӣ равона карда шудаанд. Зеро таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки шабакаҳои интернетӣ ҳамчун всилаи татбиқи ҳадафмандонаи мақсадҳои ғаразнок низ истифода шуда истодаанд. Аз ин рӯ, риояи фарҳанг дар истифодаи шабакаҳои интернетӣ мумкин то як дараҷа ҳусусияти назариявидошта низ намояд. Вагарна падидаҳои кибертерроризму киберэкстремизм, киберагрессияву киберҳуҷум ба вуҷуд намеомаданд.

**Адабиёт**

1. Касенова М.Б. Основы трансграничного управления интернетом. // Кибербезопасность и управление интернетом: Документы и материалы для российских регуляторов и экспертов / Отв. ред. М.Б. Касенова; сост. О.В. Демидов и М.Б. Касенова. – М.: Статут, 2013. – 464 с.
2. Международная стратегия в отношении киберпространства. Процветание, безопасность и открытость сетевого мира *(Май 2011 г.) (Извлечения)*
3. Национальная стратегия и кибербезопасности// Кибербезопасность и управление интернетом: Документы и материалы для российских регуляторов и экспертов / Отв. ред. М.Б. Касенова; сост. О.В. Демидов и М.Б. Касенова. – М.: Статут, 2013. –С.225.
4. Правила поведения в области обеспечения международной информационной безопасности//Приложение к письму постоянных представителей Китая, Российской Федерации, Таджикистана и Узбекистана при Организации Объединенных Наций от 12 сентября 2011 года на имя Генерального секретаря //URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N11/496/58/PDF/N1149658.pdf?OpenElement.См.также: http://www.un.org/russian/news/story.asp?NewsID=18471
5. Рабочая группа *WGIG* рассматривала как тождественные понятия «управление интернетом» и «управление использования интернета» (см. об этом подробнее: URL: http://www.itu.int/wsis/basic/about.html).
6. Стратегия Кибербезопасности Финляндии. *(Постановление Правительства от 24 января 2013 г.)//* Finland’s Cyber security Strategy. – URL: http://www.yhteiskunnanturvallisuus.fi/en/ materials (неофициальный перевод О.В. Демидова и М.Б. Касеновой). - С.
7. Стратегия Кибербезопасности Финляндии. *(Постановление Правительства от 24 января 2013 г//* Касенова М.Б. Основы трансграничного управления интернетом. // Кибербезопасность и управление интернетом: Документы и материалы для российских регуляторов и экспертов / Отв. ред. М.Б. Касенова; сост. О.В. Демидов и М.Б. Касенова. – М.: Статут, 2013. –С.222.

# ФОРМИРОВАНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ОПЫТА В РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРОБЛЕМА КИБЕРПОЛИТИКИ

**ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,**
доктор философских наук, профессор,
член Центральной комиссии
по выборам и референдумам Республики Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки 42.
Тел.: (+992) 918-63-97-54. E-mail: makfirat@mail.ru
**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
кандидат политических наук, доцент,
проректор по науке и инновациям
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*Киберполитика как понятие в политической науке имеет особое место в современном информационном обществе. Изучение международного опыта показывает, что некоторые*

*страны уже предпринимают конкретные меры и шаги для развития этой современной и необходимой формы политики. Международный опыт в направлении развития киберполитики показывает, что эти государства, уже с осознанием важности вопроса, разработали и приняли свои определенные стратегии. С помощью таких стратегических документов они определяют, конкретизируют свои цели и правила поведения в соответствии с требованиями информационного общества.*

*В статье исследуются вопросы развития международного опыта регулирования киберполитики.*

***Ключевые слова:*** *Кибер, киберполитика, информация, информационное общество, управление интернета, международный опыт, стратегия, Республика Таджикистан.*

## FORMATION OF INTERNATIONAL EXPERIENCE IN REGULATING THE CYBER POLICY PROBLEM

**HIDIRZODA MAHFIRAT UMAR,**
Doctor of Philosophy, Professor, Member of the
Central Commission for Elections and
Referendums of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 42, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-63-97-54. E-mail. makfirat@mail.ru
**KOMILBEK AMID YORBEK,**
Candidate of Political Science, Associate Professor,
Vice-Rector for Science and Innovation of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*Cyber policy as a concept of political science has a special place in the modern information society. The study of international experience shows that some countries are already taking concrete measures and steps to develop this modern and necessary form of policy. International experience in the direction of the development of cyber policy regulation shows that these states, already realizing the importance of the issue, have developed and adopted their specific strategies. By the help of such strategic documents, they define their goals and concretize rules of conduct in accordance with the requirements of the information society.*

*This article examines the development of international experience in cyber policy regulation.*

***Key words:*** *Cyber, cyber policy, information, information society, Internet management, international experience, strategy, Republic of Tajikistan.*

УДК 323.22/.28

# АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САМТҲОИ АСОСИИ ТАЪМИНИ ОН

**ЯТИМОВ САЙМУМИН САТТОРОВИЧ,**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.
**ХОЛИҚОВ ФИРДАВС АЛИЕВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 937-44-33-33. E-mail: firdavs.holikov2016@gmail.com

*Таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чигунагии амнияти иттилоотии кишвар вобаста мебошад. Зеро дар шароити имрӯза рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернет тасаввур намудан ғайриимкон гардидааст. Дар баробари тавсеаи шабакаи интернет ва рушди технологияҳои иттилоотӣ инчунин таҳдиду хатарҳои гуногун низ ба вуҷуд омадааст. Таҷрибаи давлатҳои олам нишон медиҳад, ки дар таъмини амнияти иттилоотӣ давлат нақши марказиро ишғол менамояд. Дар баробари давлат, инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои аз ҷониби шаҳрвандон таъсисёфта низ ширкат меварзанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлату ҳукумат дар таъмини амнияти иттилооти нақши асосиро иҷро намуда, самтҳои асосии онро тавассути сиёсати давлатии иттилоотӣ амалӣ мегардонанд. То имрӯз бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ қабул гардидаанд. Аммо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тақозои онро менамояд, ки ҳуҷҷатҳои мазкур марҳила ба марҳила бо дигаргуниҳои баамаломада бояд мутобиқ гардонида шаванд. Дар чунин шароит имкони бартараф намудани қафомонии иттилоотӣ ва пешгирӣ кардани таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ имконпазир мегарданд.*

*Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардида, ҷиҳати тақвияти минбаъдаи онҳо тавсия ва хулосаҳо пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иттилоотӣ, манфиатҳои иттилоотӣ, сиёсати давлатии иттилоотӣ, сиёсати иттилоотонӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, маданияти иттилоотӣ, амнияти миллӣ*

Дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда барои ҳар як давлат масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ афзалияти аввалиндараҷа пайдо намуда, шарти асосии таъмини амнияти миллӣ дониста мешавад. Айни замон технологияҳои иттилоотию компютерӣ тадриҷан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, рушди соҳаҳои мазкурро аз худ вобаста намудаанд. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иттилоотиро рушду такомули инфрасохтори иттилоотии мамлакат ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар натиҷаи имконпазир гардидани дастрасии бештари шабакаи интернет ва зиёд шудани шумораи истифодабарандагони он хавфу хатари роҳандозӣ намудани экспансияи иттилоотӣ, дар амал татбиқ сохтани ҷангҳои иттилоотӣ ва дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ паҳн намудани иттилооти дорои таъсиррасонии манфӣ пайдо шудааст. Чунин амалҳо ҳам аз ҷониби давлатҳои алоҳидаи манфиатдор ва ҳам аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ фаъолона анҷом дода мешаванд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯзҳо дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза ҳуҷумҳои иттилоотии дорои характери тундгароию ифротгароӣ ва ба амалҳои зӯроварона нигаронидашуда хеле зиёд гардидаанд. Махсусан, тарғибу

ташвиқи ғояҳои экстремистию террористӣ, ба вуҷуд овардани кинаю адовати миллию мазҳабӣ, иғвоангезию шурандозӣ таҳдидҳое мебошанд, ки тариқи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир анҷом дода мешаванд ва ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар мустақиман таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар шакли рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот аз таҳдиду хатарҳои дохилию беруна ҳамчун омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа дар мадди аввал қарор мегирад. Кӯшиши рақибон барои маҳдуд кардани манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, берун намудани онҳо аз бозорҳои дохилию берунӣ, муташанниҷ гардидани рақобати байналмилалӣ барои ба даст овардани манбаҳои иттилоотию техникӣ сарчашмаҳои асосии пайдоиши таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ мебошанд [6, с.53].

Таҷрибаи давлатҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа хусусияти маҷмӯӣ дорад. Яъне, дар ин раванд дар баробари давлат ва мақомоти давлатӣ инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ ҷалб мегарданд. Аммо давлат дар таъмини амнияти иттилоотӣ нақши меҳвариро ишғол намуда, ҳамчун ниҳоди маркази системаи сиёсии ҷомеа ҳамгироии ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва кулли ҷомеаро таъмин месозад. Зеро вай барои муқовимат намудан бо таҳдидҳои иттилоотӣ неруҳо ва воситаҳои заруриро дар ихтиёр дорад. Ғайр аз ин, давлат танзимгари муносибатҳои иттилоотӣ ба шумор рафта, субъектҳои фаъолияти иттилоотии ҷомеаро муайян месозад. Чунин ҳадаф дар заминаи сиёсати иттилоотии давлат дар амал татбиқ карда мешавад, ки он аз чорабиниҳои гуногуни соҳавӣ ва стратегӣ иборат мебошад.

Дар баробари ин, дар таъмини амнияти иттилоотӣ ва амнияти миллӣ шаҳрвандони кишвар ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ вазифадор карда мешаванд. Масалан, мувофиқи моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст» [2]. Аммо тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар салоҳияти таъмини амният ба давлат тааллуқ дорад. Чунончӣ, мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд [5]. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки масъалаи ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот бояд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳаллу фасл гарданд ва дар ин самт аз ҷониби онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шаванд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд давлат фаъолияти иттилоотии худро дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ анҷом диҳад ҳам, дар таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа мақомоти ҳокимияти давлатӣ нақши аввалиндараҷа доранд. Баъзе олимон таъкид менамоянд, ки мавқеи давлат ҳамчун институти сиёсии ҷомеа дар низоми таъмини амнияти иттилоотӣ, чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ хусусияти дуҷониба дорад. Аз як ҷониб, давлати демократию ҳуқуқӣ ӯхдадор аст, ки дар навбати аввал, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ талаботи шахсони алоҳида ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро қонеъ созад. Аз ҷониби дигар, давлат бо роҳи таъмини амнияти иттилоотӣ ба иҷроиши вазифаҳои дар боло номбаргардида бояд мусоидат намояд [6, с.53].

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки давлат субъекти асосии пешбурди сиёсат аст. Маҷбурнамоӣ ҳамчун воситаи ҳукмронии сиёсӣ дар инҳисори давлат қарор дорад ва инчунин вай барои таъсиррасонӣ намудан ба рафтори аъзоёни ҷомеа воситаҳои заруриро дар ихтиёр дорад. Ғайр аз ин, давлат барои амалӣ намудани сиёсати пешгирифтаи худ воситаҳои моддию техникӣ ва кадрҳои заруриро доро мебошад. Ҳамаи ин ба давлат имкон медиҳад, ки дар таъмини амнияти миллӣ ва махсусан, дар таъмини амнияти иттилоотӣ нақши асосиро иҷро намояд.

Таъмини амнияти иттилоотии давлат ва ҷомеа дар фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дида мешавад. Аммо салоҳият ва самти фаъолияти онҳо аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд, ки чунин ҳолат аз мақсад ва вазифаҳои ин сохторҳо вобаста мебошад. Салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ омили муҳиме мебошад, ки дар заминаи онҳо низоми таъмини амнияти иттилоотӣ ташаккул дода мешавад. Системаҳои иттилоотӣ ва манбаҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ ташкил ва истифода бурда мешаванд, аммо дар низоми таъмини амнияти иттилоотии давлату ҷомеа нақши марказиро он мақомоте соҳиб аст, ки вазифаҳои роҳбарикунанда ва мутобиқсозандаро иҷро мекунанд ва сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар аз салоҳият ва ваколатҳои онҳо вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори умумии низоми давлатии таъмини амнияти иттилоотӣ чаҳор унсури амалишавии ҳокимияти сиёсиро дар бар мегирад, ки дар доираи салоҳияту ваколатҳои худ ин навъи фаъолиятро амалӣ мегардонанд: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Махсусияти иҷроиши вазифаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як мақомоти давлатӣ дар заминаи истифодаи инфрасохтори иттилоотии кишвар фаъолияти худро ба роҳ монда, на танҳо истифодабарандаи манбаҳои иттилоотӣ мебошад, балки ҳамчун мақоми салоҳиятдори паҳнкунандаи иттилоот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи ногусастанӣ барқарор намуда, фаъолияти муназзами системаҳои иттилоотӣ ва иртиботии давлату ҷомеаро ҳифз намуда, дастрасии қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба иттилооти расмӣ таъмин месозад. Муҳаққиқи рус А.А. Стрелсов дар таҳқиқоти худ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «дар раванди ба амал баровардани сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ кори аз ҳама мушкил бар дӯши ҳокимияти иҷроия вогузор мешавад» [10, с.50]. Яъне, масъули ба амал баровардани чорабиниҳои сатҳи миллию маҳаллӣ, ки ба таъмини амнияти иттилоотии кишвар нигаронида шудаанд, мақомоти ҳокимияти иҷроя мебошанд.

Масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аҳамияти фавқуллода ҷиддӣ ба худ гирифтааст. Чунин зарурат ва муҳиммиятро дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз соли 2003 қабул гардида буд, мушоҳида намудан мумкин аст [4]. Таҳлили ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам амнияти иттилоотӣ унсури марказии амнияти миллии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур мақсад, вазифаҳо, меъёрҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Инчунин дар ҳуҷҷати мазкур қайд мегардад, ки амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иттилоот мебошад, ки маҷмӯи манфиатҳои бо ҳам мувофиқи шахс, ҷомеа ва давлатро муайян менамояд [4]. Дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ишора мешавад, ки

соҳаи иттилоотӣ омили муҳимми ҳаёти ҷомеа ба шумор рафта, ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар ҷузъҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расонида, сатҳу сифати онҳо аз таъмини амнияти иттилоотӣ вобаста мегарданд [4]. Консепсияи мазкур сиёсати давлатии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ муайян менамояд.

Дар маҷмӯъ, дар консепсияи мазкур манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии кишвар, сарчашмаҳои пайдоиши чунин таҳдидҳо, вазъи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳу усулҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ба таври муфассал инъикос гардидаанд.

Сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ ба мисли сиёсати соҳаҳои дигар дар заминаи меъёрҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад, ки онҳоро бо такя ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1) Риояи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои дигар эътироф гардидаанд;

2) Иттилоотонии ҷомеа дар бораи иҷроиши вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти онҳо;

3) Баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни раванди муносибатҳои иттилоотӣ новобаста аз мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ;

4) Рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки чунин масъалаҳо, ба монанди ташкил намудани шароити муосид барои рушди муназзами инфрасохтори иттилоотии кишвар, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ҳимоя намудани сохтори конститутсионии давлат, истиқлолияти давлатӣ ва якпорчагии марзу бум, дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, таъмин намудани устувории сиёсию иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ, риояи қонун ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалии давлат, ҳифзи имиҷи байналмилалии давлату Ҳукумат манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотӣ мебошанд.

Дар соҳаи иттилоотӣ мавҷуд будани сарчашмаҳои таҳдид ва зери хавфу хатар қарор гирифтани манфиатҳои миллии Тоҷикистон омили муайянкунанда ва ташаккулдиҳандаи сиёсати давлатии иттилоотӣ мебошад. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, тавсеаи босуръати яроқи иттилоотӣ, кӯшиши дар амал татбиқ намудани ҷангҳои иттилоотӣ, фаъол гардидани кибертерроризм, ба амал омадани терроризми иттилоотӣ, сол то сол зиёд шудани паҳншавии иттилооти иғвоангез ва дорои хусусияти тундгароӣ ва ифротгароӣ таҳдидҳое мебошанд, ки дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ зарару зиёни бештар доранд [8]. Аз ин рӯ, сарчашмаҳои чунин таҳдидҳо, ки ба амнияти иттилоотии кишвар таъсири бевосита доранд, ба раванди амалишавии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ халал мерасонанд. Ба ибораи дигар, душманони пуриқтидори давлату миллат кӯшиш менамоянд, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ манфиатҳои миллии Тоҷикистонро зери хавфу хатар қарор диҳанд ва ҳолати ҳимоятшавандагии онҳоро аз байн бубаранд.

Бо дарназардошти чунин вазъ самтҳои асосии муқовимат бо таҳдиду хатарҳои иттилоотиро, ки ҳамзамон заминаҳои асосии ташаккули низоми таъмини амнияти иттилоотӣ низ мебошанд, ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудан мумкин аст. Яке аз самтҳои ин соҳаро, ки барои танзими фаъолияти иттилоотӣ ва муносибатҳои иттилоотӣ зарур аст, рушду такомули қонунгузории миллӣ ташкил медиҳад. Инчунин

рушди низоми созишномаҳои байналмилалӣ оид ба пешгирии таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини ин соҳаи фаъолиятро дар бар мегирад. Самти дуюми ин навъи фаъолият такмили низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолияти додгоҳӣ мебошад, ки он барои таъмини амнияти манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоот зарур аст. Такмили таъминоти технологии амнияти инфрасохтори иттилоотӣ, воситаҳои ҳифзи иттилоот, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ, таъминоти ҳуқуқии ин раванд самти сеюми муқовимат бо таҳдидҳои иттилоотиро ташкил медиҳад. Самти чоруми ин гуна фаъолият такмили низоми омода намудани мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ мебошад. Ташаккули низоми гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷомеа самти панҷуми таъмини амнияти иттилоотӣ ва безараргардонии таҳдидҳои иттилоотӣ мебошад. Ба амал баровардани фаъолияти самаранок дар самтҳои номбаргардида имкон медиҳад, ки ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ гарданд. Ҳамзамон ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, таъмини амнияти инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, аз худ намудани фазои иттилоотии миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот аз рушду такомули чорабиниҳои номбаргардида вобастагии зиёд доранд.

Таҳлили асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва низоми ташкилии он бо баррасии масъалаҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ алоқамандии зич дорад. Дар ин замина як гурӯҳ олимон иброз медоранд, ки самти муҳимтарини таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа рушду такомули заминаҳои ҳуқуқии он ба шумор меравад [1]. Таъминоти ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта, ҳимояи манфиатҳои миллии соҳаи иттилоотӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои иттилоотиро имконпазир мегардонад. Дар заминаи онҳо низоми мувофиқгардонидашудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва фаъолияти мутобиқшудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташаккул дода мешавад. Қонунгузории давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳаи иттилоотӣ воситаи асосии дар амал татбиқ сохтани самтҳои гуногуни сиёсати давлатии иттилоотӣ мебошад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳое қабул шудаанд, ки барои танзими муносибатҳои иттилоотӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи иттилоот, ҳимояи манфиатҳои миллии соҳаи иттилоот ва дар маҷмӯъ, барои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (2001), «Дар бораи иттилоот» (2002), «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2002), «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (2008), «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (2013) ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи ташаккули қонунгузории соҳаи иттилоот дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, махсусан ба амал баровардани ҷангҳои иттилоотӣ марҳила ба марҳила мубрамияти хосса пайдо менамояд. Ғайр аз ин, дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ як қатор самтҳои нави фаъолияти иттилоотӣ пайдо мегарданд, ки барои танзими рафтори субъектҳои ин соҳаҳои фаъолият такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии иттилоотӣ зарур шуморида мешавад.

Олими рус А.В. Морозов зарурияти такмили қонунгузории соҳаи иттилоотиро таҳқиқ намуда, иброз медорад, ки дар шароити тавсеаи равандҳои иттилоотонӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ масъалаи танзими ҳуқуқии ин равандҳо дар мадди аввал қарор мегиранд. Ҳамзамон рушду такмили қонунгузории соҳаи иттилоотӣ

ба он хотир зарур дониста мешавад, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии ин соҳа ба сатҳу сифати танзими муносибатҳои соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад [7, с.79].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун субъекти рушди муносибатҳои иттилоотӣ ва таъмингари амнияти иттилоотӣ тӯли ду даҳсолаи охир хеле фаъолона ба роҳ монда шудааст ва марҳила ба марҳила такмил дода мешавад. Қабули Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сиёсати иттилоотӣ, қонунҳои соҳаи иттилоотӣ дар ташаккули мундариҷаи ягонаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, муайян намудани таҳдидҳои иттилоотӣ, роҳу усулҳои муқовимат бо таҳдидҳои мазкур ва низоми таъмини амнияти иттилоотии кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Махсусан, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, барои амалисозии манфиатҳои иттилоотии кишвар ва ҳифзу ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна заминаи сиёсию стратегӣ муҳайё намудааст. Ҳамзамон консепсияи мазкур бо Хартияи Окинава оид ба ҷомеаи иттилоотии глобалӣ [9] алоқамандии зич дошта, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фаъолияти созмонҳои минтақавию байналмилалӣ таъмин менамояд ва самти сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозад.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳимми қабулгардида масъалаҳои рушди ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи сулҳу суботи сиёсию ҷамъиятӣ, мутобиқшавии давлату ҷомеа бо дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳони муосир ба инобат гирифта шудаанд. Амалӣ намудани манфиатҳои миллии соҳаи иттилоот ҷиҳати таъмини рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон ва барои ташкили шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва моддию техникии он нигаронида шуда, бо роҳи иттилоотонии ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии ҷомеа дар амал татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳимояи манфиатҳои иттилоотии кишвар аз таҳдиду хатарҳои иттилоотии замони муосир низ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир омили муҳими таъминкунандаи рушди минбаъдаи ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат, тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва таъмин намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти зарурӣ манфиатҳои иттилоотии кишвар дар марҳилаи нави давлатдории миллӣ мебошанд. Инчунин рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ҷомеаи пасосаноатӣ қадамҳои устувор гузорад, дар раванди ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ иштироки фаъол дошта бошад ва манфиатҳои миллию давлатии худро аз таҳдиду хатарҳои навин ҳифз карда тавонад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа нобаробарии иттилоотии одамон то сатҳи зарурӣ аз байн бурда мешавад ва мубодилаи озоди иттилоотӣ дар байни онҳо ва амнияти иттилоотии ин раванд таъмин мегардад.

Дар бораи меъёрҳои ба амал баровардани сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ низ баъзе масъалаҳоро таҳлил намудан зарур аст. Зеро дар раванди анҷом додани ин мақсад дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе мушкилиҳо низ ҷой доранд, ки онҳоро дар оянда бартараф намудан зарур аст.

Риояи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд, меъёри якуми сиёсати давлатии таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Дар самти риояи Конститутсия ва қонунҳои мамлакат, ки барои танзими муносибатҳои иттилоотӣ қабул гардидаанд, муваффақиятҳо назаррасанд. Баъзе мушкилиҳои ҷудогонае, ки дар амалишавии қонунгузории кишвар дида мешаванд, бо рушди нокифояи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа алоқаманд мебошанд.

*Муаллиф таъкид менамояд, ки имрӯз қиммати иттилоот ҳамчун арзиши нави маънавӣ ба маротиб афзудааст. Вале ин падида барои тақдири инсоният танҳо ҳамон вақт муҳим арзиши воқеӣ пайдо мекунад, ки инсон моҳияти онро барои худ ва ҷомеа дарк карда тавонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *либерализатсия, рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, корпоратсияҳои фаромиллӣ, трансмиллизатсия, фарҳанг, идеология, фишори низомӣ, ҷустуҷӯ, дарёфт, технологияи психологӣ, космополитизм, иттилоот, психология ва илм, ҷаҳонишавӣ, қобилияти зеҳнӣ, кӯдакони индиго, патологияи иҷтимоӣ.*

Равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир вусъат меёбанд, (либерализатсияи қонунгузорӣ, таҳкими муносибатҳои тиҷоратии байнидавлатӣ, рушди технологияҳои нақлиётӣ, иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, ҳамгироии асъор ва биржаҳои фондӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, институтсионализатсияи корпоратсияҳои трансмиллӣ ва ғайра) ба наздикшавии давлатҳо ва таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ мусоидат мекунанд. Дар минтақаҳои гуногуни олам чунин наздикшавӣ бо суръати гуногун ва хусусиятҳои хос ба ҳамон митақа сурат мегирад, ки чунин шакли боҳамоиро ҷаҳонишавӣ меноманд [5].

Аслан, ҷаҳонишавӣ шакли олии рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар шакли муттаҳидсозии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки бо мақсади паст кардани арзиши маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ равона гардидааст.

Аз ҷониби дигар, раванди ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад: дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷаҳонишавӣ ба рушди корпоратсияҳои фаромиллӣ ва ташаккули қишрҳои мустақили сармоядорони «фаромиллӣ» мусоидат мекунад; дар соҳаи сиёсат ҷаҳонишавӣ ба трансмиллишавии элитаи сиёсӣ, ки ба идоракунии миллӣ нигаронида шудаанд, оварда мерасонад; дар соҳаи фарҳанг ва идеология бошад, ба паҳн гардидани идеологияи тиҷоратшудаи космополитӣ, якхелакунии фарҳангҳои маҳаллӣ ва дар ниҳояти кор тадриҷан аз байн рафтани фарҳангҳои миллӣ ва ташаккули типи нави инсонҳо, «шаҳрванди сайёра» мусоидат мекунад.

Президенти собиқи Карачай-Черкессияи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Борис Сафарович Эбзеев фаҳмиши боз ҳам васеътари моҳияти ҷаҳонишавиро маънидод кардааст, ки тибқи он ҷаҳонишавӣ – «ин раванди тӯлонии таърихист, ки онро мубориза шадиди глобалӣ ҳамроҳӣ менамояд ва дар он воситаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва ҳатто фишори низомӣ фаъолона истифода бурда мешавад. Оқибатҳои манфӣ ва манфиатҳои мусбии он ба таври гуногун тақсим мешаванд» [2;55].

Дар замони муосир шумораи ками одамон дарк мекунанд, ки дар шароити комилан нави ҳастӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Дар ҷараёни эволютсияи инсоният ҳеҷ гоҳ чунин миқдори азими иттилоот вуҷуд надошт. Бо ибораи дигар имрӯз мо дар муҳите кору фаъолият дорем,ки иттилот бо суръати ҳайратангез меафзояд, аммо вақт барои ҷустуҷӯ, дарёфт ва муҳимтар аз ҳама, барои дарк ва истифодаи мақсадноки он то рафт маҳдуд мешавад. Иттилоот беибо сарҳадҳоро чунон убур мекунад, ки соҳибони марз ҳатто ҳабар намёбанд. Дар набарди шидид ва гӯшношуниди мафкурҳо, ки раванди ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ба он беш аз пеш вусъати тоза мебахшад, танҳо онҳое пирӯз хоҳанд шуд, ки дар андешаи таъмини амнияти иттиллотии хеш мебошанд ва барои ташаккули фарҳанги иттилоотӣ тадбирҳои амалӣ меандешанд. Агар инро ба масал иброз кунем - ҳангоми шино дар уқёнус моҳӣ аз паҳнои беинтиҳои он огоҳ нест. Ба ҳамин монанд, имрӯз аксарият инсонҳо ҳатто хабар надоранд, ки аллакай ба уқёнуси беканори иттилоот ворид шудаааанд, (ғутавар шудаанд) ва онҳоро ҳамвора хатари ғарқ шудан таҳдид мекунад, илоҷи наҷот ба худи онҳо вобаста аст ва ин вобастагӣ ба сатҳи фарҳанги иттиллотӣ фард робитаи ногусастанӣ дорад [3;39-43].

Хавфи ғарқ шудан дар амвоҷи иттилоот мутаносибан ба ҳаҷм, сифат ва суръати паҳншавии он вобаста аст. Яъне, қаблан ҷараёни вусъати селаи иттилоот ба ин андоза набуд, аз ин рӯ таҳдид хатари он низ камтар буд. Аз ин нигоҳ, ҳама афроди башар бо ҳам шабоҳат дошт. Бо вусъати раванди ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ин уқёнус паҳнотару ҷуқуртар ва хавфи амвоҷи он барои онҳое, ки дар сатҳи пасти фарҳанги иттилоотӣ қарор доранд, бештар шудааст. Имрӯз қиммати иттилоот ҳамчун арзиши нави маънавӣ ба маротиб афзудааст. Вале ин падида барои тақдири инсоният муҳим танҳо ҳамон вақт ва барои онҳое арзиши воқеӣ пайдо мекунад, ки моҳияти онро барои худ ва ҷомеа дарк карда битавонад. Бо ибораи дигар, ифшои сеҳри гаронарзишии иттилоот аз сатҳи фаҳмиши инсон ва омодагии ҳар ҷомеа барои истифодаи оқилонаи он вобаста аст.

Андарзи русии «кто владеет информацией, тот владеет миром», маънии онро дорад, ки соҳибони иттилоотии арзишманд тақдири имрӯзу фардои оламро дар даст доранд.

Шароити нави иттилоотӣ ҳатман боиси пайдоиши технологияҳои нав, пеш аз ҳама технологияи психологӣ мегардад. Кашфиёти нав дар заминаи низоми ҳадафманди психология имконпазир мегардад. Ва инсон, дар маҷмӯъ, чӣ гунае, ки буд, ҳамин тавр мемонад. Вай ба мисли пештара қудрати дарки муҳити доимотағйирёбандаи атрофро надорад. Агар мо одамони охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX-ро бо одамони имрӯза муқоиса намоем, пас ҳамсолони мо ҳамчун одамони гузашта, бегона ба назар мерасанд. Дар ҷараёни рушди психология ҳеҷ гоҳ чунин ҷаҳиши бузург ба назар намерасид. Дар ибтидои асри XX шумораи зиёди одамон бесавод буданд. Танҳо пас аз инқилоб, ба шарофати таълими ҳамагонӣ аксарияти аҳолӣ хондан ва навиштанро омӯхт. Аслан, маҳз аз ҳамон давра ҷаҳонишавии одамон, раванди ташаккули онҳо ҳамчун шаҳрванди сайёра («человек вселенная») шурӯъ шуда, боиси ба илм ҳарчи бештар ворид гардидани мафҳуми «космополитизм» гардид [3;39-43].

Айни замон шумораи зиёди кӯдакон, баъзе аз синни сесолагӣ, дигарон барвақттар ё дертар муомилаи озодона ба Интернетро аз худ мекунанд, филмҳои тасвирӣ тамошо мекунанд, ҳол он ки онҳо ҳанӯз маҳорати хондану навиштан надоранд. Агар чунин кӯдакро бо калонсол муқоиса кунем, ҳатто дар мавриди ду маълумоти олӣ доштани калонсол чунин кӯдак аз вай комилтар аст. Яъне, таркиши иттилоотӣ одамро комилан тағйир медиҳад.

Иттилооту психология дар мобайни рушди илм ва техника қарор дорад.

Вақтҳои охир, дар илм чунин кашфиёти аҷибе ба вуҷуд омадаанд, ки агар дар ояндаҳои наздик мардум аз он огоҳ нагардад, пас дарки он барои мардум душвор мегардад. Ин кашфиёт сегонаи: ИТТИЛООТ, ПСИХОЛОГИЯ ВА ИЛМ мебошад, ки як ҷанбаи нави ҳаёти инсонро бо номи Ҷаҳонишавӣ муаррифӣ мекунад.

Фард мустақиман гаравгони ҳама чиз гардидааст. Пешрафти илмӣ-техникӣ аллакай мустақилона амал карда метавонад, зеро фарди алоҳида дигар наметавонад ба он ягон таъсире расонад. Яъне, ин пешрафт як навъ воҳиди алоҳидаи сатҳи ҷаҳонӣ гардидааст. Таърих гувоҳ аст, эҷодкори аксари равандҳое, ки дар олам ҷараён доштанд одамон буданд. Аммо имрӯз ин тавр нест, фарди ҷудогона ва дар маҷмӯъ башарият, ба иллати майлу хоҳиш ё шояд бемасъулиятии боз ҳамон фарди ҷудогона ва ё гурӯҳи манфиатхоҳ аллакай ин равандҳоро назорат карда наметавонад, зеро онҳо хусусияти глобалӣ пайдо кардаанд. Бо итминон метавон боз ҳам фарохтар иброз кард, имрӯз инсон гаравгони офаридааш гардидааст, ки ин дар ниҳояти кор ба патологияи оммавӣ оварда мерасонад. Масалан, синдроми хастагии музмин яке аз бузургтарин бемориҳо дар ҷаҳон аст. Ҳамон кишваре, ки сатҳи баланди рушди технологӣ дорад, албатта шумораи бештари одамонаш ба синдроми хастагии музмин гирифтор мешаванд. Бемориҳои нав, намудҳои тамоман нави бемориҳо пайдо мешаванд.

Дар заминаи маълумоти мавҷудаи сотсиологӣ метавон зикр намуд, ки фоизи хеле зиёди мактаббачагону донишҷӯён дар раванди таълим ба ҳолати боздории рӯҳӣ гирифтор шудаанд.

Ҳамзамон, раванди дигар низ идома дорад. Дар аксари кӯдакон беш аз пеш сифатҳои комилан нави фавқулода зуҳур ёфта истодаанд. Чунин кӯдаконро қаблан кӯдакони индиго (мистикӣ) меномиданд. Умуман кӯдакони Индиго дорои хосиятҳои гуногун мебошанд, ба монанди: сатҳи баланди зеҳнӣ, ҳассосияти фавқулодда, қобилиятҳои телепатикӣ ва ғ. Ҳамчунин таъкид карда мешавад, ки «кӯдакони индиго» гӯё «нажоди нави одамон»-ро ифода мекунанд. Ин категорияи кӯдакон воқеан лаёқаттманд, ҳассосу боистеъдод, рушдёфта, вале хеле мушкилтарбия мебошанд [2;34]. Ин дарвоқеъ, як навъ патологияи иҷтимоӣ мебошад.

Шумораи чунин кӯдакон пайваста меафзояд. Онҳо кӯдаконе мебошанд, ки аз чаҳорчӯбаи имкониятҳои фардии инсон берун баромадаанд. Албатта онҳо супер-кӯдакон мебошанд. Аксари падару модарон мегӯянд, ки кӯдаконашон қобилияти ашёҳои хонаро аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчониданро доранд. Дар манзилҳои онҳо, ҷевонҳо, яхдонҳо ба маънои аслиаш парвоз мекунанд. Ва баъзан бо «шарофати» ҳамин гуна қобилиятҳои махсуси фарзандон сӯхторҳо ба амал меоянд.

Олимони рус ҳангоми суҳбат бо як писарбачае аз шаҳри Саратови Федератсияи Россия маълум карданд, ки вай аллакай нисфи деҳаро сӯхтааст ва дар ин бора нашрияҳои зиёде мавод чоп карда буданд [1;43]. Ҳарчанд ин сабаби ҳангома набошад ҳам, вале мушкиллоти ҷиддӣ дар худи писарча буд. Сухан дар бораи он намеравад, ки дар дасти кӯдак ҳатто об ҳам месӯзад ва ҳама он чизе, ки бояд сӯзад намесӯзад, вале мутаасифона ашёҳо хусусияти нобудшавиро мегиранд. Проблема дар он аст, ки худи писарбача намехоҳад аз ин роҳ баргардад, балки хоҳиш мекунад, ки ба ӯ чӣ гуна истифода бурдани қобилиятҳои истисноияшро иловатан омӯзонанд.

Дар замони муосир кӯдакони дорои чунин қобилият кам нестанд. Чунончи дар ш. Ростови Федератсияи Россия писарбачае ҳаст, ки тамоман ғузаи (шояд гавҳарак бошад) чашм надорад, вале аз одамони муқаррарӣ беҳтар мебинад. Ӯ ҳатто намедонад, ки ғузаи чашм барои дидан лозим аст! Ӯ маҳз ҳамон тарзи диданро истифода мебарад, ки

ба ӯ таълим додаанд [7;33]. Бисёр волидон муроҷиат мекунанд, ки фарзандонашон ҳама чизро мебинанд, қобилиятҳои ғайримуқаррарӣ доранд, вале намедонанд, ки дар онҳо раанди ташаккули аслии қобилиятҳои фавқулода чраён дорад. Ин вобаста ба он аст, ки худи табиат инсонро ба амалҳои муайян ҳидоят мекунад.

Мо итминон дорем, ки ҳамаи ин таъсири пурқудрати ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ ва дигаргуниҳои равонӣ мебошад. Оё ин мӯъҷиза нест, ки кӯдаки сесола, ки ҳанӯз ҳарфро намешиносад, озодона ба интернет ворид мешавад. Ӯ танҳо техникаро эҳсос мекунад ва дар сатҳи шуурнокӣ зиндагӣ накарда, балки дар сатҳи ҳисси мувофиқат бо ин низом ҳаёт ба сар мебарад. Биёед як ҳолати дигарро таҳлил кунем: як донишҷӯи соҳаи кибернетика аз бародари ҳафтсолаи худ, ки ҳоло маълумот надорад кӯмак мепурсад, зеро ӯ компютерро хубтар мефаҳмад, вале ҳар ду дар як оила ба воя расида, генҳои якхела доранд. Ин маънои онро дорад, ки кӯдакони муосир аллакай дар низоми дигар зиндагӣ мекунанд. Мо, насли калонсол, аз онҳо қафо мондаем, зеро мо пештар аз компютер ва дигар ҳодисот таваллуд шудаем. Ҳоло амвоҷи нави ҳаводис  ва ҳамчунин натиҷаи он равандҳои нав ба нав ташаккул меёбанд. Ва дар ҷараёни ин таҳаввулот насли дорои сифатҳои нави инсонӣ ба вуҷуд омадааст, ки инро мо дар замони муосир мушоҳида мекунем, зеро дар муҳити олами вуҳуш ҳайвон, дар муҳити одамони оддӣ - одамони оддӣ ва дар муҳити олӣ – одамони олӣ тавлид мешаванд, аз ин рӯ ҳар як ҷомеа манфиатдор аст, ки барои ташаккули инсони комил шароити созгор фароҳам орад.

Муҳити нав, дар ниҳоди инсонҳо сифатҳои нави психологӣ ва имкониятҳои нав ба нав барои кашфиётҳои оянда фароҳам меоварад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз як фарди муқаррарӣ шахси бошуур, бофаҳме ба воя мерасад, ки ҳаёти худро дар асоси дониш бо назардошти рӯйдодҳои оянда омода месозад. Яъне, ҷаҳонишавӣ офариниши инсони навро таҳрик менамояд, ин бошад, инсонро ба ташаккули сифатҳои нав ва ноил шудан ба дастовардҳои нав водор месозад.

Дар мероси хаттии насрониёни қадим (Инҷили Томас, ояти 1) гуфта шудааст: «Касе ки меҷӯяд, набояд аз ҷустуҷӯ даст кашад, то он даме ки онро наёбад. Ва ҳангоме ки меёбад, ба ҳайрат меафтад ва вақте ки ба ҳайрат афтод, ба ҳама чиз қодир мегардад». Яъне, дар он айём ду намуд одамонро ҷудо мекарданд. Онҳое, ки ҷустуҷӯ мекунанд ва онҳое, ки ҷустуҷӯ намекунанд. Бо ибораи дигар: «Одами ҳақиқиро шаклу шамоил ошуфта намекунад, чунки ӯ қодир аст одамонро фарқ кунад, зеро ҳайвонҳои зиёде вуҷуд доранд, ки шакли одамӣ доранд. Ва алафу ҷавро ба чорпоён медиҳанду ба сагҳо устухон мепартоянд ва ба кӯдакон чизҳои комилтаре медиҳанд!».

Таснифоти зиёди одамон мавҷуд аст, вале дар таснифоти муосир ҷӯяндагон дар сафи пеш қарор доранд. Ҳадафи асосӣ китобхонӣ нест! Балки ҳадаф ҷустуҷӯ, дарёфт, дарк ва истифодаи оқилонаи чизҳои зарурӣ, аз ҷумла иттилооти арзишманд дар ҳаёт мебошад. Агар образнок карда гӯем ин ба мизи шведӣ монанд аст. Шумо дар интихоб озод ҳастед. Аслан дар замони муосир китобу маводи истинодӣ ҳамчун дастур истифода мешавад. Ман меҷӯям, яъне китобҳо барои онҳое таҳия шудааст, ки пайваста меҷӯянд, дарёфт мекунанд, барои дарк мекӯшанд, дар як ҷо намеистанд, балки доимо такомул меёбанд, ба пеш мераванд, ба ҳадаф мерасанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи арзёбии таъсироти равандҳои ҷаҳонишавӣ метавон таъкид кард, ки ҷаҳонишавӣ ба мисли ҳар як падидаи мураккаби гуногунҷанба характери диалектикӣ дорад ва дар баробари мушкилот, имкониятҳои навро фароҳам меорад. Иқтидори мусбии ҷаҳонишавӣ метавонад барои тавлиди андешаи наву созанда, кашфиёти арзишманд, маҳсулоти рақобатпазири истеҳсолкунандагони миллӣ,

рушди хидматгузориҳо (сервис) ва коммуникатсия, таҷҳизоти технологӣ, сармоягузорӣ, лоиҳаҳои умедбахши тиҷоратӣ ва ҷалби сармоя истифода шавад. Новобаста аз ин, бояд дар ҳар мавриди мушаххас ҷомеа барои истифодаи ин нерӯи тавоно омода бошад, нисбати амнияти иттилотии хеш пайваста тадбир ҷӯяд. Истисно кардан ё нодида гирифтани ин воқеият пайомадҳои номатлуб ба бор меорад.

**Адабиёт**


1. Добреньков В. И. Глобализация и Россия: социологический анализ. -М., 2006. - 232 с.

2. Панарин А. С. Искушение глобализмом. - М., 2000. - 272 с.

3. Свенцицкий А. Л. Глобализация и стресс организационных изменений // Человеческий фактор: социальный психолог. 2007. Вып. 1(13). - С. 39–43.

4. Назаретян А. П. Насилие и ненасилие в исторической ретроспективе // Историческая психология и социология истории. 2008, № 1. - С. 8–32.

5. Акопов Г. В. Методологические основания концепта «созерцание» в современной психологии // Созерцание как современная научно-теоретическая и прикладная проблема: материалы Всерос. конф., Самара, 21 мая 2013 г. / под ред. Г. В. Акопова, Е. В. Бакшутовой. - Самара, 2013. - С. 10–17.

6. Акопов Г. В. Психология сознания. Вопросы методологии, теории и прикладных исследований. - М., 2010. - 592 с.

7. Петренко В. Ф. Многомерное сознание: психосемантическая парадигма. - М., 2010. - 496 с.

7. Андреева Г. М. Социальная психология сегодня: поиски и размышления. - М., 2009. - 221 с.

8. Шкуратов В. А. Историческая психология. - М., 1997. - 320 с.

9. Ярушкин Н. Н. Психологические механизмы социального поведения личности. - Самара, 2010. - 157 с.

10. Прохоров А. О. Саморегуляция психических состояний: феноменология, механизмы, закономерности. - М., 2005. - 505 с.


## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА


**ФАЙЗАЛИЗОДА ДЖМАХОН ХОЛ,**
доктор педагогических наук, профессор,
Директор государственного учреждения
«Национальная библиотека Таджикистана»
Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан,
734024, г. Душанбе, улица Тегеран 5.
Тел.: (+992) 221-04-80. E-mail: f.jumakhon@mail.ru



*В статье рассматриваются психологические особенности глобализации и ее последствия в наше время.*

*Автор подчеркивает, что сегодня ценность информации, как новой духовной ценности, возросла многократно. Однако это явление приобретает важное значения только тогда, когда человек способен понять его суть для себя и общества.*



***Ключевые слова:*** *законодательная либерализация, развитие информационных и телекоммуникационных технологий, транснациональные корпорации, транснационализация, культура, идеология, военное давление, исследования, открытия, психологические технологии,*

*космополитизм, информация, психология и наука, глобализация, интеллектуальные способности, дети индиго, социальная психология*

## GLOBALIZATION AND ITS INFLUENCE TO THE DEVELOPMENT OF HUMAN INTELLECTUAL CAPABILITIES

**FAYZALIZODA JUMAHON KHOL,**
Doctor of Pedagogy,
Professor, Director of the State Institution
"National Library of Tajikistan" under the
Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan,
734024, Dushanbe, 5, Tehran Str.
Phone: (+992) 221-04-80. E-mail: f.jumakhon@mail.ru

*The article examines the psychological features of globalization and its consequences in our time.*

*The author emphasizes that today the value of information as a new spiritual value has increased many times over. However, this phenomenon becomes important only when a person is able to understand its essence for him and society.*

***Key words:*** *liberalization, development of information and telecommunication technologies, transnational corporations, transnationalization, culture, ideology, military pressure, research, discover, psychological technologies, cosmopolitanism, information, psychology and science, globalization, intellectual capability, indigo children, social pathology.*

**УДК:327.33 (533)**

# БАРҚАРОРШАВИИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ (1991-2006)

**САМИЕВ ХОЛАҲМАД ДАВЛАТОВИЧ**,
дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалиқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 918-79-90-91. Email: samiev.kholakhmad@mail.ru
**ҚАМАРОВ АСЛИДДИН ЗАЙНИДДИНОВИЧ,**
ассистент ва унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои
байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 915-15-74-45. Email: asliddin.kamarov@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур солҳои 1991-2006 дар самти муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, ҳамчун марҳилаи якуми муносибатҳо ва марҳилаи барқарорсозии алоқаҳои дипломатӣ ба нишон дода шудааст.*

*Дар ин марҳила зиёда аз 13 кишвари араб истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, муносибатҳоро бо он баркрор кардаанд. Аз ҷумла: Миср (01.01.1992), Алҷазоир (10.01.1992), Арабистони Саудӣ (11.01.1992), Фаластин (06.03.1992), Сурия (29.03.1992), Қатар (13.12.1994), Қувайт (31.03.1995), Баҳрайн (20.05.1995), Ироқ (30.11.1995), АМА (18.12.1995), Лубнон (21.06.1996), Яман (25.02.1997) ва Либия (27.04.1998).*

*Илова ба алоқаҳои бардавоми илмӣ-фарҳангии ҷонибҳо, даврони истиқлолият имконияти зиёдеро барои табодули илмию фарҳангӣ фароҳам овард, ки дар натиҷа намояндагони ҳукуматии ҳар ду ҷониб дар сатҳои мухталиф дар чорабиниҳои илмӣ-фарҳангии дуҷонибаву бисёрҷониба иштирок намуданд.*

*Дар марҳилаи якум Арабистони Саудӣ бо доштани шаҳрҳои муқаддаси Маккаву Мадина дар робита бо ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангияш бо Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ аз бартарӣ холӣ набуд. Ба хусус 3 маротиба ба зиёрати хонаи Каъба рафтани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 1997, 2001 ва 2005 робитаҳои ҳар ду кишварро боз ҳам зич ва мустаҳкам гардонд.*

*Муносибатҳо бо давлатҳои АМА, Қувайт, Қатар ва Яман дар соҳаи илму фарҳанг рӯз ба рӯз рушд ёфта, азояндаи неки робитаҳо дарак медод.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибат, сафир, Қувайт, ҳамкорӣ, араб, фарҳанг, илмӣ, хориҷӣ, Тоҷикистон, Макка, Мадина.*

Давлатҳои араб ва ё бо истилоҳи дигар ҷаҳони араб вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, захираи бузурги нафту гази табиӣ [1. С. 431], таъриху фарҳанг ва тамаддуни бою пурғановат дар миқёси ҷаҳонӣ аҳамияти бузурги стратегӣ дорад. Сарфи назар аз ин халқҳои тоҷику араб бо ҳам мушатаракоти зиёди фарҳангӣ доранд. Ба ҳамин сабаб кишварҳои араб дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ба шумор мераванд. Боиси тазаккур аст, ки бо роҳандозӣ кардани муносибатҳои дӯстонаи мутақобилан судманд бо давлатҳои араб, имконияти зиёде барои ҷалби сармоягузорони арабӣ пайдо хоҳад шуд.

Кишварҳои араб дар ду қитъа: Осиё ва Африқо ҷой гирифта, масоҳати умумии онҳо зиёда аз 13 млн км$^2$ мебошад. Дар қитъаи Осиё давлатҳои Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Баҳрайн, Ироқ, Қатар, Кувайт, Лубнон, Сурия, Умон, Урдун, Фаластин ва Яман ҷойгир буда, дар қитъаи Африқо бошад давлатҳои Алҷазоир,

Либия, Мавритания, Марокаш, Миср, Сомалӣ, Судон, Тунис, Ҷибутӣ ва Ҷазираҳои Комор мавҷуд мебошанд.

Кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир мавқеи хосаеро дошта, бо соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор кардани ҳамкориҳои худ бо он дар самтҳои гуногун қадамҳои назарас гузоштаанд.

Доир ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар Консепсияи сиёсати хориҷӣ чунин омадааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи Халиҷи Форс, аз қабили Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Давлати Кувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй менамояд. Ба манзури таҳкими муносибатҳо бо ҷаҳони араб Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Ҷомеаи Давлатҳои Арабӣ густариш хоҳад дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нуфузу эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Мисри Араб дар сиёсати минтақа ва ҷаҳон ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ алоқаманд аст. [7].

Навгонии илмии мақола дар омӯзиш ва таҳлили илмии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар соҳаи илм ва фарҳанг инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти маҷмӯии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистонро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи усули баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

Дар раванди омӯзиш мо давраи ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои арабро ба ду марҳила ҷудо намудем, ки ин имкон медиҳад, то таърихи барқароршавии ва таҳаввули ҳамкориҳоро миёни Тоҷикистону кишварҳои араб ба таври муфассал омӯзиш кард:

- марҳилаи якум, солҳои 1991-2006 – барқароршавии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб;
- марҳилаи дуюм, солҳои 2007-2016 - Таҳаввули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араб;

Ҳадафи омӯзиши мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди технология инноватсионӣ кишварҳои ҷаҳонро боз ба ҳам зичтар менамояд. Аз ин рӯ барасии таърихи барқароршавии муносибатҳо ва пайдоиши заминаи ҳамкориҳо вобаста ба манфиатҳои кишвар бо ҷаҳони араб дар сиёсати хориҷии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

**Арабистони Саудӣ** 11 январи соли 1992 ба ҳайси яке аз кишварҳои бонуфузи ҷаҳони араб истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, 22 феврали соли 1992 ҳайати расмии ин кишвар ба Тоҷикистон омаданд ва миёни ду кишвар алоқаҳои дипломатӣ барқарор гардиданд. [4. С. 84].

Ҳанӯз аз 25 августи соли 1992 қарори Президент Р. Набиев доир ба кушодани сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла Арабистони Саудӣ содир шуда буд. [9. С. 142].

Боздиди кории фиристодаи махсуси Ҳукумати ШАС аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқоти ӯ бо Э. Раҳмон ва шахсони баландпояи Ҷумҳурӣ 24 - 25 сентябри соли 1995 доир гардид.

Соли 1996 муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои арабии минтақа ба дараҷаи муайяне рушд ёфта, моҳи апрели ҳамин сол ҳайати ШАС, ки иборат аз мутахассисони соҳаҳои геодезия, картография ва аэрофотосабт буданд, ба шаҳри Душанбе барои ба роҳ мондани алоқаҳо миёни ҳар ду кишвар ҳозир гаштанд.

Сафари расмии Э. Раҳмон ба ШАС 30 июн – 3 июли соли 1997 сурат гирифт, ки дар доираи он бо Подшоҳ, Валиаҳди ӯ, вазири корҳои хориҷӣ, вазири вазорат оид ба ҳаҷ, намояндагони Шоҳигарӣ, Бонки Исломии рушд (минбаъд: БИР) ва тоҷикони муқими Арабистони Саудӣ мулоқот намуд. Дар рафти мубодилаи афкор Э. Раҳмон қайд кард, ки барои "гузаштан ба марҳилаи нави ҳамкориҳои дуҷониба ҷониби Тоҷикистон ният дорад, то дар замони наздик сафоратхонаи худро дар ШАС кушояд ва ба иқдоми ҷавобии ҷониби ШАС умедвор мебошанд". [10. С. 30]

Э. Раҳмон Валиаҳди Арабистони Саудиро даъват намуд, то бо сафари расмӣ аз Душанбе дидан намояд. Яке аз натиҷаҳои ин сафар он буд, ки кредити бефоиз ба маблағи 16,7 миллион доллари амрикоӣ барои рушди соҳаи тандурустӣ ва маориф аз тарафи БИР ба Тоҷикистон пешкаш гардид. Дар доираи сафар Э. Раҳмон созишномаи Генералӣ ва як қатор санадҳо дуҷонибаи дигар миёни ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукумати ШАС дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат, сармоягузорӣ, техника, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш ба имзо расида буд. [10. С. 30].

То соли 1997 алоқаҳои Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар масъалаи тартиби сафарбар кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Макка барои адои ҳаҷ тавассути сафоратхонаи ШАС дар шаҳри Москва амалӣ мегардид. Дар ҳамин сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати кориеро бо роҳбарии раиси кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади барасӣ кардани масъалаҳои зикргардида ба шаҳри Ҷидда равон намуд. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо бо вазири умури ҳаҷ ва дигар чеҳраҳои расмии ШАС байни ҷонибҳо созишнома оид ба тартиби сафарбар кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишвар ба имзо расид. [10. С. 30]

21 майи соли 2003 муовини аввали Роҳбари ВКХ ШАС аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди расмӣ намуда, дар рафти он Созишномаи умумии ҳамкорӣ байни ҳукуматҳои ду кишвар ба имзо расид. [4. С. 84]

Соли 2004 аз Мамлакати Арабистони Саудӣ нафароне ба ҳайси устодони забон ва адабиёти араб дар ДМТ кору фаъолият кардаанд.

Моҳи ноябри соли 2005 мудири кафедраи филологияи араби ДМТ, С. Сулаймонов ва донишҷӯёни курси 5-уми шуъбаи арабии факултети шарқшиносӣ А. Сафаралиев ва Ғ. Тупалов дар семинари донишҷӯёни мамлакатҳои исломӣ, ки дар шаҳри Маккаи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, иштирок намуданд. [5. С. 607-637].

5 декабри соли 2005 Э. Раҳмон дар доираи сафари кории худ ба Маккаи мукаррамаи ШАС бо ҳайати ҳамроҳаш эҳром ба бар карда, Каъбаро, зиёрат намуд ва ҳаҷҷи "умра"-ро ба ҷо овард.

Дар вақти адои ҳаҷҷи "умра" Роҳбари Тоҷикистон бо чанде аз тоҷикзабонон ва ҳамватанони бурунмарзӣ вохурданд, ки онҳо аз зиёрати кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хонаи Каъбаро эҳсоси эҳтирому сарбаландӣ намуданд. [18. С. 350].

6 июни соли 2005 Алӣ ал - Ҳамдон ба сифати сафири ғайримуқими он кишвар дар Тоҷикистон эътиборномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид. [9. С. 142].

Ҳамин тавр муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Арабистони Саудиро дар ин марҳила таҳлил карда, ба ин хулосаҳо омадан мумкин аст:

- Арабистони Саудӣ бо назардошти умумияти таърихӣ ва фарҳангӣ аз рӯзҳои аввалӣ истиқлолият ба Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хос дошта, барои барқарории муносибатҳо ва таҳкими он қадамҳои устувор гузоштааст;

- сафарҳои расмии Э. Раҳмон ба ШАС ва намояндагони ШАС ба Тоҷикистон, дастгириҳои молиявии ШАС, адои ҳаҷҷи "Умра" аз тарафи Роҳбари кишвар дар ҳамкориҳои ҳар ду давлат такони ҷиддӣ бахшида, шароити муносибро дар ин росто ба вуҷуд овард;

- Дар ин давра шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамасола барои адои ҳаҷҷи фарзӣ ва умра ба Маккаю Мадина рафта, донишҷӯёну омӯзгорон ҷиҳати иштирок дар семинару консфронсҳо ба ШАС сафарҳо анҷом додаанд;

**АМА** 18 декабри соли 1995 алоқаҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудааст. Э. Раҳмон бо даъвати Амири Давлати АМА 16 - 18 декабри соли 1995 аз Абӯзабӣ боздиди расмӣ ба амал овард. Дар доираи сафари расмӣ Э. Раҳмон бо Амири Давлати АМА шайх Зойид оли Ниҳён, ноиби Раиси давлат, Сарвазири Давлати АМА, ҳокими Дубай шайх Мактум оли Мактум ва дигар ашхоси воломақоми давлат мулоқоту сӯҳбатҳо баргузор намуда, ду санади байниҳукуматӣ - Созишномаи ташвиқ ва ҳимояи сармоягузориҳои хориҷӣ ва Созишномаи канорагирӣ аз ситонидани андози дубора ба имзо расиданд. [4. С. 82].

Миёни ҳукуматҳои ҳар ду кишвар изҳорот дар бораи омода будани Тоҷикистон ва АМА дар робита ба тавсеа бахшидани ҳамкориҳои минбаъда қабул гардид. Э. Раҳмон ва Шайх Зойид ибн Раҳмат аз сатҳи ҳамкориҳои ҳар ду ҷониб изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон қайд карданд, ки ин ҳамкориҳо ҷавобгӯи зарфиятҳои ҳар ду кишвар намебошад. Ҳангоми мулоқот ҳамкориҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, илм ва фарҳанг муҳим арзёбӣ гардид. [8. С. 24]. Сарвари давлат инчунин зикр кард, ки "Таҳким ва рушд додани муносибатҳои дӯстона бо АМА, ки он яке аз гаҳвораҳои тамаддуни инсонӣ буда, ҳамзамон яке аз кишварҳои таъсирбахши арабӣ ва ҷаҳони ислом мебошад, аз ҷумлаи самтҳои сиёсати минтақавӣ ва байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад". [11. С. 167].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 августи соли 1997 доир ба ташкил намудани намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА қарор содир кард, ки дар натиҷа моҳи январ намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аморати Дубай кушода гардид. Ин иқдом дар радифи дигар супоришҳо барои амалӣ гардонидани санадҳои қаблан имзогардидаи миёни Тоҷикистон ва АМА мусоидат намуд.

Дар ҳамин сол Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари АМА бо ирсол кардани доруворӣ дар ҳаҷми 25 ҳазор доллари амрикоӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки башардӯстона расонид. [12. С. 79].

15-25 октябри соли 1998 Т. Рӯзиев – мухбири сӯратгирии Вазорати фарҳанг барои дарёфти маводи сӯратгирӣ ва дигар асбобҳои аккосӣ ба АМА ташриффармо гардид. [2. АМА. №7/43. 27.08.98.]

Соли 2004 муассисаи байналмилалии «Тайиба»-и АМА, ки роҳбараш А.Х. ал-Амин буд, ба факултети шарқшиносии ДМТ маводи техникӣ ва таълимиро тухфа кард. Инчунин ин ширкат дар таъмири синфхонаҳои ин факултет саҳмгузорӣ намуд. [6. С. 614].

8 декабри соли 2005 Э. Раҳмон дар ҳошияи саммити 3-уми фавқулодаи СКИ дар шаҳри Макка бо Роҳбари ВКХ АМА мулоқоти самимию натиҷабахшеро баргузор намуд. [18. С. 365].

Омӯзиши раванди барқароршавии муносибатҳои Тоҷикистону АМА дар ин марҳила имкон медиҳад, ки чунин хулоса кунем:

- АМА дар ин давра ҳамчун кишвари тараққиёфтаи ҷаҳони араб алоқаҳои дипломатияшро барвақт бо Тоҷикистон барқарор карда, бо даъват шудани Э. Раҳмон аз тарафи Амири АМА ба ин кишвар ҳамкориҳои дуҷониба рӯ ба инкишоф қарор гирифтанд;
- дар ин марҳила намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Дубай кушода гардида, василаи ҳамкории фарҳангӣ низ муҳайё карда шуд, ки дар натиҷа намояндаи ВФ Тоҷикистон ба АМА сафарбар гардид;
- ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм низ дар ин давра барқарор гашта, сармоягузориҳо дар ин самт то ҳадде татбиқ ёфтааст;

**Шоҳигарии Баҳрайн** дар аввалҳои даҳаи навадуми асри гузашта истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пазируфта, 20 майи соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ байни ин кишварҳо барқарор гардид.

27 июли соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътиборномаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Баҳрайн Камол Солеҳ ас-Солеҳро қабул кард. Пас аз анҷом ёфтани маросими расмӣ миёни ҷонибҳо мубодилаи афкор дар атрофи масъалаҳои муҳимми сатҳи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дӯстонаи ҳар ду миллат ва кишвар сурат гирифт.

“Мо, - қайд намуд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон, - ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ бо кишварҳои Араб, ба хусус кишварҳои халиҷи Форс аҳамияти хоса медиҳем, зеро моро бо мардуми ин минтақа алоқаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ-фарҳангӣ ва манфиатҳои умӯмӣ дар сатҳи созмонҳои исломию байналмилалӣ бо ҳам мепайвандад”. [18. С. 189].

Ҷонибҳо ибрози боварӣ намуданд, ки Тоҷикистону Баҳрайн метавонанд ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар соҳаҳои энергетика, инфраструктура, сохтмон ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ тавсеа бахшанд.

7 декабри соли 2005 Э. Раҳмон дар Макка бо Шоҳи Баҳрайн Ҳамад ибни Исо мулоқот намуда, дар ҷараёни он масоили ба роҳмондани ҳамкориҳои дуҷониба барасӣ гардиданд.

Ҷонибҳо дар мавзӯи захираҳои оби нӯшиданӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон ва коркарди он табодули андеша карданд.

Шоҳи Баҳрайн Ҳамад ибни Исо, ба имкониятҳои доштаи Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ диққати вижа дода, қайд кард, ки барои рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Баҳрайн бояд қабл аз ҳама дар муносибатҳои сатҳи соҳибкорӣ ва бонкҳои хусусӣ мусоидат намуд. Инчунин, ҷонибҳо дар бораи роҳандозии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ андешаву пешниҳодҳои судманди худро иброз карданд. [18. С. 359].

Бо барасии таърихи ташаккули муносибатҳои Тоҷикистону Баҳрайн мо ба чунин хулоса расидем:

- гарчанде ки Баҳрайн Сафири ғайри муқими худро дертар дар Тоҷикистон таъйин намуд, вале ин иқдом заминае барои шаклгирии муносибатҳои ҳар ду кишвар гардид;
- мулоқоти Э. Раҳмон бо Шоҳи Баҳрайн дар соли 2005 самараи муфиде дар ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи дуҷониба ба вуҷуд овард;
- ташаккули ҳамкориҳои гуногунҷабҳа байни Тоҷикистон ва Баҳрайн заминаи муносибро дар рушди робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ ба миён гузошт;

**Ҷумҳурии Ироқ** 30 ноябри соли 1995 муносибатҳои дипломатии худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуд. [17. С. 258].

11 феврали соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимодномаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ироқ Музҳир Нуъмон Ваҳб ал-Дуриро дар Тоҷикистон қабул кард.

Баъд аз анҷоми маросими расмии супоридани эътимоднома, Сарвари давлат ва Сафири Ироқ роҷеъ ба масоили муносибатҳои дуҷониба ва байналмилалӣ, ки манфиати мутақобил дорад, табодули афкор намуданд.

Э. Раҳмон Музҳир Нуъмон Ваҳиб ал-Дуриро барои ба вазифаи Сафири Ҷумҳурии Ироқ дар Тоҷикистон таъин гаштанаш табрик кард.

8 майи соли 1999 Сафорати Ҷумҳурии Ироқ дар Москва аз номи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ироқ аз Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷкистон барои иштирок дар Фестивали байналмиллалии эҷодиёти мардумӣ ки аз 22 сентябр то 2 октябри соли 1999 баргузор гардида буд, барои иштироки намояндагони Тоҷикистон даъват ба амал овард. [2. Ироқ. №177. 08.05.1999.].

Э. Раҳмон пас аз иштирок дар иҷлосияи IX сарони давлатҳои узви СКИ дар Давҳа 13 ноябри соли 2000 бо ҷонишини Раиси Шӯрои фармондеҳии инқилобии Ироқ Иззат Иброҳим мулоқот кард.

Дар ҷараёни мулоқоти Э. Раҳмон бо ҷонишини Раиси Шӯрои фармондеҳии инқилобии Ироқ ба ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Ироқ баҳои баланд дода шуд. Инчунин, ҷонибҳои сатҳи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаро барасӣ карда, барои тақвият бахшидани алоқаҳои Тоҷикистону Ироқ дар соҳаҳои иқтисод ва фарҳанг ибрози омодагӣ намуданд. [10. С. 13-238].

Аз таърихи 22 сентябр то 7 октябри соли 2002 дар Ҷумҳурии Ироқ Фестивали фолклории умумиҷаҳонӣ баргузор гашт, ки аз ҷониби Тоҷикистон Ансабли давлатии хизматнишондодаи рақсии “Лола” барои иштирок дар он даъват гардида буд. [2. Ироқ. №29. 28.08.2002.].

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмон ба муносибати иди Рамазон ба унвони Президенти Ироқ Ғозӣ-Уҷайл Ал-Явар барқияи табрикотӣ ирсол намуд. [10. С.188].

Омӯзиши таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Ироқ дар ин давра имкон медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин бирасем:

- Ироқ бо мақсади барқарор кардани муносибатҳои дӯстонаи дерина, ки дар замони ИШ бо Тоҷикистон дошт, дар ин давра Сафири худро дар он таъйин карда, муносибатҳои фарҳангиро бо кишвари мо дубора эҳё намуд;
- дар аввалин фурсат ҷониби Ироқ намояндагони фарҳангии Тоҷикистонро барои иштирок дар чорабиниҳои байналмиллалии фарҳангӣ даъват намудааст, ки ин аз рушди равобити фарҳангӣ дарак медиҳад;
- пас аз ноороимиҳое, ки ба дигаргунии Ҳукумати Ироқ оварда расонд, алоқаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Ироқ аз нав оғоз гардид;

**Давлати Қатар** 13 декабри соли 1994 муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуд. [4. С. 96].

Ҳанӯз моҳи ноябри соли 1992 Роҳбари ВКХ ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Олимов ба Қатар сафар карда, дар мулоқот бо намояндагони ҷониби қатарӣ, Протоколеро оид ба мавқеи Тоҷикистону Қатар вобаста ба як қатор масъалаҳои сиёсӣ ба имзо расонданд. Инчунин, шартномаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва созишнома доир ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ байни давлатҳо баста шуд. [13. С. 565].

Якумин созишномаи ҳамкории байниҳукуматие, ки миёни Тоҷикистону Қатар ба имзо расидааст, созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи илму фарҳанг мебошад. Маросими ба имзо расонидани ҳуҷҷати дуҷонибаи мазкур моҳи ноябри соли 1996 дар шаҳри Москва сурат гирифтааст. [8. С. 25].

Аввалин дидори Э. Раҳмон бо Амири Давлати Қатар 10 декабри соли 1997 дар ҳошияи Мулоқоти навбатии сарони давлатҳои узви СКИ дар шаҳри Теҳрон барпо шуд. Ҳангоми вохӯрӣ ҷонибҳо барои тақвият додани ҳамкориҳои дуҷонибаи мутақобилан судманд, сафарҳои расмии сатҳи баландро ба кишварҳои якдигар саривақтӣ шумориданд.

15 - 19 марти 1998 ҳайати расмии Тоҷикистон таҳти сарварии Т. Назаров дар иҷлосияи XXV вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СКИ, ки дар шаҳри Давҳа баргузор гардид, ширкат намуд. Т. Назаров бо ҳамтои қатарии худ дар ҷараёни иҷлосия мулоқот дошт ва ба ӯ паёми Президенти Тоҷикистон, ки дар он омодагии ҷониби Тоҷикистон барои рушду таҳким бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба таъкид гардида буд, ба унвонии амири Қатар супорид.

12 ноябри соли 2000 Э. Раҳмон барои иштирок дар мулоқоти IX сарони давлатҳои узви СКИ ба Давҳа сафар кард ва 13 ноябр бо Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ низ вохӯрд.

Дар ҷараёни мулоқоти дуҷониба Амири Давлати Қатар ҳамчун раиси мулоқоти IX сарони давлатҳои узви СКИ аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон барои иштироки фаъолу муфид дар саммити мазкур, изҳори ташаккурӣ намуд.

Ҳангоми барасии масъалаҳои дурнамои муносибатҳои дуҷониба зарурати кушодани хатсайрҳо байни ду давлат, таъкид гардид. [10. С. 82].

Бо таҳлили масъалаи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Қатар дар ин марҳила метавон ба ин натиҷаҳо расид:

- ҳанӯз дар соли 1992 бо имзо гаштани шартномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангу тиҷорат ва иқтисод заминаи муносибатҳо байни Тоҷикистону Қатар гузошта шуданд;
- яке аз мушкилотҳое, ки баъзе кишварҳои араб дар робита бо давлати мо доштанд, шинохти идеологияи роҳбарияти Тоҷикистон буд. Суоле дар зеҳни онҳо буд, ки оё идеологияи коммунистӣ ҳам бо пош хурдани ИШ аз кишварҳои ОМ кӯч мебандад?;
- дар ин марҳила мулоқотҳои сатҳи олии ҷонибҳо заминаи рушди ҳамкориҳои мутақобиларо барои марҳилаи нав заминагузорӣ кард;

**Кувайт** дар қатори кишварҳои арабиест, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 31 марти соли 1995 ба расмият шинохтааст.

Моҳи феврали соли 1992 ҳайати расмии Кувайт ки аз намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ, нафт, бунёди тараққиёти Кувайт ва муассисаҳои дигар иборат буд, зери роҳбарии Вазири молияи Давлати Кувайт аз Душанбе боздиди корӣ ба амал овард. [20. С. 7]. Ҳайати кувайтӣ дар ҷараёни сафар бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Мирзоев ва роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ масъалаҳои дурнамои ҳамкориҳои гуногунсоҳаи байни ду кишварро мавриди баррасӣ қарор дод.

Кувайт якумин кишвари арабиест, ки Президенти Тоҷикистон ба он сафари расмӣ анҷом додааст. Э. Раҳмон 17 - 19 апрели 1995 бо даъвати Амири Кувайт шайх Ҷобир ал - Аҳмад ал - Ҷобир ас - Сабоҳ аз Кувайт боздиди расмӣ ба амал овард. Дар доираи сафар Э. Раҳмон бо Амири Кувайт, муовини аввали Сарвазир, вазири корҳои хориҷӣ мулоқотҳо анҷом дода, созишномаҳои ҳамкориро дар соҳаи иқтисод, тиҷорат, илм ва

техника, иттилоот, дар бораи ташвиқ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузориҳо ва Протокол дар бораи сурат додани машваратҳо байни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар ба имзо расониданд.

Мулоқоти навбатии Э. Раҳмон бо Шайх Ҷобир ас-Сабоҳ 22 октябри соли 1995 дар Ню-Йорк дар ҳошияи Иҷлосияи Маҷмааи Умӯмии СММ ба ифтихори 50 - умин солгарди таъсиси СММ доир шуд.

Давлати Қувайт Сафири худ дар Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Аҳмад ар-Рӯмиро баҳори соли 1998 ҳамзамон сафир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намуд. 6 майи соли 1999 Сафири Давлати Қувайт дар Тоҷикистон эътимодномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид. Сафири Қувайт чорумин сафири арабӣ баъд аз Фаластин, Миср ва Ироқ буд, ки дар он рӯзгор дар Тоҷикистон аз ҷониби Президент Э. Раҳмон қабул гардид.

Э. Раҳмон оғози фаъолияти аввалин Сафири Қувайтро дар Тоҷикистон ҳодисаи муҳимме дар муносибатҳои байниҳукуматии ҳар ду кишвар шуморид. Э. Раҳмон ба ҷониби қувайтӣ барои кумакҳои башардӯстона ва иқтисодӣ изҳори сипос намуда, дар асоси санадҳои ҳамкорӣ ва ҳуқуқии басташудаи миёни ҳар ду кишвар дар соли 1995 фаъолона рушд додани ҳамкориҳои мутақобиларо байни Тоҷикистону Қувайт зарурӣ шуморид. Муҳаммад Аҳмад ар-Рӯмӣ дар навбати худ қайд кард, ки роҳбарияти ҳукумати кишвараш доир ба дурнамои рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла иқтисод ва фарҳанг бо Тоҷикистон ҳавасманд мебошад. [14. С. 75].

Дар барасии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Қувайт дар ин давра мо ба ин хулосаҳо расидем:

- Қувайт аз аввалин кишварҳои араб аст, ки соли 1992 намояндагони соҳаҳои гуногуни худро барои ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ба Тоҷикистон равон карда, ба он кӯмакҳои башардӯстона кардааст;
- сафари расмии Э. Раҳмон ба Қувайт имконият дод, ки миёни ҷонибҳо созишномаҳои ҳамкорӣ баста шуда, заминаи ҳамкориҳоро асос гузошт;
- ташаккули ҳамкориҳои гуногунҷабҳа байни Тоҷикистон ва Қувайт заминаи муносибро дар рушди робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ ба миён овард;

**Лубнон** 21 июни соли 1996 муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор кардааст. [17. С. 260].

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмон ба муносибати иди муборaки Рамазон ба унвони сарони як қатор кишварҳо аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Лубнон Эмил Лаҳуд барқияҳои табрикотӣ ирсол намуд.

15 феврали соли 2005 Э. Раҳмон дар робита ба марги фоҷиавии Сарвазири Лубнон Рафиқ Ал-Ҳарирӣ, ки дар натиҷаи калоне дар шаҳри Бейрут ҷони худро аз даст дод, ба Президенти Ҷумҳурии Лубнон Эмил Лаҳуд барқияи тасаллият ирсол намуд. Сарвари давлати Тоҷикистон ин амали ваҳшиёна ва террористиро қотеона маҳкум карда, ба Ҳукумат ва мардуми Лубнон ибрози ҳамдардӣ намуд. [18. С. 29].

Ҳамин тариқ таҳлили марҳилаи барқароршавии муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Лубнон чунин натиҷаҳоро дар пай дорад:

- сарфи назар аз барвақт барқарор шудани равобити дипломатӣ миёни ҷонибҳо, ҳамкориҳо дар сатҳи мукотиботи дипломатӣ қарор доштанд;
- мушкилии асосии муносибатҳо ин вазъи нооромии Лубнон мебошад, ки барои Тоҷикистони тозаистиқлол имконияти ҳамкориро намедод;

**Сурия** 29 марти соли 1992 алоқаҳои дипломатияшро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудааст. [16. С. 252].

Соли 1998 миёни Тоҷикистону Сурия 4 санади ҳамкорӣ баста шуда, дар соли 1999 - 2000 се санади ҳамкории дигар ба он илова гардид. [15. С. 89-107].

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо ин кишвари муҳимми минтақа сарфи назар аз заминаҳои шартномавию ҳуқуқии ҷой дошта, як муддат аз рушду тавсеа боз монданд.

17 октябри соли 2003 дар ҳошияи саммити X СКИ дар Куала Лумпур Э. Раҳмон бо Президенти Сурия Б. Асад вохӯрӣ намуд. Ҷонибҳо масоили ҳамкориҳои дуҷонибаро дар ҷараёни он барасӣ карда, дар бораи барқарор кардани алоқаҳои деринаие, ки то пошхӯрии ИШ байни ҳам доштанд ва муносибатҳои нави мутақобил, суҳбат карданд. Сарони ҳар ду кишвар дар ин росто тариқи дипломатӣ ташкил кардани асоси шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро ҳадафманд арзёбӣ намуданд. [10. С. 47, 338].

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмон ба муносибати иди муборакиРамазон ба унвони Башор Асад барқияҳои табрикотӣ ирсол намуд.

Солҳои 2005 ва 2006 аз Ҷумҳурии Сурия нафароне ба ҳайси устодони забон ва адабиёти араб дар ДМТ кору фаъолият кардаанд. [6. С. 637].

Дар барасии масъалаи истиқрори муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Сурия натиҷаҳои зерин гирифта шуд:

- созишномаҳое, ки дар солҳои 90-ум миёни Тоҷикистону Сурия баста шудаанд, заминаи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангиро ба вуҷуд овардаанд;
- мутахассисони забон ва адабиёти араб дар ин давра дар ДМТ барои таълими донишҷӯён ҷалб гардида буданд;
- дар ин давра теъдоди зиёде аз шаҳрвандони Тоҷикистон ба тариқи ғайри расмӣ дар донишгоҳҳои Сурия ба таҳсили илм машғул гаштаанд;

**Салтанати Уммон** низ мисли дигар кишварҳои араб истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст. Аммо барқароршавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо ин кишвари арабӣ то соли 2006 расман эълон нагардидааст.

31 январи соли 2004 ба муносибати Иди Қурбон Э. Раҳмонро сарони бисёр давлатҳо табрик намуданд. Аз ҷумла, ба унвони Э. Раҳмон аз номи Султони Уммон – Қобус ибни Саид номаи шодбош расид.

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмон ба муносибати иди муборакиРамазон ба унвони сарони як қатор кишварҳо аз ҷумла Султони Уммон – Қобус ибни Саид барқияи табрикотӣ ирсол намуд. [19. С. 188].

Ҳангоми омӯзиши муносибатҳои Тоҷикистону Уммон мо ба ин хулоса омадем, ки:

- муносибатҳо расман дар ин давра миёни ҷонибҳо барқарор нашуда, танҳо табодули барқияҳои шодбошиву тасаллият вуҷуд доранд;
- камтаваҷҷуҳии хукуматҳои ҳар ду кишвар монеаи баркроршавӣ ва рушди муносибатҳо дуҷониба ба шумор меравад;

**Подшоҳии Ҳошимии Урдун** истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба расмият шинохта, соли 1997 муносибатҳои дипломатӣ байни ҳар ду кишвар барқарор гардиданд. [12. С. 79].

19 апрели соли 2004 Э. Раҳмон Маликаи Урдун хонум Нӯрро ба сифати сафири иродаи неки барномаи рушди СММ ба ҳузур пазируфт. Дар мулоқот аз рӯи масъалаҳои робитаҳои дуҷониба низ мубодилаи афкор барпо гардида, Э. Раҳмон ёдоварӣ кард, ки Тоҷикистон манфиатдор аст, ки ба решаҳои таърихии равобити байни халқҳо ва сарватҳои умӯмиамон такя намуда, робитаҳои муфидро бо мамлакатҳои ҷаҳони Араб

барқарор намояд. “Ҳамкории зичи ҳар ду кишвар ба манфиати кулли халқҳоямон мусоидат мекунад, биноан, мо барои рушди босуръати муносибатҳои Тоҷикистону Урдун ҳамаи саъю кӯшишро ба харҷ хоҳем дод” -қайд кард Э. Раҳмон. [3. С. 192].

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмон ба муносибати иди муборакi Рамазон ба унвони Шоҳи Урдун Абдуллоҳи Дувум барқияи табрикотӣ ирсол намуд.

26 июни соли 2005 Э. Раҳмон бори дуюм бо Малика Нӯр, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон омада буд, мулоқот намуда, барномаи кории он хеле пурмуҳтавою фарогири бахшҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа, аз қабили маъорифу тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ буд.

11 ноябри соли 2005 Э. Раҳмон ба Абдуллоҳи Дувум барқияи тасаллият ирсол намуд, ки дар он, вобаста ба силсилаи амалиётҳои террористӣ дар Аммон, ки дар натиҷаи онҳо даҳҳо нафар сокинони осоишта осеб дидаанд, ибрози ҳамдардӣ шудааст. [3. С. 192].

Барасии таърихи барқароршавии муносибатҳои Тоҷикистону Урдун ба натиҷаҳои зерин оварда расонд:

- гарчанде, ки равобити миёни ҷонибҳо дар ин давра расман барқарор шудаанд, вале дар муносибатҳо танҳо табодули барқияҳои шодбошиву тасаллият ба назар мерасад;
- камтаваҷҷуҳии ҳукуматҳои ҳар ду кишвар монеаи ташаккул ва рушди муносибатҳо дуҷониба ба шумор меравад;

**Давлати Фаластин** аз аввалин кишварҳои арабиест, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф карда, 6 марти соли 1992 бо он муносибатҳои дипломатияшро барқарор намудааст. [17. С. 256].

Бояд гуфт, ки аз миёни кишварҳои араб Ҳукумати Фаластин аввалин шуда, сафири худро дар Тоҷикистон таъин кард. 3 октябри соли 1995 сафири Давлати Фаластин эътимодномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид.

12 ноябри соли 2004 Э. Раҳмонов ба унвони Рӯҳӣ Фатуҳ – Раиси Маҷлиси Қонунгузории Фаластин, иҷрокунандаи Вазифаи Раиси Ҳокимияти Миллии Фаластин барқияи таъзия фиристода, ҳамдардии амиқи мардум ва ҳукумати Тоҷикистонро дар мавриди вафоти Раиси Созмони озодихоҳи Фаластин ва Президенти он кишвар Ёсир Арафот иброз дошт. Сарвари давлат изҳори умед намуд, ки кору пайкори мубориzi машҳури Фаластин илҳомбахши роҳбарияти ҷадиди Фаластин ва мардуми кишвар дар роҳи амалӣ намудани орзую ормонҳои марҳум хоҳад буд.

Соли 2004 муносибатҳои Тоҷикистон бо Фаластин вобаста ба қазияи Фаластин миёни Э. Раҳмон ва Президенти Давлати Фаластин дар сатҳи гуфтугӯ ва мукотиботи бардавоми сиёсӣ сурат мегирифт.

22 апрел Э. Раҳмонов фиристодаи вижаи Президенти Фаластин Аҳмад Абдусалом Маҷдалониро ба ҳузур пазируфт.

Мо, -изҳор дошт Э. Раҳмонов ҳамеша ба мардуми Фаластин, ки барои барпо кардани давлати комили худ муборизаи одилона мебарад, бо назари таваҷҷӯҳ менигарем. Умедворем, ки дар натиҷаи кӯшишҳои пайвастаи ҷонибҳо ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тариқи музокирот роҳи мақбули ҳалли ин қазия дарёфт хоҳад шуд.

Э. Раҳмонов баён дошт, ки Тоҷикистон тарафдори ҳалли одилонаи қазияи Фаластин буда, ҳамчун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ талош ба он мекунад, ки ҳар ду ҷониби даргир дигарбора сари мизи гуфтушунид бинишинанд, зеро танҳо музокироти сулҳ таҳти сарпарастӣ ва кафолати СММ ва давлатҳои парастор метавонад ба ин мушкилӣ хотима бахшанд. Тоҷикистон дар ин ҷода кӯшишҳои худро дар қатори дигар давлатҳои

ҷаҳон зимни СММ, СКИ ва дигар созмону сохторҳои байналмилалӣ дареғ нахоҳад дошт. [19. С. 44, 188].

Дар омӯзиши таърихи барқароршавии муносибатҳои Тоҷикистону Фаластин ба натиҷаҳои зерин расидан мумкин аст:

- равобити миёни ҷонибҳо дар ин давра расман барқарор шуда, Фаластин сафири ғайри муқими худро дар Тоҷикистон таъйин намуд;

- дар ин марҳила муносибатҳои Тоҷикистон бо Фаластин дар сатҳи гуфтугӯ ва мукотиботи бардавоми сиёсӣ сурат гирифтааст;

**Ҷумҳурии Яман** моҳи ноябри соли 1996 муносибатҳои дипломатиро бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудааст. [12. С. 56].

25 феврали соли 1997 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Яман барқарор шуданд. [4. С. 126].

12 ноябри соли 2004 Президенти Тоҷикистон ба муносибати иди мубораки Рамазон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Арабии Яман Алӣ Абдулло Солеҳ барқияҳои табрикотӣ ирсол намуд.

Моҳи декабри соли 2005 дар ҳошияи Иҷлосияи фавқулоддаи СКИ дар шаҳри Маккаи Мукаррама Э. Раҳмон бо Алӣ Абдулло Солеҳ мулоқот доир кард, ки дар ҷараёни он баҳри таҳкиму тавсеаи муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо ин кишвар самараи зиёд ба бор омад.

7 декабр ҳангоми мулоқоти Э. Раҳмон бо Алӣ Абдулло Солеҳ масъалаҳои дар сатҳи баланди ҳукуматӣ бардоштани муносибатҳои деринаи судмандро дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва тиҷорат, фарҳанг, маъориф, тандурустӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди назари тарафайнро барасӣ карданд.

Ҷонибҳо ба хулосае омаданд, то ба кишварҳои ҳамдигар сафарҳои расмӣ анҷом диҳанд, зеро ин иқдом асоси ҳуқуқӣ-шартномавии ҳамкориҳои дуҷонибаи нисбатан фаъолро ба бор хоҳад овард. [19. С. 359].

Солҳои 2004 – 2006 аз давлати Яман чандин нафар ба ҳайси устоди забон ва адабиёти араб дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият кардаанд. [6. С. 637].

Дар барасии масъалаи муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Яман натиҷаҳои зерин гирифта шуд:

- мулоқотҳои сатҳи олии ҷонибҳо дар ин марҳила ҷараёни барқароршавии ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангиро тақвият бахшиданд;

- мутахассисони забон ва адабиёти араб аз Яман дар ин давра дар ДМТ барои таълими донишҷӯён ҷалб гардида буданд;

- дар ин давра теъдоди зиёде аз шаҳрвандони Тоҷикистон ба тариқи ғайри расмӣ дар донишгоҳҳои Яман ба таҳсили илм машғул гаштаанд;

Бо мустақил гаштани Тоҷикистон кишварҳои араб яке паси дигар истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохта, бо он муносибатҳои дипломатиро барқарор намуданд. Барқарор кардани муносибатҳо бо кишварҳои араб ва СҲИ барои Тоҷикистони тозаистиқлол амри зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Шимоли Африқо ҳамкориҳои мутақобилан судманди илмӣ-фарҳангиро ба роҳ монд. Дар ин марҳила (1991-2006) сафарҳои расмию кории Президент Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти ниҳоди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои араб ва мулоқотҳои суратгирифта бо намояндагони Қувайт, Арабистони Саудӣ, Қатар, АМА, Яман ва Сурия дар ташаккули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии ҷонибҳо такони ҷиддӣ бахшидаанд.

**Адабиёт**


1. Арабские государства. Доклад ЮНЕСКО по науке. [Текст] / составители: Муниф Р. Зуъби и др. 2015 г. С. 431- 469.
2. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи робитаҳои байналмиллалӣ. Парвандаи АМА. №7/43. 27.08.98.
3. Давлятов, З.Қ. Тоҷикистон ва шоҳигарихои арабӣ: ҳамкорӣ ва дурнамо (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ). [Матн] / З. Қ. Давлятов. – Душанбе. “Дониш”, 2018, С. 192.
4. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. [Матн] / (Зери назари Ҳ. Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, С. 82.
5. Имомзода, М. 25 зинаи камолот (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар масири истиқлолият). [Матн] / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Ҳ. Раҳмон, Қ. Расулиён – Душанбе: Эр-граф, 2016. С. 173.
6. Имомзода, М. Аз остон то камолот. [Матн] / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён, Ҳ. Раҳмон, С. Қосимов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. С. 614.
7. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. [Матн].
8. Разоков, Ш.А. Проблемы и перспективы развития сотрудничества Республики Таджикистан с арабскими странами Персидского залива в годы независимости. Монография. [Текст] / Разоков. - Душанбе – 2015. С. 24.
9. Саидов, З. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017гг.): Учебное пособие. – Второе, дополнительное издание. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: Контраст, 2017. – 142с.
10. Саидов, З. Внешняя политика Республики Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004гг.). Седьмое издание. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: ООО “Контраст”, 2010. – С. 30.
11. Саидов, З. Ш. Межгосударственные отношения РТ в двустороннем формате. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, Авасто, 1998.-с.167.
12. Саидов, З.Ш. (Сайидзода Зафари Шерали). Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. – Третье издание. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: ООО «Контраст», 2012. – С. 79.
13. Саидов, З. Внешняя политика Республики Таджикистана на современном этапе (1992-2005гг.). [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: “Авасто”, 2006. – С.565.
14. Саидов, З. Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2006. - С. 74-75.
15. Саидов, З. «Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики открытых дверей». [Текст] / З.Саидов. – Душанбе, 2015. С. 89, 107.
16. Саидов, З.Ш. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. – Третье издание. [Текст] / З. Саидов. – Душанбе: ООО «Контраст», 2012. С. 79.
17. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе. Душанбе: «Ирфон», 2011, С. 258.

18. Шарипов, А. Эмомали Рахмонов: Год культуры мира. (Внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2005 году). [Текст] / А. Шарипов, З.Сироджов. - Душанбе, «Деваштич», 2006. – С. 350.

19. Шарипов, А. Э. Раҳмонов: Соле, ки ба қарнҳо баробар аст. (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2004). [Матн] / А. Шарипов, С. Шамсиддинов. –Душанбе: «Деваштич», 2005. С. 188.

20. Эмомали Рахмон. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан. [Текст] / Составители: Автор предисловия З.Ш. Саидов, М.Р. Камолова. – Душанбе: ООО «Контраст», 2019. С. 7.

21. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. [Матн] / (Зери назари Ҳ. Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, С.

## ВОССТАНОВЛЕНИЕ НАУЧНО-КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ (1991-2006 гг.)

**САМИЕВ ХОЛАХМАД ДАВЛАТОВИЧ,**
доцент кафедры международных отношений
Таджикский национальный университет,
734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 918-79-90-91. E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru
**КАМАРОВ АСЛИДДИН ЗАЙНИДДИНОВИЧ**,
соискатель кафедры международных отношений
факультета международных отношений
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шафак, 10/2а.
Тел.: (+992) 915-15-74-45. E-mail: asliddin.kamarov@mail.ru

*В статье 1991-2006 годы описываются как первый этап отношений и этап установления дипломатических отношений Республики Таджикистан с арабскими странами.*

*На данном этапе более 13 арабских стран признали независимость Республики Таджикистан и установили с ней отношения. В том числе: Египет (01.01.1992), Алжир (10.01.1992), Саудовская Аравия (11.01.1992), Палестина (06.03.1992), Сирия (29.03.1992), Катар (13.12.1994), Кувейт (31.03. 1995), Бахрейн (20.05.1995), Ирак (30.11.1995), ОАЭ (18.12.1995), Ливан (21.06.1996), Йемен (25.02.1997) и Ливия (27.04.1998).*

*Плюс к тому, что стороны имели продолжительные научно-культурные связи между собой, период независимости предоставил множество возможностей для научного и культурного обмена, в результате чего правительственные чиновники обеих сторон на разных уровнях участвовали в двусторонних и многосторонних научных и культурных мероприятиях.*

*На первом этапе Саудовская Аравия, имеющая священные города как Мекка и Медина, всегда имела большое преимущество в плане научно-культурного сотрудничества с Таджикистаном. В частности, три паломничества Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в Каабу в 1997, 2001 и 2005 годах еще больше укрепили связи между двумя странами.*

*Отношения с ОАЭ, Кувейтом, Катаром и Йеменом в области науки и культуры развивались день ото дня, что указывает на светлое будущее отношений.*

***Ключевые слова:*** *отношения, посол, Кувейт, сотрудничество, арабский язык, культура, наука, иностранный, Таджикистан, Мекка, Медина.*

# RESUMPTION OF SCIENTIFIC AND CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES (1991-2006)

**SAMIEV KHOLAKHMAD DAVLATOVICH,**
Associate Professor of International Relations Department,
Tajik National University,
734025, Dushanbe,17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-79-90-91. E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru
**KAMAROV ASLIDDIN ZAINIDDINOVICH,**
Assistant and applicant of International Relations Department,
Faculty of International Relations, Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10/2a, Shafak str.
Phone: (+992)915-15-74-45. E-mail: asliddin.kamarov@mail.ru

*The article shows 1991-2006 years as the first stage of relations and the stage of resumption of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and Arab countries.*

*At this stage, more than 13 Arab countries have recognized the independence of the Republic of Tajikistan and established relations with it. Including: Egypt (01/01/1992), Algeria (01/10/1992), Saudi Arabia (01/11/1992), Palestine (03/06/1992), Syria (03/29/1992), Qatar (12/13/1994), Kuwait (03/31 1995)), Bahrain (05/20/1995), Iraq (11/30/1995), UAE (12/18/1995), Lebanon (06/21/1996), Yemen (02/25/1997) and Libya (04/27/1998).*

*In addition to the continuing scientific and cultural ties between the two sides, the period of independence provided many opportunities for scientific and cultural exchange, with the result that government officials of both sides at different levels participated in bilateral and multilateral scientific and cultural events.*

*At the first stage, Saudi Arabia, which has holy cities like Mecca and Medina, has always had a great advantage in terms of scientific and cultural cooperation with Tajikistan. In particular, the three pilgrimages of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Kaaba in 1997, 2001 and 2005 further strengthened ties between the two countries.*

*Relations with the UAE, Kuwait, Qatar and Yemen in the field of science and culture are developing day by day, which indicated a bright future for relations.*

***Key words:*** *relations, ambassador, Kuwait, cooperation, Arabic, culture, science, foreign, Tajikistan, Mecca, Medina.*

**УДК: 327.88**

# ТАҲДИД ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ

**САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи
равандҳои сиёсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 988-12-73-83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Омӯзишу таҳқиқи таҳдидҳо тахминан солҳои 40-50-уми асри XX оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад. Дар ин муддат назария ва консепсияҳои гуногуни таҳдидшиносӣ ва амнияти миллӣ ташаккул дода шудаанд. Сафи олимону муҳаққиқони ин соҳаи илм низ хеле зиёданд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то ба имрӯз вобаста ба моҳият ва хусусиятҳои таҳдидҳо андешаи ягона вуҷуд надорад. Чунин вазъият аз омилҳои гуногун вобаста мебошад: якум, то анҷомёбии ҷанги сард амнияти миллӣ танҳо масъалаҳои ҳарбию сиёсиро дар бар мегирифт. Аммо аз охири солҳои 80-ум ба мундариҷаи амнияти миллӣ масъалаҳои ғайриҳарбиро низ ворид намуданд. Дуюм, дар тӯли се даҳсолаи охир дар баробари давлат, дар сиёсати ҷаҳонӣ инчунин субъектҳои ғайридавлатӣ низ мавқеи худро мустаҳкам намуданд. Сеюм, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва пешрафти илму техника боиси пайдоиши як зумра таҳдиду хатарҳои нав гардиданд. Чорум, давлатҳо аз рӯйи як қатор масъалаҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба марҳилаи рушду инкишоф аз ҳамдигар тафовут доранд ва аз ин рӯ, шинохти таҳдидҳо дар кишварҳои мазкур дар сатҳи гуногун зоҳир мегарданд. Бо дарназардошти омилҳои мазкур таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои илмию назариявии таҳдидҳо дар шароити имрӯза хеле муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳдид, субъекти таҳдид, субъекти амният, амнияти миллӣ, таъмини амният, нияти расонидани зарар, манфиатҳои миллӣ.*

## Муқаддима

Дар замони муосир тахдид яке аз мафҳумҳои серистеъмоле мебошад, ки онро мутахассисони касбу кори гуногун – арбобони сиёсӣ, ҷомеашиносону сиёсатшиносон, коршиносони масоили муносибатҳои байналхалқӣ, рӯзноманигорон ва ғайраҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ истифода менамоянд. Ҳарчанд ин мафҳум зиёд истифода шавад ҳам, на ҳама вакт дар муносибат бо тахдидҳои мавҷуда ба кор бурда мешавад. Зеро шинохти таҳдидҳо аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, ҷаҳонбинӣ, дониш, таҷриба ва махсусан тафаккури миллӣ дар ин самт ба шинохти таҳдидҳо таъсиргузор аст. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон бошад, мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои тарсонидан ва касеро дар ҳарос гузоштан истифода мегардад. Аммо барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таъмини амнияти миллӣ ва ба таври самаранок амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат дар чунин шакл тасаввур намудани тахдид нокифоя мебошад.

Бояд гуфт, ки тахдид категорияи муҳимтарини назарияи амнияти миллӣ аст, ки ба омӯзиши ҷиддӣ ниёз дорад. Ба он нигоҳ накарда, ки дар тӯли се-чаҳор даҳсолаи охир тахдидҳо аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, ҳанӯз ҳам нисбат ба моҳият, мундариҷа ва хусусиятҳои онҳо андешаи ягона мавҷуд нест. Ҳарчанд олимон дар бораи тахдидҳои ҳарбӣ ба хулосаи амиқ расида бошанд ҳам, тахдидҳои ғайриҳарбӣ ва махсусан, тахдидҳои замони муосир ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Ин аст, ки баҳсу мунозираҳои илмӣ дар атрофи ин мафҳум ҳанӯз ҳам идома дорад.

Ногуфта намонад, ки олимону муҳаққиқони ватанӣ бо дарки зарурияти таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти сиёсии кишвар ба тахдидҳои ҷудогона, аз

қабили терроризм, экстремизми динию сиёсӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, фирори мағзҳо ва чанде дигар масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, моҳият, хусусият ва оқибатҳои зиёновари падидаҳои мазкурро таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Аммо бо дарназардошти дигаргуниҳои солҳои охир дар низоми донишҳои сиёсии ватанӣ моҳият ва хусусиятҳои таҳдид ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамчун категорияи муҳимтарини низоми амнияти миллӣ ба таври лозима омӯхта нашудааст.

Зарурати омӯзишу таҳқиқи таҳдидҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ҳамчун падидаи номатлуб ва зиёновар дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод менамоянд, пояҳои давлатдории миллиро заиф намуда, ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Маҳз ба ҳамин хотир табиати таҳдидҳо, сарчашмаҳои пайдоиш ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо бояд саривақт муайян карда шаванд. Омӯзиш ва таҳқиқи табиати таҳдидҳо имкон медиҳад, ки онҳо саривақт шинохта шаванд ва оқибатҳои ногувори онҳо бартараф гарданд. Инчунин ба амал баровардани марҳилаҳои навбатии рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат низ аз шинохти таҳдидҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин падида хеле муҳим буда, барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Омӯзиши таҳдидҳо ва таҳқиқи ҷанбаъҳои назариявию методологии онҳо имкон медиҳад, ки шинохти падидаҳои номатлубе, ки ҳамчун таҳдид баромад менамоянд, имконпазир гарданд.

Дар ин қисми таҳқиқот бо мақсади муайян намудани табиати таҳдидҳо дар заминаи таҳлилу омӯзиши донишномаҳо, адабиёти илмӣ, назарияҳои сиёсӣ ва бо истифода аз муносибатҳои илмию методологӣ мазмун ва мундариҷаи таҳдидҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

***

Дар луғатномаҳо ва донишномаҳо мазмуни таҳдид хеле содда ва мушаххас шарҳ дода шудаанд. Масалан, луғатдони рус Ожегов С.И. таҳдидро дар маънои «ба касе зарар расонидан, ба касе бадӣ кардан» шарҳ медиҳад [10, с.40]. Луғатдони дигари рус В.И. Дал таҳдидро ҳамчун «амал ва ё нияти касеро тарсонидан, дар хатар андохтан, дар ҳоли тарс нигоҳ доштан» тавсиф намудааст [6, с.425]. Дар луғати энсиклопедӣ таҳдид дар ҳар шакл зоҳир шудани рафторе мебошад, ки дар он нияти расонидани зарари моддию маънавӣ ва ҷисмонӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсӣ ҷой дорад [18]. Умуман, дар луғатномаҳои русӣ таҳдид дар маъноҳои «тарсонидан», «ба касе зарар расонидан», «нияти расонидани зарари моддию маънавӣ ва ҷисмонӣ» маънидод мегардад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан» [15, с.326] ифода карда шудааст. Ин ҷо эҳсос намудан мумкин аст, ки тартибдиҳандагони фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ таҳдидро бо такя ба луғатҳои русӣ маънидод намудаанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки дар чунин шакл маънидод намудани мазмуни таҳдид моҳияти пурра ва ҳамаҷонибаи онро ифода намекунад. Дар луғатномаҳои русӣ дар чунин шакл баён гардидани мазмуни таҳдидро вобаста ба макон ва замон бояд баррасӣ намуд. Пеш аз ҳама, фаҳмиши марксистии амнияти миллӣ ва таҳдиду хатарҳо аз фаҳмиши ғарбии он тафовути назаррас дорад. Гузашта аз ин, баъди анҷомёбии «ҷанги сард» ва ба амал омадани инқилобҳои иттилоотию технологӣ бозиҳои сиёсию геостратегӣ тағйир ёфтаанд, ки чунин ҳолат агарчанде мундариҷаи таҳдидҳоро тағйир надода бошад ҳам, шаклҳои зоҳиршавии онҳоро дигаргун намудааст.

Дар луғатҳои англисӣ низ чунин мазмуни таҳдидро эҳсос намудан мумкин аст. Аммо дар онҳо баъзе хусусиятҳои дигари таҳдид низ возеҳу равшан карда шудаанд. Масалан, дар луғати Оксфорд дар баробари нияти анҷом додани ягон амали хусуматомез ва душманона, инчунин гуфта мешавад, ки чунин нияти бад барои ба вуҷуд овардани дарду ҳасрат, зарару зиён ва ё дигар навъи ҷазо ҳамчун қасос барои иҷро намудан ва ё иҷро накардани ин ё он амал роҳандозӣ мегардад [26]. Дар луғати Кебриҷ дар таърифи таҳдид боз мазмуни нав илова намуда, дар он қайд мегардад, ки нияти зарар расонидан ва ҷазо додан замоне пайдо мегардад, ки субъект рафтори худро на дар он шакле зоҳир менамояд, ки онро интизор доштанд [27]. Бинобар ин, таҳдид ҳамчун шакли рафтор ва нияти ҷазо додан дар шаклҳои гуногун барои тағйир додани рафтори субъекти мушаххас зоҳир мегардад. Дар луғатҳои дигари англисӣ низ таҳдид ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфта, дар маъноҳои зулм кардан, маҷбур намудан, азоб додан, аз ҷумла ба таври ҷисмонӣ, дар шакли фалокат ва мусибат, маҳдуд намудани мавқеъ ва монанди инҳо баён гардидааст. Ғайр аз ин, таҳдид ҳамчун модели махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ гардида, мувофиқи он нияти расонидани зарар ба субъектҳои алоҳида имкон медиҳад, ки бе мухолифати кушода ва рӯирост мақсадҳои худро дар амал татбиқ намоянд. Ҳамин тариқ, таҳлили луғатномаҳо нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ, таҳдид нияти ба касе ва ё ба чизе зарару зиён расонидан мебошад. Дар зери мафҳуми зарару зиён одатан «талафот, аз даст додани чизе, вайрон шудану хароб шудани ҳолати муқаррарии объект» фаҳмида мешавад.

***

Мазмуну мундариҷаи таҳдидҳо дар асарҳои илмию таҳқиқотӣ нисбатан муфассалтар баррасӣ шудаанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар миёни олимону муҳаққиқон вобаста ба мазмуну мундариҷаи таҳдидҳо то ҳанӯз андешаи ягона ба вуҷуд оварда нашудааст. Чунин ҳолатро, пеш аз ҳама, бо он асоснок намудан мумкин аст, ки мавқеи ҷуғрофии давлатҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва онҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор доранд, ки чунин ҳолат манфиатҳои миллӣ ва талаботи объективии онҳоро ба таври гуногун ифода менамояд. Аз ин рӯ, олимону муҳаққиқон бо дарназардошти воқеиятҳои ҷомеаи худ ва афзалиятҳои миллию стратегии кишвари хеш ба таҳдидҳо ба таври мухталиф баҳогузорӣ намудаанд. Инчунин дар самти шинохти таҳдидҳо сатҳи рушди илм, вазъи инфрасохтори илмии кишвар, имкониятҳои моддию техникии олимону муҳаққиқон низ таъсиргузор аст. Бо дарназардошти чунин вазъ мавриди омӯзиш қарор додани таҳқиқоти олимони ҳавзаҳои гуногуни илмиро зарур мешуморем.

Дар омӯзиши таҳдидҳо сиёсатшиноси исроилӣ Р.Кохен саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «таҳдид дилхоҳ мақсади расонидани зарар ба субъектҳои гуногун мебошад, ки он дар ҳолати иҷро нагардидани шартҳои пешниҳодшуда дар амал татбиқ карда мешавад» [20; 21]. Ҳар як субъекти амният барои таъмини бехатарии худ ва барои ба вуҷуд овардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳими худ доимо чораҷӯӣ менамояд ва дар раванди фаҳму дарки оқибатҳои ногувори ин ё он падида онро безарар гардониданӣ мешавад. Дар чунин шароит бархӯрди манфиатҳои субъектҳои гуногун ба амал меояд, ки сарчашмаи он фаъолнокии рафтори ин ё он субъект ба шумор меравад. Фаъолнокии рафтори субъект ба воситаи дарки оқибатҳои зарар ба вуҷуд меояд. Дар чунин маврид мазмуну мундариҷаи мафҳуми «таҳдид» васеътар гардида, ҳар як воқеаву ҳодиса ва ё рафтори акторҳои гуногунро, ки аз ҷониби субъекти амният зararовару зиёновар баҳогузорӣ мешавад, дар худ нигоҳ медорад. Дар натиҷаи ин гуна баррасӣ ҳама гуна

оқибатҳои ногувор, аз қабили амали террористӣ, садамаҳои нақлиётӣ ва ҳатто изҳороти сарварони сиёсӣ оид ба тағйир додани муносибати худ бо шарикони хеш метавонанд ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ карда шаванд. Дар ин маврид сиёсатшиносони амрикоӣ Т.В. Милбурн ва К.Ҳ. Вотман қайд менамоянд, ки «таҳдид маҷмӯи таассуроти стратегӣ, маърифатӣ ва эмотсионалии субъекти амният мебошад, ки он ҳамчун рафтори махсус дар натиҷаи дарки оқибатҳои зарар зуҳур менамояд» [24, с.8].

Дар шароити муосир миқёси таҳдидҳое, ки пайдоишашон аз амалҳои пинҳонии субъектҳои сиёсат вобастаанд, хеле зиёд гардидааст. Ба вуҷуд овардани чунин навъи таҳдидҳо чӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида ва чӣ аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ амалӣ мегардад. Махсусан, ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар ин самт бо истифодаи имкониятҳои нави илму техника муваффақиятҳои зиёд доранд. Ба андешаи сиёсатшиноси амрикоӣ М.Наим, «онҳо (яъне, бадхоҳону тахрибкорон) нақшаҳои бозингарони бузургро тавре заиф, мураккаб, вайрон ва бесамар мегардонанд, ки дар натиҷа бозингарони мазкур ба имкониятҳои васеи худ нигоҳ накарда, наметавонанд дар муқобили ин гуна ҳуҷумҳо истодагарӣ намоянд. Самаранокии чунин усулҳои заифгардонӣ ва мағлубсозии рақибон дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир заиф гардонидани ҳокимият осон ва мустаҳкам намудани он мушкил гардидааст» [9, с.96]. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир рушди илму техника чунон бо суръати баланд ба амал омада истодааст, ки дар баробари муваффақиятҳо барои инсоният як қатор таҳдиду хатарҳои навро эҷод менамоянд. Чунин ҳолат дар таҳқиқоти сиёсатшиноси немис У.Бек хеле хуб нишон дода шудааст [1, с.25-27]. Ба андешаи ӯ, чи қадаре, ки инсоният рушду инкишофро соҳиб мегардад, ҳамон қадар таҳдиду хатарҳои навро барои худ эҷод менамояд.

Дар таҳқиқоти як қатор олимон таҳдидҳо ҳамчун воқеа ва ё ҳодисаи ногувор ва дорои оқибатҳои манфӣ муаррифӣ гардидааст. Чунончӣ, олими англис Е.Крахманн воқеа ва ё ҳодисаеро, ки барои бақои давлату ҷомеа ва ё барои рушди минбаъдаи он таъсири манфӣ мерасонад, ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ муаррифӣ кардааст [22, с.4]. Дар ин маврид якчанд ҳолатро ба инобат гирифтан хеле муҳим аст. Якум, ҳодисаҳое, ки дар оянда ба амал омадани онҳо имконпазир аст. Дар чунин шароит баҳогузорӣ намудани ҳодисаҳои дар оянда бавуқуъоянда ва ба инобат гирифтани эҳтимоли сар задани онҳо хеле зарур мебошад. Дар ин маврид, Е.Крахманн иброз медорад, ки «эҳтимоли ба амал омадани баъзе воқеаҳо чунон кам мебошанд, ки дигар онҳоро таҳдид ба аманияти миллӣ шуморидан мумкин нест. Масалан, хавфи ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА ва ё сар задани низои мусаллаҳона дар миёни давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо аз воқеият хеле дур аст» [22, с.4]. Дуюм, ҳангоме, ки воқеаву ҳодисаҳо ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ мегарданд, ҳаҷми зарар ва таъсири манфии онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Яъне, воқеае, ки эҳтимоли сар задани он дида мешавад, ба кадом арзишҳо бештар таъсир мерасонад, ба истиқлолияти давлатӣ, бақои миллату давлат, ба сатҳу сифати зиндагии мардум, ба солими ҷомеа, ба рушду инкишоф ва ё ба арзишҳои дигар? Зеро як қатор таҳдидҳо, аз қабили бемориҳои сироятӣ ва ё яроқи қатли ом ҳам ба сатҳу сифати зиндагӣ ва ҳам ба мавҷудияти онҳо таҳдид менамоянд. Аммо таҳдидҳои дигар, аз қабили таҳдидҳои экологӣ (гармшавии иқлим, ифлосшавии муҳити зист) ва мушкилиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ асосан ба сатҳу сифати зиндагии одамон таъсиргузорӣ менамоянду бас. Сеюм, ҳангоми баҳогузорӣ намудани ҳодисаҳо ва воқеаҳои имконпазир бояд миқёси ҷуғрофии оқибатҳои ногувори он ба инобат гирифта шавад. Масалан, ҷанги ядроӣ на танҳо ба як минтақаи муайян, балки ба тамоми башарият таҳдид менамояд. Аммо таъсири манфии ҷангҳои

шаҳрвандӣ ва низоъҳои мусаллаҳона бошанд дар ҳудудҳои як давлат ва баъзан дар ҳудудҳои як минтақа маҳдуд мегардад. Чорум, ҳангоми баҳогузорӣ намудани воқеаҳои эҳтимолӣ қурбонии таҳдид низ бояд ба инобат гирифта шавад. Яъне, дар шароити сар задани воқеаи эҳтимолӣ киҳо зарар мебинанд, давлат, гурӯҳҳои этникӣ, гурӯҳҳои мазҳабӣ ва ё шахсони алоҳида?

Олимони рус низ дар омӯзиши таҳдидҳо саҳми арзанда гузошта истодаанд. Ҷомеашиноси рус А.Г. Смирнова дар таҳқиқоти худ омилҳои байналмилалии таҳдидҳоро омӯхта, хусусиятҳои ин падидаро аз рӯи шаш масъала муайян намуда, ҳар кадоми онҳоро унсурҳои таркибии таҳдид муаррифӣ мекунад. **Якум,** нияти анҷом додани ин ё он амал нишонаи аввали таҳдид мебошад, яъне амалу рафторест, ки зараровар мебошад, аммо ҳанӯз ба вуқуъ наомадааст ва шояд ба вуқуъ наояд. **Дуюм,** нияти анҷом додани ин ё он амал бо мақсади расонидани зарар ба субъекти мушаххас мебошад. Ба ибораи дигар, таҳдид ҳамчун талафот ва расонидани зарар дониста мешавад. **Сеюм,** нияти расонидани зарар шартан ташаккул дода мешавад: масалан, агар субъекти амният тавре рафтор намояд, ки он бо интизориҳои субъекти таҳдид мувофиқат намояд, пас нияти субъекти таҳдид амалӣ карда намешавад, аммо дар ҳолати баръакс амалӣ гардидани таҳдид (нияти расонидани зарар) воқеӣ мегардад. **Чорум,** таҳдид ҷазое мебошад, ки онро барои рафтори номуносиби субъектҳои гуногун ба кор мебаранд. Рафтори номуносиби субъекти амният, ки онро субъекти таҳдид интизор надошт, барои субъекти таҳдид шароити муносиб ба шумор меравад ва бо чунин баҳона ба объекти таҳдид таъсири манфӣ ва баъзан зарари ҷубронпазир мерасонад. **Панҷум,** таҳдид дар шакли шарту шароит баромад менамояд. Зеро шартҳои аз ҷониби субъекти таҳдид пешниҳодшуда фишоре мебошанд, ки имкониятҳои воқеии субъекти амниятро маҳдуд менамоянд. Маҳз дар чунин шароит имкониятҳои субъекти таҳдид нишонаи **шашуми** таҳдидро ифода менамояд. Яъне, роҳу усулҳои таъсиррасонӣ, аз қабили иқтидори ҳарбӣ, манбаъҳои молиявию иқтисодӣ, неруҳои зеҳнӣ, сармояи инсонӣ, обрӯ ва симои мароқангез, таҷриба ва ғайраҳо [14, с.20]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳдид навъи махсуси муносибате мебошад, ки дар миёни субъектҳои гуногун ба амал меояд ва ба воситаи он як субъект мақсадҳои худро амалӣ намуда, рафтори субъектҳои дигарро идора намуда, бо ин роҳ аз муқобилияти рӯйирост даст мекашад. Нияти расонидани зарар воситае мебошад, ки бо ёрии он чунин навъи муносибатҳо ба вуҷуд оварда мешавад ва дар ҳолати иҷро нагардидани шартҳо аз ҷониби субъекти амният ва ё қонеъ нашудани талаботҳои субъекти таҳдид, рафтори субъекти якум зери фишор қарор дода шуда, тағйир дода мешавад. Бо дарназардошти чунин нишондодҳо А.Г. Смирнова таърифи таҳдидро дар шакли зерин пешниҳод менамояд: «Таҳдид шакли махсуси муносибатҳои субъективие мебошад, ки ба воситаи он субъекти таҳдид қодир аст, ки бе истифодаи неру рафтори субъектҳои дигарро идора намояд ва ҳам мақсадҳои худро дар амал татбиқ созад. Нияти расонидани зарар ба субъекте, ки талабот ва шартҳои гузошташударо риоя намекунад, воситаи асосии ташаккули ин гуна муносибатҳо дониста мешавад» [14, с.21]. Бо андешаҳои мазкур дар ҳолате розӣ шудан мумкин аст, ки агар сухан дар бораи таҳдидҳои ошкоро равад. Зеро дар шароити муосир як қатор таҳдидҳо ба таври пинҳонӣ ба амал бароварда мешаванд, ки субъекти таҳдид нияти расонидани зарар ва ё барқасдона зарар расонидан ба субъектҳои дигарро пинҳонӣ анҷом медиҳад. Дар чунин шароит агарчанде моҳияти таҳдид бетағйир монад ҳам, хусусиятҳои зоҳиршавии он ба таври дигар, баъзан ғайриинтизорӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар самти омӯзиши таҳдидҳо файласуфи рус М.Ф. Гатско саҳми калон гузоштааст. Ӯ дар навбати аввал дар заминаи омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва асарҳои илмии гуногун таҳлили муқоисавии таҳдидҳоро анҷом додааст. Ӯ дар раванди омӯзиши ин масъала бо мафҳумҳои гуногуне рӯ ба рӯ мегардад, ки дар онҳо категорияи таҳдид мавқеи марказиро ишғол намудааст. Чунончӣ, таҳдидҳо ба амният, таҳдидҳо ба манфиатҳои амният, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, таҳдидҳо ба манфиатҳои амнияти миллӣ, таҳдидҳо ба манфиатҳои ҳаётан муҳим, таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ ва ғ. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ ӯ ба хулосае меояд, ки ҳарчанд мафҳумҳои мазкур аз рӯйи моҳият бо ҳамдигар наздикӣ дошта бошанд ҳам, аммо онҳо мазмуни якхела надоранд ва то андозае аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Ба андешаи ӯ, чунин гуногунрангии ифодаи ин мафҳум бештар аз ҳама дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аз фаъолияти идеологии давлат ва хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ вобастаанд [5].

Дар шаклҳои гуногун истифода намудани мафҳуми таҳдид бо он асоснок карда мешавад, ки дар аксари қонунҳои соҳаи амният мафҳуми «амнияти миллӣ» ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат (кишвар) аз таҳдидҳои дохилию берунӣ муаррифӣ гардидааст. Чунин маънидоднамоии амният ҳатто дар таҳқиқоти баъзе аз муҳаққиқон низ ба назар мерасад, ки мафҳуми таҳдид низ аз ҷониби онҳо бо дарназардошти мундариҷаи мафҳуми амният шарҳ дода мешавад. Чунончӣ, ба андешаи муҳаққиқи рус В.С. Пирумов, таҳдид «имкониятҳои объективӣ ва воқеӣ оид ба расонидани зарар ба манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат» мебошад [12, с.12]. Вобаста ба чунин мулоҳизаронӣ М.Ф. Гатско қайд менамояд, ки таърифи овардашуда то як дараҷа моҳияти таҳдидро агар ифода намояд ҳам, онро ҳамчун таърифи мукаммал ва мушаххас муаррифӣ намудан ғайриимкон аст. М.Ф. Гатско дар идомаи андешаҳои худ иброз медорад, ки ба сифати объекти таҳдид муайян гардидани шахс, ҷомеа ва давлат, ба сифати мақсади субъекти таҳдид муаррифӣ гардидани расонидани зарар қобили қабул аст, аммо муаррифӣ намудани таҳдид ҳамчун имкониятҳои объективӣ ва воқеӣ оид ба расонидани зарар каме шубҳаовар мебошад. Зеро барои амалӣ намудани таҳдид дар баробари имкониятҳои объективӣ, инчунин мавҷудияти майлу хоҳиши зарар расонидан низ зарур аст, ки дар натиҷа як субъекти сиёсат ба манфиатҳои субъекти дигари сиёсат таъсири манфӣ расонида, онро дар ҳолати ногувор қарор медиҳад. М.Ф. Гатско муътақид аст, ки бе мавҷудияти майлу хоҳиш ва ё нияти расонидани зарар таҳдид воқеӣ буда наметавонад [5].

Ҳамин тариқ, вобаста ба моҳияти таҳдидҳо андешаҳои мухталифе мавҷуданд, ки онҳо на ҳама вақт мазмуну мундариҷаи таҳдидҳоро мушаххас мегардонанд. Аз ин рӯ, таҳдидҳо яке аз масъалаи мураккаби ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, то ҳанӯз моҳияти онҳо масъалаи баҳсбарангез боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, як гурӯҳ олимон чунин ҳолатро ба инобат гирифта, кӯшиш намудаанд, ки моҳияти таҳдидро бо дарназардошти мундариҷаи он шарҳ диҳанд. Як қатор муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таҳдидҳо ду нишондодро ҳамчун меъёри муайянкунандаи таҳдид истифода намудаанд, ки дар чунин шакл мавриди баррасӣ қарор додани ин масъала мувофиқи мақсад мебошад. Нишондоди аввал – ният, қасд, мақсад (нияти зарар расонидан, майлу хоҳиши анҷом додани кори бад). Нишондоди дуюм – имконият (воситаҳои дарихтиёрдошта; шароити мусоид; вазъияте, ки барои амалӣ намудани нияти бад мувофиқ аст) [11, с.32]. Бо дарназардошти чунин баррасӣ гуфтан мумкин аст, ки таҳдид маҷмӯи нишондодҳои дар боло номбаршуда мебошад. Яъне, нияти зарар расонидан ва мавҷудияти имкониятҳое, ки барои амалӣ намудани ин ният мувофиқанд.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ омодагии як субъект барои расонидани зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳими субъекти дигар мебошад. Чунин амал бо мақсади ҳалли мунoқишаҳои байниҳамдигарӣ ва ба даст овардани фоидаи якҷониба амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ падидаҳои мураккабе мебошанд, ки дар худ ду нишондодро нигоҳ медоранд: нияти зарар расонидан ва имконияти амалӣ намудани ин ният.

Муҳаққиқи рус А.А. Варфоломеев вобаста ба моҳияти таҳдид андешаҳои дар боло зикргардидаро такрор менамояд, аммо боз як масъалаи баҳснокро дар миён мегузорад. Ба ақидаи ӯ, «таҳлилу таҳқиқи таҳдидҳои ҳадафмандона ташкилшуда қобили қабул аст, вагарна пешгирӣ намудан ва ё мубориза бурдан бо таҳдид моҳияти худро аз даст медиҳад. Агар нияти расонидани зарар дида нашавад, пас онҳо падидаҳои тасодуфие мебошанд, ки дар муқобили онҳо ба вуҷуд овардани механизмҳои муқовимат ва ташкил намудани мубориза ҳеҷ маъное надорад» [4, с.54]. Бо андешаҳои мазкур қисман розӣ шудан мумкин аст. Дар мавриди он, ки таҳдидҳо бо мақсади расонидани зарар ҳадафмандона ташкил мешаванд, ҳеҷ ҷои бахс вуҷуд надорад. Аммо мавҷуд набудани нияти зараррасонӣ низ метавонад, ки яке аз хусусиятҳои таҳдидро ифода намояд. Зеро чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ марҳила ба марҳила тамоюлоте ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо нияти зарар расонидан ва ҳадафмандона ин гуна амалро анҷом додан дида намешаванд. Аммо оқибатҳои ин гуна тамоюлот метавонад зарару зиёни зиёд дошта бошад.

Таҳдидҳоеро, ки субъектони мушаххас ҳадафмандона бо мақсади расонидани зарар ташаккул медиҳанд, одатан, бештар аз ҳама олимони соҳаи ҳарбӣ эътироф менамоянд. Чунончӣ, олимони рус А.Бояринсев ва В.Редкин бо дарназардошти нияти расонидани зарар, кӯшиш намудаанд, ки вайронкунандагони низоми амнияти миллӣ ва тахрибкоронро мушаххас намоянд. Онҳо дар таҳқиқоти худ панҷ навъи тахрибкоронро нишон медиҳанд, ки онҳо аз рӯйи тактикаи амалӣ намудани мақсадҳои худ аз ҳамдигар тафовут доранд: а) диверсантҳо (ҳадафмандона вайрон кардани объектҳо); б) террористон; в) ғоратгарон; г) намояндагони ҳаракатҳое, ки дар муқобили объектҳои мушаххас баромад менамоянд; д) ашхоси дигар, аз ҷумла шахсони руҳан носолим, авбошон ва ғ. Тибқи ин гурӯҳбандӣ ҳар як навъи тахрибкор доираи мушаххаси таҳдидҳоро ба вуҷуд меоварад [3, с.15].

Баъзан вақт офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногениро низ ҳамчун таҳдид муаррифӣ менамоянд, ки ин масъала каме баҳсбарангез аст. Масалан, А.Г. Смирнова дар мавриди офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ, офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ наметавонанд ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ карда шаванд, зеро дар раванди ба амал омадани онҳо нияти зарар расонидан дида намешавад [13, с.196]. Ба андешаи мо, дар ин маврид низ ҳолати истисноӣ дида мешавад ва андешаҳои Смирнова А.Г.-ро шартӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Зеро дар таҳқиқоти ӯ ба монанди як гурӯҳ олимони дигар таҳдидҳо танҳо дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ омӯхта мешаванд. Агар офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ бе дахолати субъекти таҳдид ба амал омада бошанд ҳам, ин маънои онро надорад, ки онҳоро таҳдид номидан мумкин нест. Албатта, дар ҳолатҳои истисноӣ воқеаҳои мазкур бо дахолат ва бо ташаббуси субъекти таҳдид ба амал меоянд ва дар ин маврид чунин воқеаҳо таҳдиди воқеӣ мебошанд. Барои мисол, садама дар неругоҳҳои барқи атомӣ, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар объектҳои муҳими иқтисодӣ бо дахолати неруҳои тахрибкор агар ба вуқуъ омада бошад, пас чунин ҳолатро таҳдид унвон намудан мумкин аст. Аммо бе дахолати онҳо низ агар ба вуқуъ оянд, бояд

таҳдид дониста шаванд. Аз ин рӯ, нияти расонидани зарар барои муайян намудани табиати таҳдид нокифоя аст. Ғайр аз ин, оқибатҳои зарар ва ҳаҷми зарар низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Масалан, заминҷунбӣ ва ё омадани сел метавонад ба хоҷагии халқ ва иқтисодиёти миллӣ зарару зиёни зиёд расонанд. Пас онро таҳдид гуфтан мумкин аст. Дар чунин шароит дар навбати аввал рафтори субъекти таҳдид (агар мавҷуд бошад) ва дар мавриди дуюм оқибатҳои фалокат, ки зарару зиёни моддию маънавӣ ва талафоти ҷонӣ дорад, ҳамчун таҳдид муаррифӣ мегарданд. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамаи таҳдидҳо дар ду шакл: барқасдона ва тасодуфӣ ба амал меоянд. Оқибати ногувор, хисорот ва ҳаҷми зарар дар мавриди муайян намудани таҳдидҳо бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки то охири асри XX таҳдидҳоро дар доираи масъалаҳои ҳарбию геостратегӣ шарҳ медоданд. Аммо аллакай аз солҳои 90-уми асри XX, аниқтараш баъди анҷомёбии «ҷанги сард» доираи васеи масъалаҳоро ба мундариҷаи амният ворид намуда, ҳамзамон сарчашмаҳои таҳдидро низ хеле зиёд нишон додаанд. Минбаъд дар баробари таҳдидҳои ҳарбӣ, инчунин таҳдидҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангию иҷтимоӣ низ ба мундариҷаи амният ворид карда мешаванд. Дар чунин вазъият шинохти таҳдидҳо ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Яъне, агар пештар барои шинохти таҳдидҳои ҳарбию геостратегӣ субъекти амният дониши кофӣ ва таҷрибаи зарурӣ дошта бошад, дар бораи таҳдидҳои нав тасаввуроти кофӣ надорад. Ба андешаи А.Г. Смирнова, дар ин гуна вазъият таҳдидҳои навин бо номуайянии худ дар шакли хавфу хатарҳое баромад менамоянд, ки мавҷудияташон ё эҳсос намешавад ва ё исбот нагардидааст [14, с.7]. Масалан, ба воситаи озуқаврии бесифат заҳролуд шудани одамон (хӯрокҳои дорои ГМО), пайдоиши вирусҳои нав (коронавирус) ва ғ. ба инҳо мисол шуда метавонанд. Гузашта аз ин, як қатор таҳдидҳои анъанавӣ шаклҳои зоҳиршавии худро тағйир дода, хусусиятҳои навро соҳиб шудаанд, ки шинохти онҳо каме мушкил гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми таҳдид гуногунмаъно буда, онро бо дарназардошти омилҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Аммо дар бештари мавридҳо таҳдид ҳамчун падидаи манфӣ, ва дар мавриди дуюм, баръакс ҳамчун падидаи шартӣ дониста шуда, метавонад ба амал ояд ва ё ба амал наояд. Ба ибораи дигар, мундариҷаи таҳдид ва амалишавии он аз қонуни мантиқии алоқаҳои сабабу натиҷа (каузализм) вобаста мебошад, яъне агар (ба шарте ки) ҳодиса ва ё раванди манфие ба амал ояд, пас самаранокии фаъолияти объект ва субъекти амният коҳиш меёбад.

Масъалаи дигаре, ки ба инобат гирифтанаш дар раванди шарҳу тавзеҳи таҳдидҳо хеле зарур аст, баррасӣ намудани он дар доираи системаи амнияти миллӣ мебошад. Пеш аз оне, ки таҳдид ҳамчун падидаи мукаммал баромад намояд, он унсури таркибии системаи амнияти миллӣ дониста мешавад. Шартан унсурҳои таркибии системаи амнияти миллӣ ба таври зерин муайян намудан мумкин аст: манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо, таъмини амният ва пешрафту тараққиёт. Яъне, ҳар як субъект ба хотири қонеъ сохтани талаботи объективии худ (бақои худ ва инкишофи худ) дар аввал манфиатҳои хешро муайян менамояд, сипас онро дар амал татбиқ каданӣ мешавад ва дар раванди амалишавии манфиатҳои мазкур монеаҳое пайдо мешаванд, ки ҳимояи онҳоро зарур мегардонанд. Монеаҳои мазкур таҳдидҳое мебошанд, ки манфиатҳои миллиро зери хавфу хатар қарор медиҳанд [8, с.22]. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ таъмини амният ҳамчун шакли махсуси фаъолияти стратегӣ пайдо мешавад ва дар натиҷа рушду инкишоф ва тараққиёт таъмин мегардад. Аз баррасиҳои

боло эҳсос намудан мумкин аст, ки таҳдидҳо, пеш аз ҳама, бо манфиатҳои миллӣ алоқаманд мебошанд. Яъне, ҳар омил ва шарту шароите, ки дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод менамояд, метавонад ҳамчун таҳдид шинохта шавад. Ҳар як шакли амният метавонад чунин унсурҳои таркибиро доро бошад.

Раванди таъмини амнияти миллӣ фаъолияти гуногунсамт мебошад. Аммо ҳамаи корҳое, ки барои таъмини амнияти миллӣ анҷом дода мешаванд, бо ду мақсад амалӣ мегарданд. Якум, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дуюм безарар гардонидани таҳдидҳо. Маълум аст, ки ҳар як давлати соҳибистиқлол дорои манфиатҳои миллии худ мебошад. Манфиатҳои миллӣ арзишҳое мебошанд, ки барои қонеъ намудани талаботҳои объективии кишвар заруранд ва маҳз ба воситаи онҳо рушду инкишоф ва пешрафт таъмин карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар раванди амалинамоии манфиатҳои миллӣ дар миёни давлатҳои гуногун бархӯрди манфиатҳо ба амал меояд, ки дар аксар маврид манфиатҳои як ҷониб амалӣ гардида, манфиатҳои ҷониби дигар зери таҳдиду хатар қарор мегирад. Аз ин рӯ, манфиатҳои миллии ҳар як кишвар доимо ниёз ба пуштибонӣ доранд. «Таҳдид ба амнияти миллӣ доимо бо ин ва ё он манфиати миллӣ алоқаманд аст. Манфиати миллӣ вуҷуд надошта бошад, таҳдид низ вуҷуд дошта наметавонад. Берун аз системаи манфиатҳои миллӣ таҳдид вуҷуд надорад ва онҳоро хатар номидан мумкин аст. Ғайр аз ин, таҳдид доимо бо фаъолияти субъекти мушаххасе, ки манфиатҳои худро пайгирӣ намуда истодааст, алоқаманд мебошад. Маҳз ҳамин гуна манфиатҳо (яъне манфиатҳои давлатҳои дигар) сарчашмаи таҳдидҳо дониста мешаванд» [8, с.22].

Албатта, муайян намудани моҳияти манфиатҳои миллӣ баҳси алоҳида аст. Аммо ҷавҳари онро арзишҳои миллӣ ва афзалиятҳои миллӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ дар сатҳи зарурӣ ҳифз гардидани арзишҳои миллӣ моҳияти амниятро ифода менамояд. Масалан, донишманди амрикоӣ Волтер Липпман иброз медорад, ки «амнияти миллат замоне таъмин аст, ки агар вай барои дурӣ ҷустан аз ҷанг арзишҳои асосии худро қурбон насозад ва агар ба вай таҳдид кунанд, вай қодир бошад, ки ба воситаи ғолибият дар ин гуна ҷанг онҳоро ҳифз намояд» [23, с.51]. Чунин шакли баррасии масъала маънои онро дорад, ки вобаста ба қобилияти миллат дар мавриди пешгирӣ намудан ва ё мубориза бурдан бо таҳдидҳо амният метавонад дар сатҳи паст ва ё сатҳи баланд қарор дошта бошад. Ба андешаи Арнолд Волферс, амният ба монанди ҳокимият ва моликият метавонад каму зиёд гардад ва ё дар сатҳи гуногун қарор дошта бошад. Замоне ки моликияти миллат ба воситаи миқдори дороиҳои моддии он ва ҳокимияти миллат ба воситаи қобилияти идора намудани рафтори дигарон агар муайян карда шавад, амният дар мазмуни объективӣ мавҷуд набудани таҳдид ба арзишҳои бадастомада ва дар мазмуни субъективӣ мавҷуд набудани тарсу ҳарос барои аз даст додани арзишҳои мазкурро ифода менамояд. Аз ин рӯ, амнияти миллӣ метавонад аз ҳолати ҳимоятнашавандагӣ ва эҳсоси ноамнӣ то сатҳи пурраи ҳолати ҳимоятшавандагӣ ва эҳсоси бехатарӣ ифода ёбад [28, с.485-486].

Мазмуни объективӣ ва субъективӣ доштани амният барои муайян намудани таҳдидҳо хеле муҳим аст. Зеро эҳтимолияти ба амал омадани ҳолати ногувор ҳеҷ гоҳ ба таври объективӣ баҳогузорӣ карда намешавад. Чунин амалро ба таври субъективӣ баҳогузорӣ менамоянд. Гузашта аз ин, миллатҳо ва гурӯҳҳои таркибии он аз рӯйи таассуроти худ нисбат ба ин ё он вазъият аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Баъзеҳо мавҷудияти хатарро муболиға намуда, аз будаш зиёд нишон медиҳанд ва гурӯҳи дигар бошад мавҷудияти онро ҳатто эҳсос намекунанд.

Ҳамин тариқ, ба таври назариявӣ дар омӯзиши таҳдидҳо ду муносибати методологӣ мавҷуд аст: Якум, шарҳи таҳдид бо дарназардошти сарчашмаи пайдоиш, шакли зоҳиршавӣ ва субъекти таҳдид. Дар ин маврид сарчашмаҳои иҷтимоӣ, табиӣ ва техникию технологии таҳдид, шаклҳои гуногуни он ва субъектҳои онҳоро нишон медиҳанд. Дуюм, бо дарназардошти таносуби хавфу хатар ва таҳдид. Дар ин қисми таҳқиқот ғолибан муносибати аввал мавриди истифода қарор дода шуд. Масъалаи муайян намудани таносуби хавфу хатар бо таҳдид дар қисмҳои минбаъдаи таҳқиқот баррасӣ гардидааст.

Бояд гуфт, ки мафҳуми амният мазмуни хеле васеъ дорад. Онро дар муносибат бо шахсони алоҳида, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ширкатҳои хусусӣ, умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, давлату ҳукумат ва ниҳоятан дар муносибат бо низоми муносибатҳои байналхалқӣ истифода намудан мумкин аст. Дар як қатор таҳқиқотҳои соҳаи амният низ чунин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, дар асари сиёсатшиноси англис Б.Бузан [19] амнияти фардӣ, амнияти давлатӣ, амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ ҳамчун дараҷаҳои зоҳиршавии амният муаррифӣ карда шудаанд. Ӯ ба амнияти миллӣ афзалияти бештар дода, дараҷаҳои гуногуни амниятро дар алоқамандӣ бо амнияти миллӣ шарҳ медиҳад. Қобили зикр аст, ки чигунагии таъмини дараҷаи аз ҳама поёнтарини амният – амнияти фардӣ ва дараҷаи аз ҳама баландтарини он – амнияти байналмилалӣ аз сатҳу сифати амнияти миллӣ ва амнияти давлатӣ вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мо низ омӯзиши таҳдидҳо бо дарназардошти амнияти миллию давлатӣ анҷом дода шудааст.

Ғайр аз ин, ҳама гуна баррасӣ дар мавриди амнияти миллӣ бо масъалаи бақои давлату миллат ва рушди устувори онҳо алоқаманд мебошанд. Дар навбати худ, бақои давлату миллат ва таъмини рушди устувори онҳо аз чигунагии қонеъшавии талаботи онҳо вобастааст. Дар чунин шароит амнияти миллӣ аз ду мавқеъ баҳогузорӣ карда мешавад: якум, бояд талаботе, ки барои бақои давлату миллат ва таъмини рушди устувори онҳо заруранд, қонеъ карда шаванд; дуюм, қонеъ нагардидани талаботи мазкур, ки на танҳо дар самти таъмини рушди устувор монеа мешаванд, балки бақои давлату миллатро зери хавфу хатар қарор медиҳанд [25]. Аз ин рӯ, қобилият ва имконияти қонеъ карда тавонистани талаботи объективӣ шарти асосии таъмини рушди устувори ҷомеа мебошад.

Аммо дар раванди қонеъ гардонидани талаботи объективии ҷомеа, ки барои таъмини бақои давлату миллат ва рушди устувор заруранд, монеаҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ пайдо мешаванд. Сабабҳои пайдоиши чунин монеаҳо гуногунанд. Яке аз асоситарини онҳо амалҳои барқасдонаи субъектҳои дигар мебошад. Дар ин гуна шароит монеаҳои мавҷудае, ки ба раванди қонеъсозии талаботҳо халал мерасонанд, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ номида мешаванд. Дар асоси ин гуна вазъ гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳо монеаҳое мебошанд, ки барои таъмин намудани сатҳи зарурии амният халал мерасонанд. Аз ин рӯ, фаъолияти субъекти амнияти миллӣ дар се самти асосӣ амалӣ мегардад: мубориза бо таҳдидҳо, безараргардонии таҳдидҳо, пешгирӣ намудани таҳдидҳо. Мақсади асосии чунин навъи фаъолият дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани қонеъсозии талаботҳо ва таъмин намудани рушди муназзами ҷомеа мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки ҳама гуна сиёсат барои таъмини амнияти миллӣ нигаронида шудааст ва ҳама соҳаи амният хусусияти сиёсӣ доранд.

Як қатор таҳдидҳои дигаре мавҷуданд, ки онҳо барқасдона ба вуҷуд оварда намешаванд, ҳарчанд агар аз рафтори одамон низ вобаста бошанд. Дар шароити зуҳури

ин гуна таҳдидҳо одамон ҳамчун субъекти таҳдид ҳеҷ гоҳ нияти зарар расонидан ва барқасдона зиён расонидан ба дигаронро надорад. Аммо аз лиҳози он, ки ин гуна таҳдидҳо низ дар пайи худ зарару зиёни моддию маънавӣ доранд ва пояҳои давлату ҳукумат, ниҳодҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятиро заиф мегардонанд, онҳоро на танҳо падидаҳои манфӣ, балки таҳдидҳои воқеӣ номидан мумкин аст.

Дар тӯли се даҳсолаи охир афзалиятнокии мубориза бо таҳдидҳо низ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Масалан, хатари терроризми байналхалқӣ, экстремизми динию сиёсӣ, инқилобҳои ранга, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, фаъолшавии ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ дар муқоиса аз таҳдиди ҳуҷумҳои ҳарбии давлатҳои дигар ва ё хатари оғоз гардидани ҷангҳои ядроӣ ба воқеият наздиктар шудаанд. Инчунин дар замони муосир таҳдиду хатарҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар зери таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва технологияҳои компютерӣ ба амал меоянд. Гузашта аз ин, камшавии боигариҳои табиӣ, аз байн рафтани ҷангалҳо ва бешазорҳо, гармшавии иқлим, зиёд гардидани офатҳои табиӣ, ба вуҷуд омадани бухронҳои иқтисодӣ ва ғ. масъалаҳое мебошанд, ки тӯли ду даҳсолаи охир ба онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда истодаанд. Ғайр аз ин, таҳдиду хатарҳое пайдо шудаанд, ки субъекти онҳо номаълуманд ва дар ин маврид муайян кардани шахси гунаҳкор ва ё ҷинояткор кори саҳл нест. Технологияҳои навин ба террористону экстремистон ва ҷинояткорон имкон медиҳанд, ки барои давлатҳои замони муосир таҳдиду хатарҳои навро эҷод намоянд.

Бо дарназардошти мураккабии табиати таҳдидҳо ва мавҷуд набудани таърифи ягона дар мавриди моҳияти онҳо мазмуну мундариҷаи таҳдидҳоро аз рӯйи шаклҳои зоҳиршавӣ нишон додан мувофиқи мақсад аст. Ҳамаи таҳдидҳоро аз рӯйи шакли зоҳиршавиашон шартан ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Якум, таҳдидҳое, ки дар онҳо субъект нияти расонидани зарарро дар муносибат ба субъектҳои дигар кӯшоду равшан ва рӯирост эълон медорад. Дуюм, таҳдидҳое, ки дар онҳо субъект нияти расонидани зарарро пинҳон менамояд ва худро тавре вонамуд месозад, ки гӯё вай дар воқеа ва ё вазъияти бамаломада ҳеҷ иртиботе надорад. Ба ибораи дигар, дар ин гуна маврид субъекти таҳдид намехоҳад, ки ниятҳои вайро дигарон фаҳманд. Сеюм, таҳдидҳое, ки дар онҳо субъекти таҳдид нияти расонидани зарарро надорад, аммо пайдоиши ин гуна таҳдидҳо аз рафтори онҳо вобаста мебошад. Чорум, таҳдидҳое, ки дар онҳо на танҳо нияти расонидани зарар дида намешаванд, балки ин гуна таҳдидҳо субъекти мушаххас надоранд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта паҳлуҳои гуногуни таҳдидҳои дар боло номбаргардидаро ошкор менамоянд. Инчунин қобили зикр аст, ки дар мавриди таҳдидҳои гурӯҳи якум таҳқиқотҳо хеле зиёданд. Зеро пайдоиши ин гуна таҳдидҳо таърихи қадима доранд. Аммо гурӯҳҳои дигари таҳдид хеле кам омӯхта шудаанд ва табиати онҳо низ барои субъекти таъмини амният дар аксар маврид норавшан ва номаълум аст. Ин гуна таҳдидҳоро таҳдидҳои нави замони муосир номидан мумкин аст. Инчунин таҳдидҳои гурӯҳи сеюм низ ба омӯзиш ниёз доранд. Зеро онҳо дар шароити бархӯрди манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ бо манфиатҳои миллӣ ба амал меоянд.

## Хулоса

Ҳамин тариқ, мазмуну мундариҷа, моҳият ва табиати таҳдидҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, вобаста ба масъалаҳои омӯхташуда чунин хулосаҳоро пешниҳод менамоем:

– чи гунае ки таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, вобаста ба моҳияти таҳдидҳо таърифи ягона ва ё андешаи аз ҷониби ҳамагон эътирофшуда вуҷуд надорад.

Яке аз сабабҳои чунин вазъият дар он ифода меёбад, ки таҳдидҳо дар шаклҳои гуногун ва дар зери таъсири омилҳои гуногун зоҳир мешаванд. Масалан, терроризм ҳамчун таҳдид аз рӯйи хусусиятҳои худ ва махсусан вобаста ба шакли зоҳиршавии худ аз бемориҳои сироятӣ, тағйирёбии иқлим, коррупсия ва монанди инҳо фарқ менамояд. Ҳар як муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи навъҳо ва шаклҳои алоҳидаи таҳдид вобаста ба табиати зоҳиршавии он таърифи худро пешниҳод менамояд ва дар натиҷа нисбат ба таҳдидҳо андешаҳои гуногун ва баъзан мухолифи ҳамдигар ба вуҷуд меоянд. Гузашта аз ин, ҳар як муҳаққиқ, махсусан олимони Ғарб ҳангоми баррасии масъалаҳои мухталифи амнияти миллӣ кӯшиш менамоянд, ки афзалиятҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии кишвари худро дар мадди аввал гузоранд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти З.Бжезинский [2], С.Хантингтон [17], Ҷ.Най [7], Ф.Фукяма [16] ва дигарон чунин тарзи баррасии масъалаҳои амниятиро бе ҳеҷ мушкилӣ эҳсос намудан мумкин аст. Яъне, онҳо табиати таҳдидҳоро бо дарназардошти манфиатҳои миллии кишвари худ шарҳ медиҳанд, ки дар натиҷа моҳият ва табиати таҳдидҳо ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ меёбанд. Ба ибораи дигар, онҳо кӯшиш менамоянд мушкилотеро матраҳ намоянд, ки ба амнияти миллӣ ва ҳадафҳои геостратегии кишвари худ таҳдид менамоянд.

– таҳдид нияти расонидани зарар, воситаи тағйир додани рафтори рақибон, монеа эҷод намудан дар самти амалишавии манфиатҳои миллии давлатҳои дигар ва ниҳоятан воситаи амалӣ намудани манфиатҳои миллию геополитикии субъекти мушаххас мебошад. Дар аксар маврид давлатҳои алоҳида ба сифати субъектҳои таҳдид баромад менамоянд ва дар миёни онҳо барои ба даст овардани манбаҳои ҳаётан муҳим ва барои мустаҳкам намудани мавқеи геополитикии худ рақобати шадид сурат мегирад. Дар баробари давлатҳо, инчунин иттиҳоди давлатҳо, созмонҳои байналхалқию минтақавӣ, ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ метавонанд ба сифати субъектҳои таҳдид баромад намоянд. Чунин шакли таҳдидҳоро субъективӣ номидан мумкин аст. Зеро пайдоиши онҳо аз рафтор, фаъолият ва майлу хоҳиши субъектҳои мушаххас вобаста мебошанд;

– таҳдидҳои субъективие, ки дар онҳо нияти расонидани зарар дида мешаванд, дар ду шакли асосӣ зоҳир мегарданд: ошкоро ва пинҳонӣ. Дар баъзе аз мавридҳо субъектҳои таҳдид нияти худро кушоду равшан эълон медоранд. Замоне, ки давлат меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ё қоидаҳои бозиро вайрон намуда бошад, дар муқобили он рӯирост таҳдид менамоянд. Чунин навъи таҳдидҳо дар муносибатҳои байнидавлатӣ, дар муносибатҳои миёни давлат ва созмонҳои сатҳашон гуногун, ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳатто дар миёни давлат ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба вуқуъ меоянд. Масалан, дар муносибат бо Эрон ва Кореяи Шимолӣ бинобар сабаби вайрон намудани созишномаи ҳастаӣ аз ҷониби як қатор давлатҳо ва созмонҳо на танҳо таҳрим ҷорӣ гардид, балки хавфи анҷом додани ҳуҷумҳои ҳарбӣ низ ба вуҷуд омад. Ташкилотҳои террористию экстремистӣ бошанд, ниятҳои худро дар шакли анҷом додани амали террористӣ, сарнагун кардани ҳокимияти давлатӣ, ташкил намудани инқилоб ва ғ. рӯйирост эълон медоранд. Шинохти ин гуна таҳдидҳо чандон мушкил нест. Зеро субъекти он ва мақсаду мароми субъекти таҳдид (нияти расонидани зарар) маълум аст. Аммо шинохти таҳдидҳое, ки дар онҳо субъекти таҳдид нияти расонидани зарарро пинҳон медорад, кори саҳл нест. Дар чунин маврид субъект намехоҳад, ки аз ниятҳои ӯ дигарон бохабар шаванд. Масалан, ташкилкунандагони инқилобҳои ранга, ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои кибернетикӣ, кибертерроризм, киберэкстремизм, анҷомдиҳии амали террористӣ ва ғ. ҳамчун нияти

расонидани зарар эълон намегарданд ва ба таври пинҳонӣ ба амал бароварда мешаванд;

– як қатор таҳдидҳои дигаре мавҷуданд, ки дар онҳо нияти расонидани зарар дида намешавад. Ҳарчанд ин гуна таҳдидҳо аз рафтори субъектҳои мушаххас вобаста бошанд ҳам, субъект нияти расонидани зарарро надорад. Дар чунин шароит ба сифати субъектҳои таҳдид пеш аз ҳама, шаҳрвандони мамлакат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, неруҳои сиёсӣ, фаъолони ҷамъиятӣ ва ғайраҳо шомил мегарданд. Масалан, чунин таҳдидҳо ба монанди коррупсия, паст гардидани сатҳу сифати зиндагӣ, зиёд гардидани шумораи бекорон, зиёд шудани муҳоҷирон, барои баъзе давлатҳо афзоиши аҳолӣ ва барои давлатҳои дигар камшавии он, дилетантизм, пастшавии сатҳи таълиму тарбия, паст гардидани сатҳу сифати таҳқиқотҳои илмӣ, ифлос гардидани муҳит зист ва ғ. аз рафтори субъектҳои номбаргардида вобаста мебошанд. Боз ҳастанд таҳдидҳое, ки сабаби пайдоишашон давлатҳо ва ширкатҳои фаромиллӣ ҳастанд. Масалан, тағйирёбии иқлим. Аммо онҳо ин ҳолатро ҳадафмандона ба вуҷуд наовардаанд. Аз он сабаб ин гуна падидаҳоро таҳдид гуфтан мумкин аст, ки онҳо оқибатҳои ногувор дошта, барои ҷомеа зарур зиёни хеле зиёд мерасонанд;

– дар баробари таҳдидҳои номбаргардида боз таҳдидҳое мавҷуданд, ки на танҳо дар онҳо нияти расонидани зарар дида намешавад, балки субъекти мушаххас надоранд. Ин гуна таҳдидҳо аз ҷониби табиат бармеоянд. Масалан, заминҷунбӣ, боришоти зиёд, омадани сел, обхезӣ, пайдоиши бемориҳои сироятӣ ва ғайраҳо;

– бо дарназардошти гуфтаҳои боло нисбат ба моҳияти таҳдидҳо таърифи ягона ба вуҷуд овардан хеле мушкил аст. Дар ин гуна вазъият бо дарназардошти мавҷуд будан ва ё набудани нияти расонидани зарар ду таърифи таҳдидро пешниҳод намудан мумкин аст. Якум, таҳдид шарту шароит ва омилҳое мебошад, ки аз ҷониби субъекти мушаххас бо мақсади расонидани зарар ва ё тағйир додани рафтори субъектҳои дигар ё ба таври ошкоро ва ё пинҳонӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва бо ин роҳ дар самти амалигардонии манфиатҳои миллии рақибони худ монеа эҷод менамоянд. Дуюм, таҳдид шарту шароит, ҳодиса, воқеа ва тамоюлоте мебошад, ки пайдоиши он аз майлу хоҳиш ва ё иродаи сиёсии субъектҳо вобаста нест, аммо дар самти амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод менамояд ва ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зарару зиёни зиёд мерасонанд.

**Адабиёт**


1. Бек У. Общество риска. На пути к другому модерну. Пер. с нем. –М.: Прогресс-Традиция, 2000. – 384 с.
2. Бжезинский З. Великая шахматная доска. Пер. с англ. О. Уральской. –М.: Изд-во «АСТ», 2020. – 384 с.
3. Бояринцев А., Редкын В. Определение и ранжирование угроз объектам // Безопасность. Достоверность. Информация. – 2007. –№71. –С.14-19.
4. Варфоломеев А.А. Негосударственные угрозы международной безопасности // Право и безопасность. – 2012. – №3-4 (43). –С.51-55.
5. Гацко М. Ф. О соотношении понятий «угроза» и «опасность» [электронный ресурс]. URL: http://old.nasledie.ru/oboz/N07_97/7_06.HTM (дата обращения: 20.07.2019 г.)
6. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. В 4-х т. Т.1. –М., 1981. –С.425.
7. Джозеф Н. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век. Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –444 с.

8. Логунов А.Б. Региональная и национальная безопасность: учебное пособие. – М.: Вузовский учебник, 2009. – 432 с.

9. Наим М. Конец власти. От залов заседаний до полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе. Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2016. – 512 с.

10. Ожегов С.И. Словарь русского языка. –М.: Русский язык, 1981. – 736 с.

11. Панов М.Е. К вопросу о методологических основах оценки безопасности // Геополитика и безопасность. –1995. –№3. –С.28-36.

12. Пирумов В.С. Некоторые аспекты методологии исследования проблем национальной безопасности России в современных условиях // Геополитика и безопасность. – 1993. – №1. – С.8-15.

13. Смирнова А.Г. Восприятие угрозы в международных отношениях: в поисках теоретических оснований // ПОЛИТЕКС. –2007. –Т.3. –№4. –С.193-208.

14. Смирнова А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях. –Ярославль, 2016. –420 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. –Душанбе, 2008. –945 с.

16. Фукуяма Ф. Америка на распутье: Демократия, власть и неоконсервативное наследие. Пер. с англ. –М.: АСТ, 2008. – 282 с.

17. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. Пер. с англ. Т.Велимеева. –М.: Изд-во «АСТ», 2017. –576 с.

18. Энциклопедический словарь [электронный ресурс]. URL: http://www.dict.t-mm.ru/all/ugroza.html (дата обращения: 16.07.2019 г.)

19. Buzan B. People, States and Fear. – Boulder: Wheatsheaf book, 1983. – 262 p.

20. Cohen R. Threat Perception in International Crisis // Political Science Quarterly. – 1978. – Vol. 93. – No.1 – P. 93-107. DOI: 10.2307/2149052

21. Cohen R. Threat Perception in International Crisis. – Madison: The University of Wisconsin Press, 1979. – 229 p.

22. Krahmann E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security / ed. by E. Krahmann. New York, 2005. –P.3-22.

**23.** Lippmann W. US Foreign Policy. Boston, 1943. – 177 p.

24. Milburn T.W., Watman K.H. On the Nature of Threat: A Social Psychological Analysis. – New York: Praeger, 1981. – 148 p.

25. Ryszard S. Military Security within the Framework of Security Studies: Research Results // Connections. – 2014. –Vol. 13. –No. 3. –P.59–82. DOI: 10.11610/Connections.13.3.04

26. Threat // Oxford Advanced Learner's Dictionary [electronic resource]. –URL: https://www.oxfordlearnersdictionaries.com/definition/english/threat (acsessed: 23.11.2020)

27. Threat // Cambridge Dictionary [electronic resource]. –URL: https://dictionary.cambridge.org/us/dictionary/english/threat (acsessed: 23.11.2020)

28. Wolfers A. "National Security" as an Ambiguous Symbol // Political Science Quarterly. – 1952. – Vol. 67. – No. 4. – p.481-502.

# УГРОЗА КАК НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

**САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ,**
Кандидат политических наук, доцент,
докторант кафедры политических процессов
Таджикского национального университета.
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 988-12-73-83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Исследование угроз началось в 40-50-х годах XX века и продолжается по сей день. За это время были разработаны различные теории и концепции национальной безопасности. Следовательно, число ученых и исследователей, занимавщихся изучением вопросов национальной безопасности, постепенно увеличилось. Но, несмотря на все это, на сегодняшний день нет единого мнения о природе и особенностях угроз. Эта ситуация зависит от различных факторов: во-первых, до окончания холодной войны национальная безопасность ограничивалась военно-политическими вопросами. Но с конца 1980-х годов невоенные вопросы также были включены в содержание национальной безопасности. Во-вторых, за последние три десятилетия, наряду с государством, также укрепили свои позиции в мировой политике негосударственные субъекты. В-третьих, развитие информационных технологий и научно-технический прогресс стали причинами появления новых угроз и опасностей. В-четвертых, страны отличаются друг от друга по ряду вопросов, прежде всего, в зависимости от стадии развития, и поэтому осознание угроз в этих странах проявляется на разных уровнях. Учитывая эти факторы, в современных условиях очень важен анализ и исследование научно-теоретических аспектов угроз.*

***Ключевые слова:*** *угроза, субъект угрозы, субъект безопасности, национальная безопасность, обеспечение безопасности, намерение причинить вред, национальные интересы.*

# THE THREAT AS A SCIENTIFIC AND THEORETICAL ISSUE

**SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor,
doctoral student of the Department of Political Processes of the
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushnabe, 17, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 988-12-73-83. E-mail: quddusov@mail.ru

*Study and research of threats began approximately in the 1940s and 1950s and continues to the present day. During this time, various theories and concepts of threats and national security have been developed. The number of scientists and researchers studying this field of science are also very large. But, despite all this, today there is no consensus on the nature and features of threats. This situation depends on various factors: first, until the end of the Cold War, national security was limited to military-political issues. But since the late 1980s, non-military issues have also been included in the content of national security. Second, over the past three decades, along with the state, non-state actors have also strengthened their positions in world politics. Third, development of information technologies, as well as scientific and technical progress has become the reasons for the emergence of new threats and dangers. Fourth, countries differ from each other on a number of issues; primarily depending on the stage of development, and therefore the awareness of threats in these countries reveal itself at different levels. Taking into account these factors, it is very important to analyze and study the scientific and theoretical aspects of threats in modern conditions.*

***Key words:*** *threat, threat subject, security subject, national security, ensure security, intention to harm, national interests*

УДК: 32.019.5

# ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ: ПЕРСПЕКТИВЫ ПРИМЕНЕНИЯ НА ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ ТАДЖИКИСТАНА

**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА,**
кандидат политических наук,
доцент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 918-62-78-77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*В статье рассматриваются вопросы разработки, тестирования и внедрения Информационной системы управления человеческими ресурсами на государственной службе Таджикистана и плавного перехода государственной службы страны от бумажных носителей информации к электронному документообороту. Также в статье представляется информация о результатах опроса, проведенного в рамках направления «Укрепление управления человеческими ресурсами» Второго Проекта по модернизации управления государственными финансами, финансируемого Всемирным банком, ключевым итогом которого является предсказания респондентов о применении искусственного интеллекта на государственной службе Таджикистана. В этом контексте автор делает акцент на первом региональном Центре искусственного интеллекта, который создан и успешно работает в стране, и о попытках привлечения талантливой и способной молодежи к решению вопросов развития социально-экономического сектора Таджикистана через внедрение программ и алгоритмов искусственного интеллекта. Особое внимание в статье уделено роли кадровых служб государственных органов в отборе персонала, организации и проведении конкурсного отбора, оценки деятельности и аттестации государственных служащих, формированию резерва кадров и содействия в карьерном росте талантливых, креативно мыслящих молодых людей на государственной службе. Подводя итоги, автор делает упор на то, что для достижения цели по эффективному управлению человеческими ресурсами на государственной службе Таджикистана необходимо упорно трудиться и идти «в ногу» с последними мировыми достижениями технологического прогресса.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, государственная служба, управление человеческими ресурсами, государственный служащий, структурное подразделение, государственный орган, автоматизация, бизнес-процессы, искусственный интеллект, процедуры управления человеческими ресурсами, конкурсный отбор, оценка деятельности, аттестация, резерв кадров и т.д.*

Мы живем в мире, когда каждый новый день вносит какие-то изменения в нашу бытность, связанные с технологическим прогрессом. Разумеется, государственная служба также вовлечена в этот процесс и должна предпринимать адекватные меры для того, чтобы соответствовать требованиям сегодняшнего дня.

Прежде всего перед государственной службой стоит задача последовательно создавать и развивать свою собственную модель государственной службы Таджикистана, «основанную на формировании более эффективной, надежной, прозрачной, подотчетной, этической и профессиональной государственной службы» [1].

Решая эту задачу и следуя современным тенденциям, государственная служба Таджикистана повсеместно вводит трансформацию и автоматизирует бизнес-процессы. В этом отношении главенствующее место отводится вопросам управления человеческими ресурсами, ведь именно от того, насколько профессионален и

подготовлен государственный служащий, зависит насколько эффективно работает то или иное направление государственной службы. «Служба управления человеческими ресурсами должна организовать процесс работы государственных служащих таким образом, чтобы было практически полное соответствие между их компетенциями и должностными требованиями, что позволит обеспечить «правильного человека, на правильной работе в нужное время», мотивированного на результат и развитие» [2]. А это, в первую очередь, подразумевает подбор, расстановку, повышение потенциала и мотивацию персонала государственного органа.

Именно поэтому, еще в августе 2016 года, была начата реализация Проекта по модернизации управления государственными финансами, поддерживаемого Всемирным банком. В рамках этого Проекта оказывается содействие Агентству государственной службы при Президенте Республики Таджикистан, - уполномоченному органу в сфере государственной службы, - в разработке, тестировании и внедрении Информационной системы управления человеческими ресурсами. Целью данной Информационной системы является автоматизация бизнес-процессов, связанных с такими процедурами управления человеческими ресурсами, как конкурсный отбор на государственную службу, приём на работу, предоставление отпусков, увольнение с работы, ротация руководящих кадров государственной службы, оценка деятельности и аттестация государственных служащих, формирование резерва кадров, поддержка в карьерном росте и т.д.

Ожидается, что в начале 2022 года, к моменту ввода Информационной системы в эксплуатацию, государственная служба перейдет на новый этап своего развития, смысл которого заключается в постепенном отказе от бумажных носителей информации в государственных органах страны и плавного перехода к электронному документообороту.

Однако, хотя для государственной службы Таджикистана разработка и внедрение Информационной системы сама по себе является большим прорывом вперед, но, как показывает жизнь, ничто не стоит на месте и автоматизированные бизнес-процессы – это уже не самое актуальное в мире электронного правительства.

Согласно результатам опроса, проведенного в рамках подкомпонента «Укрепление управления человеческими ресурсами» вышеназванного Проекта, «24% респондентов – государственных служащих центральных и местных исполнительных органов государственной власти, полагают, что к 2025 году автоматизированные бизнес-процессы полностью заменят работу многих структурных подразделений, а к 2050 году, по мнению 63% респондентов, роботы и искусственный интеллект будут помогать государственной службе Таджикистана реализовывать процедуры управления человеческими ресурсами в государственных органах страны» [3].

В целом, все респонденты уверены, что в ближайшем будущем сотрудников таких структур, как кадровые службы, вообще заменит искусственный интеллект, и специально разработанные роботы возьмут на себя организацию и проведение конкурсного отбора на вакантные государственные должности, найм персонала, оформление личных дел сотрудников, подготовка документации ко всем видам отпусков, организация и проведение оценки деятельности и аттестации государственного служащего, формирование резерва кадров государственной службы, обучение, переобучение, повышение квалификации государственных служащих, процессы карьерного роста и т.д.

При этом под искусственным интеллектом мы понимаем не какую-то волшебную или фантастическую компьютерную программу, а целый комплекс алгоритмов и программ, с помощью которых можно получать данные, статистику, распознавать голоса, анализировать информацию, определять закономерность, прогнозировать тенденции и пр.

Таким образом, государственная служба Таджикистана, которая планомерно переходит к оптимизации и автоматизации основных процедур, связанных с персоналом государственного органа, уже сейчас должна думать о следующем этапе своего развития – внедрении технологий искусственного интеллекта в деятельность государственных структур.

Причина, по которой приоритет отдается всё же искусственному интеллекту, заключается в огромном потенциале роста этого сектора в ближайшие десятилетия. «Исследования McKinsey Global Institute показали, что растущее внедрение искусственного интеллекта может обеспечить дополнительные экономические результаты, оцениваемые в триллионах долларов к 2030 году. Что еще более важно, ожидается, что спрос на высококвалифицированных специалистов в области искусственного интеллекта в ближайшем будущем значительно превысит предложение, что даст возможность развивающимся странам, таким как Таджикистан, превратиться в региональные центры искусственного интеллекта» [4].

Заметим, что «задача перехода к электронному управлению (или, иначе, электронному правительству, информационному государству) ставится перед органами власти Республики Таджикистан уже более 15 лет. За это время был принят целый ряд концептуальных и программных документов» [5]. Уполномоченный орган в сфере государственной службы играет ключевую роль в реализации подавляющего большинства этих документов.

Отсюда вытекает основная миссия Агентства государственной службы в этом отношении. И миссия эта в этом контексте видится в создании потенциала искусственного интеллекта в Таджикистане посредством сотрудничества между государственным, некоммерческим и частным секторами, при этом социальное воздействие искусственного интеллекта является приоритетом для государственной службы.

Цель состоит в том, чтобы использовать искусственный интеллект для достижения целей и задач государственной службы. Для этого Агентству государственной службы нужно быть флагманом и лишь заполнить существующий вакуум исследовательского потенциала в вопросах технологического прогресса и внедрения электронного правительства.

Да, это задача не из легких. Путь к достижению цели тернист и сложен.

Однако анализ показывает, что Таджикистан уже делает в этом отношении свои первые шаги. TajRupt.AI – первый в Центральной Азии исследовательский центр искусственного интеллекта. Основатель Азизжон Азими, стипендиат Стэнфордского университета, получает двойную степень магистра делового администрирования в Стэнфордской высшей школе бизнеса и магистра государственной политики в Гарвардской школе Кеннеди. «Азизжон был представлен на Forbes «30 Under 30 Asia» в категории социального предпринимательства» [6].

TajRupt.AI - некоммерческая организация с миссией расширения прав и возможностей молодежи в Таджикистане. Команда стремится одновременно решать задачи по достижению своих целей через:

- «*Образовательные программы*, в рамках которых талантливые старшеклассники и студенты бакалавриата будут получать образовательную подготовку по информатике после окончания школы. Учебная программа будет разработана для обучения студентов основам науки о данных и искусственного интеллекта и включать в себя несколько уровней отслеживания прогресса студентов.
- *Прикладные исследования*: студенты университетов, как на уровне бакалавриата, так и на уровне магистратуры, получат доступ к рабочим станциям для проведения специализированных исследований по применению искусственного интеллекта для социального блага.
- *Предпринимательство*: начинающие предприниматели получат возможность коммерциализировать свою продукцию через пространство инкубатора и ресурсы наставничества. Одна из конкретных областей работы будет включать создание местных предприятий, предоставление глобальным компаниям аутсорсинговых услуг для программной работы, связанной с искусственным интеллектом, повторение успеха восточноевропейских стран в становлении центров ИТ-аутсорсинга за последние два десятилетия» [7].

«Миссия компании коренится в ускорении экономического роста Таджикистана за счет развития технологического сектора, основанного на искусственном интеллекте, - амбициозной цели, которая может положительно повлиять на развитие страны в течение следующего десятилетия». Описанный выше трехсторонний подход, охватывающий образование, прикладные исследования и предпринимательство, позволит талантливым студентам STEM (наука, технология, инженерия и математика) в Таджикистане полностью раскрыть свой потенциал и проложить путь к светлому будущему.

«У Таджикистана есть два стратегических преимущества, чтобы позиционировать себя как центр искусственного интеллекта в Центральной Азии:

*Первое преимущество - база талантов*: Наука, технология, инженерия и математика (STEM) составляют основной компонент национальной системы образования Таджикистана. На уровне средней школы естественные науки - физика, химия и биология, а также математика и информатика являются обязательными предметами на протяжении всего курса обучения, начиная с 8-го класса. Страна достигла всеобщей грамотности. При этом показатель охвата средним образованием составляет около 90%, что значительно выше, чем в среднем по миру, составляющий 76%. Студенты из Таджикистана регулярно участвуют в международных олимпиадах по направлениям STEM. Таким образом, старшеклассники из Таджикистана участвуют в престижных международных олимпиадах и привозят в страну золотые, серебряные и бронзовые медали» [8].

В стране много талантливых молодых людей. Среди них, например, Нурулло Сайфуллоев, ученик 11-го класса, увлечен информатикой и недавно выиграл национальную олимпиаду по проектам по информатике, организованную Академией наук Таджикистана - ведущим исследовательским учреждением страны, находящимся в ведении Министерства образования и науки. Нурулло разработал интерактивные мобильные и веб-приложения для туристов, посещающих Таджикистан в рамках правительственной инициативы «Год туризма».

*Второе преимущество - региональный центр*: Центральная Азия имела ограниченный доступ к искусственному интеллекту - как в академических кругах, так и в частном секторе. Отсутствие исследований искусственного интеллекта в регионе

продемонстрировало, что основная проблема связана с дефицитом исследовательского потенциала в университетах Центральной Азии. Таджикистан, расположенный на перекрестке Центральной и Южной Азии, может получить преимущество первопроходца в регионе, наращивая свой потенциал искусственного интеллекта на уровне исследований с долгосрочной целью культивирования лидирующих позиций в экономике искусственного интеллекта будущего» [9].

Возвращаясь к государственной службе, необходимо отметить, что ни для кого не секрет, время и деньги — два основных фактора в успехе любого государственного органа, они напрямую зависят от персонала, его мотивации, развития, этики и культуры взаимодействия структурных подразделений и коллег между собой. Успех любого структурного подразделения измеряется, прежде всего, слаженной работой коллектива и общей нацеленностью на результат.

И здесь на первый план выходит четкая и слаженная деятельность кадровых служб государственных органов, и их работа по организации конкурса, отбору лучших из лучших кандидатур, найм персонала, оценка результативности его деятельности, его мотивация, обучение, переобучение и повышение квалификации, решение вопросов карьерного роста государственного служащего, его мотивирования и формирования резерва кадров из числа талантливых, способных, креативно мыслящих сотрудников и пр.

Человеческие ресурсы во все времена были и остаются основным ресурсом любого государственного органа. Но ежедневный поток новой и новой информации требует от государственных служащих более завышенных компетенций: предвидение новых непредсказуемых запросов со стороны граждан страны, быстрая адаптация предоставляемых государственных услуг под эти запросы, ну и формирование базы данных талантливых, способных, по-новому и неординарно мыслящих государственных служащих-резервистов, содействие молодому таланту в раскрытии его профессиональных способностей, а также (!) удовлетворение их запросов.

Впереди большая работа! «Основной задачей HR в digital заключается в выстраивании тесных взаимосвязей всех HR-этапов и процессов. Для этого нужно многое определить и зафиксировать «на берегу»: наши ожидания, необходимые компетенции, возможные пути развития для конкретного специалиста и т.д.» [10].

Таким образом, имея ясное понимание того, кого мы хотим нанять, что будет целью работы у государственного служащего, каких результатов и в какие сроки от него ожидается, с кем он будет взаимодействовать, что для этого важно «мы сможем адекватно выстраивать процесс адаптации и обучения, …выбирать нужные нам инструменты для реализации задуманного, а также обладать высокой степенью конкурентоспособности в своей сфере» [11].

## Литература


1. Мирзоян М.В., Васильева Е.В. Оценка компетенций государственных служащих и анализ текущей практики методов оценки согласованности компетенций и трудовых функций гражданских государственных служащих Армении//Управление. 2019. № 2. С. 11–23.
2. Промежуточный отчет подкомпонента 4.3. «Укрепление управления человеческими ресурсами» Второго Проекта по модернизации управления государственными финансами, Всемирный банк, Душанбе, 2018.

3. Как TajRupt.tj стал партнером Microsoft, Азия-Плюс/Все новости Таджикистана, Электронный ресурс: https://www.asiaplustj.info /ru/news/ tajikistan/ society/ 20200822/kak-tajruptai-stal-partnerom-microsoft (дата обращения: 22.10.2020)
4. Обзор законодательства Республики Таджикистан в сфере электронного правительства, Электронный ресурс: https:// digital.report/ zakonodatelstvo-tadzhikistana-v-sfere-elektronnogo-pravitelstva/ (дата обращения: 23.10.2020)
5. Как TajRupt.tj стал партнером Microsoft, Азия-Плюс/Все новости Таджикистана, Электронный ресурс: https://www.asiaplustj.info /ru/news/ tajikistan/ society/ 20200822/kak-tajruptai-stal-partnerom-microsoft (дата обращения: 22.10.2020)
6. Мирзоева А., Как Азизджон Азими создал центр по изучению искусственного интеллекта в Худжанде, Электронный ресурс: https:// limu.tj/main/people/kak_azizdzhon_azimi_sozdal_tsentr/TajRupt.tj (дата обращения: 23.10.2020)
7. Как TajRupt.tj стал партнером Microsoft, Азия-Плюс/Все новости Таджикистана, Электронный ресурс: https://www.asiaplustj.info /ru/news/ tajikistan/ society/ 20200822/kak-tajruptai-stal-partnerom-microsoft (дата обращения: 22.10.2020)
8. Тилав Расул-заде, Не спорить со старшими в эпоху Google, Электронный ресурс: https://fergana.news/articles/119178/(дата обращения: 23.10.2020)
9. Мирзоева А., Как Азизджон Азими создал центр по изучению искусственного интеллекта в Худжанде, Электронный ресурс: https:// limu.tj/main/people/kak_azizdzhon_azimi_sozdal_tsentr/TajRupt.tj (дата обращения: 23.10.2020)
10. Семенова, А. Н. Цифровые технологии в управлении человеческими ресурсами / А. Н. Семенова, В. А. Ступкина. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2019. — № 4 (242). — С. 250-252. — URL: https://moluch.ru/archive/242/55864/ (дата обращения: 22.10.2020)
11. HR-digital: Что нужно делать, чтобы в 2017 году тебя хантили? Электронный ресурс: https:// adindex.ru/ publication/ opinion/ internet/ 2017/02/20/158156.phtml

## ИНТЕЛЛЕКТИ СУНӢ: ДУРНОМАИ ИСТИФОДАБАРӢ ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ЭРГАШЕВА ФАРИЗА МАМАДИЕВНА,**
номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-62-78-77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*Дар мақола оид ба таҳия, санҷиш ва татбиқи системаи иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатии Тоҷикистон ва гузариши бемамониати хизмати давлатии кишвар аз интиқолдиҳандагони коғазӣ ба гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ сухан меравад. Дар мақола инчунин маълумот дар бораи натиҷаҳои пурсише, ки дар доираи зеркомпоненти 4.3 «Таҳкими идоракунии захираҳои инсонӣ»-и Лоиҳаи дуюми «Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ», ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, оварда шудааст, ки натиҷаи асосии он пешгӯиҳои посухдиҳандагон дар бораи истифодаи интеллекти сунъӣ дар хизмати давлатии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина, муаллиф диққати худро ба аввалин Маркази минтақавии интеллекти сунъӣ, ки дар кишвар таъсис ёфтааст ва бомуваффақият фаъолият мекунад ва кӯшишҳои ҷалби ҷавонони*

*боистеъдод ва қобилиятнок барои ҳалли масъалаҳои рушди бахши иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон тавассути татбиқи барномаҳо ва алгоритмҳои интеллекти сунъӣ. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши хадамоти кадрҳои мақомоти давлатӣ дар интихоби кадрҳо, ташкил ва гузаронидани озмун, баҳогузории фаъолият ва аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ташаккули захираи кадрҳо ва мусоидат дар афзоиши мансабии ҷавонони боистеъдод, эҷодкор тафаккур дар хизмати давлатӣ равона карда шудааст. Муаллиф дар натиҷа таъкид менамояд, ки барои ноил шудан ба ҳадафи идоракунии самаранокии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатии Тоҷикистон бояд саъйи зиёд ба харҷ дода, аз дастовардҳои навтарини ҷаҳонии пешрафти техникӣ ҳамқадам бошем.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизмати давлатӣ, идоракунии захираҳои инсонӣ, хизматчии давлатӣ, воҳиди сохторӣ, идораи давлатӣ, автоматикакунонӣ, равандҳои тиҷоратӣ, интеллекти сунъӣ, расмиёти идоракунии захираҳои инсонӣ, озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, захираи кадрҳо ва ғайра.*

## ARTIFICIAL INTELLIGENCE: PROSPECTS OF IMPLEMENTATION IN THE CIVIL SERVICE OF TAJIKISTAN

**ERGASHEVA FARIZA MAMADIEVNA,**
Candidate of Political Science,
Associate Professor of the Human Resources
Management Department of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-62-78-77. E-mail: farizaerg@gmail.com

*The article considered the issues of development, testing and implementation of the Information System of Human Resource Management in the Civil Service of Tajikistan and the smooth transition of the Civil Service of the country from hard copy information to electronic flow of documents. The article also provides information on the results of a survey conducted within the framework of the direction "Strengthening Human Resource Management" of the Public Financial Management Modernization Project-II, financed by the World Bank, the key result of which is the predictions of respondents about the use of artificial intelligence in the Civil Service of Tajikistan. In this context, the author focuses on the first regional Center for Artificial Intelligence, which has been created and is successfully operating in the country, and on effort at attracting talented and capable youth to address the development of the socio-economic sector of Tajikistan through the introduction of programs and algorithms for artificial intelligence. Special attention in article is paid to the role of the HR departments of state bodies in staff selection, the organization and conduct of competitive selection, evaluation and attestation of Civil Servants, forming of a personnel reserve and assistance in the career growth of talented, creative-minded youth in the Civil Service. In conclude, the author emphasizes that for achieving the goal on effective Human Resource Management in the Civil Service of Tajikistan, it is necessary to work hard and keep up with the latest world achievements in technological progress.*

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, Civil Service, Human Recourse Management, civil servant, structural subdivision, State body, automatization, business processes, artificial intelligence, Human Resource Management procedures, competitive selection, evaluation, attestation, personnel reserve, etc.*

УДК: 323.1

# ТОҶИКИСТОН: ОМИЛҲОИ ТАЪСИРПАЗИР ВА ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ДИГАРГУНСОЗИҲОИ ДЕМОКРАТӢ

**ГУЛАХМЕДОВ МУСАММИР ГУЛАХМЕДОВИЧ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи
сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
**НАЗАРЗОДА ПИРАЛӢ САФАР,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 931-70-17-65. E-mail: nsadi79@mail.ru

*Имрӯзҳо дар қисме аз давлатҳои ҷаҳон «мавҷҳо» -и нави демократикунонӣ ҷараён мегирад, ки дар ин радиф давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарор мегирад. Мақолаи мазкур бевосита ба раванди рушд ва инкишофи режими демократӣ дар Тоҷикистон алоқаманд буда, дар он муаллиф кӯшиш намудааст омилҳои таъсирпазири дохилии иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, дигар омилҳои берунӣ ва инчунин заминаҳои дигаргунсозиҳои демократиро дар марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар возеҳу равшан нишон диҳад. Демократикунонӣ дар ин ё он кишвар метавонад ба сифати омил ба раванди тағирпазирии ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ таъсир расонад. Дар ин росто танҳо таъмини ризоияти миллӣ ба хотири таҳкими соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, амнияти миллӣ ва тамомияти арзии кишвар хеле зарур ва муҳим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, Осиёи Марказӣ, истиқлолият, бӯҳрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, режими сиёсӣ, режими демократӣ, «мавҷҳо» -и нави демократикунонӣ, омилҳои таъсирпазир, омили дохилӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, иқтисодӣ, омилҳои берунӣ, сулҳ, ризоияти миллӣ, таҳкими соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, рушди сиёсӣ.*

Таҷрибаи таърихии давлатҳои демократӣ нишон медиҳад, ки режимҳои сиёсӣ дар он ҷое бомувафақият амал мекунанд, ки агар онҳо ба муҳити «воқеияти иҷтимоӣ» - и ҷомеа мутобиқ бошанд. Воқеияти иҷтимоӣ дар илмҳои сиёсӣ ҳамчун муҳити ташаккули системаҳо ва режимҳои сиёсӣ фаҳмида мешавад. Аз тарафи дигар, бояд дар назар дошт, ки воқеияти иҷтимоӣ на танҳо ба режими сиёсӣ таъсир мерасонад, балки аз ҷониби он низ ташкил карда мешавад. Ташаккул ва рушди режимҳои муосири демократӣ дар саросари кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон нобаробар ҷараён гирифтааст.

Ҷараёни «мавҷҳо» -и демократикунонӣ вобаста ба шароитҳои таърихӣ, хусусиятҳо ва мавҷудияти заминаҳои муайяни хоси давлатҳо шакл мегиранд.

Муҳаққиқ Т. Карозерс барои тавзеҳ додани тағиротҳои марҳалаи гузариш дар ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ панҷ омилро қобили қабул донистааст:

1. сатҳи рушди иқтисодӣ: ҳар қадар, ки давлат иқтидорманд бошад, эҳтимолияти анҷоми бомувафақияти дигаргунсозиҳои демократӣ бештар мегардад;

2. истифодабарии манбаъҳои боигарии миллӣ: кишварҳое, ки даромади миллиашон асосан аз ҳисоби истифодаи баланди манбаъҳои сарват дар қаламрави онҳо ташаккул меёбад (масалан, конҳои нафт), дар раванди демократикунонӣ ба мушкилоти назаррас дучор меоянд;

3. тафовутҳо дар асоси гурӯҳҳои баробар: дар кишварҳое, ки аҳолиашон аз рӯи мавқеи этникӣ, мазҳабӣ, қабилавӣ тақсим шудаанд, демократия аксар вақт нисбат ба ҷомеаҳои ҳамрадиф бо мушкилиҳо амалӣ мегардад;

4. таҷрибаи таърихии плюрализми сиёсӣ: дар кишварҳое, ки амалан таҷрибаи плюрализми сиёсӣ надоранд, демократикунонӣ дар аксари ҳолатҳо нисбат ба он ҷое, ки плюрализм вуҷуд дорад, душвортар аст;

5. муҳити ғайридемократӣ: кишварҳое, ки дар минтақаҳо ё зерминтақаҳое ҷойгиранд, ки тақрибан ҳамаи дигар давлатҳои ғайридемократӣ онро иҳота намудаанд, одатан, нисбат ба кишварҳое, ки дар иҳотаи ҳамсояҳои демократӣ қарор доранд, бо раванди демократикунонӣ дар муқобилият қарор мегиранд. [4, с-98-99]

Бояд ин нуктаи муҳимро ишора кард, ки омилҳои номбаргардида ба ҷиҳати моҳият хусусиятҳои умумии давлатҳоро дар марҳилаи гузариш ба демократия нишон медиҳанд, ки дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ истисно нест. Мавқеъ ва нуфӯзи таъсирпазири ҳар кадоме аз ин омилҳоро мо метавонем дар мисоли кишвари хеш бараъло эҳсос намоем.

Албатта, ҳамаи ин омилҳо, бо вуҷуди ҳама арзиши методологии худ набояд дар шакли «холис» ҳамагонӣ дониста шаванд. Воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ба мо намунаҳои мураккабтари аксаран пардапӯшшудаи тағироти сиёсиро пешкаш мекунад, ки барои тавзеҳи онҳо ин нақшаҳо чандон муфид нестанд. Комилан аён аст, ки бе ба назар гирифтани омили иҷтимоӣ-фарҳангӣ, муайян намудани тасаввуроти воқеии равандҳои дигаргунсозӣ дар кишварҳои демократӣ душвор хоҳад буд.

Бо назардошти ин метавон дарк кард, ки панҷ омилҳои номбаргардида бевосита намунаҳои шартӣ (ҳатмӣ) набуда, онҳо ҳамчун намунаи нишондодии ба раванди демократикунонӣ мусоидаткунанда ва ё халалпазир эътироф карда шаванд.

Ҳамин тариқ, равандҳои демократикунонӣ дар назди муҳаққиқон мушкилот пеш оваранд, ки бо шароит ва механизмҳои барқарорсозии демократия алоқаманд мебошанд. Таҳқиқоти анъанавии равандҳои демократикунонӣ чун қоида, муносибати эволютсионӣ доранд.

Ба ҷиҳати моҳият дарк мегардад, ки барои дар ҳар як давлат роҳандозӣ намудани демократия шароити муайяне зарур аст ва дар ин қатор шарти муҳим он аст, ки нахуст ҷомеа бояд ба он пухта бирасад. Новобаста аз он, ки нақши омилҳои анъанавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, технологӣ ва фарҳангӣ ҳамеша барои он созгор мебошад. Дар ин радиф назарияи навсозӣ барои роҳандозии демократия, нақши ҳалкунанда дорад.

Дар маҷмӯъ, олимон ҳудуди таърихии «мавҷҳо» -и демократикунонӣ, шумораи кишварҳое, ки демократияи бомуваффақият ва номуваффақ доранд, сабабҳои асосии ин равандҳо ва амсоли инҳоро ба таври возеҳ муайян мекунанд. Ин бо бисёр ҳолатҳо нисбат дода мешавад аз ҷумла, ба гуногунии омилҳои таъсирпазир барои муайян кардани демократия, нишондиҳандаҳои гуногуни рушди демократӣ ва дарки гуногунии равандҳои демократӣ. Ба андозаи зиёд, ин ба ду «мавҷ» -и аввалини демократикунонӣ дахл дорад, ки бевосита ба раванди муосири демократикунонӣ низ таъсири худро мерасонад.

С. Хантингтон, нишондодҳои демократикуниро дар сатҳи оддӣ, ба иҷрои чунин вазифаҳо мансуб медонад: 1) аз байн бурдани режими авторитарӣ; 2) таъсиси режими демократӣ; 3) таҳкими системаи демократӣ.[8, с. 56-57 ] Ва сабабҳои гуногун ва хеле зиёд низ метавонанд барои ҳар кадоме аз ин се раванд таъсипазир бошанд.

Илми сиёсатшиносӣ имрӯзҳо бо мақсади муайян намудани мавҷҳои нави демократикунонӣ таҳқиқотҳои гуногунро анҷом медиҳад. Масалан, хулосаҳои зерини як қатор сиёсатшиносон пешбинӣ менамояд:

1) ду роҳи бевоситаи парокандагии ҳатмии режими авторитарӣ мавҷуд аст, ки ба дигаргунсозии эҳтимолии демократӣ роҳ мекушояд - ин бӯҳрони пайваста дар идораи ҳокимият ё шикаст дар ҷангҳои берун аз кишвар мебошад;

2) демократикунонӣ дар ин ё он кишвар таҳти таъсири мустақими натиҷаҳои равандҳои шабеҳ дар давлати ҳукмрони минтақа сурат мегирад;

3) дар он ҷое, ки ташаккули давлатдорӣ аллакай ба итмом расидааст (яъне ҳудуд боэътимод ҳифз карда мешавад ва ҳуввияти миллӣ ба қадри кофӣ ташаккул ёфтааст), таҳкими демократия нисбат ба он ҷое ки ташаккулёбии давлатдорӣ ва демократикунонӣ ҳамзамон идома дорад, хеле осон хоҳад буд.

Ин хулосаҳо ва натиҷагириҳо (алалхусус севум), албатта дар ин ё он тағирот, барои Тоҷикистон низ аҳамият доранд. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки равандҳои тағироти демократии солҳои 70-ум ва 90-ум, ки дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ба амал омада буданд, аҳамияти таҷрибаи таърихиро барои ташаккули демократияҳои нав ва инчунин роҳҳои гуногуни ташаккули онҳоро нишон доданд. Муносибати таърихӣ - муайянкунӣ ба бисёр асарҳое оид ба сиёсатшиносии муқоисавӣ хос аст, вақте ки сабаби гузариши демократӣ ҳолатҳои марбут ба шароити байналмилалӣ, вазъи шуури ҷамъиятӣ, омодагии элитаҳои сиёсӣ ба тағироти демократиро баррасӣ менамоянд.

Албатта, фурӯпошии ИҶШС чунин вазъияте буд, ки барои ташкили давлатҳои нави тозаистиқлол роҳ кушод. Моҳи сентябри соли 1991, Тоҷикистон ба давлати соҳибихтиёр табдил меёбад, ки дар назди он мушкилтарин вазифа - эҳёи давлатдории миллӣ бо тамоми аломатҳои худ истода буд. Дере нагузашта дар кишвар бухрони шаддиди сиёсӣ авҷ мегирад, ки оқибат боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мегардад. Мушкилотҳои ҳайёти ҷамъиятӣ- сиёсӣ, ҳолати ноором ва инчунин душвориҳои иҷтимоии аҳолӣ ва иқтисодии давлат, кишвари моро ба вартаи харобӣ ва ноумедӣ оварда расонид. Нововаста аз ин иҷрои як қатор вазифаҳо ва ҳалли мушкилотҳои асосии зерин дар мадди назари ҳокимият қарор мегирифт:

Аз ҷумла дар самти сиёсати дохилӣ:

- худтаъминкунии иқтисодӣ бо ашёи хом ва инфрасохтори суст рушдёфтаи иқтисодиёт;
- мавҷудияти зиддиятҳое, ки дар равандҳои бисёрҷабҳаи марҳилаи гузариш ва сохтмони давлатӣ ифода ёфтаанд;
- мушкилот дар ташаккули мафкураи миллӣ;
- маҳдудияти таҷрибаи идоракунии давлатӣ дар шароити истиқлолият;
- бартарии манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои давлатӣ дар байни намояндагони элитаи ҳоким;
- набудани таҷрибаи идораи демократӣ;
- мавҷудияти психологияи танбалию вобастагӣ дар байни омма;

Дар сиёсати хориҷӣ, геополитикӣ:

- мавҷуд набудани роҳҳои нақлиётӣ бо давлатҳо ва дар бумбасти комуникатсионӣ қарор доштан;
- маҳдудият ва набудани дастурҳои сиёсати хориҷӣ, ки имкон медиҳад, ба дахлнопазирии давлатдории ягонаи мустақили Тоҷикистон итминон пайдо гардад.

Ҳалли ин масъалаҳо дар раванди навсозии Тоҷикистон дар чунин шароит қарор мегирифт:

- аввалан, он худро ҳамчун раванди тағъирёбии режими пасокоммунистӣ нишон дод, ки дар таърихи кишвар намунаи нав буд;
- дуввум, навсозӣ ба худ хислати пешравиро дар ҳамаи ҷабҳаҳо ва марҳилаҳои инкишофи технологӣ ва иқтисодӣ дар бар мегирифт;
- сеюм, раванди ислоҳот дар давлати воҳид, дар маҷмӯи муносибатҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва динӣ сурат гирифт.

Ҳамзамон дар марҳилаи гузариш бартарии омилҳои сиёсӣ (эътимод, пешво, давлат, ҳизбҳо) ҳамчун воситаи тағирёбии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон намунаи хусусиятҳои ҷомеаи рӯ ба тараққиро бо як қатор ҷузъиётҳои нав баррасӣ мекунад. Тамоюли муайянкунандаи рушди ин марҳилаи гузариш хароб шудани сохторҳо ва робитаҳои низоми қаблӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа: иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, соҳаи иҷтимоӣ, муносибатҳои миллӣ ва ғайра ба шумор мерафт. Барои Тоҷикистони муосир суръати мутаасили тағироти иҷтимоӣ, вайроншавии шаклҳои қаблии муайянкунии иҷтимоии гурӯҳҳо, табақаҳо, шахсони алоҳида, афзоиши ҳошияи иҷтимоию иқтисодӣ хос мебошад. Дар баробари фарқиятҳои иҷтимоӣ дар шароити навсозӣ, муносибати шахсӣ ба таҷдиди ҷомеа, ки бо хусусиятҳои истеҳсолии ҳар як шахс (фарҳанг, маълумот, ҷаҳонбинӣ, эҷодиёти ӯ ва ғ.) муайян карда мешавад, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мавқеи иқтисодӣ дар ин радиф нақши назарас дорад. Қонунҳои бозор талаботро нисбат ба сифати маҳсулот шадидтар намуда, арзиши онро коҳиш медиҳанд, ки бидуни гузариш аз заминаи аввали саноатии истеҳсолот ба технологияҳои баланд ба даст оварда намешавад. Ин гузариш азнавсозии сохтории иқтисодиёт, озодии ногузири коргаронро, ки бо сатҳи саноатии истеҳсолот алоқаманданд ва афзоиши эҳтиёҷотро ба кормандони дорои сифати баланд дар саноат пешбинӣ мекунад. Ҷараёни рушди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои охир сифатан дар қисме аз ҷумҳуриҳо Осиёи Марказӣ (аз ҷумла Тоҷикистон) тағир меёбад. Иқтисод сифатҳои навро ба даст овард, ки ба мо имкон медиҳанд тасдиқ намоем, ки мо метавонем ба марҳилаи рушди устувор ворид шавем. Ин бештар аз он вобаста аст, ки дар солҳои охир диққати асосӣ ба равандҳои иқтисодӣ дода мешавад ва ниҳодҳои асосии иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд меоянд, ки муносибатҳои моликиятро ба куллӣ тағйир доданд. Ҳамаи ин имкон дод, ки заминаи муайяне барои рушд фароҳам оварда шавад [2]. Ин нуктаи муҳимро мебояд ишора намуд, ки таҷрибаи қисме аз давлатҳои баъди тоталитарӣ ва пасавторитарӣ, ки пештар ба демократия гузариш карда буданд, иқтисоди худро аз роҳи пайвастшавӣ ба низоми байналмилалии иқтисодӣ ва дастгирии давлатҳои тараққикарда оғоз намуда буданд. Ин нишондод дар нисбати ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бошад, аз роҳи ворид гардидан ба режими сиёсии демократӣ оғоз гардида, танҳо дар марҳилаҳои охири гузариш пайвастшавӣ ба низоми байналмилалии иқтисодӣ имконпазир мегардад. Ҳамзамон аҳамият зоҳир намудан ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар даҳсолаҳои аввали давраи истиқлолият вобаста ба мушкилотҳои ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва рафти ҷанги шаҳрвандӣ қариб, ки имконнопазир буд. Барои дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки чунин воқеаҳои харобиовари сиёсӣ рух надода буд, имкони ба низоми байналмилалии иқтисодӣ даст ёфтан баъдтар ба вуҷуд меояд. Ин ду ҳолатест, ки дар сарнавишти ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дар раванди гузариш ба демократия ба назар мерасад.

Вобаста ба ин метавон хулоса кард, ки то кадом андоза ин ҷумҳуриҳо тавонистаанд бори мушкилотҳои раванди ҳаёти иқтисодиро бар дӯши худ доштаанд ва кадоме аз онҳо дар ҷабҳаи омили иқтисодӣ комёб буда метавонанд. Тоҷикистони мо новобаста аз

ин тазотҳо мутобиқи ченаки рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ҳоло наздик ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, қарор дорад, ки ин нишондиҳандаи боэътимод мебошад.

Воқеан, дар шароити «мавҷҳои демократӣ» -и ҷаҳонӣ аён мегардад, ки омили беруна аксар вақт дар ташаккули стратегияи дохилии ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ мавқеи муҳим дорад. Аз ҷумла, созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ, метавонанд дар таъмини суботи молиявии як қатор кишварҳо нақшҳои калидиро иҷро намоянд. Инро таҷрибаи рушди давлатии Чехия ва Маҷористон, Югославия ва Македония, Русия ва Украина, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо тасдиқ мекунад.

Ҳамин тавр, омили беруна метавонад аз ҷиҳати миқёси таъсири худ ба як омили дохилӣ табдил ёбад. Таъсири беруна метавонад фаъол ва ғайрифаъол, мусбат ва манфӣ бошад, ки ба заиф шудан ё мустаҳкам шудани режими баъди авторитарӣ мусоидат намояд. Он метавонад ба ислоҳоти иқтисодӣ ё ҳифзи ҳуқуқи ақаллият ва аксарият мусоидат кунад, нуфузи идеологии ислоҳотгаронро тақвият диҳад ё дар ташкили системаи мусоиди амният дар саросари кишвари гузаранда кумак расонад. Омили беруна бояд аз ҷониби режими сиёсӣ баррасӣ карда шавад, зеро он бо фаъолияти худ аксар вақт мақоми мустақилро дар ташаккули стратегияи дохилии ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ ба даст меорад. Маълум аст, ки ҳар як кишвари тараққикарда новобаста аз дастгириҳои иқтисодии давлатҳои пасошӯравӣ боз ҳадафҳо ва манфиатҳои худро дар ин ё он минтақа амалӣ мекунад. Барои Тоҷикистон низ аҳамият зоҳир намудан ба ин омили беруна муҳим мебошад. Ҳарчанд, ки аз ин дастёбиҳои омили беруна дар бахши иқтисод, махсус Федератсияи Россия, Чин, дигар созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ натиҷаҳои умедбахш ба назар мерасад.

Ин ҷо масъалаи мубориза бар зидди экстремизми исломӣ ва терроризми байналмилалиро метавон як ҷузъи таъсири омили берунӣ баҳогузорӣ намуд, ки солҳои охир дар сиёсати махсуси давлатҳо ба мислӣ стратегияи Амрико дар Осиёи Марказӣ тайи солҳои охир бетағир амал менамояд. Ин сиёсат аслан чандон тағъир наёфта, дар робита ба дастгирии дигаргуниҳои демократии собиқ, ибораи «дастгирии демократикунонӣ» ба «ҳуқуқи инсон» иваз гардидааст.

Масъалаи муҳими дигар ин таъмини ягонагии аҳолӣ ва ҳамоҳангӣ дар ҷомеа ба шумор меравад, ки бештар аз сатҳ ва дараҷаи рушди фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеа вобаста мебошад. Фарҳанги сиёсии Тоҷикистонро метавон ҳамчун фарҳанги як миллат таҷасум намуд, ки дар худ беҳтарин арзишҳоро соҳиб аст. Ҳарчанд дар Тоҷикистон милатҳои дигар низ зиндагӣ доранд ва аз ин миқдор намояндагони миллати ӯзбек нуфӯзи хоса ба ҷиҳати шумораро соҳибанд. Вале воқеият нишон медиҳад, ки фарқияти миллӣ қариб, ки дар байни миллатҳо ва халқиятҳои Тоҷикистон дида намешавад. Танҳо дар намунаи умумияти забонӣ он ба мушоҳида мерасад. Ташаккули фарҳанги сиёсии тоҷикон дар марҳалаи гузариш вобаста ба ҳаводисҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ устуворӣ ва пойдории худро нишон дод. Вобаста ба ин метавон эътимод дошт, ки омили фарҳанг метавонад дар ҳалли масъалаҳои баҳамоӣ, иҷтимоӣ, дохилӣ ва амниятии кишвар мусоидат намояд.

Дар марҳилаи гузариш режими сиёсӣ бояд манфиатҳои миллиро ифода кунад ва азбаски ин манфиатҳо аз ҳуввияти миллӣ ба воя мерасанд, ба равандҳои шиносоӣ ба тағирёбии режимҳои сиёсӣ таъсири калон доранд. Маҳз чунин давраи гузариш, ки ҳоло Тоҷикистон аз сар мегузаронад, бо татбиқи куллии навсозии соҳаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ба амал меояд, ки ин тағирёбиҳоро дар сатҳҳои гуногун: ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ пешбинӣ мекунад.

Дар ин ҷо масъалаи худшиносии шаҳрвандӣ хеле муҳим аст ва он танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар шахс ҳамчун як субъекти воқеии ҳаёти худ амал кунад,

ки ин танҳо дар системаи муносибатҳои субъективии «шахсият-давлат» имконпазир аст. Масъулият, вазифадорӣ, виҷдони шаҳрванд танҳо аз огоҳии шахс пайдо мегардад. Дар ҳақиқат, чӣ тавре ки С.А.Панарин (Русия) менависад, «... дар тӯли асрҳои дар империяи подшоҳӣ будан, дар тӯли даҳсолаҳои иштироки муштарак дар таҷрибаи сотсиалистӣ, миллатҳо роҳи тӯлонии ҳамзистии таърихӣ ва ҳамкории эҷодии фарҳангиро тай карданд. Дар тӯли ин сафар бисёр арзишҳои умумӣ, меъёрҳои рафтор, афзалиятҳои фарҳангӣ ва истилоҳот рушд карданд. Онҳоро новобаста аз фарқиятҳои нажодӣ, қавмӣ ва забонӣ ҳама якҷоя мефаҳмиданд ва азхуд мекарданд, вале қисме аз онҳо ватанфурӯш шуданд. ... Нишони давлатиро дар муддати чанд рӯз ихтироъ кардан мумкин аст, забони давлатиро дар як сол азхуд кардан мумкин аст, аммо барои гузаштан аз як василаи муқарраршуда ва алоқаи муассири он ба дигараш даҳҳо кори доимии фарҳангӣ лозим аст, ки тавре маълум мешавад, чандон маъмул нест». [7, с. 305-306]. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ меъёрҳои худшиносии шаҳрвандиро муайян мекунад, ки дар байни онҳо мушаххасоти динӣ ва эътиқодӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол мекунад. Дин як шакли огоҳӣ ва воситаи таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ мебошад. Ҳамзамон, ба монанди қонун ва ахлоқ, он як ниҳодест, ки ба рафтори одамон таъсир мерасонад, нерӯи воқеиест, ки вазъи ҷомеаро муайян мекунад. Дар асари худ «Дар бораи шартномаи иҷтимоӣ» Руссо (1762) ишора дорад, ки дин ҳамчун омили ҳамгирокунандаи ҷомеа ба вуҷуд омадааст: «Барои давлат муҳим аст, ки ҳар як шаҳрванд дин дошта бошад, ки ӯро водор кунад, ки вазифаҳои худро дӯст дорад». Ишораи Руссо маънои «дини шаҳрвандӣ» -ро ифода дорад ва «дар ин ҷо сухан дар бораи догмаҳои мазҳабӣ комилан дуруст нест, балки сухан дар бораи эҳсоси ҷомеа меравад, ки бидуни он ҳам шаҳрванди хуб ё субъекти вафодор будан ғайриимкон аст».[3, с. 204-205]. Нақши нисбатан муҳими ҳамгироии шаҳрвандиро дар ҷомеа дин ба анҷом мерасонад. Дар шароити муосир, раванди эҳёи арзишҳои исломӣ яке аз воситаҳои ҳамгироии шаҳрвандӣ мебошад ва ин бояд ҳангоми таҳияи сиёсати таҳкими суботи сиёсии дохилӣ ва ҳамгироии шаҳрвандӣ ба назар гирифта шавад. Сарфи назар аз он, ки то ба имрӯз ислом на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ наметавонад ба як қудрати сиёсии бартаридошта табдил ёбад, он ба самти эътиқодӣ ва худшиносии пеш аз ҳама, ҷавонони тоҷик таъсири назаррас мерасонад. Ин нукта муҳим аст, ки таъсири омили исломӣ дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ бояд на аз нуқтаи назари мувофиқати ислом бо тамоюлҳои рушди муосири сиёсии давлатҳо, балки аз нуқтаи назари он, ки кадом навъи ислом ва чӣ гуна метавонад ба равандҳои тағирёбанда дар ин кишварҳо таъсир расонад баҳогузорӣ шавад.[6, с . 8]

Умуман, мо бояд бо назари А.Г. Косиченко розӣ бошем, ки изҳор намуда буд «ташкилотҳои динӣ, ки аз давлат ҷудо мебошанд, наметавонанд аз ҷомеа ҷудо шаванд».[5, с. 10] Дар ин робита, ҳангоми истифодаи оқилонаи қонунгузории танзими иттиҳодияҳои динӣ, бояд як чизро ба назар гирифт, ки дар баробари ислом ба дигар динҳо ва мазҳабҳо, низ аҳамият бояд дод. [1, с. 31]

Ҳамин тариқ рушди сиёсии Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, ки бо мавҷудияти заминаҳои дорои хусусияти таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ алоқаманд мебошанд, имкон фароҳам овард кишвар тадриҷан, қадам ба қадам бо роҳи демократикунонӣ ҳаракат кунад. Дар ин раванд омили муҳимтарин ба даст овардани истиқлолияти кишвар дар соли 1991 ва хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ буд. Минбаъд бошад раванди ташаккули миллат ва

таҳкими соҳибихтиёрӣ ба давлат имкон дод, ки роҳи рушди минбаъдаро дар маҷрои демократия муайян кунад.

Демократикунонӣ дар ин ё он кишвар метавонад ба сифати омил ба раванди тағирпазирии ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ таъсир расонад. Аммо, тавзеҳи ҷараёни тағироти демократиро танҳо бо як омили сирф берунӣ, мавҷудияти шароити мусоиди байналмилалӣ нисбат додан асоси боэътимод надорад, зеро ин равиш бо асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии равандҳое, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (маҳаллӣ) рух медиҳанд ва инчунин омилҳои дохилии кишвар вобастагӣии амиқ дорад. Раванди демократикунонӣ, имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд мекунад ва дар ин радиф танҳо таъмини ризоияти миллӣ ба хотири таҳкими соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, амнияти миллӣ ва тамомияти арзии кишвар хеле зарур ва муҳим мебошад.

**Адабиёт**


1. Артемьев, АИ. Религиозный фактор в межнациональных отношениях[Текст] /АИ. Артемьев //Актуальные проблемы межэ¬тнических отношений в современном Казахстане / Мат-лы международной научно-практической конф. Под Ред. Е.Н.Овчинниковой,-Алматы: Центрально-Азиатский институтразвития, 2008. - С. 31.
2. Берентаев, К.Б. Цены на продовольствие и другие товары будут расти [Текст] / К.Б. Берентаев II - ПРОГНОЗЫ. 2008. 5 сентября.
3. Гараджа, В.И. Социология религии: Учеб, пособие для студентов и аспирантов[Текст] /В.И. Гараджа.- М.: Аспект Пресс, 1996. - С. 74; Руссо Ж.-Ж. Об общественном договоре или начала политического права [Текст] /Ж.Ж. Руссо. - М., 1906. - С. 204-205.
4. Карозерс, Т. Ошибка теории «поэтапной демократизации»[Текст] /Т. Карозерс// ProetContra? № 1, январь-февраль 2007. - С. 98-99.
5. Косиченко, А.Г. Основные проблемы межконфессиональных отношений в Республике Казахстан [Текст] /А.Г. Косиченко // Взаимодействие религий в Республике Казахстан. — Алматы: Центр гуманитарных исследований, Издательство «Искандер», 2006. - С. 10.
6. Кушкумбаев, С.К. Центральноазиатская интеграция в контексте истории и геополитики [Текст] / С.К. Кушкумбаев // Интег¬рационные процессы в Евразии: политико-правовой аспект. - Алматы: Типография «Искандер», 2003. - С. 20.
7. Панарин, С.А. Национально-культурное возрождение в республиках и территориальная целост¬ность России. [Текст] / С.А. Панарин // Куда идет Россия?.. Социальная трансформация постсоветского пространства / Под общ. ред. Т.И.Заславской. - М.: Аспект Пресс, 1996. - С. 305-306.
8. Хантингтон, С. Третья волна. Демократизация в конце XX века [Текст] /С. Хантингтон.Пер. с англ. - М.: «Российская политическая энциклопедия» (РОССПЭН), 2003. — С. 56-57.


## ТАДЖИКИСТАН: ДЕЙСТВУЮЩИЕ ФАКТОРЫ И СРЕДСТВА РАЗВИТИЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ИЗМЕНЕНИЙ


**ГУЛАХМЕДОВ МУСАММИР ГУЛАХМЕДОВИЧ,**

доктор философских наук, профессор кафедры политологии ГПУТ имени С. Айни.

**НАЗАРЗОДА ПИРАЛИ САФАР,**

кандидат политических наук, доцент,

заведующий кафедрой истории и методики преподавания истории
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки,
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 931-70-17-65. E-mail: nsadi79@mail.ru

*Сегодня новые «волны» демократизации проходят в некоторых странах мира, независимых государствах Центральной Азии, и в том числе в Республике Таджикистана. Статья посвящена прямому отношению к процессу развития демократического режима в Таджикистане. В ней автор стремится показать основные внутренние социально-политические, культурные, экономические и другие внешние факторы демократических преобразований в Таджикистане в период после обретения независимости. Демократизация в той или иной стране может повлиять на процесс перемен в постсоветских республиках. В этой связи очень важно только обеспечить национальное согласие в целях укрепления суверенитета республики, национальной безопасности и территориальной целостности страны.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, постсоветские республики, Центральная Азия, независимость, политический кризис, гражданская война, политический режим, демократический режим, новые «волны» демократизации, влияющие факторы, внутренние факторы, социально-политические, культурные, религиозные, экономические факторы, мир, национальное согласие, укрепление суверенитета, территориальной целостности, политическое развитие.*

## TAJIKISTAN: INFLUENCING FACTORS AND BASIS OF DEVELOPMENT OF DEMOCRATIC CHANGES

**GULAKHMEDOV MUSAMMIR GULAKHMEDOVICH,**
Doctor of Philosophy, Professor of the Department
political science SPUT named after S. Aini.
**NAZARZODA PIRALI SAFAR,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of History and Methodics of Teaching History,
Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki,
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, S. Safarov str.,
Phone: (+992) 931-70-17-65. E-mail: nsadi79@mail.ru

*Today, new "waves" of democratization are taking place in some countries of the world, in the independent states of Central Asia, including the Republic of Tajikistan. The article is directly devoted to the process of formation and development of the democratic regime in Tajikistan, where the author tries clearly show the influencing internal socio-political, cultural, economic and other external factors, as well as democratic transformations bases in the period of independence. Democratization in particular countries can affect the process of change in the post-Soviet republics. In this regard, it is very important to ensure national accord in order to strengthen the republic's sovereignty, national security and territorial integrity of the country.*

***Key words:*** *Tajikistan, post-Soviet republics, Central Asia, independence, political crisis, civil war, political regime, democratic regime, new "waves" of democratization, influencing factors, internal factors, socio-political, cultural, religious, economic, external factors, peace, national accord, strengthening of sovereignty, territorial integrity, political development.*

УДК: 327.5

# ҚАЗИЯИ АФҒОНИСТОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**ҚОДИРОВ ДОВАР САИДАЛЛОВИЧ,**
номзади илмҳои таърих,
муаллими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии
Академияи идорракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих,
шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 987103625. E-mail: Dovar7061988@gmail.com
**МУРОДАЛИЗОДА ҶАМШЕД МУРОДАЛӢ,**
унвонҷуи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи С.Носир33.
Тел.: (+992) 985-84-28-87. E-mail: Jamshed_87101214@hotmail.com

*Дар мақола муаллифи он кӯшиш намудааст, ки роҳҳои ҳалли қазияи Афғонистонро дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба таъкиди муаллифи мақола дар Паёмҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қазияи Афғонистон таҳлили воқеии худро ёфтаанд.*

*Таҳлили Паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тайи ду даҳсола шаҳодат аз он медиҳад, ки дар баробари дигар масоили мубрам қазияи Афғонистон дар онҳо мушаххас муайян карда шудааст. Хулосаи ниҳоиро аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавон чунин баён дошт, ки ҳалли қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва он бояд тавассути воситаҳои дигар ҳалли худро ёбад. Вазъи ноороми Афғонистон тайи чил соли охир собит месозад, ки қазияи онро на бо роҳи низомӣ, балки калиди ҳалли масоили печидаи онро воситаву фишангҳои сиёсиву дипломатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташкил медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Паёмҳо, Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламент, Афғонистон, қазия, терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, амнияти минтақавӣ, сулҳу суботи пойдор*

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ муҳимтарин санаде ҳисоб меёбанд, ки самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварамонро на танҳо дар муддати як сол балки барои даҳсолаҳои дигар муайяну мушаххас менамояд.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ба қазияи Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ки аз сиёсати сулҳҷиёна, хиради волои сарвари давлат ва дар ҳамҷаворӣ қарор гирифтани кишвари азизамон бо ин давлат башорат медиҳад. Аз ҷониби дигар, устувории сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари мо бешубҳа аз ҳалли қазияи Афғонистон вобастагии нугусастанӣ дорад. Зеро масоили нигаронкунанда мубориза бо экстремизм ва терроризм, фундаментализм, гардиши маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳое, ки имрӯз дар Афғонистон реша давонида истодаанд, на танҳо ба амнияти ҷаҳон, балки ба минтақа, аз ҷумла кишвари мо низ таҳдид менамоянд.

Дар Паёми соли 2001 ба парлумони кишвар –Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд: “Ман борҳо аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва дигар анҷуманҳои бонуфузи байналмилалӣ иброз доштам ва ҳоло бори дигар ҳамчун Роҳбари давлате, ки ҷанги гражданиро паси сар карда, таҷрибаи

талх дорад, таъкид менамоям, ки қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад.Бинобар ин, бо истифода аз фурсат мехоҳам таваҷҷӯҳи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, нерӯҳо ва гурӯҳҳои дар нооромиҳои он кишвар шарик ва умуман мардуми шарифи Афғонистон-тоҷикон, паштуҳо, ӯзбекҳо ва дигар халқияту қавмҳои ин сарзамини азияткашидаро ба як далели таърихи худашон ҷалб намоям. Гузаштагони шумо танҳо дар ду асри охир чандин бор бар зидди қувваҳои истеъморӣ парчами муборизаро барои озодӣ баланд бардошта, барои таъмини истиқлолият ҷоннисориҳо кардаанд. Вале дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, садсоле, ки бешубҳа давраи дастоварду пешравиҳои бузург барои инсоният хоҳад шуд, сарзамини худро майдони ҷанги ҳамватанӣ ва паногоҳи қувваҳои экстремистиву террористӣ қарор додан, мардуми кишварро сарсону саргардон кардан оқибатҳои даҳшатнок дорад”[1].

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар идома изҳори умедвори менамояд, ки мардуми Афғонистон қадри озодиву истиқлол, тамомияти арзии давлаташонро таъмин намуда, неруҳои даргири сиёсӣ, ба тақсим шудан ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани ватанашон роҳ нахоханд дод.

Паёми моҳи апрели соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ якчанд нуктаҳои меҳвариро барои ҳалли қазияи Афғонистон дар худ ҷо дода буд.

. Дар ин бобат ӯ иброз менамояд: “Мо дар давоми даҳ соли истиқлолияти давлати худ таваҷҷӯҳи аҳли оламро ҳамеша ба ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон ҷалб мекардем, зеро вазъияти мураккаби ин кишвари ҳамсоя оромии Тоҷикистонро халалдор мекард ва водор месохт, ки воситаву имкониятҳои бе ин ҳам маҳдуди худро бештар барои таъмини амнияти кишварамон сафарбар намоем. Бо дарки амиқи манфиатҳои миллии худ ва вазъи воқеии Афғонистон мо ҳалли қазияи ин кишварро дар дастгирии нерӯҳое медидем, ки метавонистанд такягоҳи сулҳу суботи минтақа бошанд” [2].

Масъалаи сиёсати дуқутбаи баъзе сиёсатмдорон ва давлатҳои ҷаҳон дар муносибат бо режими Толибон бетавофутии онҳо низ таҳлили воқеии худро аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ёфтааст. Ба андешаи ӯ кишвари мо ягона давлате буд, ки сиёсати худро нисбат ба режими Толибон тағйир надод ва аз нерӯҳои Иттиҳоди Шимол, ки ягона нерӯи муқовимате, ки ба муқобили террористони мазкур мубориза мебурданд, тамоми кӯмакҳои имконпазирро расонд. Ҳодисаҳои баъдӣ дурустии мавқеи моро ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон исбот сохт ва роҳи пешгирифтаи кишвари мо аз ҷониби роҳбарону сиёсатмадорони бисёр давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ гардид. Дар робита ба ин метавон хулоса намуд, ки мубориза бар зидди низоми террористии Толибон барои Тоҷикистон баъд аз воқеаҳои 11 сентябр шурӯъ нашудааст.

Далели муқовимат бо неруҳои террористии Толибон ва таваҷҷӯҳи аҳли башарро ба таври кофӣ ба авзои Афғонистон ҷалб сохтан он шуда метавонад, ки ҳанӯз соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карда будам, ки гирдогирди Афғонистон як минтақаи амниятӣ бунёд гашта, пеши ин хатари бузург гирифта шавад”[2].

Моҳи апрели соли 2003 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ироъ гардид. Дар ин Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли қазияи Афғонистон мароқ зоҳир намуд ва аз ҷомеаи ҷаҳонӣ хостори он шуданд, ки “муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир чун терроризми байналмилалӣ хусусияти глобалӣ гирифта, ба

тамоми инсоният таҳдид мекунад. Ва ягон давлат, ҳатто агар абарқудрат ҳам бошад, дар танҳои бар зидди ин вабои асру замон истодагарӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ, онро фақат проблемаи Афғонистон ҳисобидан худфиребист”[3].

Хусусияти фарққунандаи ин Паём боз дар он зоҳир мегардад, ки сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масоили дастовардҳои илму техника ва технологияҳои пешқадаме, ки дар давлатҳои Ғарб тавлид ёфтаанд ва боиси пешрафти онҳо гардидаанд, таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, “кирдори дар Афғонистон содиркардаи толибон, яъне куфр эълон намудани истифодаи радио, телевизион, фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, поймол кардани ҳуқуқи занон ва монанди инҳоро, ки нишонаи тирагии хирад ва ҷаҳолат аст...” [3], маҳкум намуд.

Паёми соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ роҷеъ ба масоили умдаи дохилӣ ва хориҷӣ маълумоти нодирро дар худ ҷо додааст. Дар бахши марбут ба Афғонистон аз сохтмони пули миёни Тоҷикистону Афғонистон дар ноҳияи Дарвоз, ба ихтиёри нерӯҳои марзбони тоҷик вогузор гардидани қитаоти сарҳади давлатӣ ва ба ҳамин монанд мулоҳизаҳои судманд ироъ гардиданд. “Афзоиши рӯзафзуни ҳаҷми истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон хеле ташвишовар аст. Мавқеи Тоҷикистон дар ин масъала бетағйир боқӣ мемонад, яъне барои ҳалли ин проблемаи глобалӣ муттаҳид сохтани ҳамаи воситаву имкониятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур мебошад. Зеро он фақат проблемаи Афғонистон ва Осиёи Марказӣ нест. Танҳо бо таъсиси иттиҳоди глобалии мубориза бар зидди маводи мухаддир метавон кӯшишҳои ҳамаи созмону кишварҳоро ҳамоҳанг сохта, самаранокии муборизаро бар зидди ин вабои аср таъмин намуд” [4], таъкид менамояд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар Паёми моҳи апрели соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ба масоили Афғонистон дахл намуда, аз идомаи корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони панҷ кӯпрук аз болои дарёи Панҷ дар мавзеъҳои Фархору Шӯроobод, Панҷи Поёну Ишкошим, ки тавассути қаламрави Афғонистон ба бозорҳои нав ва бандарҳои ҷаҳонӣ баромадани Тоҷикистонро таъмин месозад, хабар дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз равобити дӯстона ва ҳамкории васеи Тоҷикистон бо Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон - кишварҳое, ки бо онҳо пайвандҳо ва арзишҳои зиёди муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ дорем, аз афзалиятҳои муҳими сиёсати хориҷӣ ҳисоб менамояд.

Қазияи Афғонистон ва роҳҳои ҳалли он дар Паёмҳои (2006-2010) Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили воқеии худро ёфтаанд. Вижагиҳои ин Паёмҳоро метавон чунин натиҷагӣ намуд:

- шикасти низоми ифротӣ, таъмини тадриҷии суботу амният ва хусусан эҳёи сохторҳои зарурии ин кишвари ҷафодида заминаи мусоиди равобити ҳамаҷонибаро фароҳам меорад;

- мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, таъмини амнияти босуботи марзӣ, ташвиқи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва сохторҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва хусусан татбиқи ҳадафманди барномаҳои иқтисодӣ;

- густариши ҳамаҷонибаи равобити созанда ва ҳамкориҳои судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва шарики фаъоли эътилофи байналмилалии мубориза бо терроризм аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳояш дар ин давраи таърихӣ баён гаштанд;

- ҳамгироии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумла СММ, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Конфронси Исломӣ бар зидди терроризм, ҷинояҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар Афғонистон тақвият меёбад;

-мусоидат дар сохтмони роҳу пулҳо ба сӯи Афғонистони ҳамсоя, нақшаҳои боз ҳам бузургтари бунёди хатҳои барқ, роҳҳои оҳану автомобилгард дар ин паёмҳо зикр гардиданд[6;7;8;9;10].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои солҳои 2011-2016 ба парлумони кишвар роҳу воситаҳои ҳарчи зудтар дар Афғонистон сулҳу салоҳ пойдор гардиданро ҷустуҷӯ намуда, дар ин замина ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳушдор додааст, ки аз қазияи Афғонистон худро канор нагиранд. Дар баробари ин сарвари давлат иброз медорад, ки тақдири кишвари Афғонистон ва рушди минбаъдаи он дар дасти худи афғонҳо аст. Метавон аз ироаи Паёмҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба қазияи Афғонистон чунин хулосабарорӣ намуд:

- мустаҳкам намудани робитаҳо ҳам дар асоси бисёрҷониба ва ҳам дар заминаи дуҷониба бо кишварҳои дӯсти Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон, Туркия ва дигарон чун яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон эътироф мешавад. Тоҷикистон дар ҳаллу фасли чи масоили дохилӣ ва чи минтақавӣ, аз ҷумла мушкилоти Афғонистон, бо кишварҳои аъзои эътилофи зиддитеррористӣ, аз ҷумла Штатҳои Муттаҳидаи Америко, мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ҳамкории созанда анҷом медиҳад;

-тибқи мулоҳизаронихои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чун кишвари мо дар ҳамҷаворӣ бо Афғонистон қарор дорад, аз ин рӯ, қазияи марбут ба Афғонистонро мо наметавонем нодида гирем, зеро амнияти Осиёи Марказиро бидуни таъмини амният дар Афғонистон тасаввур кардан ғайриимкон аст;

-андешаҳо аз ҷониби сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси нақшаву тадбирҳои стратегии кишвар ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, лоиҳаҳои ҳаётан муҳимми энергетикӣ, хатти интиқоли барқ, лоиҳаи сохтмони роҳи оҳан бо иштироки Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа дар паёмҳо баён гаштанд;

- масоили тақвияти дӯстии таърихии халқҳои Осиёи Марказӣ, густариши равобити ҳасана, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ, барқарор гардидани сулҳу суботи сиёсии пойдор дар қаламрави Афғонистони ҳамҷавор ва ба ҳамин монанд масъалаи дигари паёмҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ин марҳилаи таърихӣ маҳсуб меёфтанд;

- густариш додани ҳамкориҳо дар самти таъмини амният дар хатти сарҳади миёни ду давлат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор;

- ёддоварӣ шудан аз тезутунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Африқои Шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё ва хатари терроризм ва экстремизм ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- таъкиди чандинбораи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон перомуни кӯмак ба эҳёи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии Афғонистон беҳтарин роҳи истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар ва таъмини амният дар минтақа мебошад[11;12;13;14;15;16].

Масоили қазияи Афғонистон дар Паёмҳои навбатии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 2018-2019 хеле дақиқназарона таҳлили возеҳи худро ёфтаанд. Метавон ба якчанд нуктаҳои меҳварии онҳо ишора намуд:

- ба фаъолият шурӯъ намудани зиёда аз 100 иншооти ҳифзи сарҳад дар хатти сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, ки қариб 1400 километрро ташкил медиҳад;

- ба сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои зиёд Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст;

- пуштибонӣ аз кӯшишҳои Ҳукумати Афғонистони ва ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳ, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва изҳороти сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси он ки қазияи Афғонистон танҳо роҳи ҳалли низомӣ надорад;

- амнияту суботи минтақа аз вазъи Афғонистон вобаста аст ва идомаи муноқиша ва низоъ дар Афғонистон барои кишвари мо ва ҳам барои минтақа оқибатҳои манфии дарозмуддатро метавонад ба бор орад [18;19].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми январи соли 2021 ироа гардид, бори дигар роҳу василаҳои ба сулҳи пойдор расидани мардуми Афғонистон аз ҷониби сарвари давлати мо баён гаштанд. Дар ин бора сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад: "Мо итминон дорем, ки ба суботу амнияти пойдор дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавон танҳо аз тариқи раванди сулҳе расид, ки аз ҷониби Ҳукумати Афғонистон ва мардуми он идора, назорат ва пеш бурда мешавад" [20].

Ҳамин тариқ, таҳлили Паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тайи ду даҳсола шаҳодат аз он медиҳад, ки дар баробари дигар масоили мубрам қазияи Афғонистон дар онҳо мушаххас муайян карда шудааст. Хулосаи ниҳоиро аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавон чунин баён дошт, ки ҳалли қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва он бояд тавассути воситаҳои дигар ҳалли худро ёбад. Вазъи ноороми Афғонистон тайи чил соли охир собит месозад, ки қазияи онро на бо роҳи низомӣ, балки калиди ҳалли масоили печидаи онро воситаву фишангҳои сиёсиву дипломатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташкил медиҳад.

**Адабиёт**


1. Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2001. //http://www.president.tj/node15126
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** 22.04.2002. // http://president.tj/node/6694
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.2003. http://www.president.tj/node/6637
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2004. http://www.president.tj/node/6615
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.04.2005. http://www.president.tj/node/199
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2006. http://www.president.tj/node/198
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2007. http://www.president.tj/node/197
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25.04.2008. http://www.president.tj/node/195

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15.04.2009. http://www.president.tj/node/194
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010. http://www.president.tj/node/192
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 20.04.2011. http://www.president.tj/node/193
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 20.04.2012. http://www.president.tj/node/1084
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 20.04.2013. http://www.president.tj/node/4318
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 23.04.2014. http://www.president.tj/node/6598
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 23.01.2015. http://www.president.tj/node/8136
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 20.01.2016. http://www.president.tj/node/10585
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 22.12.2017. http://www.president.tj/node/16771
18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2018. http://www.president.tj/node/19088
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019. http://www.president.tj/node/21975
20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021. http://prezident.tj/node/25005

# ПРОБЛЕМА АФГАНИСТАНА И ПУТИ ЁЕ РЕШЕНИЯ В ПОСЛАНИЯХ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА ЭМОМАЛИ РАХМОНА

**КОДИРОВ ДОВАР САИДАЛЛОЕВИЧ,**
кандидат исторических наук,
старший преподаватель кафедры государственного
управления и экономического прав
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Саида Носира 33.
Тел .: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com
**МУРОДАЛИЗОДА ДЖАМШЕД МУРОДАЛИ**,
Соискатель Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
город Душанбе, улица Саид Носир 33.
Тел: (+992) 985-84-28-87. E-mail: Jamshed_87101214@hotmail.com

*В статье автор стремится рассмотреть пути решения проблемы Афганистана на основе Посланий Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. По словам автора, в Посланиях Лидера нации Эмомали Рахмона реальный анализ нашла проблематика Афганистана.*

*Анализ посланий Президента Таджикистана Эмомали Рахмона за последние два десятилетия показывает, что среди других актуальных вопросов в них четко определена*

*проблема Афганистана. В окончательном выводе из Послания Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона можно констатировать, что военного решения проблемы Афганистана нет и ее необходимо решать другими способами. Нестабильность в Афганистане на протяжении последних сорока лет доказывает, что ключ к решению его сложных проблем - не военными средствами, а его можно решать политическими, дипломатическими, социально-экономическими средствами.*

***Ключевые слова:*** *Послания, Президент Республики Таджикистан, Парламент, Афганистан, проблема, терроризм, экстремизм, незаконный оборот наркотиков, политические партии и движения, региональная безопасность, мир и устойчивая стабильность.*

## THE AFGHAN CASE AND THE WAYS OF ITS SOLUTIONS IN THE SPEECHES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON

**KODIROV DOVAR SAIDALLOEVICH,**
Candidate of History, Senior Lecturer of the
Department of Public Administration and economic rights of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 987-10-36-25. E-mail: Dovar7061988@gmail.com
**MURODALIZODA JAMSHED MURODALI,**
Applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Adress: Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-84-28-87. E-mail: Jamshed_87101214@hotmail.com

*The author of the article tries to consider solutions to the Afghan case based on a speeches of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. According to the author of the article, the speeches of the Leader of the Nation Emomali Rahmon, the Afghan case has its real analysis.*

*An analysis of the speeches of the President of Tajikistan Emomali Rahmon over the past two decades shows that, among other important issues, the problems in Afghanistan is clearly defined. The final conclusion from the speeches of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon can state that there is no military solution to the Afghan case and it must be resolved by other means. The instability in Afghanistan over the past forty years proves that the key to solving its complex problems is not military, but political, diplomatic, socio-economic means and leverages.*

***Key words:*** *Speeches, the President of the Republic of Tajikistan, Parliament, Afghanistan, case, terrorism, extremism, drug trafficking, political parties and movements, regional security, sustainable peace and stability.*

УДК: 339.565

# ИМКОНОТҲОИ ТРАНЗИТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТСИОДӢ ДАР ТАТБИҚИ ОН

**ЗУЛФОНОВ БАХТИЁР БАҲРОМОВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш.Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ruziev81@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф роҷеъ ба имконотҳои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон сухан ронда, нақши дипломатияи иқтисодиро дар самти раҳандозӣ гардидани он ба хоса баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки тавсеа ва тараққии се бахши иқтисодии Тоҷикистон -энергетика, кишварзӣ ва нақлиёт самти асосӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии стратегӣ- ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти ғизоӣ ва раҳоӣ ёфтан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани кишвар ба минтақаи ҳамлу нақли транзитӣ заминаи асосӣ ба шумор мераванд.*

***Калидвожаҳо:*** *транзит, ҳамлу нақли транзитӣ, дипломатияи иқтисодӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, минтақа, энергетика, иқтисодиёт, густариш, тавсеа, роҳ, нақлиёт.*

Мо дар остонаи ҷашни бузурги таърихӣ – 30 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Ин ҷашн дар шароите таҷлил гирифта мешавад, ки Тоҷикистон иқдомҳои муассир дар самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлат раҳандозӣ намудааст. Ҳамаи ин таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ру кор омадааст.

Қобил ба ёдоварист, ки пош хӯрдани давлати Иттиҳоди Шуравӣ ва аз байн рафтани низоми ягонаи иктисодии он барои Тоҷикистон мушкилиҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоиро дар тамоми соҳаҳо, ба хусус соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ пеш овarданд. Дар баробари ин ҷанги шаҳрвандӣ амнияту хисороти зиёди моддӣ ва маънавиро ба вуҷуд овад, ки барқарор намудани он солҳои зиёдро талаб мекард. Баъд аз дар кишвар пойдор гардидани сулҳу субот дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ба миён омад. Ҳукумати ҷумҳуриро лозим омад, ки барои инкишофи минбаъдаи кишвар сиёсати дохилӣ ва хориҷиро баҳри татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар муайян намояд. Маҳз ин сиёсати комилан дақиқ, дурбинонаву оқилона, ҷасурона ва иқдомҳои ботадбиронаи Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистон дар тӯли чоряк аср ба як кишвари ободу шукуфон, ҷазираи сулҳу амният, устувортарин дижи ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзӣ, бистари мусоиди бозсозиву инкишоф ва пешрафту тараққӣ мубаддал шудаст [13,113]. Дар заминаи ин иқдомҳо дипломатияи тоҷик бо сарварии Президенти кишвар ба дастовардҳои бузурге ноил гардида, тибқи усули сиёсати «дарҳои боз» робитаҳо ва ҳамкориҳои густурда ва мутақобиларо бо анқариб хамаи кишварҳои дунё ба роҳ монда, хеле муваффақ низ гардидааст. Натиҷаи ин сиёсат аст, ки имрӯзҳо Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо бо 178 давлати ҷаҳон

робитаҳои дипломатӣ барқарор намудааст ва худ узви фаъоли созмонҳои бонуфӯзи байналмиллалӣ ва минтақавӣ гардидааст.

Ҳадафи асосии густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ пеш аз ҳама муаррифии кишвари ҷавони Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошад. «Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати хориҷии худро бо усули ҳамгироӣ ва равобити дӯстона бо тамоми кишвархои ҷаҳон ба роҳ мондааст, аз ҷумлаи ҳадафҳои гуногун, ки асоси муносибатҳои байнаидавлатиро муайян мекунанд, ҳадафҳои иқтисодиро ба мадди аввал мегузорад»[13,152]. Зеро мақсад аз амалӣ намудани ин ҳадаф барҳам додани камбизоатӣ ва муҳайё намудани шароити зарурӣ барои зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон аст.

Қобили қайд аст, ки дастовардҳои кишвари мо дар даврони соҳибистиқлолӣ дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегӣ - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар назаррас мебошад.

Яке аз ҳадафҳои муҳими стратегии кишвар баромадани аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ роҳи баҳрӣ надорад. Инчунин дар даврони шуравӣ фақат бо ду кишвари иттифоқчӣ Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон роҳи автомабилӣ ва роҳи оҳан пайваст намуду халос. Бо ду кишвари ҳамсоя дар шарқ бо Ҷумҳурии мардамии Чин ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон умуман иртибот вуҷуд надошт. Истиқлоли давлатӣ имконият дод ки Тоҷикистон имкониятҳои транзитии худро ба пуррагӣ истифода намояд. Инкишофи соҳаи нақлиёт дар навбати худ воситаи мусоидат ба савдои дохилӣ ва хориҷӣ буда, омили асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва транзитии байналмиллалии кишвар мансуб меёбад.

Дар даҳсолаи аввали истиқлоли давлатӣ ҳукумати мамлакат барои ҳар чи зудтар сохта ба истифода додани қитаҳои роҳи автомабилии дохилии кишвар ки рафтуомади доимиро ба вилоятҳои Суғду Бадахшон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд.

Аз ҷумла қитаи Шоҳон-Зиғар ва Шкев-Зиғар роҳи байналхалқии Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқум ва роҳи Душанбе-Чаноқ бо ду нақб Истиқлол (Анзоб) ва Шаҳристон мебошад.

Дар заминаи ин ҳамкориҳо байналмилалӣ ба мавзеи транзитӣ табдил додани Тоҷикистон вазифаи умдаи дипломатияи иқтисодии тоҷик мебошад. Бо ин мақсад дар ин давраи 30 соли истиқлолиҍ кишвар дар соҳаи нақлиёт 53 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 20,3 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, беш аз 2200 километр роҳҳои дорои аҳамияти байналмиллалӣ, аз ҷумла 1500 километр роҳҳои автомобилгард, 190 пул, 50 километр роҳи оҳан бунёд ва ба истифода дода шудаанд[10,6]. Натиҷаи корҳои дар ин соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки «мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо, ки ҳамасола аз ҷониби таҳқиқоти байналмиллалии «Ҳисоботи ҷаҳонии рақобатпазирӣ» гузаронида мешавад, дар зарфи ду соли охир 20 зина беҳтар гардад, тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар байни 141 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро ишғол намояд»[10,17]. Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки то солҳои наздик боз 15 лоиҳаи давлатии сармоягузориро ба маблағи 8 миллиард сомонӣ барои сохтмони роҳҳои байналмиллалӣ татбиқ намояд, ки аз ин шумора имсол 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ анҷом меёбад.[10]. Дар доираи ин ҳамкориҳо қитъаҳои Душанбе-

Қизилқалъаи шоҳроҳи мошингарди Душанбе-Бохтар бо ҳаҷри 1,6 миллиард сомонӣ, Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин ва Шкев-Қалъаихумби шоҳроҳи Кӯлоб-Қалъаихумб бо арзиши лоиҳавии 780 миллион сомонӣ ва роҳи мошингарди Кӯлоб-Муъминобод ба маблағи қариб 250 миллион сомонӣ бунёд гардиданд ва айни ҳол дар мавриди истифода қарор доранд.

Тибқи омори Ҳукумати Тоҷикистон имсол боз татбиқи 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 8 миллиард сомонӣ барои инфрасохтори нақлиётиву коммуникатсионӣ ва сохтмони долонҳои транзитии нақлиётӣ оғоз мегарданд [10,18]. Дар доираи ин лоиҳаҳо бо назардошти сармоягузориҳо лоиҳаҳои сохтмони роҳи Обигарм-Нурободи шоҳроҳи Ваҳдат-Қарамиқ (Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, қитъахои Қалъаихумб-Ванҷи шоҳроҳи Душанбе-Кулма, Қизилқалъа-Бохтари шоҳроҳи Душанбе-Бохтар, роҳҳои автомобилгарди Ҳулбук-Темурмалик-Кангурт ва Бохтар-Данғара, Хуҷанд-Конибодом, сохтмони пулҳо аз болои дарёҳои Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, барқарор кардан ва ба истифода додани роҳи автомобилгард ва сохтмони долонҳои зидди тармафарой дар мавзеи Барсеми нохияи Шуғнон амалӣ мегарданд. Инчунин роҷеъ ба сохтмони роҳҳои мошингарди Данғара-Гулистон –Кӯлоб лоиҳҳаҳо анҷом дода шуда истодаанд ва соли 2022 шурӯъ гардидани сохтмони онҳо ба назар гирифта шудааст. [10, 18].

Қобили тазаккур аст, ки рушди бахши нақлиёт ва коммуникатсия, ҳамлу нақли автомобилӣ, ки ҳамаи кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхайро бо ҳам мепайвандад, лиҳозан, дар доираи ин ҳамкориҳои иқтисодӣ яке аз самтҳои афзалиятнок барои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон дониста мешаванд. Дар ин росто, яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо дар доираи равобитҳои иқтисодӣ рушди соҳаи ҳамлу нақли транзитӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳам Тоҷикистон ва ҳам дигар кишварҳои аъзо аҳамияти рушди долонҳои нақлиётиро хеле хуб дарк менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо ба бунёди сохтмони роҳҳо ҷиддан пардохтаанд. Дар ин замина, мутобиқ ба ин самт созишнома оид ба фаъолияти якҷоя барои рушди долонҳои нақлиётии байналмилалӣ ба имзо расида, инчунин консепсияи рушди стратегии нақлиёти роҳи оҳан қабул гардидааст[15]. Ин ягона воситаест, ки Тоҷикистони моро ба кишвари транзитӣ табдил дода метавонад. Ба андешаи мо низ, самти афзалиятноки ҳамкорӣ инфрасохтори иттилоотӣ, нақлиётӣ ва энергетикӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар Паёми навбатии худ таъкид намудааст, ки «бунёди инфрасохтори наклиёт барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва осон намудани содироти маҳсулоти ватанӣ муҳим мебошад»[1].

Дар робита ба ин, мо дар бораи фаъолияти Созмони ҳамкори Шанхай вобаста ба ташкили иттифоқи нақлиётӣ, аз ҷумла ташкили фазои ягонаи нақлиётӣ, истифодаи пурраи иқтидори транзитии кишварҳои узви СҲШ ва имконоти мавҷудаи муҳандисии нақлиётӣ, таҳияи тарофаи ягонаи СҲШ заминаи хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ махсус қайд кардан мехоҳем. Таъсиси иттиҳоди нақлиётӣ дар доираи Созмони ҳамкори Шанхай барои васеъ кардани фазои транзитии ҳамаи кишварҳои минтақа аҳамияти калон дорад ва пули стратегӣ барои тавсеаи робитаҳои иқтисодии Аврупо ва Осиё мебошад. Яке аз имконоти ҳалли ин масъала барои Тоҷикистон ташаккул ва рушди коридорҳо ё худ долонҳои нақлиётии байналмилалӣ мебошад. Ин мушкилот дар тӯли солҳои охир аз ҷиҳатҳои гуногун дар доираи созмонҳо, бештар дар доираи СҲШ баррасӣ шуда истодааст. Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи

ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодии давлатҳои аъзои СҲШ лоиҳаҳоеро дар бар мегирифт, ки аз ҷониби гурӯҳи кории махсус аз Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудаанд. Ин лоиҳаҳо вобаста ба соҳаи ҳамкорӣ ба кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат ҷудо карда шуданд. Дар ҷаласаи 25 ноябри соли 2010 дар Душанбе сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай манфиати куллиро ба татбиқи идеяи суратҳисоби махсуси молиявӣ, ки маблағҳои он барои оғози лоиҳаҳои бисёрҷонибаи иқтисодӣ, ба хусус сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ, пешбинӣ шудаанд, равона намуданд. Ин ҷо ногуфта намонад, ки Ҳукмати Тоҷикистон дар «Стратегияи рушд барои давраи то соли 2030» як бахши асосиро ҷиҳати пеш бурдани рушди босуботи иқтисодӣ, воситаи асосии таъмин кардани ҳадафҳои миллӣ, ки болотар онҳоро қайд намудем ва дар заминаи ин тадбир муҳайё кардани шароити мусоид барои зиндагии некуаҳволонаи мардум ҷудо намудааст.

Тоҷикитон дар тӯли 30 соли истиқлолӣ дар роҳи тавсеаи сиёсати хориҷӣ муносибатҳои дипломатии иқтсиодиро дар сатҳи муносибати дутарафа дар робитаҳои байналмиллалӣ ва минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ хеле дуруст ба роҳ мондааст. Ин муносибатҳо ба кишвари мо имкон медиҳад, ки мушкилоти раҳоӣ ёфтан аз бунбасти иртиботӣ, кушодани роҳҳои транзитиро барои баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ҳал намояд. Дар ин ҷода ҳамкориҳои асосии тиҷоративу иқтсиодиро Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо кишварҳои аъзои иттиҳоди давлатҳои мустақил бо мақсади ширкати фаъол варзидан дар Минтақаи тиҷорати озоди кишварҳои муштаракулманофеъ ва Ҷомеаи иқтсиодии Авроосиё ба роҳ монда мондааст. Аз ҷумлаи ин муносибатҳо робитаҳои дипломатии мо бо Ҷумҳурии Туркманистон мебошад.

Робитаҳои иқтисодии дутарафаи Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркманистон барои иҷрои лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ ва нақлиётӣ хеле умда аст. Тоҷикистон ва Туркманистон, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ мавқеи хеле муносиб доранд, ҳарду ҳам ҷонибдори ҳамкориҳо дар соҳаи ҳамлу накл ва транзит, ташкил намудани долонҳои байналмиллаии нақлиётӣ мебошад. Ҳамлу нақли транзитӣ самти асосии робитахои иқтисодии ин кишварҳоро ташкил мекунад. Барои кишвари мо иҷрои лоиҳаи бунёди хатти лӯлаи Туркманистон-Ӯзбекистон-Тоҷикистон-Қирғизистон-Чин аҳамияти ҷиддӣ дорад. Роҳи оҳани Туркманистон-Афғонистон –Тоҷикистон минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро ба ҳам пайванд хоҳад кард. Бояд қайд кард, ки ҳар ду ҷониб кӯшиш ба он медиҳанд, ки Осиёи Марказӣ ба минтақаи озоди ҳмакориҳои иқтисодӣ, саҳнаи ҳамкориҳои байналмилаллӣ табдил ёбад.

Кишвари дигари ба мо ҳамсоя Ҷумҳурии Қирғизистон робитаҳои дипломатии худро дар ҳамаи соҳаҳо ҳанӯз аз 14 январи соли 1993 оғоз намуда, ҳамкориҳоро дар асоси Аҳднома оид ба асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки 12 июли оли 1996 имзо гардидааст ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷиикистон ва Ҷумҳурии Қиргизистон оид ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳо, ки 26 майи соли 2004 ба имзо расидааст, раҳандозӣ мегарданд. Кишварҳо ҳамкориҳои минтақавиро дар соҳаи иқтисод, ки асосан дар чорчӯбаи Созмони ҳамкории Шанхай хеле фаъол доир мегарданд ва сол ба сол густариш меёбанд, ҳамеша ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамкориҳои ин ду кишвар дар ҳавзахои иқтисодиву тиҷоратӣ бештар дар бахшҳои ҳамлу нақли автомобилӣ хеле хуб тавсеа дода шудаанд. Тибқи робитаҳои дипломатӣ ҳамкориҳои ин ду кишвар ҷиҳати рушди

соҳаи ҳамлу нақли транзитӣ барои Тоҷикистон имкониятҳои хеле зиёд фароҳам меоварад. Қобили зикр аст, ки ҳам Тоҷикистон ва ҳам дигар кишварҳои аъзо аҳамияти рушди долонҳои нақлиётиро хеле хуб дарк менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо ба бунёди сохтмони роҳҳо ҷиддан пардохтаанд. Чунончи, сохтмони роҳи автомобилгарди Душанбе-Ҷиргатол-Ош, ки аз тарафи Ҷумҳурии Чин маблаггузорӣ гардидааст, барои интиқоли молу коло ва дигар маҳсулоти саноатӣ хеле назаррас мебошад.

Имрӯзҳо миёни Тоҷикистон ва Озарбойҷон мебояд нақшаи зиёди ҳамкориҳоро дар робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар се самти асосии стратегӣ густариш дода, муносибатҳои бисёрҷабҳаро тибқи ин муносибатҳо ояндабинӣ намуд. Яке аз омилҳои асосӣ дар муносиботи ҳарду кишвар, истифода аз манбаъҳои нақлиётӣ-транзитии Озарбойҷон ва интиқоли бору колои Тоҷикистон ба тариқи роҳҳои обӣ, нақлиёти оҳан ва мошингарди Транс-Кавказ мебошад, ки бо воситаи он бештар маҳсулоти ширкати моҳиятан стратегии арзизи «ТАЛКО» ба тариқи қаламрави ин кишвари минтақаи Кавказ вориди бозори Аврупо мегардад. «Пеш аз ҳама бояд барномаи ояндасози кишварро дар амалӣ намудани се ҳадафи стратегӣ, ки дар таҳким бахшидани матолиби гуногунҷабҳаи сиёсати «дарҳои боз» нақши барозанда дорад, мебояд бо ин кишвари қораи Қафқоз, бо дарназардошти паҳлӯҳои муфиди он, дар маҷро гузошт. Чунон ки эҳёи роҳҳои қадимаи тиҷорат, ки Шарқро бо Ғарб пайванд медоданд, имрӯзҳо низ ба барномаҳои таҷдиди василаҳои нақлиёти байналхалқӣ, аз ҷумла Аврупо-Қафқоз-Осиё ниёз дорад ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Озарбойҷон дар барномаҳои «ТРАСЕКА» метавонад намунаи «Роҳи Абрешим»-ро дар шакли нав ифода намояд, зеро Тоҷикистон баъди Конфронси моҳи майи соли 1993 дар Брюсел доиргардида, узви комилҳуқуқ ва фаъоли он ба шумор меравад. Дар ин маврид, истифода аз ҳамбастагӣ ва дастовардҳои кишварҳои иштирокчӣ дар «ТРАСЕКА», метавонад василаи нақлиётии «Аврупо-Қафқоз-Осиё»-ро боз ҳам дар айни амният зарур, рақобатпазир ва барои пайдо намудан ва васила ҷустан ба роҳҳои манотиқи дигар, ки ҷиҳти ҷалби сармоягузорӣ бар асоси технологияи муосир дар минтақа созгор бошанд, мусоидат кунад[14,102]. Дар ин замина муҳимтарин иқдом барои алоқамандии кишварамон бо кишварҳои минтақаи Кавказ, ба вижа бо Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки метавонад як қатор масъалаҳои ҳадафҳои сиёсати «дарҳои боз»-и Тоҷикистонро ҳал намояд, пеш аз ҳама ба даст овардани манбаъҳо брои робитаҳои ҳасана ба шумор меравад ва ин иқдом, дар муносиботи иқтисоди хориҷӣ на танҳо барои мо, балки барои дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ муфид мебошад.

Барои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон густариши робитахои дипломатӣ ҷиҳати ҳамкориҳо бо кишварҳои форсизабони минтақаи Осиё хеле умда мебошад. Тавассути саъйу талошҳои сарвари давлат Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон ҳамкориҳои сеҷонибаи иқтисодиро дар соҳаҳои гуногун, ба хусус дар ҳавзаҳои ҳамлу нақл ва энергетика тавсеа ва густариш доданд.

Миёни Тоҷикистон ва Эрон зиёда аз 100 мувофиқатнома роҷеъ ба ҳамкориҳои мухталиф ба имзо расидаанд. Эрон аз ҷиҳати сармоягузорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон мақоми хосса дорад. Аз ҷумла, лоиҳаи нерӯгоҳи барқи обии «Сангтуда-2», ки оғози ҳамкории Эрону Тоҷикистон дар самти энергетикӣ мебошад, нақби «Истиқлол», ки аз ҷониби Эрон сармоягузорӣ ва иҷро шуданд, дар пешрафти иқтисодиёти мадуми мо дар самти ҳамлу нақли транзитӣ мавқеи сазоворро дорад. [13,199]. Дар ин росто ҳамкории сеҷонибаи Тоҷикистону Эрону Афғонистонро метавон ба хоса қайд кард. Се кишвар якчанд лоиҳаҳои бузурги зербиноиро роҷеъ ба бунёди хатти роҳи оҳан барномарезӣ кардаанд, ки тибқи он дар оянда ин хат аз хоки Афғонистону Тоҷикистон гузашта, ба

Қирғизистон хоҳад расид. То ки Эронро бо кишвари Чин пайваст намояд ва дар ин росто Тоҷикстон дар мавқеи кишвари транзитӣ қарор хоҳад гирифт. «Аҳамияти масири роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон, ки ба шохаҳои роҳи оҳани Туркманистон-Афғонистон ва қисматҳои дигари он пайваст хоҳад шуд, аз ҳоло аз ҷониби коршиносони байналмиллаӣ арзёбӣ шудааст. Масири мазкур дар оянда бо Қирғизистон ва Чин пайваст шуда, метавонад хатти транзитии минтақа ба маротиб афзудани гардиши мол байни кишварҳо фоидаи зиёдеро ба буҷаи Афғонистон ворид намояд [13,211].

Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии халқии Чин дар мавриди қарор гирифтан дар мавқеи долони транзитӣ барои ҳарду тараф вобастагии зич дорад. Ҷумҳурии Халқии Чин ҳамкори боэътимод, шарики стратегии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҳамкориҳо бо ин кишвар аслан дар заминаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ густариш меёбанд.

Дар ҷиҳати ҳамкориҳо дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай дар соҳаи энергетика, нақлиёт, коммуникатсия, ҳамкориҳо дар соҳаи инфрасохтор кишвари Чин дар байни дигар кишварҳои аъзо барои ҷумҳурии мо нақши асосиро иҷро менамояд. Дар ин чанд соли ҳамкориҳо байни кишвари мо ва Чин зиёда аз 150 созишнома ва асноди хуқуқӣ ба имзо расиданд. Ҷумҳурии Халқии Чин аз ҷиҳати сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус ба соҳаи роҳсозӣ, ҷои аввалро ишғол мекунад. Бо дастгирии молиявӣ ва техникӣ Ҷумҳурии Халқии Чин барои кишвари мо якчанд лоиҳаҳои муҳимми стратегиро иҷро кард. То ба имрӯз тавассути сармоягузорӣ ва дастгирии молиявӣ ва техникии давлати Чин як силсилаи калони лоиҳаҳои стратегӣ, аз ҷумлаи шоҳроҳи Чанак-Хуҷанд-Душанбе, нақбҳои Шаршар, Чормағзак, Шаҳристон, хатҳои интиқоли барқи Ҷанубу Шимол, Лолазор-Хатлон ва ғайра анҷом ёфтанд.

Яке аз самтҳои умдаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Чин ин сохтмони роҳҳои автомобилгард махсуб меёбад. Яке аз лоиҳаҳои аввалин дар ин самт таъмиру аз нав барқарор кардани роҳҳои Душанбе-Кӯлоб-ағбаи Қулма-Қаракорум-Тошқурғони Чин мебошад. Шоҳроҳи мазкур Тоҷикистонро барои баромадан ба баҳрҳои ғарбӣ тавассути ҳудуди Хитой ва Покистон имконпазир мегардонад. Аз тарафи Чин, ҳамчунон, маблағгузорӣ ва сохтмони роҳи Душанбе-Ҷиргатол-Ош низ ба миён гузошта шудааст. Таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд, ки ҳаракатро аз ноҳияи ҷанубии кишвар ба самти шимол тавассути нақби Истиқлол таъмин менамояд, хеле хуб сурат гирифтааст.

Сол ба сол география ва номенклатураи лоиҳаҳои сохтмон васеъ мешаванд, ки ин барои аз бумбасти коммуникатсионӣ баромадани Тоҷикистон ва болоравии гардиши молу коло дар иқтисоди дохилии кишвар ва берун аз он нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе - Кӯлоб, Хоруғ-Мурғоб-Кулма-Қаракорум барои кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ роҳи баромадро ба бандарҳои Укёнуси Ҳинд таъмин менамояд, ки ин барои пешрафти иқтисодиёту саноати ҳамаи кишварҳои аъзои СҲШ шароити хуб фароҳам меоварад. Махсусан, дар баробари эҳёи Шоҳроҳи бузурги Абрешим, ки дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна заминҳои ниёгони тоҷикро бо давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Миср, Бобул, Форс ва Византия мепайвандид ва дар рушди савдо, мубодилаи фарҳанг нақши бузург дошт, минтақаи мухтори Синцзян(Шинҷой)-Уйғури Чин дар оянда ба як маркази муҳими иртиботӣ табдил хоҳад ёфт. Ва албатта, боиси хушнудист, ки Тоҷикистон ва Чин дар

ин самт чораҳои конкретӣ дида истодаанд. Истисно нест, ки дар ин минтақа низ бунёди роҳи оҳан пуле барои интиқоли ҷараёни мусофиркашонӣ хоҳад шуд.

Ҳаминро низ ба назар гирифтан лозим аст, ки Тоҷикистон дар силсилаи роҳҳои Осиё як чорроҳаро ташкил мекунад ва метавонад Ҷумҳурии Халқии Чин ва дигар кишварҳои минтақаро ба ҳам пайвандад. Расо даҳ сол қабл байни кишвари мо ва Ҷумҳурии Халқии Чин роҳи автомобилгард кушода гардида, иртиботи мустақими автомобилӣ барқарор гардид. Ин аст, ки имрӯзҳо зиёда аз 60 %-и гардиши савдои дутарафаи молу коло аз нуқтаи гузаргоҳи Қулма-Қарасу воқеъ дар Синцзян(Шоҷой) шурӯъ мегардад. Ин аст, ки гардиши савдо байни Ҷумҳурии Тотористон ва Чин дар тӯли солҳои фаъолият дар доираи ҳамкориҳои созмони Шанхай даҳ баробар афзудааст[16].

Кишвари мо дарвозаи дӯстӣ ва ҳамкории байни кишварҳои ҳамсоя мебошад. Тибқи мавқеи ҷуғрофӣ 93 фисади қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо фаро гирифтаанду танҳо 7 фисади қаламрави онро водиҳо ташкил медиҳанд. Яке аз мушкилтарин вазифаҳои Тоҷикистон таъмини шаҳрвандони кишвар ва дастрасии онҳо ба ягон гӯшаи дигар дар чор фасли сол аст. Аз ин рӯ, ба рушди босуръати шабакаҳҳои роҳҳои дохилӣ ва байналмиллалӣ ва роҳи оҳан бояд таваҷҷӯҳи махсус дода шавад.

Дар илова ба гуфтаҳои боло зикр карданием, ки Тоҷикистон бо шарофати сиёсати сулҳҷӯёнаи Эмомалӣ Раҳмон, дар доираи шарикони хориҷии мо кишваре шинохта мешавад, ки ояндаи босубот ва сиёсати устувор дорад, ки ин роҳро барои ҳамкориҳои оянда ва сармоягузориҳои дарозмуддат боз намуда, заминасози рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дар минтақа ва ҷаҳон саҳми худро доштани кишвари мо хоҳад буд.

Ҳамин тавр, бо назардошти мавҷуд будани як қатор имкониятҳо дар оянда Тоҷикистон ба як кишвари транзитӣ табдил хоҳад ёфт. Чунончи:

-дарояндаи наздик қаламрави Тоҷикистон барои интиқоли гази Туркманистон ба кишварҳои Осиёи ҷанубӣ, аз ҷумла Чин, ба масири транзитӣ табдил хоҳад ёфт;

- имконияти он, ки роҳи оҳани аз ин кишвар убуркунанда ҳамчун пули ё худ хати убури ҷараёни интиқоли мусофикашонӣ хоҳад шуд, истисно нест;

-Тоҷикистон дар силсилаи роҳҳои Осиё як чорроҳаро ташкил мекунад ва метавонад Ҷумҳурии Халқии Чин ва дигар кишварҳои минтақаро ба ҳам пайвандад;

-эҳёи Шоҳроҳи бузурги Абрешим Тоҷикистонро дар вазъияти муосир низ бо бо давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Миср, пайваста дар оянда ба як маркази муҳими иртиботӣ табдил хоҳад дод;

- мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ ва наздикӣ ба давлатҳои пешбари минтақа ва ассотсиатсияҳои интегратсионӣ, ки метавонанд ба рушди муносибатҳои тиҷоратии минтақавӣ ва транзит такон бахшанд;

**Адабиёт**

1. Алимов Р.К. Таджикистан-Китай на пути друг к другу. – Москва, 2012. 195 с.

2. Алимов Р.Л. Таджикистан и Китай: опыт и возможности соразвития.- М.: ИДВ РАН, 2011.- 112 с.

3. Бондаренко А.В. Синьцзян-Уйгурский автономный район Китая в начале XXI века. – Москва, 2010, 180 с.

4. Зардиев Ш.К. Роль «Шанхайской пятерки» в решении пограничных вопросов и перспективы развития взаимовыгодного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой./ Сиёсати хориҷӣ. №2, 2016, с.104-111.

5. Исмоилов Х. Роль Таджикистана в формировании экономического пояса Шелкового пути и место прямых иностранных инвестиций в развитии Республики Таджикистан (в том числе китайские инвестиции).// Сиёсати хориҷӣ. №2, 2016, с.

6. Концепция внешней политики Республики Таджикистан от 27 января 2015 года//http://mfa.tj/ru/pravovaya-osnova-vp/kontceptciya-vneshney-litikirespubliki-tadzhikistan.html. санаи мурочиат 2.04.2021г.

7. Консептсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқаррароти умумӣ: Банди 2.4.

8. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. Муратиббон Саидзода З., Давлатзода П. даминова А.-Душанбе:Контраст, 2018.-422 с.

9. . Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. ш Душанбе, 26 декабри соли 2019, 47 с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Ш. Душанбе, 26 январи соли 2021, 47 с.

11. Парамонов В. Ташаккули вазъи геополитики Осиёи Марказӣ//Осиёи марказӣ ва Қафқоз.-2002.с.57.

12. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2017 гг.)ю Учебное пособие. Душанбе: Контраст, 2017.-130 с.

13. . Саидов З. Тоҷикистони муосир:Масъалахои мубрами истиқлоли миллӣ. Душанбе-2016, 607 с.

14. Эмомалӣ Раҳмон - бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон»-2012, с. 96.

15. . http://infosco.biz/en/?pageId=231 санаи мурочиат01.04.2021.

16. Стратегияи миллии рушд барои соли 2030

## ТРАНЗИТНЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ

**ЗУЛФОНОВ БАХТИЁР БАХРОМОВИЧ,**
соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ruziev81@mail.ru

В статье автор рассматривает потенциал Таджикистана как транзитной зоны и подчеркивает роль экономической дипломатии в его реализации. Автор отмечает, что расширение и развитие трех секторов экономики Таджикистана - энергетики, сельского хозяйства и транспорта - является основным направлением для достижения основных стратегических целей - достижения энергетической независимости, обеспечением продовольственной безопасности, преодоления коммуникационной блокады и превращения страны в зону транзитных перевозок.

***Ключевые слова:*** *транзит, транзитные перевозки, экономическая дипломатия, экономическое сотрудничество, регион, энергетика, экономика, расширение, развитие, дороги, транспорт.*

## TRANSIT OPPORTUNITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ROLE OF ECONOMIC DIPLOMACY IN ITS IMPLEMENTATION

**ZULFONOV BAKHTIYOR BAKHROMOVICH,**
applicant of the Department of Diplomacy and International Relations,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ruziev81@mail.ru

*In this article, the author examines the potential of Tajikistan transform into a transit zone and emphasizes the role of economic diplomacy in its implementation. The author notes that the expansion and development of three economic sectors of Tajikistan - energy, agriculture and transport – are consider as a basic background for achieving the main strategic goals - achieving energy independence, ensuring food security, overcoming the communication deadlock and turning the country into a transit traffic zone.*

***Key words:*** *transit, transit traffic, economic diplomacy, economic cooperation, region, energy, economy, development, expansion, roads, transport.*

УДК: 323.4

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ

**ОЛИМШОЗОДА ФАРҲОДШО ОЛИМШО,**
аспиранти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 988-42-07-05

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати ҳарбӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо такя ба назарияи умумии сиёсати ҳарбӣ, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо омӯхтааст. Дар аввал ба иқтидори методологии сиёсатшиносии ҳарбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асоси норасоиҳои ин соҳаи илм алоқамандии сиёсати ҳарбӣ ва илмҳои дигари гуманитариро нишон додааст. Дар ин замина муаллиф ба хулосае меояд, ки назарияи умумии сиёсати ҳарбӣ хусусияти байнифаннӣ дошта, дар ташаккули он илмҳои гуногуни гуманитарӣ иштирок менамоянд. Аз ҷумла дар омӯзиш ва баррасии паҳлуҳои гуногуни он нақши сиёсатшиносии умумӣ хеле зиёд аст. Ҳамзамон муаллиф масъалаи ташаккулёбии сиёсати ҳарбиро дар алоқамандӣ бо масъалаҳои ҷангу сулҳ баррасӣ намуда, вазифаҳо ва навъҳ асосии зоҳиршавии ҷангҳо ва сиёсати ҳарбиро нишон додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати ҳарбӣ, сиёсатшиносии ҳарбӣ, амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, ҷанг, сулҳ, суботи сиёсӣ, сиёсати давлатӣ.*

Ҳарчанд пайдоиш ва ташаккулёбии сиёсати ҳарбӣ таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, омӯзиши илмию назариявии он аз нимаи дуюми асри XX оғоз мегардад. Дар замони шӯравӣ бошад олимони соҳаи илмҳои гуманитарӣ ба омӯзиши ин масъала аз охири солҳои 1970-ум машғул гардидаанд. Чунин ҳолат сабабҳои таърихии худро дошт. Пеш аз ҳама, дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаҳои ҳарбӣ, аз ҷумла сиёсати ҳарбӣ ҳамчун сирри давлатӣ то дараҷаи муайян махфӣ нигоҳ дошта мешуд ва танҳо дар доираи илмҳои ҳарбӣ таҳлилу баррасӣ мегардид [7, с.403]. Аз оғози давраи бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ олимони гуногуни илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла ҷомеашиносон, файласуфон, таърихчиён, ҳуқуқшиносон ва ғайраҳо ба омӯзиши ин масъала машғул гардидаанд. Ин анъана баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ суръати тоза гирифта, дар омӯзиши масъалаҳои ҳарбӣ минбаъд сиёсатшиносон низ ҳамроҳ мегарданд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар давраи пасошӯравӣ ҳамаи олимон дар муносибат бо моҳияти сиёсати ҳарбӣ ба таърифи донишномаи сиёсие, ки соли 1993 ба нашр расида буд, такя менамуданд. Дар луғати сиёсии мазкур таърифи сиёсати ҳарбӣ чунин пешниҳод гардидааст: «сиёсати ҳарбӣ – ҷузъи таркибии сиёсати умумии неруҳои мушаххас ва ниҳодҳои махсуси аз ҷониби онҳо сохташудаи ҳокимият мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои синфӣ, миллӣ ва умумиинсонӣ, барои пешбурди ҷанг ва ё муқобилият нишон додан ба он дар шакли зӯроварии ҳарбӣ истифода бурда мешавад» [12, с.48]. Аз таърифи мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки ибораҳои «сиёсати умумӣ» ва «неруҳои иҷтимоии мушаххас» номаълум ва номушаххас мебошанд. Моҳият ва табиати онҳо номаълум боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, таърифи мазкур наметавонад барои ифодаи мушаххаси сиёсати ҳарбӣ истифода бурда шавад.

Дар рушди назарияи сиёсати ҳарбӣ шохаи нави илм бо номи сиёсатшиносии ҳарбӣ саҳми назаррас гузоштааст. Як қатор олимон дар доираи сиёсатшиносии ҳарбӣ ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳарбӣ машғул гардида, масъалаҳои бунёдии ин самти фаъолияти сиёсиро муайян намудаанд [1; 2; 3; 8; 11]. Аз лаҳзаи пайдоиши

сиёсатшиносии ҳарбӣ олимон дар атрофи предмети ин илм баҳсҳои гуногун анҷом медиҳанд. Як гурӯҳ муаллифон бар он ақида ҳастанд, ки «сиёсатшиносии ҳарбӣ илм дар бораи нақши қувваҳои ҳарбӣ дар муносибатҳои сиёсии дохилию хориҷӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби субъектҳои сиёсат» мебошад [3, с.37]. Аммо мухолифони ин андеша иброз медоранд, ки на ҳамаи паҳлуҳои неруҳои ҳарбӣ метавонад дар доираи сиёсатшиносии ҳарбӣ баррасӣ карда шаванд. Зеро як қатор омилҳои он, аз қабили омилҳои иҷтимоию психологӣ, иқтисодию демографӣ ва шарту шароити ташаккулёбии онҳо аз доираи масъалаҳои ин илм берун мемонанд. Ҳатто назарияи ҷангу сулҳ ва назарияи амният низ наметавонанд дар доираи сиёсатшиносии ҳарбӣ пурра таҳлилу баррасӣ гарданд. Чунончӣ, М.А. Гареев таъкид менамояд, ки ҳангоми муайян намудани сарчашмаҳои ҷанг, дар шароити таҳлили зӯроварии ҳарбӣ ва амнияти мудофиавӣ «на танҳо бо масъалаҳои сиёсӣ, балки масъалаҳои фалсафӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин аст» [4, с.5]. Инчунин дар баъзе асарҳои дигар мушоҳида намудан мумкин аст, ки қонуниятҳои бо ҳам алоқамандшавии сиёсат ва корҳои ҳарбӣ масъалаи марказии сиёсатшиносии ҳарбӣ муаррифӣ мегардад [2]. Чунин тарзи баррасии масъала андешаҳои машҳури Клаузевитсро ба хотир меорад, ки ӯ чунин гуфта буд: «ҷанг идомаи сиёсати давлатӣ бо воситаҳои дигар мебошад» [6, с.23]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки масъалаи омӯзиши ҳамаҷонибаи сиёсати ҳарбӣ дар доираи сиёсатшиносии ҳарбӣ низ наметавонад пурра ҳалли худро пайдо намояд. Зеро ҳам сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоӣ гуногунпаҳлу ва мураккаб аст ва ҳам корҳои ҳарбӣ ҷиҳатҳои сиёсию ғайрисиёсӣ дорад, ки омӯзиши сиёсати ҳарбӣ бе дарназардошти онҳо натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳад.

Аммо дар доираи сиёсатшиносии ҳарбӣ андешаҳои баъзе олимон ба воқеияти ҳарбию сиёсӣ хеле наздик аст ва барои баррасии паҳлуҳои мухталифи сиёсати ҳарбӣ мусоидат намудаанд. Аз ҷумла онҳое, ки сиёсати ҳарбиро бо табиат, моҳият ва шаклҳои зӯроварии ҳарбӣ алоқаманд донистаанд ва ҳамзамон имкониятҳо ва миқёси истифодаи сиёсати ҳарбиро барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ нишон додаанд, дар ин гурӯҳ шомил мешаванд [1, с.31]. Ин гурӯҳи олимон на танҳо алоқамандии сиёсатшиносии ҳарбӣ бо назарияи сиёсати ҳарбиро нишон додаанд, балки предмети худи сиёсати ҳарбиро низ муайян кардаанд. Минбаъд сиёсати ҳарбӣ чи гунае, ки дар луғати сиёсӣ нишон дода мешавад, на ҳамчун «ҷузъи таркибии сиёсати умумии неруҳои мушаххаси иҷтимоӣ», балки «ҷузъи таркибии сиёсати давлатиест, ки бо ташаккули иқтидори неруҳои ҳарбӣ алоқаманд гардонида шуда, барои таъмини амнияти миллӣ ва байналмилалӣ истифода бурда мешавад» [11, с.136]. Дар таърифи пешниҳодгардида субъекти сиёсати ҳарбӣ (давлат), объекти он (неруҳои ҳарбӣ) ва мақсадҳо (таъмини амнияти миллӣ ва байналмилалӣ) ба таври мушаххас пешниҳод гардидаанд. Ҳамин тариқ, сиёсатшиносии ҳарбӣ, ки ба омӯзиши моҳияти зӯроварии ҳарбӣ машғул гардида, истифодаи он барои расидан ба мақсадҳои сиёсиро нишон медиҳад, дар муносибат бо назарияи сиёсати ҳарбӣ ҷузъи таркибӣ маҳсуб меёбад. Зеро назарияи сиёсати ҳарбӣ хусусияти байнифаннӣ дошта, дар доираи чунин илмҳо, ба монанди сиёсатшиносии умумӣ ва ҳарбӣ, фалсафаи сиёсат, фалсафаи ҳуқуқ, таърихи сиёсӣ, сотсиологияи сиёсӣ, иқтисодиёти сиёсӣ, психологияи иҷтимоӣ ва ғайраҳо ташаккул меёбад. Дар маҷмӯъ, назарияи сиёсати ҳарбӣ маҷмӯи масъалаҳоеро дар худ нигоҳ медорад, ки бо масъалаи ташкил ва истифодаи неруҳои ҳарбӣ алоқаманд буда, ба ҳокимияти давлатӣ имконият медиҳад, ки устуворӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти худро таъмин намояд.

Ҳамзамон бояд иқрор шуд, ки барои муайян намудани моҳияти сиёсати ҳарбӣ масъалаҳои зиёдеро бояд мавриди назар гирифт, зеро падидаи мазкур хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу мебошад. Аз ҷумла, барои муайян намудани моҳияти сиёсати ҳарбӣ, дар баробари гуфтаҳои боло инчунин масъалаҳои зерин низ хеле таъсиргузоранд: сарчашмаҳои пайдоиш, моҳият ва самтҳои сиёсати ҳарбӣ; ҷойгоҳи он дар системаи сиёсии ҷомеа ва алоқамандии он бо сиёсати давлатӣ; қонуниятҳои рушди сиёсати ҳарбӣ дар низоми муносибатҳои сиёсӣ; аз ҷумла таъсири соҳаҳои ғайридавлатӣ ва омилҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (анъанаҳои фарҳангӣ, динӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқ, барномаҳои ҳизбӣ ва ғ.) дар ташкил ва истифодабарии неруҳои ҳарбӣ; нишондодҳо ва меъёрҳои самаранокии сиёсати ҳарбӣ ва монанди инҳо. Дар алоқаманди бо ин масъала О.А. Белков хеле дуруст қайд намудааст, ки «банақшагирӣ, ташкил ва роҳбарӣ намудани амалиётҳои ҳарбӣ, гузаронидан ва анҷом додани ҷанг аз шарту шароитҳои гуногун вобастааст, ки аксари онҳо берун аз соҳаи ҳарбӣ мебошанд ва дар навбати худ ба сиёсати ҳарбӣ ва самаранокии он таъсири ҳалкунандаи худро мерасонанд» [1, с.38]. Аммо гуфтан мумкин аст, ки дар байни омилҳо ва шарту шароитҳои номбаргардида, баъзеи онҳо хеле муҳим мебошанд ва аҳамияти стратегӣ доранд. Муҳиммияти онҳоро ба воситаи муайян намудани алоқамандии онҳо бо сиёсат ва давлат нишон додан мумкин аст. Аз ҷумла, мақсади сиёсати ҳарбӣ, вазифаҳои фаъолияти ҳарбию сиёсӣ, роҳу усулҳои баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ, омодагии ҳарбии артиш ва аҳолии мамлакат ба воситаи сиёсат ва махсусан, ба воситаи институти марказии системаи сиёсии ҷомеа – давлат муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои хубтару беҳтар нишон додани моҳияти сиёсати ҳарбӣ баррасии алоқамандии он бо сиёсат ва давлат хеле муҳим мебошад.

Сиёсат дар баробари дигар соҳаҳо (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ) яке аз соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта, хусусияти ташкилӣ, назоратӣ ва танзимнамоӣ дорад. Бори аввал мутафаккири Юнони қадим Арасту соҳаи сиёсатро ба воситаи мафҳуми «политика» ифода намуда, онро ҳамчун санъати идора намудани корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ маънидод карда буд. Аммо бо гузашти давраҳои гуногуни таърихӣ соҳаи сиёсат хеле мураккаб гардида, моҳияти он низ ба дигаргунии ҷиддӣ дучор мешавад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир бо дарназардошти мураккабшавии ҷомеаи инсонӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ сиёсатро вобаста ба соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ба чунин навъҳо ҷудо менамоянд: сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ, ҳарбӣ ва ғайраҳо. Ба ҳамаи ин дигаргуниҳо нигоҳ накарда табиати сиёсат бетағйир боқӣ мондааст. Зеро то ҳанӯз масъалаи ҳокимият дар маркази сиёсат қарор дошта, амалишавии он аз чигунагии сиёсат вобаста карда мешавад.

Дар атрофи ҳокимият бархӯрди манфиатҳои гуногуни субъектҳои сиёсиро мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар ин замина муносибатҳои сиёсии мухталиф ташаккул меёбад. Аз ҷумла, ҳукмронӣ ва тобеият, низоъ ва созиш, зиддият ва ҳамкорӣ, мубориза ва рақобат. Ба воситаи низоми ҳокимияти сиёсӣ (ниҳодҳо ва равандҳои сиёсӣ) манфиатҳои субъектҳои сиёсӣ амалӣ гардида, мақсадҳои барои давлату ҷомеа аҳамиятнок зери назорати ҷиддӣ қарор дода мешавад. Маҳз бо шарофати ҳокимият низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мукаммал гардонида шуда, фаъолияти муташаккили одамон ва тартиботи ҷамъиятӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар маҷмӯъ, ҳокимият унсури асосии низомсоз ба шумор меравад.

То ба имрӯз дар бораи моҳият ва табиати ҳокимият андешаҳои гуногун баён гардидаанд. Яке аз онҳо, ки аз ҷониби аксари олимон эътироф гардидааст, ба қалами М.Вебер тааллуқ дорад. Мувофиқи андешаҳои ӯ, ҳокимият пеш аз ҳама маҷмӯи

муносибатҳое мебошад, ки дар он субъекти ҳокимият иродаи сиёсии худро новобаста ба мавҷудияти иродаи дигарон дар амал татбиқ месозад. Аз ин рӯ, нишонаҳои асосии ҳокимият ва муносибатҳои дар атрофи он баамлояндаро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст: иродаи сиёсӣ, кӯшиши тобеъ намудани дигарон, маҷбур намудани онҳо барои иҷроиши корҳои мушаххас, қобилияти дар амал татбиқ намудани иродаи худ [10, с.25]. Бояд гуфт, ки ҳокимият ва нишонаҳои асосии он (ирода ва қувва) метавонанд дар соҳаҳои дигар низ зоҳир шаванд (ҳокимияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ, фарҳангӣ ва ғ.). Дар чунин маврид муайян намудани афзалиятҳо ва хусусиятҳои ҳокимияти сиёсӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Хусусиятҳои муҳимми ҳокимияти сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки он муносибатҳои байниҳамдигарии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва тамоми кишварро вобаста ба масъалаи идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ба танзим медарорад ва сохтори ҷамъиятию низоми идоракунии давлатро муайян месозад.

Ҳокимияти сиёсӣ асосан дар фаъолияти давлат таҷассум меёбад. Дар муносибат ба ин масъала барои дарку фаҳми табиати сиёсати давлатӣ ба инобат гирифтани масъалаҳои зерин хеле муҳим мебошанд: Якум, дар ҳудуди мушаххас хусусияти умумӣ доштани ҳокимияти давлатӣ. Давлат манфиатҳои одамонеро, ки дар ҳудудҳои он умр ба сар мебаранд, ҳимоя мекунад ва барои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ равона мегардад. Дуюм, давлат сарчашмаи ҳуқуқ ва қонунҳо ба шумор рафта, ҳамаи шаҳрвандонро барои риояи онҳо маҷбур месозад ва ҳамзамон дар муносибат бо давлатҳои дигар дар ҳудудҳои худ истиқлолияти сиёсӣ ва ҳокимияти олиро соҳиб аст. Сеюм, давлат ба неруҳои қудратии худ такя намуда, мухолифатҳо ва низоъҳои дохилиро ҳаллу фасл месозад ва ресурсҳои моддию маънавии ҷомеаро барои расидан ба мақсадҳои умумӣ сафарбар менамояд. Баррасии моҳияти сиёсат, ҳокимият, ҳокимияти сиёсӣ, давлат ва сиёсати давлатӣ барои он муҳиманд, ки дар заминаи ташаккулёбии онҳо накш ва мавқеи сиёсати ҳарбии давлат нишон дода шавад.

Давлат аз аввалин лаҳзаҳои пайдоиши худ неруҳои ҳарбиро дар монополияи хеш қарор додааст ва дар замони муосир низ чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Яъне, артиш ва неруҳои ҳарбӣ дар ихтиёри давлат қарор доранд. Маҳз дар зери таъсири ин гуна шароит соҳаи ҳарбии ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсати ҳарбии давлат марҳила ба марҳила ташаккул меёбад. Дар замони муосир давлатҳоро зарур аст, ки истиқлолияти миллию сиёсии худро ҳимоя намоянд, ҳудудҳои хешро аз ғасби давлатҳои дигар эмин нигоҳ доранд ва баъзан мушоҳида намудан мумкин аст, ки давлатҳо ҳудудҳои худро аз ҳисоби давлатҳои дигар ба воситаи ғасбгароӣ васеъ намудаанд. Чунин тамоюлот зарурати ташаккул додани сиёсати ҳарбиро ба миён мегузорад. Ғайр аз ин, дар ҳама давру замон масъалаҳои ҷангу сулҳ дар низоми муносибатҳои ҳарбию сиёсӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Имрӯз ин масъала дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамзамон ба воситаи сиёсати ҳарбӣ ба танзим дароварда мешавад. Вобаста ба самти сиёсати ҳарбӣ ду навъи онро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст: сиёсати мудофиавӣ, ки барои таъмини амнияти ҳудудҳои хеш ва иттифоқчиён нигаронида шудааст ва сиёсати агрессивӣ, ки барои гузаронидани амалиётҳои ҳарбӣ ба коркарди нақшаҳои стратегӣ равона карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин масъала, аз рӯйи мақсадҳо ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳарбӣ сиёсати ҳарбии агрессивӣ, сулҳҷуёна ва мудофиавиро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст.

Инчунин бояд қайд намуд, ки сиёсати ҳарбӣ қисми таркибии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро ба воситаи сиёсати давлатӣ, имкониятҳо ва мақсадҳои давлат муайян карда мешавад. Масалан, ҳимоя намудани ҳудудҳои худ аз таъсири манфии давлатҳои

дигар ва ё баръакс, васеъ намудани ҳудудҳои худ аз ҳисоби давлатҳои дигар. Ғайр аз ин, сиёсати ҳарбӣ ҳамчун ҷузъи таркибӣ ба худи давлат таъсири мустақим дорад. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳарбӣ дар заминаи шарту шароитҳои сиёсӣ (ҷангу сулҳ), иқтисодӣ (буҷаи ҳарбӣ), иттилоотию идеологӣ, техникию технологӣ (рушди илмҳои ҳарбӣ ва техникаи ҳарбӣ), иҷтимоӣ (ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар бораи ҷангу сулҳ) ташаккул дода мешавад ва ҳамчун фаъолияти ҳарбии давлат дар амал татбиқ мегардад. Баъзан, мушоҳида намудан мумкин аст, ки сохторҳои қудратӣ, махсусан артиш дар баробари ҳимояи тамомияти арзию ҳудудӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, инчунин ба ҳокимияти давлатӣ таъсиррасонӣ намуда, барои ба даст овардани он мубориза мебаранд. Дар таърих чунин ҳолатҳо хеле зиёд рух додаанд. Артиш ҳамчун ташкилоти одамони мусаллаҳ, ки дорои иқтидори ҷангӣ мебошад, дар шароити бамалоии низоъҳои сиёсӣ нақши ҳалкунанда бозида, қодир аст, ки пеши роҳи бархӯрдҳои оммавӣ ва хунрезиро гирад. Дар баъзе ҳолатҳои дигар, артиш метавонад бавуҷудоварандаи равандҳои сиёсӣ, аз ҷумла равандҳои инқилобӣ шавад. Оғоз ва анҷоми муборизаҳои мусаллаҳона на танҳо мақсадҳоро тағйир медиҳанд, балки қодиранд, ки сиёсати дохилию хориҷӣ ва ҳатто низоми сиёсии давлатро тағйир диҳанд. Дар баъзе давлатҳо ноустувории низоми сиёсии давлат ва мавҷуд набудани ниҳодҳои рушдёфтаи ҷомеаи демократӣ боиси ба амал омадани табаддулоти ҳарбӣ гардидаанд. Барои мисол, соли 1973 дар Чили, соли 1980 дар Туркия, соли 1992 дар Перу, соли 1993 дар Покистон ва ғайраҳо [5]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, артиш ҳамчун ташкилоти ҳарбӣ воситаи сиёсати давлатӣ мебошад, ки дар заминаи сиёсати ҳарбии давлат ташаккул дода шуда, асосан барои иҷроиши вазифаҳои хориҷии давлат истифода бурда мешавад. Пеш аз ҳама, барои танзими муносибатҳои ҳарбию сиёсии давлат бо давлатҳои дигар дар мавриди ҳалли масъалаҳои ҷангу сулҳ зоҳир мегардад.

Ҷанг бошад сатҳи ниҳоии муносибатҳои низоӣ мебошад, ки дар байни давлатҳо, халқҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Чунин муносибат замоне ба мушоҳида мерасад, ки мақсадҳои сиёсии онҳо бо роҳи зӯроварии ҳарбию сиёсӣ ва бо истифодаи силоҳу аслиҳа амалӣ карда мешавад [13, с.49]. Ба амал омадани муборизаҳои мусаллаҳонаи гуногунмиқёс ва дар пайи ин зиёд шудани харобиҳо ва қурбониҳои инсонӣ оқибатҳои ҷанг мебошанд. Аз ин рӯ, ҷангҳо метавонанд аз рӯйи миқёси худ, аз бархӯрдҳои мусаллаҳонаи сарҳадӣ ва низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ то ҷангҳои байнидавлатию минтақавӣ ва байналмилалӣ рафта расанд. Дар чунин шароит саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро ҷангҳо ба амал меоянд ва оё онҳоро натиҷаи сиёсати давлатӣ гуфтан мумкин аст ё не?

Ф.Энгелс муътақид буд, ки «зӯроварии ҳарбӣ танҳо восита аст, мақсади асосии ҷанг ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ мебошад» [9, с.164]. Як қатор олимони дигар табиати моҷароҷӯёнаи инсон, ҳарисӣ ва майлу рағбат доштан ба ҳукмрониро сарчашмаи асосии пайдоиши ҷангҳо номидаанд. Аммо боз андешаҳое мавҷуданд, ки тибқи онҳо, пайдоиши ҷангҳо дар аксар маврид аз динамикаи иқтисодӣ вобастааст, махсусан дар натиҷаи тағйир ёфтани тавозуни қувваҳо, ба вуҷуд омадани афзалиятҳои (иқтисодӣ, ҳарбию сиёсӣ, геополитикӣ) як давлат дар муқоиса бо давлати дигар чунин ҳолатҳоро ба вуҷуд меоврад. Иқтидори афзоишёбандаи иқтисодӣ ва ҳарбию сиёсии як давлат онро водор менамояд, ки миқёси таъсиррасонии байналмилалии худро васеътар намояд ва дар ҳудудҳои давлатҳои дигар манфиатҳои иқтисодию сиёсии худро пиёда созад [14, с.75].

Омилҳои гуногуне, ки бавуҷудоварандаи ҷангҳо ба шумор мераванд, инчунин муайянкунандаи навъҳои ҷанг мебошанд. Дар шароити муосир дар баробари ҷангҳои

байнидавлатӣ, инчунин намудҳои гуногуни онро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, ҷангҳои шаҳрвандӣ, зиддимустамликавӣ, миллӣ-озодихоҳӣ, динӣ, террористӣ ва ғайраҳо. Барои муайян намудани сатҳи зоҳиршавии ҷангҳои мазкур омӯзиши мақсадҳо ва пайомадҳои иҷтимоии онҳо зарур дониста мешавад. Аммо дар муқобили ҷанг масъалаи сулҳ қарор дорад, ки онро низ дар аксар маврид ба воситаи сиёсати ҳарбии давлат ҳаллу фасл менамоянд. Сулҳ дар фаҳмиши байналмилии худ муносибатҳои байналхалқӣ, байналмилалӣ ва байнидавлатиест, ки дар асосии сиёсати ҳарбии ғайризӯроварона ва дар шароити мавҷуд набудан ва ё аз байн бурдани ҷангҳои мусаллаҳона таъмин карда мешавад [15]. Дар таърихи афкори фалсафию сиёсӣ низ дар мавриди сулҳхоҳӣ ва сулҳталабӣ, махсусан сулҳи абадӣ андешаҳои гуногун баён гардидаанд. Ҳамзамон дар сатҳи байналмилалӣ ва дар доираи фаъолияти созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ эъломия ва созишномаҳои гуногун қабул гардидаанд, ки ҳамаи онҳо барои нигоҳ доштани сулҳ ва пешгирӣ намудани ҷанг нигаронида шудаанд. Ба ҳамаи ин даъватҳо ва кӯшишҳо нигоҳ накарда ҷангҳо дар соҳаи муносибатҳои байниинсонӣ на танҳо аз байн нарафтанд, балки шаклҳои худро иваз намуда, бо иқтидори нав пайдо шуданд.

Бояд гуфт, ки инсоният дар тӯли ним аср тавонистааст, ки худро аз ҷангҳои ядроӣ ва оқибатҳои ногувори он эмин нигоҳ дорад, ҳарчанд ҷангҳои маҳаллӣ ва низоъҳои мусаллаҳонаи ғайриядроӣ то ҳанӯз ба амал омада истодаанд. Дар чунин шароит ғояҳои сулҳ, сулҳдӯстӣ, сулҳхоҳӣ ва сулҳофарӣ метавонанд дар самти пешгирии ҷангҳо мусоидат намоянд. Чунин ҳадафҳои башардӯстона танҳо дар заминаи сиёсати ҳарбии ғайризӯроварона имконпазир мегардад. Дар чунин маврид саволе пайдо мешавад, ки дар замони муосир сиёсати ҳарбӣ дар заминаи кадом арзишҳо хусусияти гуманистӣ пайдо менамояд? Онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– ба роҳ мондани муносибатҳои байнидавлатӣ бе истифодаи муборизаҳои мусаллҳонаи ҳарбӣ: муносибатҳои мусолиҳатомез, мудохила накардан ба корҳои дохилии давлатҳои соҳибистиқлол, ҳалли мусолиҳатомези низоъҳои байналмилалӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои сиёсӣ ва муколамаи сиёсӣ;

– ҷустуҷӯи меъёрҳои байналмилалии танзими масъалаҳои баҳсноки байналмилалӣ, тавсеаи фаъолияти ҳуқуқии созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, маҳкум намудани ғасбгароӣ ва поймолшавии ҳуқуқи миллӣ;

– ташаккули сиёсати боздорандаи стратегӣ дар доираи фаъолияти созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, маҳдуд намудани истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ, назорат намудани паҳншавии яроқу аслиҳа ва ғ.

– тавсеаи сиёсати ҳарбию сиёсии сулҳҷӯёна, аз ҷумла иштироки неруҳои СММ дар минтақаҳои низоӣ, ташаббуси неруҳои сулҳофар барои барқарор намудани сулҳу оштӣ, дастгирӣ намудани харакатҳои сулҳҷӯёна ва ғ.

– ба вуҷуд овардани тавозуни манфиатҳои субъектони низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ба таври густурда ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти ҳалли проблемаҳои глобалии замони муосир, ки метавонанд муносибатҳои байналмилалиро шидднок гардонанд; кӯмаки башардӯстона ба кишварҳое, ки дар зери таъсири проблемаҳои глобалӣ зарару зиён дидаанд.

Ҳамин тариқ, мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати ҳарбӣ аз ҷониби давлат ташаккул дода мешавад. Зеро неруҳои қудратӣ ва артиши миллӣ доимо дар монополияи давлат қарор дода мешавад. Баъзан вақт бо дахолати неруҳои хориҷӣ артиш ва ҳарбиён ба корҳои давлатӣ дахолат намуда, ба ҳокимияти сиёсии давлат

таъсиргузорӣ менамоянд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, сиёсати ҳарбии давлат дар бисёре аз мавридҳо дар зери таъсири неруҳои иҷтимоию сиёсӣ, аз қабили ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ, анъанаҳои фарҳангӣ қарор гирифта, дигаргун мешавад. Дар маҷмӯъ, дар шароити муосир сиёсати ҳарбӣ барои анҷом додани вазифаҳои зерин ташаккул дода мешавад: ҳимояи ҳудудҳои кишвар аз ҳуҷумҳои беруна, таъмин намудани устуворӣ ва суботи сиёсии дохилӣ, ҳифзи сохтори конститутсионии давлат, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар ҳолатҳои фавқулода.

**Адабиёт**

1. Бельков О.А. Военная политология: предмет, структура, функции. –М., 1993.
2. Вершилов С.А. Политология и военное дело. –М.: Юрайт, 2020. –151 с.
3. Военная политология: учебное пособие. Под ред. Н.И. Резника. –М.: Красная звезда, 2006. – 399 с.
4. Гареев М.А. Еще раз о системе знаний в современной войне // Вестник Академии военных наук. – 2013. – № 3 (44). – С.4-7.
5. Главные военные перевороты XX-XXI вв [электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/2226087
6. Клаузевиц К. О войне. – М.: Эксмо, 2003. –864 с.
7. Кокошин А.А. Стратегическое управление. –М.: РОССПЭН, 2003. –С.403.
8. Кокошин А.А. Политология и социология военной стратегии. –М.: Ленанд, 2014. – 512 с.
9. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. Т.20. –М., 1961. –С.164.
10. Макс В. Политика как призвание и профессия. –М.: Рипол-классик, 2018. – 292 с.
11. Мельков С.А., Перенджиев А.Н. Что такое военная политология? // Власть. – 2012. –№3. –С.135-138.
12. Политология: энциклопедический словарь –М., 1993. –С.48.
13. Сенасарев А.Е. Философия войны. –М., 2003. –С.49.
14. Учение о войне и армии: проблемы и алтернативы развития // Военная мысль. 2002. –№4. –С.72-79.
15. Шерпаев В.И. Проблемы войны и мира в политологии. –Екатеринбург, 1999. –С.53-63.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ВОЕННОЙ ПОЛИТИКИ

**ОЛИМШОЗОДА ФАРХОДШО ОЛИМШО**,
аспирант кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 988-42-07-05.

*В статье анализируются теоретические аспекты военной политики. Основываясь на общей теории военной политики, автор исследовал различные аспекты этого вопроса. Первоначально он уделял особое внимание на методологическом потенциале военной политики и, исходя из недостатков этой области науки, показал связь между военной политикой и другими гуманитарными науками. В этом контексте автор приходит к выводу, что общая теория военной политики является междисциплинарной наукой, в формировании которой участвуют различные гуманитарные дисциплины. В частности, огромна роль общей*

*политологии в изучении и рассмотрении различных ее аспектов. В то же время автор рассматривает формирование военной политики в связи с проблемами войны и мира, выделяет основные задачи и виды войны и военной политики.*

